АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ
БА НОМИ АКАДЕМИК БАҲОДУР ИСКАНДАРОВ

МАСЪАЛАҲОИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ

№2, 2026

Маљалла аз тарафи Вазорати фарњанги Љумњурии Тољикистоназ 1-уми декабри 2023 таъти раќами № 318/МЉ 97 ба ќайд гирифта шудааст.
Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил аст.

Сармуҳаррир:
Қаландариён Ҳоким Сафар

Муовини сармуҳаррир:
Абдулназарзода Абдулназар Абдулқодир

Котиби масъул:
Ризвоншоева Нуринисо Нуралишоевна

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Офаридаев Назрӣ (д.и.филол., профессор), **Ҷонмамадов Шермамад** (д.и.и., профессор), **Охониёзов Варқа** (д.и.филол.), **Мирзоев Шоҳназар** (н.и.филол.), **Шоидарвозова Марзия** (н.и.и.), **Шоинбеков Аловиддин** (н.и.т.), **Абдулназаров Абдулназар** (д.и.филол.), **Ниёзбеков Давлат** (н.и.ф.), **Мажнунов Абдуламин** (н.и.филол.).

ҲАЙАТИ МУШОВИРОН:

Зелнер Е.Я. (д.и.и., профессор, ҶТ), **Искандарова Д.М.** (д.и.филол., профессор, ҶТ), **Муҳаммадҷонзода О.О.** (д.и.филол., профессор, ҶТ), **Плунгян В.А.** (д.и.филол., академик, ФР), **Пирумшоев Ҳ.** (д.и.т, профессор, аъзои вобаста, ҶТ), **Раҳматуллозода С.Р.** (д.и.филол., профессор, аъзои вобаста, ҶТ), **Сатторзода А.** (д.и.филол., профессор, ҶТ), **Суфизода Ш.** (д.и.филол., профессор), **Улмасова З.** (д.и.филол., профессор, ҶТ), **Шамбезода Ҳ.** (д.и.филол., профессор, ҶТ), **Эделман Ҷ.И.** (д.и.филол., профессор, ФР).

Нишонии мо: 736001, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров 4,
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
тел.: (+992) 93 489 26 26
Сомонаи мо: www.ign.tj;
E-mail: hokim_k@mail.ru

Сурогаҳо барои тамос:

Бахши адабиётшиносӣ
Қурбонхонова Нуриҷаҳон Мирасановна
(+992) 934609093;
ms.nurijakhon@mail.ru

Бахши забоншиносӣ
Назаршоева Чилла Раҳимбековна
(+992) 935261982;
chilla1982@mail.ru

Бахши таърих ва бостоншиносӣ
ШоинбековАловиддин Абдуллобекович
(+992) 93 600 19 70
aloviddinshoinbekovaa@gmail.com

© Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ, 2026
© Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК
ИМЕНИ АКАДЕМИКА БАХОДУРА ИСКАНДАРОВА

ВОПРОСЫ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК
ISSUES OF HUMANITARIAN SCIENCES

№2, 2026

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан от 1-го декабря 2023 под номером №318/МЧ 97.
Журнал включен в Перечень рецензируемых научных журналов Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

Главный редактор:
Каландариён Хоким Сафар

Заместитель главного редактора:
Абдулназарзода Абдулназар Абдулкодир

Ответственный секретарь:
Ризвоншоева Нуринисо Нуралишоевна

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Офаридаев Назри (д.филол.н., профессор), **Джонмамадов Шермамад** (д.э.н.), **Охониёзов Варка** (д.филол.н.), **Мирзоев Шохназар** (к.филол.н.), **Шоидарвозова Марзия** (к.э.н.), **Шоинбеков Аловиддин** (к.и.н.), **Абдулназаров Абдулназар** (д.филол.н.), **Ниёзбеков Давлат** (к.ф.н.), **Мажнунов Абдуламин** (к.филол.н.).

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:

Зельнер Е.Я. (д.э.н., профессор, РТ), **Искандарова Д.М.** (д.филол.н., профессор, РТ), **Мухаммадджонзода О.О.** (д.филол.н, профессор, РТ), **Плунгян В.А.** (д.филол.н., академик, РФ), **Пирумшоев Х.** (д.и.н, профессор, чл.-корр., РТ), **Рахматуллозода С.Р.** (д.филол.н, профессор, чл.-корр., РТ), **Сатторзода А.** (д.филол.н, профессор, РТ), **Суфизода Ш.** (д.филол.н., профессор, РТ), **Улмасова З.** (д.филол.н., профессор, РТ), **Шамбезода Х.Дж.** (д.филол.н., профессор, РТ), **Эдельман Дж.И.** (д.филол.н., профессор, РФ).

Наш адрес: 736001, город Хорог, ул. У. Холдорова 4,
Институт гуманитарных наук им. академика Б.Искандарова
Национальной Академии наук Таджикистана,
тел.: (+992) 93 489 26 26
Наш веб-сайт: www.ign.tj;
E-mail: hokim_k@mail.ru

Контакты:

Отдел литературоведения
Курбонхонова Нуриджахон Мирасановна
(+992) 934609093;
ms.nurijakhon@mail.ru

Отдел языкознания
Назаршоева Чилла Рахимбековна
(+992) 935261982;
chilla1982@mail.ru

Отдел истории и археологии
Шоинбеков Аловиддин Абдуллобекович
(+992) 93 600 19 70
aloviddinshoinbekovaa@gmail.com

© Институт гуманитарных наук им. академика Б.Искандарова НАНТ, 2026
© Вопросы гуманитарных наук

МУНДАРИҶА

ЗАБОНШИНОСӢ

Некушоева Ш. *Ҷар' ҳамчун нишонаи сарҳад ва танзими иҷтимоӣ дар забонҳои шуғнонӣ-рушонӣ* *9*
Назаршоева Ч., Зоолишоева Ш. *Таҳлили семантикӣ ва сохтории номҳои марбут ба Наврӯз (дар мисоли сокинони Кӯҳистони Бадахшон* *22*
Булбулшоев У. *Баъзе манбаҳои ташаккули топонимҳои ноҳияи Рошткалъа* *37*
Зоолишоева Ш., Ҷамшедова К. *Калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар ашъори Сардор Раҳдор* *49*
Сафарова Г. *Акронимҳо – истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ* *63*
Фарҳодова С. *Мавқеи вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба ҳайвоноти хурд дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи гӯйиши тоҷикони Ғорон)* *79*
Азорабекова Ш. *Пажӯҳишҳои забоншиносии М. С. Андреев* *90*

АДАБИЁТШИНОСӢ

Қаландариён Ҳ.С. *Моҳияти бадеӣ ва рисолати тарбиявии адабиёти кӯдакон* *104*
Абдулназарзода А. *Мотивҳои нахустини пайдоиши адабиёти бачагона дар Бадахшон ва баъзе хусусиятҳои онҳо* *119*
Саидҷаъфаров О., Саидҷаъфаров К. *Вижагиҳои назарраси ғазалиёти Сайидо* *132*
Мурувватиён Ҷ. *Нақши барҷастаи «Суруди Ҳайават» (The song of Hiawatha) дар адабиёти тоҷик* *144*
Ҳошимова Х. *Насри Мирзо Турсунзода дар аввалин маҷмуа ӯ* *165*
Хуҷаниёз А. *Муҳимтарин хусусиятҳои бадеии ашъори Назмии Бадахшонӣ* *177*
Тошмамадзода Ф. *Мероси адабии Сайид Фаррухшоҳ ва нақши он дар романи таърихии "Саройи санг"-и Ато Мирхоҷа* *188*

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

Ниёзбеков Д. *Таърихи ташаккул ва таҳаввули варзишҳои анъанавӣ дар Бадахшон* *205*
Шоинбеков А. *Омӯзиши масъалаи таҳаввулотҳои ҷомеавӣ ва авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар солҳои Ҳокимияти шӯравӣ (солҳои 1925-1985)* *218*
Карамова И. *Равандҳои трансформатсионии соҳаи илм ва маорифи ВМКБ дар шароити бӯҳрони пасошӯравӣ (солҳои 1991–1996)* *227*

ЗАБОНШИНОСӢ

Ҳақназар И. *Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи бозсозиҳои горбачёвӣ: таҳлили вазъи сиёсиву иҷтимоӣ* 240
Ардабаева М. *Марҳилаҳои асосии рушди иқтисодии Бадахшон дар солҳои1925–1950* 251
Шадикова Ш. *Фаъолияти институти қозигарӣ дар Бадахшон дар давраи асрҳои XIX ва аввали асри XX* 268

Қоидаҳои нашри мақолаҳо барои муаллифон 280

СОДЕРЖАНИЕ

ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Некушоева Ш. *Дверь как маркер границы и социальной регуляции в шугнано-рушанских языках 9*
Назаршоева Ч., Зоолишоева Ш. *Семантический и структурный анализ имён, связанных с Наврузом (на примере жителей Горного Бадахшана)....22*
Булбулшоев У. *Некоторые источники формирования топонимии Раштакалинского района 37*
Зоолишоева Ш., Джамшедова К. *Русско-европейские заимствования в поэзии Сардора Рахдора 49*
Сафарова Г. *Акронимы – термины сферы торговли и бизнеса в английском и таджикском языках 63*
Фарходова С. *Положение слова и терминов относящиеся к мелким животным в таджикском языке (на основе материалов говора таджиков Горона)....79*
Азорабекова Ш. *Лингвистические исследования М. С. Андреева 90*

ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Каландариён Х.С. *Художественная сущность и воспитательная миссия детской литературы 104*
Абдулназарзода А. *Первые мотивы, способствовавшие появлению детской литературы в Бадахшане, и некоторые их характеристики 119*
Саидджафаров О., Саидджафаров К. *Заметные особенности газелей Сайидо 132*
Мурувватиён Дж. *Значительное влияние «Песни о Гайавате» (The Song of Hiawatha) в таджикской литературе 144*
Хошимова Х. *Проза Мирзо Турсунзаде в первом его сборнике 165*
Худжаниёз А. *Ключевые художественные особенности поэзии Назми Бадахшани 177*
Тошмамадзода Ф. *Литературное наследие Сайида Фаррухшаха и его роль в историческом романе Ато Мирходжи «Каменный дворец» 188*

ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Ниёзбеков Д. *История формирования и развития традиционных видов спорта в Бадахшане 205*
Шоинбеков А. *Исследование вопроса социальных изменений и социально-экономической ситуации в ГБАО в годы советской власти (1925-1985 гг)..218*
Карамова И. *Трансформация системы науки и образования горно бадахшанской автономной области в условиях постсоветского кризиса (1991-1996 гг) 227*
Хакназар И. *Горно-Бадахшанская автономная область в период горбачёвской перестройки: анализ социально-политической ситуации 240*

Ардабаева М. *Основные этапы экономического развития Бадахшана в 1925–1950 гг.* *251*
Шадикова Ш. *Деятельность института казият в Бадахшане в период XIX и начало XX веков* *268*

Правила публикации для авторов 285

ЗАБОНШИНОСӢ

УДК: 811.211.22'23'373

ДВЕРЬ КАК МАРКЕР ГРАНИЦЫ И СОЦИАЛЬНОЙ РЕГУЛЯЦИИ В ШУГНАНО-РУШАНСКИХ ЯЗЫКАХ

Некушоева Шахло Саиднуриддиновна[1]

Институт гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова НАНТ

Статья посвящена когнитивно-семантическому и лингвокультурологическому анализу вербальной репрезентации двери в шугнано-рушанской группе памирских языков. На материале номинаций и устойчивых выражений показано, что дверь в шугн.-руш. языковой картине мира выступает не только как конструктивный элемент жилища, но и как языковой маркер регулируемой границы между внутренним и внешним пространством. Через связанные с дверью единицы в языке закрепляются представления об открытости и закрытости дома, допустимости и ограничении доступа, доверии, социальной дистанции и нормативных формах контакта с внешним миром. Особое внимание уделено лексике закрытой двери и экспрессивным формулам, в которых предметное значение получает оценочное и аксиологическое развитие. Установлено, что закрытая дверь в шугн.-руш. материале соотносится с нарушением привычной открытости дома, ослаблением социальных связей и представлением о неблагополучии, тогда как открытая дверь и приём гостя связаны с нормой гостеприимства, уважением и сохранностью внутреннего порядка. Делается вывод, что дверь является значимым языковым маркером концепта ДОМ и позволяет выявить способы осмысления границы, доступа и социально регулируемого взаимодействия в традиционной картине мира.

Ключевые слова: *шугнано-рушанские языки, памирские языки, концепт ДОМ, дверь, граница, когнитивная семантика, лингвокультурология, аксиология, социальная регуляция, языковая картина мира.*

---

[1] **Некушоева Шаҳло Саиднуриддиновна** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи забонҳои помирӣ, номзади илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 935971176; e-mail: nekushoevash@gmail.com.

Некушоева Шахло Саиднуриддиновна – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел памирских языков, кандидат филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 935971176; e-mail: nekushoevash@gmail.com.

Nekushova Shahlo Saidnuriddinovna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department Pamir languages, candidate of Philological sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 935971176; e-mail: nekushoevash@gmail.com.

Дар҆ ҳамчун нишонаи сарҳад ва танзими иҷтимоӣ дар забонҳои шуғнонӣ-рушонӣ

Мақола ба таҳлили калимаи ‘дар’ аз ҷиҳати когнитивӣ-семантикӣ ва лингвофарҳангии дар гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рушонии помирӣ бахшида шудааст. Дар асоси ибораҳои устувор нишон дода мешавад, ки ин калима дар забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рушонӣ на танҳо ҳамчун унсури сохтории манзил, балки ҳамчун нишонгари забонии сарҳад байни фазои дохилӣ ва берунӣ амал мекунад. Воҳидҳои забонии марбут ба калимаи ‘дар’ тасаввуротро дар бораи кушодагӣ ва бастагии хона, иҷозат ё маҳдудияти вуруд, эътимод, фосилаи иҷтимоӣ ва шаклҳои меъёрии иртибот бо ҷаҳони беруна ифода мекунанд. Таваҷҷуҳи махсус ба мафҳуми “дари баста” ва формулаҳои экспрессивӣ дода мешавад, ки дар онҳо маънои предметӣ ба маъноҳои арзишӣ ва аксиологӣ густариш меёбад. Муайян шудааст, ки дари баста дар маводи маводи забонӣ бо вайрон шудани дарки кушодагии маъмулии хона, суст шудани робитаҳои иҷтимоӣ ва тасаввуроти нохушӣ пайванд мегирад, дар ҳоле ки дари кушода ва пазироии меҳмон бо меъёри меҳмоннавозӣ, эҳтиром ва ҳифзи низоми дохилии хона алоқаманд аст. Хулоса мешавад, ки калимаи ‘дар’ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими забонии консепти ХОНА ба шумор рафта, имкон медиҳад роҳҳои дарки сарҳад, дастрасӣ ва ҳамкории аз ҷиҳати иҷтимоӣ танзимшавандаро дар фаҳмиши анъанавии ҷаҳон ошкор намуд.

Калидвожаҳо*: забонҳои шуғнонӣ-рушонӣ, забонҳои помирӣ, консепти ХОНА, дар, сарҳад, семантикаи когнитивӣ, лингвофарҳаншиносӣ, аксиология, танзими иҷтимоӣ, манзараи забонии ҷаҳон.*

The door as a marker of boundary and social regulation in shughni-rushani languages

The article presents a cognitive-semantic and linguocultural analysis of the verbal representation of the door in the Shughni-Rushani group of Pamir languages. Drawing on lexical nominations and fixed expressions, it demonstrates that in the Shughni-Rushani linguistic worldview the door is understood not merely as a structural element of the house, but as a linguistic marker of the regulated boundary between inner and outer space. Door-related units encode ideas of openness and closedness of the house, permitted and restricted access, trust, social distance, and norm-governed contact with the outside world. Particular attention is paid to the vocabulary of the closed door and to expressive formulas in which literal meaning develops evaluative and axiological overtones. The analysis shows that the image of the closed door in the Shughni-Rushani material is associated with the loss of the house’s habitual openness, the weakening of social ties, and the notion of misfortune, whereas the open door and the reception of a guest are linked with hospitality, respect, and the preservation of inner domestic order. It is concluded that the door functions as an important linguistic marker of the HOUSE concept and makes it possible to reveal culturally specific ways of conceptualizing boundary, access, and socially regulated interaction in the traditional worldview.

Keywords: *Shughni-Rushani languages, Pamir languages, HOUSE concept, door, boundary, cognitive semantics, linguoculturology, axiology, social regulation, linguistic worldview.*

Входная зона дома организуется не только как физический рубеж, но и как пространство социально и культурно регулируемого контакта. Как отмечает А. ван Геннеп, дверь - это «рубеж между чуждым миром и миром домашним», а переступание порога означает приобщение к иному пространству и иному статусу [7, 24]. В антропологической традиции этот тип границы позднее описывается через понятие liminality: порог и дверь осмысляются как переходная зона между двумя пространственными и социальными состояниями [11, 94-95]. В славянской этнокультурной традиции этот тезис получает дальнейшее развитие: по наблюдению А. К. Байбурина, двери обеспечивают «регламентированную связь внутреннего пространства дома с внешним миром» и потому обладают «особой семантической напряженностью» [3, 154-155]. В свою очередь, Л. Н. Виноградова рассматривает границу как категорию, которая организует пространственные противопоставления и одновременно концентрирует нормативные смыслы; именно поэтому пограничные участки традиционно выступают как «конфликтная зона, зона напряженных значений» и сопровождаются «особой системой запретов и правил поведения» [6, 243-244]. С опорой на такую теоретическую перспективу дверь в шугн.-руш. языках может быть описана как один из ключевых маркеров границы, через который язык фиксирует режим открытости и закрытости дома, порядок допуска и оценку социальных отношений. Как показывают В. Ю. Апресян и Е. В. Рахилина, дверь и окно являются особыми двуфасадными объектами, по-разному организующими связь внутреннего пространства с внешним миром; при этом дверь особенно важна как граница, через которую регулируется доступ во внутреннее пространство [2, 136–148].

В более широком сравнительном плане такая интерпретация двери и входной зоны соотносится с общим для традиционной культуры способом организации мира через систему смысловых противопоставлений. В энциклопедическом словаре «Славянская мифология» подчёркивается, что мир «описывался системой двоичных противопоставлений (бинарных оппозиций), определявших пространственные, временные, социальные и т. п. его характеристики», а также что противопоставление «благоприятного / неблагоприятного для коллектива» выступало одним из устойчивых принципов культурной интерпретации действительности [10, 6-8]. В применении к входной зоне дома это особенно существенно, поскольку позволяет рассматривать дверь не только как предметную деталь жилища, но и как один из маркеров таких оппозиций, как внутреннее и внешнее, открытое и закрытое, своё и чужое, доступ и недопуск, благоприятное и неблагоприятное. Именно в этом ракурсе состояния двери и

связанные с ней формы поведения получают в языке не только пространственное, но и социально-оценочное значение.

После общего понимания двери как культурно значимой границы в шугн.-руш. материале особенно важно проследить, какие именно смыслы закрепляются за ней в живом употреблении. В отличие от порога, который прежде всего связан с моментом перехода и самой ситуацией пересечения границы, дверь акцентирует иной аспект входной зоны: степень открытости дома, допустимость входа и характер отношений между внутренним пространством и внешним миром. Поэтому связанные с дверью формулировки и устойчивые выражения позволяют увидеть, как в языке оформляются представления о доступе, закрытости, доверии, настороженности и социальной дистанции. В этом плане дверь выступает не просто частью входа, а одним из тех элементов дома, через которые регулируется контакт с внешней средой и оценивается поведение участников этого контакта.

Особый интерес для анализа представляют лексемы, обозначающие закрытую дверь, прежде всего дверь, запертую на замок, поскольку именно в этой зоне наиболее отчётливо проявляется переход от предметного значения к смысловой и прагматической интерпретации. В шугн.-руш. материале зафиксирован ряд формул, разграничивающих разные способы закрывания двери: *čust divi* ‘закрытая дверь’, шугн. *divi luk*, хуф. *duvu luk* ‘дверь, запертая на замок’, *divi sankili* ‘дверь, запертая изнутри’. Уже само это различие показывает, что в языковом сознании носителей важным оказывается не только общий факт закрытости, но и конкретный способ её оформления, то есть то, каким именно образом прекращается или ограничивается доступ во внутреннее пространство дома.

Показательно, что компоненты *čust*, *luk* и *sankili* функционируют не изолированно, а входят в состав устойчивых глагольных сочетаний со значением запирания: *čust čīdow*, *sankili čīdow*, *luk δêdow* ‘запереть’. При общем семантическом основании эти конструкции не являются полными эквивалентами, поскольку каждая из них выделяет свой аспект действия. Сочетание *čust čīdow* выражает сам факт закрывания двери как таковой, без дополнительного уточнения способа. Напротив, *sankili čīdow* указывает на более конкретную ситуацию запирание изнутри, то есть на такое закрывание, при котором внутреннее пространство дома сознательно изолируется от внешнего. Иную смысловую направленность имеет *luk δêdow*, где действие соотнесено с закрыванием на замок; при этом *luk* обозначает ‘засов для деревянного дверного замка’, что придаёт конструкции предметную определённость и связывает её с традиционной техникой запирания. А. К. Байбурин

показывает, что с появлением жилища пространство вне дома начинает осмысляться как упорядоченное именно по отношению к дому; иначе говоря, «дом придал миру пространственный смысл, укрепив тем самым свой статус наиболее организованной его части». Далее он подчёркивает, что дом «связывает человека с внешним миром, являясь в определенном смысле репликой внешнего мира, уменьшенной до размеров человека», а на лексическом уровне это проявляется в том, что оппозиция «внутри / снаружи» заменяется оппозицией «дома / снаружи», поскольку дом образует «самостоятельное замкнутое пространство» [3, 10–12]. В таком ракурсе различение шугн.-руш. формул *čust čīdow* ‘закрыть’, *sankili čīdow* ‘запереть изнутри’ и *luk δêdow* ‘запереть на замок’ может быть понято не только как фиксация разных способов действия, но и как языковое разграничение разных режимов контроля над границей между внутренним пространством дома и внешним миром.

Тем самым в рассматриваемом материале закрытая дверь получает не одно обобщённое обозначение, а несколько лексически и семантически разграниченных репрезентаций. Это разграничение существенно для дальнейшего анализа, поскольку позволяет увидеть, что языковая фиксация закрытости в шугн.-руш. традиции чувствительна к способу действия и к характеру ограничения доступа. Иначе говоря, речь идёт не просто о состоянии двери, а о различных моделях контроля входа, каждая из которых задаёт свой прагматический оттенок: простое закрывание, внутреннее запирание, запирание на замок. Именно поэтому данные единицы представляют интерес не только как номинации предметной ситуации, но и как языковые маркеры отношения к дому как к охраняемому и регулируемому пространству.

В шугн.-руш. языковом сознании закрытая дверь воспринимается не как нейтральная бытовая деталь, а как выразительный признак состояния самого дома и характера его связи с окружающим миром. В этом случае значение сосредоточено не столько на физическом действии запирания, сколько на той социальной и поведенческой ситуации, которую оно делает видимой. Дом с постоянно закрытой дверью предстает как пространство, выведенное из привычного режима общения, из повседневной открытости для соседей, родственников и гостей. Поэтому закрытость двери начинает прочитываться как знак дистанцирования, нарушения ожидаемой модели контакта и отказа от той формы отношений, которая в традиционной среде воспринимается как нормальная и должная.

Именно в таком ключе следует понимать высказывание *wef divi mudům čust* ‘их дверь всегда закрыта’. Его смысл не исчерпывается констатацией внешнего состояния двери. В действительности здесь

оценивается сам уклад дома и поведение его хозяев. Закрытая дверь становится косвенной характеристикой людей: через неё передаются представления об их замкнутости, нерасположенности к общению, недоверии к окружающим и нежелании поддерживать обычные социальные связи. Иначе говоря, дверь в подобных контекстах выступает как видимый показатель внутренней позиции хозяев по отношению к внешнему миру. Поэтому семантика закрытости естественным образом переходит в прагматическую сферу и начинает выражать не только факт ограничения доступа, но и оценку человеческих отношений.

Отсюда возникает и более широкий смысловой сдвиг. Закрытая дверь в таких употреблениях обозначает уже не просто границу дома, а форму социальной самоизоляции. За ней стоит представление о нарушенном порядке общения, при котором дом перестает быть пространством открытого и регулируемого контакта и, напротив, начинает восприниматься как место отчуждения. В этом отношении закрытость двери получает устойчиво отрицательное звучание: она не только фиксирует ограничение входа, но и намекает на утрату доверия, на внутреннюю холодность и на ослабление связей между домом и сообществом.

В шугн.-руш. материале представления о двери как регулируемой границе получают дальнейшее развитие в формулах, описывающих недоступность дома и ограничение контакта с внешним миром. В этих употреблениях внимание сосредоточено уже не столько на самой двери как предметном объекте, сколько на невозможности приближения к дому и отсутствии допуска во внутреннее пространство. Показательны формулы *tar wef piδīnd sidow naboft* букв. ‘к их порогу подойти невозможно’, в значении ‘нет доступа в их дом’; *wef piδīndi yičay na-wīnč* букв. ‘никто не видел их порога’, то есть ‘не пускают в свой дом’; а также *divi-ndi žīr δoδjak sut* букв. ‘вход / путь закрыт камнем’. Во всех этих случаях языковая репрезентация входной зоны строится через идею контролируемого доступа и подчёркнутой закрытости [1].

Семантически подобные формулы выходят за пределы пространственного описания. Невозможность приблизиться к порогу или ‘невидимость’ порога обозначают не физическую трудность входа, а социально маркированный отказ от контакта. Через состояние входной зоны оценивается характер отношений между домом и окружающим сообществом. В когнитивном плане здесь реализуется модель ‘дверь / порог как регулируемая граница’, где ограничение доступа одновременно означает ограничение социальной близости. Поэтому закрытая или недоступная входная зона начинает восприниматься как показатель дистанцированности хозяев, их

нежелания поддерживать привычные формы общения и гостеприимства.

Особенно показательна в этом отношении формула *divi-ndi žīr δoδjak sut* ‘вход / путь закрыт камнем’. В отличие от обычного закрывания двери, здесь возникает образ максимально затруднённого или полностью перекрытого доступа. Камень в данной конструкции усиливает представление о неподвижности, окончательности и сознательном прекращении контакта. Подобная метафоризация входа переводит описание из бытовой сферы в область оценочного и аксиологического осмысления. Дом с «закрытым камнем» входом воспринимается уже не просто как недоступный, а как выведенный из нормального режима социального взаимодействия.

В более широком культурно-семантическом плане такие употребления соотносятся с представлением о входной зоне как пространстве нормативно регулируемого контакта. Как отмечал А. К. Байбурин, границы дома обеспечивают «регламентированную связь внутреннего пространства дома с внешним миром», а потому обладают особой семантической напряжённостью [3, 154–155]. В свою очередь, Л. Н. Виноградова подчёркивает, что пограничные зоны традиционной культуры концентрируют систему запретов и правил поведения и потому становятся пространством повышенной смысловой маркированности [6, 243–244]. Шугн.-руш. материал показывает, что подобная модель получает здесь вполне конкретное языковое выражение: состояние двери и порога становится способом оценки допустимости контакта, степени открытости дома и характера отношений между ‘своим’ и ‘чужим’ пространством.

Такое осмысление закрытой двери как социально и аксиологически значимого признака соотносится с более общими механизмами нормативной регуляции поведения в традиционной культуре. По наблюдению А. К. Байбурина, в самом понятии нормы неизбежно присутствует оценочный смысл: поступок осмысляется не только как допустимый или недопустимый, но и как «правильный» или «неправильный», «хороший» или «плохой»; при этом сама норма становится различимой именно на фоне её нарушений. С этой точки зрения состояния двери и связанные с ними формы поведения получают в языке не нейтральное, а отчетливо оценочное прочтение. Закрытая дверь, дверь, запертая изнутри, или дверь, закрытая на замок, обозначают уже не просто способ ограничения доступа, а такую модель поведения, которая воспринимается в соотнесении с ожиданием иной, социально одобряемой нормы: открытости, доступности и готовности к контакту [4, 7]. Именно поэтому в шугн.-руш. материале закрытость двери так последовательно связывается не только с физическим

отграничением внутреннего пространства, но и с нарушением обычного порядка отношений между домом и сообществом.

Показательно, что такая оценка закрепляется не только в бытовой речи, но и в фольклорном употреблении, где она получает более концентрированное и экспрессивное выражение. Это хорошо видно в шугнанской частушке: *Tuyd um pi puq Šūr divi, wi čīdik vo sankili* ‘Подошёл я к двери коренастого Шура, его дом опять заперт изнутри’. Здесь особенно значим наречный компонент *vo* ‘опять’, поскольку он передает не разовую ситуацию, а повторяемость, привычность такого положения. Именно эта повторяемость и делает закрытую дверь не случайным обстоятельством, а устойчивой чертой дома и его хозяина. Поэтому в данном контексте важен не столько сам запор, сколько тот социальный смысл, который за ним закрепляется: дом предстает как последовательно недоступный, а его закрытость как выражение стойкой неготовности к контакту. Фольклорный текст, таким образом, не просто описывает бытовую сцену, а воспроизводит уже сложившуюся культурную оценку, в которой постоянно запертая дверь соотносится с нежелательной, социально неодобряемой моделью поведения.

Ещё сравнительно недавно в традиционной среде народов Западного Памира постоянное запирание дома на замок не воспринималось как обычная и само собой разумеющаяся практика. Повседневная жизнь строилась на устойчивых родственных, соседских и внутриобщинных связях, при которых дом мыслился не как изолированное пространство, намеренно отделённое от окружающих, а как часть общей системы социального взаимодействия. В этих условиях открытость дома соотносилась с нормой доверия, готовностью к контакту и включённостью семьи в коллективную жизнь селения. Соответственно, постоянно закрытая дверь воспринималась не просто как частная бытовая мера предосторожности, а как заметный знак изменения привычного порядка отношений. Такая закрытость прочитывалась как дистанцирование от окружающих, как ослабление взаимной доступности и как отказ от той формы открытого, хотя и регулируемого, общения, которая в традиционной среде считалась естественной.

Именно поэтому мотив закрытой двери в шугн.-руш. материале получает не только предметное, но и выраженное аксиологическое содержание. В этом отношении особенно показательна формула *dar bastā*, восходящая к тадж. *dari basta*, где *dar* означает ‘дверь’, а *bastā* ‘закрытый’. В шугн.-руш. употреблении данная единица заметно отходит от своего прямого значения и переходит в сферу более тяжёлых смыслов. По данным Д. Карамшоева, она передаётся в значениях: 1) ‘гибель’, ‘смерть целой семьи’; 2) ‘что за напасть!’, ‘вот беда!’ [8, 424–

425]. Показателен пример: *γumor piro waxt i yilāv odam en dar bastā čūd* ‘в старые времена у некоторых людей чума уносила целые семьи’. В таком употреблении закрытая дверь уже не соотносится с бытовой ситуацией запирания. Она становится образом дома, в котором прервалась жизнь, исчезло движение, прекратился обычный человеческий обмен. Поэтому дверь здесь осмысляется как знак пустоты, утраты благополучия и распада внутреннего порядка, а сама формула *dar bastā* концентрирует представление о доме, из которого ушла жизненная полнота.

Экспрессивные употребления формулы *dar bastā* показывают, что в шугн.-руш. материале она давно вышла за пределы простого обозначения состояния двери как закрытой. В ряде контекстов это уже не описание предметной ситуации, а речевой знак неблагополучия, беды, тяжёлого внутреннего переживания. По данным словаря Д. Карамшоева, выражение *mu dar bastā* ‘моя дверь закрыта’ передаётся эквивалентами типа ‘боже мой!’, ‘вот беда!’. Такое употребление особенно показательно: смысл высказывания строится не вокруг самой двери, а вокруг эмоционального состояния говорящего, для которого образ закрытого дома становится сжатой формой переживания утраты, потрясения или горя. Иначе говоря, здесь закрытая дверь уже не называется как предмет, а используется как концентрированный образ нарушенного благополучия. Через неё выражается представление о жизненном порядке, который оказался прерван, о доме, утратившем свою нормальную полноту и внутреннюю устойчивость.

Иную смысловую направленность имеет конструкция *tu dar bastā* ‘твоя дверь закрыта’. Если в первом случае выражение связано с самообращённой эмоциональной реакцией, то здесь оно приобретает адресный характер и начинает функционировать как оценочное, а в определённых ситуациях и как ругательное пожелание. Закрытая дверь в таком употреблении соотносится уже не просто с образом беды вообще, а с переносом неблагополучия на конкретный дом и на его хозяев. Тем самым одна и та же формула обнаруживает важную семантическую подвижность: в одном случае она передаёт переживание собственного несчастья, в другом – выступает речевым знаком враждебной оценки, направленной вовне.

Дополнительное усиление этой отрицательной семантики наблюдается в вариантах с компонентом *kali* или *kalak*. По данным того же словаря, фиксируется форма *dar bastā kali*, а также сокращённые варианты *dar ba kali* и *dar ba kalak*, которые допускают толкование ‘дверь, закрытая на ключ’; при этом *kali / kalak* вероятно соотносится с перс.-тадж. *kalid* ‘ключ’ [8, 424–425]. Включение этого компонента делает образ закрытости ещё более жёстким и окончательным. Если просто закрытая дверь ещё может мыслиться как

временное состояние, то дверь, запертая на ключ, уже воспринимается как знак полной недоступности, прекращения связи и окончательного отсечения дома от внешнего мира. Поэтому такая формула получает особенно резкую аксиологическую окраску и начинает соотноситься с представлением о доме, в котором нарушены обычные формы жизни, ослаблены связи с окружающими и утрачен нормальный порядок человеческих отношений.

На этом фоне особенно выразительной становится противоположная модель, имеющая в шугн.-руш. традиции положительный ценностный статус. Формула *wef divi mudum fukard yet* ‘их дверь всегда открыта для всех’ закрепляет совсем иной образ дома, т.е. дома как пространства доступности, уважения, щедрости и готовности к контакту. Открытая дверь в данном случае обозначает не простое отсутствие запора, а наличие правильного, одобряемого способа существования дома в сообществе. Такой дом не изолирует себя от окружающих, а сохраняет включённость в круг соседских и родственных связей. Вошедший человек не остаётся на границе, а включается во внутреннее пространство гостеприимства: ему отводят место на *bārnêx* ‘почётном возвышении вдоль стены’, а действие *xarč tar piro vīdow* ‘вынести угощение гостю’ становится уже не бытовой подробностью, а знаком достоинства и правильного поведения хозяина.

С этой же ценностной моделью связаны и предписания, в которых режим открытости двери получает уже не только социальное, но и охранительное значение. Ср. шугн.-руш. *čīd divi boyad čust ma-ved* ‘дверь дома не должна быть заперта’ и ишк. *xoni kata var šůx kьnůk bebarakati* ‘закрывать дверь старого дома ведёт к утрате благодати’ [9, 54]. В этих формулах запирание двери осмысляется не как нейтральное бытовое действие, а как возможная причина нарушения благополучия дома. Напротив, незапертая дверь связывается с сохранением *barakati xůnā* ‘благодати дома’, правильного порядка и нормальных отношений с окружающими.

Такое понимание позволяет уточнить семантику открытой двери в шугн.-руш. материале. Открытость здесь не означает полной незащищённости или отсутствия границы. Дверь сохраняет функцию рубежа между внутренним и внешним пространством, однако этот рубеж должен оставаться регулируемо проницаемым. Дом не должен быть закрыт от людей, потому что чрезмерная закрытость нарушает не только социальную норму гостеприимства, но и охранительный порядок самого жилища. Поэтому открытая или незапертая дверь выступает знаком благополучного состояния дома, тогда как запертая дверь получает отрицательную оценку как признак утраты доверия, благодати и внутренней устойчивости.

Охранительная семантика входной зоны подтверждается и материалом, связанным с архитектурными элементами традиционного дома. Особое место занимает входная перекладина между двумя столбами: шугн. *bučkiɣīj*, руш., хуф. *biškawoj*, бр., рош. *bučkawöj*. По наблюдениям М. С. Андреева, эта часть входной конструкции в хуфских и рушанских домах выделялась декоративным оформлением, что указывает на её особое значение в организации входного пространства [1, 442–443]. В локальной традиции данная перекладина осмысляется как сакрально маркированная часть входа, ср. *bučkiɣīj farixťa-yen at maloyika-yen joy* ‘перекладина – место ангелов и архангелов’.

В этом случае входная зона получает дополнительную защитную маркировку. Если дверь регулирует режим доступа, то перекладина и прилегающие элементы входа обозначают охраняемую границу дома. Их декоративное и символическое оформление не сводится к украшению: оно поддерживает представление о входе как о чувствительной точке, через которую дом соприкасается с внешним миром. Поэтому дверь, порог и входная перекладина образуют единый смысловой комплекс, где соединяются идеи доступа, благополучия, защиты и сохранения внутреннего порядка дома.

С охранительной функцией входной зоны связаны и практики размещения обережных текстов над дверью. В западнопамирской традиции молитвенные формулы и письменные обереги могли наноситься на бумагу, заворачиваться в кожу или ткань и помещаться над дверью либо в промежутках между балками. Такое расположение не случайно: защитный текст помещается именно там, где дом соприкасается с внешним пространством. Утрата подобного оберега воспринималась как неблагоприятный знак, что дополнительно подчёркивает особый статус входной зоны как уязвимой и одновременно охраняемой части дома.

В этих практиках дверь выступает не только как место входа, но и как точка, требующая специальной защиты. Если в формулах закрытой двери главным становится социальная недоступность дома, то в обережных действиях на первый план выходит задача не допустить проникновения бедствия, болезни или нечистой силы. Поэтому дверь оказывается связанной сразу с двумя типами регуляции: социальной, когда определяется допустимость контакта с людьми, и охранительной, когда поддерживается безопасность внутреннего пространства.

Важно, что оберег в данном случае действует не отвлечённо, а через конкретную пространственную привязку. Его сила связывается с местом размещения: над дверью, у входа, в зоне перехода между внешним и внутренним. Благодаря этому сама дверь получает дополнительную семантическую нагрузку. Она обозначает не только

границу доступа, но и участок, где благополучие дома нуждается в постоянном подтверждении и защите.

Тем самым в языковом материале достаточно отчётливо выстраивается ценностная оппозиция. С одной стороны, закрытая, а тем более запертая дверь связана с неблагополучием, разрывом контакта, социальной замкнутостью и нарушением привычного порядка отношений. С другой стороны, открытая дверь и готовность принять вошедшего подтверждают сохранность дома как культурно упорядоченного пространства, где поддерживаются доверие, уважение и норма гостеприимства. Именно в этом противопоставлении особенно ясно проявляется, что дверь в шугн.-руш. языковом сознании является не нейтральной частью входного комплекса, а важным знаком состояния дома и характера его связи с внешним миром.

Таким образом, анализ шугн.-руш. материала показывает, что дверь в традиционной домовой модели выступает не как нейтральная конструктивная деталь, а как один из ключевых знаков регулируемой границы между внутренним и внешним пространством. Через связанные с ней номинации и устойчивые выражения язык фиксирует не только физическое состояние входа, но и более сложные представления о допустимом доступе, степени открытости дома, характере социальных отношений и нормах поведения по отношению к «своему» и «чужому» пространству. В этом отношении дверь оказывается включённой в ту же смысловую систему, что и порог, однако её семантическая нагрузка смещена с акта перехода на режим контакта: именно через неё особенно ясно выражаются идеи доверия, закрытости, дистанции и социально одобряемой или неодобряемой формы общения.

Рассмотренный материал позволяет увидеть, что лексика закрытой двери в шугн.-руш. языках последовательно выходит за пределы предметного значения. Формулы типа *čust divi* ‘закрытая дверь’, *divi luk* ‘дверь, запертая на замок’, *divi sankili* ‘дверь, запертая изнутри’, а также экспрессивное выражение *dar bastā* ‘закрытая дверь’ приобретают в живом употреблении устойчивую оценочную направленность. Они соотносятся с представлениями о нарушенной открытости дома, ослаблении социальных связей, внутреннем неблагополучии и даже с образом утраты жизненной полноты. Напротив, открытая дверь в языковом сознании связывается с доступностью, уважением к вошедшему, сохранением нормы гостеприимства и правильным устройством домашнего мира. Благодаря этому дверь становится важным аксиологическим индикатором состояния дома и характера его связи с сообществом.

Следовательно, вербальная репрезентация двери в шугн.-руш. языках подтверждает, что концепт ДОМ организуется не только через

названия частей жилища, но и через культурно закреплённые модели интерпретации входной зоны. Дверь здесь обозначает не просто место входа, а один из узлов, где пересекаются пространственные, социальные и ценностные смыслы. Именно поэтому её описание имеет значение не только для лексико-семантического анализа, но и для более широкого понимания того, как в шугн.-руш. лингвокультуре язык кодирует отношения между домом, человеком и внешним миром.

Литература:

1. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф. Вып. 1 / М. С. Андреев. - Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1953. - 532 с.
2. Апресян, В. Ю. Две стороны фасадности: двери и окна / В. Ю. Апресян, Е. В. Рахилина // Труды Института русского языка им. В. В. Виноградова. – 2020. – № 2. – С. 136–148.
3. Байбурин, А. К. Жилище в обрядах и представлениях восточных славян. 2-е изд., испр. / А. К. Байбурин. – Москва: Языки славянской культуры, 2005. – 217, [1] с.
4. Байбурин, А. К. Ритуал в традиционной культуре: структурно-семантический анализ восточнославянских обрядов / А. К. Байбурин. – Санкт-Петербург: Наука, 1993. – 240 с.
5. Виноградова Л. Н. Народная демонология и мифо-ритуальная традиция славян / Л. Н. Виноградова. – Москва: Индрик, 2000. – 432 с.
6. Виноградова, Л. Н. Граница как особая пространственная категория / Л. Н. Виноградова // Мифологический аспект славянской фольклорной традиции. – Москва: Индрик, 2016. – С. 241–247.
7. Геннеп, А. ван. Обряды перехода: системат. изучение обрядов / А. ван Геннеп. – Москва: Вост. лит. РАН, 1999. – 198 с.
8. Карамшоев Д. Шугнано-русский словарь. Т. I. / Д. Карамшоев. – М.: Наука, 1988. – 576 с.
9. Назарова, З. Памирский дом в контексте культуры / З. Назарова // Научный альманах. Традиционная культура. - февраль 2009. - № 2. - С. 48-57.
10. Славянская мифология: энциклопедический словарь / под ред.: С. М. Толстая, Л. Н. Виноградова, Т. А. Агапкина, В. Я. Петрухин. – Москва: Эллис Лак, 1995. – 416 с.
11. Turner, V. The Ritual Process: Structure and Anti-Structure / V. Turner. – Chicago: Aldine Publishing Company, 1969. – 213 p.

ТДУ: 811.222.8'373.23 (575.32)

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКӢ ВА СОХТОРИИ НОМҲОИ МАРБУТ БА НАВРӮЗ
(дар мисоли антропонимияи Кӯҳистони Бадахшон)

Назаршоева Чилла Раҳимбековна[2],
Зоолишоева Шамшод Фаросатшоевна[3]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи низоми антропонимияи тақвимии тоҷикони кӯҳистони Бадахшон дар заминаи ҷашни бостонии Наврӯз ва падидаҳои марбут ба он бахшида шудааст. Дар мақола антропонимҳои наврӯзӣ на танҳо ҳамчун воҳидҳои забонӣ, балки ҳамчун «нишондиҳандаи этнофарҳангӣ» ва омили калидии ҳифзи ҳувияти миллӣ мавриди таҳлил қарор додаанд.

Ҳамчунин вижагиҳои сохторӣ ва семантикии номҳои мураккаби мардона ва занона, ки дорои ҷузъҳои «Наврӯз», «Шогун», «Баҳор», «Гул» ва муштақоти онҳо мебошанд, омӯхта шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба падидаи этнолингвистии вожаи маҳаллии «Шогун» ва муносибати эҷодкоронаи гӯяндагони забонҳои помирӣ дар сохтани моделҳои беназири номгузорӣ равона шудааст.

Дар асоси сарчашмаҳои ономастикӣ ва маводи саҳроӣ собит мегардад, ки анъанаи номгузории тақвимӣ дар Бадахшон пайванди зичи инсонро бо доираи

---

[2]**Назаршоева Чилла Раҳимбековна** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи забонҳои помирӣ, номзади илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 935261982; e-mail: chilla1982@mail.ru.

Назаршоева Чилла Рахимбековна – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел памирских языков, кандидат филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 935261982; e-mail: chilla1982@mail.ru.

Nazarchoeva Chilla Rahimbekovna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department Pamir languages, candidate of Philological sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 935261982; e-mail: chilla1982@mail.ru.

[3] **Зоолишоева Шамшод Фаросатшоевна** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи забонҳои помирӣ, номзади илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 933557875; e-mail: sh.2006-2007@mail.ru.

Зоолишоева Шамшод Фаросатшоевна – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел памирских языков, кандидат филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан,ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 933557875; e-mail: sh.2006-2007@mail.ru.

Zoolishoeva Shamshod Farosatshoevna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department Pamir languages, candidate of Philological sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 933557875; e-mail: sh.2006-2007@mail.ru.

табиат, рӯҳи аҷдодон ва арзишҳои тамаддуни ориёӣ таҷассум менамояд. Хулоса мешавад, ки ин низоми номгузорӣ ҳамчун механизми устувори интиқоли мероси таърихӣ ва худшиносии этникӣ аз як насл ба насли дигар дар шароити ҷаҳоншавӣ хизмат мекунад.

Калидвожаҳо: *антропонимика, антропонимҳои тақвимӣ, Наврӯз, Шогун, номгузории суннатӣ, ҳувияти фарҳангӣ, этнолингвистика, забонҳои помирӣ, мероси ориёӣ.*

Семантический и структурный анализ имен, связанных с Наврузом (на примере антропонимии Горного Бадахшана)

Данная статья посвящена исследованию системы календарной антропонимии таджиков Горного Бадахшана в контексте древнего праздника Навруз и связанных с ним явлений.

В статье антропонимы, связанные с Наврузом анализируются не только как лингвистические единицы, но и как «этнокультурные маркеры» и ключевой фактор сохранения национальной идентичности

Также изучены структурные и семантические особенности мужских и женских составных имен, содержащих компоненты «Навруз», «Шогун», «Бахор», «Гул» и их производные. Особое внимание уделено этнолингвистическому феномену местного слова «Шогун» и творческому подходу носителей памирских языков в создании уникальных моделей именования.

На основе ономастических источников и полевых материалов доказывается, что традиция календарного имянования в Бадахшане воплощает неразрывную связь человека с природными циклами, духом предков и арийскими цивилизационными ценностями. Сделан вывод о том, что данная система антропонимов служит устойчивым механизмом передачи исторического наследия и этнического самосознания от поколения к поколению в условиях глобализации.

Ключевые слова: *антропонимика, календарные антропонимы, Навруз, Шогун, традиционное имянаречение, культурная идентичность, этнолингвистика, памирские языки, арийское наследие.*

Semantic and structural analysis of names related to Navruz (by the example of the anthroponymy of Gorno-Badakhshan)

This article is dedicated to the study of the traditional calendar naming system of the mountain Tajiks of Badakhshan within the context of the ancient Navruz festival and its related phenomena. In the article, Navruz-related anthroponyms are analyzed not only as linguistic units but also as «ethnocultural markers» and a key factor in preserving national identity.

Furthermore, the structural and semantic characteristics of complex male and female names containing components such as «Navruz», «Shogun», «Bahor», «Gul» and their derivatives are examined. Special attention is paid to the ethnolinguistic phenomenon of the local word «Shogun» and the creative approach of Pamir language speakers in constructing unique naming models.

Based on onomastic sources and field data, it is demonstrated that the tradition of calendar naming in Badakhshan embodies the close bond between humans and natural cycles, ancestral spirits, and Aryan civilizational values. The study concludes that this naming system serves as a resilient mechanism for transmitting historical heritage and ethnic self-awareness from one generation to the next in the face of globalization.

Keywords: *anthroponymics, calendar anthroponyms, Navruz, Shogun, traditional naming, cultural identity, ethnolinguistics, Pamir languages, Aryan heritage.*

Ҷашни фархундаву хуҷастапайи Наврӯз барои мардумони ориённажод, алалхусус барои тоҷикон, маҷмуи рамзҳои ҳаётбахшро инъикос мекунад. Ин рамзҳо, пеш аз ҳама, бедории табиат, шукуфоии коинот ва ҳамоҳангии Оламу Одам мебошанд. Наврӯз дар фалсафаи миллӣ ва таърихии мо рамзи пирӯзии азалии Нур бар Зулмот, гармӣ бар сардӣ, некӣ бар бадӣ, покӣ бар касифӣ ва доноӣ бар нодонӣ ба шумор меравад. Наврӯз на танҳо фасли эҳёи Замин, балки иди такопӯи рӯҳ ва бедории зебоиҳои ҳаёт аст.

Номгузории инсон дар фарҳанги ҳар як миллат хусусиятҳои хоси худро дорад ва низоми антропонимии миллӣ дорои вежагиҳои беназир мебошад. [6, 24]. Аксари номҳо бо боварҳои динии мардум ё решаҳои этникии онҳо иртиботи ногусастанӣ доранд. Бархе аз номҳо дар заминаҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва забонҳои мухталиф муштарак мебошанд. Анъанаҳои номгузорӣ, ҳамчунин, бо муносибатҳои иҷтимоие, ки бар эҳтироми мутақобилаи афрод асос ёфтаанд, зич алоқаманданд. Забоншинос А.В. Суперанская қайд мекунад, ки «ҳар як фарҳанг навъҳои муайяни номҳои хосро ба вуҷуд меорад ва дар ҳар як ном ҷузъиёти ҳамон фарҳанг инъикос меёбад [12, 181].

Дар маҷмуъ, раванди номгузорӣ дар ҳаёти инсон нақши муҳим дошта, то ҷое муносибати волидонро ба фарзанд ва пайвандҳои хонаводагиро муайян мекунад [13, 182]. Дарк ва шинохти робитаи миёни ном ва ҳувиятро дар ҳама гуна суннатҳои забониву фарҳангӣ метавон мушоҳида кард. Дар ин замина, муҳаққиқ М.А. Алгаров таваҷҷуҳи махсусро ба падидаи номгузории фарзандон ба шарафи хешовандони даргузашта равона карда, онро омили таҳкими пайванди наслҳо меҳисобад. Муҳаққиқ нигоштааст, ки: «...мардум бовар доштанд, ки сифату хислатҳои шахси даргузашта ба ҳамном (тифл) мегузаранд» [2, 186].

Зикри номи муҳаққиқони фавқулзикр гувоҳи он аст, ки масъалаҳои номшиносӣ дар забоншиносии ватанӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дошта, дар асарҳо ва мақолаҳои зиёде ба таври мустақим ё бавосита баррасӣ шудаанд. Бо эҳтиром ба заҳматҳои ин олимон, ки заминаи назариявии ономастикаи помириро гузоштаанд,

бояд таъкид кард, ки ҳадафи аслии мо дар ин пажӯҳиш амиқтар ворид шудан ба ҷанбаҳои махсуси антропонимҳои наврӯзӣ мебошад.

Диққати марказии мо ба он номвожаҳое равона шудааст, ки бевосита бо ҷашни Наврӯз ва «Шогун» алоқаманд буда, мафҳумҳои баҳору шукуфоиро ифода мекунанд. Мо кӯшиш менамоем, ки ин гурӯҳи номҳоро на танҳо ҳамчун воҳидҳои забонӣ, балки ҳамчун унсури муҳими ҳувияти фарҳангие, ки тавассути номи гулҳо ва рамзҳои наврӯзӣ зуҳур меёбанд, таҳлилу омӯзиш намоем.

Бо такя ба ин заминаҳои назариявӣ, омӯзиши антропонимҳои марбут ба ҷашни Наврӯз имкон медиҳад, ки қабатҳои этнолингвистии фарҳанги мардуми Помир боз ҳам амиқтар кушода шаванд.

Ном ҳалқаи асосиест, ки пайванди наслҳоро таҷассум намуда, ҷовидонии авлодро таъмин месозад» [2, 186-187]. Дар низоми номгузории суннатӣ боварӣ ба он зиёд аст, ки номи ниёгон на танҳо вазифаи фарққунанда дорад, балки интиқолдиҳандаи хислатҳои наҷиби гузаштагон ба насли нав низ мебошад [12, 73]. Ин суннатро метавон дар фарҳанги тоҷикони кӯҳистон ба таври возеҳ мушоҳида кард. Дар ин муҳит ном на танҳо як вожа, балки ҳамчун нишони калидӣ хидмат мекунад, ки тавассути он фард ба низоми иҷтимоӣ ворид мегардад.

Дар боварҳои ин мардум, номгузорӣ бо рӯҳи аҷдодон робитаи зич дошта, дар бисёр мавридҳо ҳамчун сипари маънавӣ ва воситаи муҳофизатӣ аз таъсири ашхоси бадхоҳ ва нерӯҳои аҳриманӣ истифода мешавад. Дар номгузории тоҷикони кӯҳистон қоидаҳои хосе мавҷуданд, ки ҳам паҳлуҳои ахлоқиву маънавӣ ва ҳам ҷанбаҳои рӯзгори оддиро фаро мегиранд. Чунин муносибат нишон медиҳад, ки дар фарҳанги куҳани мо ном на танҳо барои фарқ кардани одамон, балки барои таъйини ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳувияти таърихии шахс нақши бунёдӣ доштааст [8, 88-99].

Маҳз дар ҳамин замина, гурӯҳи номҳои тақвимӣ, аз ҷумла антропонимҳои вобаста ба ҷашни Наврӯз, мақоми махсусро касб мекунанд. Агар дар суннати ниёгон гузоштани номи гузаштагон ба хотири эҳёи рӯҳи авлод бошад, пас номгузорӣ дар айёми Наврӯз бо нияти пайванди сарнавишти тифл ба эҳёи табиат, рӯшноӣ ва баракати соли нав сурат мегирад. Дар фарҳанги мардуми Помир, ки Наврӯз (дар гӯйишҳои маҳаллӣ «Шогун») бо шукӯҳи хос ҷашн гирифта мешавад, ин падида на танҳо арзиши динӣ-эътиқодӣ, балки решаҳои амиқи забонӣ низ дорад.

Қобили зикр аст, ки анъанаи номгузорӣ дар миёни тоҷикони кӯҳистон, аз дигар мардумони мусулмон тафовути ҷолиб дорад. Бархилофи бисёр миллатҳои ҳамҷавор, тоҷикони кӯҳистон, бахусус

сокинони Помири Шарқӣ дар гузаштаи начандон дур бинобар сабабҳои эътиқодӣ (аз ҷумла, эҳтироми фавқулода ва ҳарос аз беҳурмат шудани номи бузургон дар рӯзгори оддӣ) аз гузоштани номи паёмбарон ва имомон ба навзодон худдорӣ мекарданд. Дар иваз, хусусияти хоси номгузории ин минтақа дар иртиботи зич бо табиат ва падидаҳои он зоҳир мегардад. Масалан, вобаста ба фаслҳои сол, ҳодисаҳои табиӣ ва ё ашёи устувори муҳити атроф (санг, оҳан ва ғайра) ба кӯдак ном мениҳоданд. Ин навъи номгузорӣ, ки дар баъзе мавридҳо бо боварҳо ба рӯҳи аҷдодон (арвоҳ) низ тавъам буд, на танҳо ҳувияти этникии тоҷикони кӯҳистонро инъикос менамуд, балки ҳамчун василаи пайванди ногусастании инсон бо муҳити зист ва ҷаҳони ҳастӣ хидмат мекард.

Маҳз ҳамин ҷанбаи эътиқодӣ дар анъанаи номгузории Наврӯзӣ дар Бадахшон низ ба мушоҳида мерасад, ки дар он ҷо ном на танҳо нишонаи замони таваллуд, балки рамзи баракат ва идомаи рӯҳияи ин ҷашни бостонӣ дар вуҷуди инсон аст. Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки анъанаи гузоштани номи хешовандони даргузашта дар миёни мардуми кӯҳистони тоҷик то имрӯз ҳамчун як падидаи устувори фарҳангӣ боқӣ мондааст. Ҳатто дар шароити муосир, ки волидон бештар ба номҳои нав таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, маҳз ба хотири зинда нигоҳ доштани хотираи гузаштагон ва эҳтиром ба арзишҳои авлодӣ, номҳои суннатии наврӯзӣ, чӣ мардона ва чӣ занона, мавқеи худро аз даст намедиҳанд. Ин раванд боиси он мегардад, ки номҳои дорои ҷузъи «Наврӯз» аз як насл ба насли дигар интиқол ёфта, ҳамчун ҳалқаи пайвандгари гузашта ва ҳозираи миллат хизмат намоянд. Маҳз ҳамин устувории суннатҳо замина фароҳам меорад, ки ҷанбаҳои мухталифи номгузорӣ аз дидгоҳи илмӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гиранд.

Ин мероси гаронмояи ниёгони мо, ки ҳазорсолаҳо қабл аз зуҳури оини зардуштӣ дар миёни мардумони ориёӣ падид омада буд, дар масири таърихи тӯлонӣ бо таровату накҳати дилчаспи худ ҳар сол дар айёми баҳорон таҷлил мегардад. Наврӯз барои миллати тоҷик танҳо оғози сол ва эътидоли табиат нест, балки он як низоми мукаммали арзишҳост, ки дар тамоми ҷузъиёти зиндагии мо - аз суфраи идона то амиқтарин қабатҳои шуури миллӣ ва ҳувияти таърихӣ нақш бастааст. Ин низоми арзишҳо ва ҳувияти таърихӣ, пеш аз ҳама, дар яке аз рукнҳои асосии ҳастии инсон — ном ва анъанаи номгузорӣ таҷассум меёбад.

Бояд зикр кард, ки омӯзиши номҳои шахсӣ, насаб, лақаб ва тахаллусҳо бахши махсуси илми ономастика - антропонимикаро ташкил медиҳад. Ин соҳаи илм пайдоиш, таърих, таҳаввул ва сохтори номҳоро дар ҷомеа, инчунин робитаи зичи онҳоро бо фарҳангу забони

мардум таҳқиқ менамояд. Чуноне ки дар адабиёти илмӣ қайд шудааст: «Исмҳои хос ба тағйироту таҳаввулоти ҷомеа зуд аксуламал нишон дода, метавонанд ҳамчун «солномаи зинда» ва ёдгории таърихию бостоншиносӣ хидмат кунанд» [10, 6]. Ономастика собит месозад, ки ном «шиносномаи фарҳангӣ»-и инсон аст

Яке аз ҷилваҳои боризи ин пайванди ногусастанӣ, инъикоси ҷашни Наврӯз дар низоми антропонимияи тоҷикони кӯҳистон мебошад. Ба андешаи мо, интихоби номи Наврӯз ва муштақоти он барои навзодон танҳо ифодагари замони таваллуди тифл нест. Ин падида бештар ҷанбаи рамзӣ дошта, таҷассумгари умеду орзуҳои наҷиби волидайн ва навъе аз «пайвастшавӣ ба умқи фарҳанги забонӣ» маҳсуб мешавад. Дар ин замина, ном ҳамчун пули иртиботие хизмат мекунад, ки шахсиятро бо арзишҳои таърихӣ ва маънавии миллат пайванд медиҳад.

Бояд таъкид кард, ки дар мақолаи мазкур вазифаи мо танҳо иктифо кардан ба баррасии он номҳое мебошад, ки бо ҷашни Наврӯз пайванди мустақим ё ғайримустақим доранд. Мо мафҳуми «номҳои наврӯзӣ»-ро ба таври васеъ мавриди назар қарор дода, дар канори номҳои дорои ҷузъи «Наврӯз», инчунин антропонимҳои марбут ба фасли ботаровати баҳор ва вожаи хоси минтақавии «Шогун»-ро низ шомили таҳқиқ намудем. Вожаи «Шогун», ки маҳз ба фарҳангу забони мардуми кӯҳистони Бадахшон мансуб аст, дар ин замина ҳамчун синоними комили Наврӯз ва пайки омадани соли нав баромад мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили номҳои баҳорӣ ва «шогунӣ» дар доираи ин мақола имкон медиҳад, ки манзараи ҷашнии номгузорӣ дар ин сарзамин ба таври комил ва ҳамаҷониба инъикос ёбад. Ҳамчунин кӯшиш карда шуд, ки решаҳои таърихӣ ва фалсафаи пайдоиши номҳои наврӯзиро дар миёни тоҷикони кӯҳистони Бадахшон маҳз дар меҳвари се омили зикршуда (этнографӣ, динӣ ва фарҳангӣ) мавриди таҳлил қарор диҳем. Махсусан, доир ба мавқеи антропонимҳои забонҳои бехати помирӣ сухан меравад, ки дар тӯли асрҳо бо сохтори забонҳои маҳаллӣ омезиш ёфтаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки пайдоиши Наврӯз - «Рӯзи нав»-ро дар адабиёту асотири куҳан бо номи подшоҳи афсонавӣ Ҷамшед алоқаманд медонанд. Мувофиқи ривоятҳои қадима ва гувоҳии «Шоҳнома»-и Ҳаким Фардавсӣ, маҳз ӯ дар рӯзи эътидоли баҳорӣ (баробаршавии шабу рӯз) ин ҷашнро таъсис додааст:

Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро «Рӯзи нав» хонданд...
Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,
Бимонда аз он хусравон ёдгор [1, 22].

Дар баробари баррасии бунёдҳои таърихию фарҳангии ҷашни Наврӯз, дар муҳити мардумӣ ва бархе ривоятҳои шифоҳӣ талошҳое низ ба назар мерасанд, ки пайдоиши номи ин ҷашнро бо антропонимия, яъне номҳои ашхос иртибот медиҳанд. Аз ҷумла, дар китоби «Шогуни баҳор»-и Ш. Юсуфбеков ва А. Шоинбеков тибқи нақли яке аз ҳамсуҳбатони муаллифон чунин ривоят оварда мешавад, ки гӯё шоҳ Ҷамшед барои фарзанддор шудан ба даргоҳи Худованд зорию илтиҷо менамояд. Дар яке аз рӯзҳои баҳорон ҷавоне ба назди ӯ омада, муждаи соҳиби фарзанд шудани ӯро мерасонад. Он ҷавон Наврӯз ном доштааст ва тибқи ҳамин ривоят, баъдан ҷашни баҳорӣ низ ба номи ӯ «Наврӯз» хонда мешавад [18, 19].

Албатта, аз нигоҳи илмҳои забоншиносӣ ва таърихшиносӣ этимологияи вожаи «Наврӯз» бештар ба маънои луғавии он «рӯзи нав», оғози сои нав ва эҳёи табиат марбут дониста мешавад. Бо вуҷуди ин, чунин ривоятҳо аҳаммияти муҳими мардумшиносӣ ва фарҳангӣ доранд, зеро онҳо бозтоби тафаккури мардумӣ ва кӯшиши ҷомеа барои шахсиятбахшӣ ва инсо ва инсонӣ намудани падидаҳои бузурги фарҳангӣ мебошанд. Дар ин гуна нақлҳо номи «Наврӯз» на танҳо ҳамчун номи ҷашн. балки ҳамчун рамзи мужда, эҳё, баракат ва оғози зиндагии нав маънидод мегардад.

Аз нигоҳи антропонимӣ низ ин ривоят нишон медиҳад, ки чӣ гуна номҳои вобаста ба ҷашну ойинҳо метавонанд дар шуури мардум бо воқеаҳои асотирӣ ва чеҳраҳои рамзӣ пайванд ёбанд. Ба ибораи дигар. дар чунин тасаввурот робитаи мутақобилаи ойиннома ва номнома шакл гирифта. ҷашн аз як сӯ ба ном таъсир мерасонад ва аз сӯйи дигар худи ном низ ба шарҳу таъбири ҷашн роҳ меёбад.

Дар ҳақиқат, номи Ҷамшед на танҳо ҳамчун як симои асотирӣ дар хотираи таърихӣ боқӣ монд, балки ба яке аз номҳои серистеъмоли шахсӣ дар миёни тоҷикони кӯҳистони Бадахшон табдил ёфт. Ин падида гувоҳӣ медиҳад, ки пайванди мардум бо суннатҳои «Шоҳнома» ва ниёгони бостонӣ тавассути номгузорӣ то имрӯз зиндаву устувор нигоҳ дошта шудааст.

Номгузории анъанавӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллии ҳар як халқ маҳсуб мешавад. Мусаллам аст, ки анъанаи номгузорӣ дар миёни мардуми кӯҳистони Бадахшон бо урфу одат, расму русум ва вазъи иҷтимоию таърихии ин минтақа алоқамандии зич дорад. Раванди интихоби ном бо як қатор оинҳое вобаста аст, ки дар китоби М.С. Андреев «Таджики долины Хуф» [4,1958], асари дастаҷамъии «Таджики Каратегина и Дарваза» [14, 1976] ва баъдан дар таҳқиқоти бунёдии Д. Карамшоев — «Луғати номҳои хусусии мардуми Помир» [6, 2015] ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд.

Дар ҳаёти маънавии мардуми кӯҳистон, ки пайванди зинда бо табиат ҳанӯз ҳам устувор аст, Наврӯз мақоми марказиро ишғол мекунад. Дар ин минтақа вожаи «Наврӯз» на танҳо ҳамчун исми хос, балки ҳамчун ҷузъи созанда (компонент)-и силсилаи номвожаҳо баромад мекунад [10, 14]. Антропонимҳои наврӯзии ин минтақа рамзи баҳор ва навсозиро таҷассум намуда, асоси онҳоро воқеияти реалӣ ва унсурҳои тамаддуни маҳаллӣ ташкил медиҳанд

Ҷашни Наврӯз барои сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ рамзи фарорасии соли нав, эҳёи табиат, поксириштӣ ва оғози марҳалаи нави ҳаёт маҳсуб мешавад. Ин ҷашн инъикосгари боварию эътиқоди амиқи мардуми баландкӯҳ ба падидаҳои табиат аст. Фолклоршиноси маъруф Н. Шакармамадов дар ин бора қайд мекунад: «Мардум вобаста ба муҳити зист, шароити рӯзгор ва расму одат маросиму таомулҳоеро ба вуҷуд овардаанд, ки ҳамбастагии зичи инсон ва табиатро бозгӯй намуда, афкори фалсафии онҳоро зоҳир месозанд» [16, 59].

Бояд таъкид кард, ки вожаи «Наврӯз» яке аз ҷузъҳои асосии номсозӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, дар заминаи он силсилаи номҳои мураккаб ташаккул ёфтаанд. Дар кӯҳистони Бадахшон то гузаштаи начандон дур гузоштани номҳои дуҷузъа ва сеҷузъа маъмул буд. Калимаи «Наврӯз», ки аслан иқтибос аз забони форсӣ-тоҷикӣ аст, дар забонҳои маҳаллии сокинони минтақа (шуғнонӣ, язгуломӣ, ишкошимӣ, вахонӣ) бидуни «ӯ»-и дароз ва бо талаффузи хоси «*Наврӯз*» мавриди истифода қарор мегирад.

Дар антропонимҳои *Наврӯзбек, Наврӯзмамад, Наврӯзшоҳ, Наврӯзқул* ва *Наврӯзбой*, вожаи «Наврӯз» ҳамчун ҷузъи асосӣ (ядро) баромад карда, пасвандҳои (формантҳои) -бек, -шоҳ, -бой (-байг) ва -қул хоси анъанаи номгузории ин минтақа мебошанд. Муҳаққиқ Д. Карамшоев дуруст қайд мекунад: «Дар натиҷаи паҳн шудан дар Помир, баъзе номҳои тоҷикӣ ва арабӣ чунин шаклро гирифтаанд, ки дар дигар ноҳияҳои Тоҷикистон ва берун аз он қариб ба чашм намерасанд» [6, 40].

Ба ҳамин тартиб, ҷузъи туркии -қул (ғулом) дар номи Наврӯзқул ва ҷузъи форсии -шо(ҳ) дар номи Наврӯзшоҳ мавқеи хос доранд. Бояд гуфт, ки дар забонҳои помирӣ ҳарфи «ш» дар калимаи «шоҳ» аксар вақт ба «х̇» табдил ёфта, шакли Наврӯзх̇о-ро мегирад [6, 64]. Номи Наврӯзшоҳ яке аз серистеъмолтарин номҳо дар Бадахшон буда, аз мақоми баланди ин ҷашн дар шуури таърихии мардум гувоҳӣ медиҳад.

Масалан, номҳои *Наврӯзмамад* (Наврӯзмуҳаммад) ва *Наврӯзале* (Наврӯзалӣ) дорои тобиши муқаддас мебошанд, зеро ҷузъи дуюми онҳо ба номи Паёмбари ислом (с) ва ҳазрати Алӣ (а) пайваст буда,

ҷузъи якум (*Наврӯз*) рамзи навсозиро ифода мекунад. Ин унсурҳо ҳам дар шакли препозитивӣ (дар аввали ном) ва ҳам постпозитивӣ (дар охири ном) истифода шуда, номҳои мураккаби мардонаро ташкил медиҳанд.

Дар номҳои мардонаи *Наврӯзбек* (Наврузбек), *Наврӯзбайг* (*Наврузбайг*), *Наврӯзбег* (Наврузбек), *Наврӯзбиг* (Наврузбек) пасванди туркии «бек» (дар лаҳҷаҳои гуногун: бек, байг, бег, биг) маънои сарвар, ҳоким ва ашрофзодаро дорад. Агар дар гузашта барои мардон ин унвонҳо интихоб мешуданд, барои номҳои занона формантҳои -бегим ва -хотун (масалан: *Наврӯзхотун, Наврӯзбегим*) хос буданд. Инчунин пасвандҳои -хон ва -дод дар сохтори номҳо нақши муҳим доранд. Илова шудани ҷузъи -дод (аз феъли «додан»-и тоҷикӣ) бештар дар оилаҳое маъмул буд, ки дер боз соҳиби фарзанд намешуданд ва таваллуди писарро дар рӯзҳои ид тӯҳфаи Наврӯз меҳисобиданд (Наврӯздод - «Наврӯз фарзанд дод»).

Ба андешаи мо, гузоштани номҳое мисли Наврӯз, Наврӯзшоҳ ё Наврӯзмамад ва ғ. танҳо ифодагари замони таваллуди кӯдак нест. Агар барои гурӯҳе он танҳо нишонаи вақт бошад, барои гурӯҳи дигар рамзи умеду орзуст, чаро ки волидайн мехоҳанд фарзандашон дорои хислатҳои наҷиби Наврӯз, аз ҷумла тозагӣ, оғози нав ва рӯшноӣ бошад. Аз ин рӯ, истифодаи ҷузъи «Наврӯз» дар номгузорӣ як навъ «пайвастшавӣ ба умқи фарҳанги забонӣ» ба шумор меравад. Ҳарчанд дар равандҳои номгузории муосир тамоюл ба интихоби номҳои нав ба мушоҳида расад ва баъзан аз гузоштани номҳои анъанавии тақвимӣ худдорӣ намоянд, вале суннати «зинда нигоҳ доштани номи ниёгон» боис мегардад, ки ин номҳо аз насл ба насл интиқол ёбанд. Чуноне ки муҳаққиқ М.А. Агларов қайд карда буд, интиқоли номи гузаштагон ба наслҳои нав на танҳо эҳтиром ба рӯҳи аҷдод, балки кафолати давомдории ҳувияти фарҳангӣ ва хонаводагӣ мебошад [2,186]. Ҳамин тариқ, номи «Наврӯз» ва ҷузъҳои он тавассути занҷираи наслҳо аз гузашта ба имрӯз ва аз имрӯз ба оянда ҳамчун мероси зиндаи забонӣ гузар мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки ҷузъи «Наврӯз» на танҳо дар ташаккули номҳои мардона, балки дар низоми номгузории занона низ мавқеи хос дорад. Номҳои занона дар кӯҳистон бештар тароват, назокат ва зебоии ин ҷашнро таҷассум мекунанд. Вожаи «Наврӯз» дар сохтори номҳои занонаи тамоми ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба назар мерасад, ки намунаҳои боризи он *Наврӯзбону, Наврӯзгул, Наврӯзмо(ҳ), Наврӯзхотун* ва *Наврӯзбика* мебошанд. Бархе аз ин номҳо хусусияти маҳаллӣ дошта, дар минтақаҳои муайян бештар истифода мешаванд. Масалан, номи Наврӯзбика асосан дар водии

Вахон роиҷ аст [6, 319], дар ҳоле ки номҳои Наwрӯзмоҳ ва Наwрӯзгул дар тамоми қаламрави Бадахшон интишори васеъ ёфтаанд.

Аз ин бармеояд, ки номҳое, ки бо унсури “Наврӯз” зикр гардиданд, дар миёни тоҷикони кӯҳистон бозтоби эҳтиром ва муқаддас донистани ин ҷашни бостонӣ мебошанд. Аз нигоҳи сохтор аксарияти ин номҳо мураккаб ба шумор мераванд, ки аз ҷузъи асосии “Наврӯз” ва унсурҳои иҷтимоӣ, динӣ ё унвонсоз таркиб ёфтаанд. Агар ҷузъитар таҳлил кунем, масалан, унсури –бек, -шо(ҳ), -бегим иҷтимоиву унвонӣ буда –мамад, -алӣ унсурҳои динӣ ва шахсиятӣ, - хотун бошад нишондиҳандаи ҷинс ва мақоми иҷтимоиро ифода мекунанд.

Ин гуна номҳо нишон медиҳанд, ки Наврӯз на танҳо як ҷашн, балки як мафҳуми фарҳангӣ ва рамзи саодату некрӯзӣ буда, дар тафаккур ва ҳатто дар анъанаи номгузории мардум мақоми устувор касб кардааст.

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби антропонимияи мардуми Бадахшон робитаи зичи номгузорӣ бо ҷашнҳои бостонӣ, аз ҷумла Наврӯз мебошад. Вожаи «шогун» (муборак), ки дар ибораи табрикии «Шогун баҳор муборак!» меҳварӣ аст, асоси силсилаи номҳои наврӯзиро ташкил медиҳад. Доктори илмҳои филологӣ Варқа Охониёзов дар ин бора менависад: «Мардуми Бадахшон ба фарзандонашон исмҳоро бо ин калима раво мебинанд ва мавлуди аксари онҳо ба давраи ҷашнгирии Наврӯз рост меояд. Ба баъзеи ин асмо калимаҳои дигар, ба мисли “шо”, “бек”, ё фақат “и”-и усувор (ӣ) мечаспонанд ва исмҳои чун Шогуншо, Шогунбек, Шогунӣ ҳосил мегарданд. Аз ин вожа ҳатто исми занонаи Шогуна сохтаанд...» [11, 21-22].

Бояд гуфт, ки номи «Шогунӣ» танҳо як исми одӣ нест, балки ишора ба мақоми иҷтимоии шахси «хушқадам» ё «муборакқадам» дорад. Тавре профессор Шакармамадов қайд мекунад, «марди шогунӣ» ҳамон шахси некхоҳест, ки аввалин шуда ба хона ворид мешавад ва мамнӯияти «пичрӯмч»-ро мешиканад [16, 24-25].

Ба таъкиди муҳаққиқ В. Охонниёзов, дар бораи пайдоиши таърихӣ ва маъноии ин калима андешаҳои гуногун баён шудаанд. Ӯ бо такя ба дидгоҳҳои Стеблин-Каменский ишора мекунад, ки дар миёни сокинони Вахон вожаи мазкур ҳамчун муродифи Наврӯз ва ҷашни баҳорӣ низ истифода мегардад. Муҳаққиқ мафҳуми “шогун”-ро бо маъноҳои “фоли нек”, “хайру баракат” ва “муборакӣ” тавзеҳ додаанд, ки ба муҳтавои ойинҳои наврӯзӣ ва суннатҳои мардумӣ комилан мувофиқат мекунад. Ба андешаи В. Охонниёзов. ин вожа аз ду ҷузъ- “шог” (ё шуг) ва “-ун” таркиб ёфтааст. Решаи “шог” (ё шуг) ба маъноҳои “шодӣ”, “хушбахтӣ” ва “хушҳолӣ” иртибот дошта, эҳтимолан бо баъзе шаклҳои қадимаи форсӣ ҳамреша мебошад.

Пасванди –ун бошад, ба вожа маънои ҳолат ё сифати рӯҳиро мебахшад.Аз ин рӯ, “шогун” дар маҷмуъ маънои фазои фархунда, файзбазш ва муборакро ифода мекунад [12, 23-24].

Ин маънои рамзӣ дар антропонимияи мардуми Бадахшон низ бозтоб ёфтааст. Чунончи, вожаи “шогун” на танҳо ҳамчун номи ҷашн ва ойини мардумӣ, балки ҳамчун унсури номгузорӣ низ дучор мешавад. Ба назар мерасад, ки паҳн гардидани чунин номҳо бозгӯи мақоми муқаддасу фарҳангии Наврӯз ва ормонҳои мардум дар бораи хушрӯзӣ, баракат ва саодат мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки баъзе номҳои мардона ва занона бо ҷузъи “шогун” ё маъноҳои ба он наздик дар муҳити забонии Кӯҳистони Бадахшон шакл гирифтаанд.

Профессор Н. Офаридаев низ қайд мекунад, ки дар минтақаҳои гуногуни Бадахшон ҷашни Наврӯзро “Шогунайём” меноманд ва ин вожа густариши васеи ҷуғрофӣ дорад. Ба андешаи ӯ, таъсири ин мафҳум на танҳо дар фарҳангу ойинҳои мардумӣ, балки дар антропонимияи сокинони минтақа низ мушоҳида мешавад, ки бозгӯи ҷойгоҳи баланди мафҳуми “шогун” дар афаккур ва зиндагии маънавии мардум аст [11, 63].

Ҳамин тариқ, вожаи «шогун» дар фарҳанги номгузории мардуми кӯҳистон на танҳо як калима, балки як падидаи маънавӣ маҳсуб мешавад. Ин нуктаро забоншиноси маъруф, профессор Додхудо Карамшоев низ таъкид намуда, ба хусусиятҳои фарқкунандаи антропонимияи ин минтақа таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки: “Ҳангоми сохтани номҳои шахсии помирӣ аз калимаҳои тоҷикӣ ва арабӣ, муносибати эҷодкоронаи волидайн ва ҳамаи онҳое, ки дар номгузории кӯдакон иштирок мекунанд, пурра зоҳир мегардад. Дар натиҷа, баъзе номҳои асли тоҷикӣ ва арабӣ дар Помир паҳн шудаанд, ки дар дигар ноҳияҳои Тоҷикистон ва берун аз он тақрибан во намехӯранд”.

Маҳз ҳамин «муносибати эҷодкорона», ки Д. Карамшоев зикр кардааст, дар пайдоиши номҳое чун Шогун, Шогунӣ, Шогунбек ва шакли хоси занонаи он Шогуна (аз калимаи тоҷикии «шогун» – муждаи хурсандӣ) ҳувайдо мегардад. Ин гурӯҳи номҳо намунаи барҷастаи ҳифзи асолати фарҳангии минтақа ва ҳувияти таърихии мардуми кӯҳистон буда, дар тӯли асрҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ганҷинаи антропонимияи тоҷик боқӣ мондаанд.

Дарвоқеъ, гузоштани ин исмҳо ба фарзанд нишони он аст, ки дар зеҳни ин мардум Наврӯз ва пайки мубораки он («Шогун») ҳамчун муқаддасоти миллӣ амиқ ҷой гирифтааст. Ин анъанаи номгузорӣ дар

замони Истиқлоли давлатӣ ҷилои нав пайдо карда, ҳамчун василаи ҳифзи хотираи таърихӣ ва ҳувияти миллӣ хизмат мекунад.

Дар баробари номҳое, ки бевосита бо вожаи “наврӯз” сохта шудаанд, дар анъанаи номгузории тоҷикони кӯҳистон гурӯҳи дигари номҳо низ вуҷуд доранд, ки ҳарчанд мустақиман номи ҷашни Наврӯзро дар бар намегиранд, аммо аз ҷиҳати маънову рамзшиносӣ ба фасли баҳор, эҳёи табиат, зебоӣ ва рӯшноӣ иртибот доранд ва бозтоби ҷаҳонбинии зебоипарастона ва табиатмеҳварии мардум мебошанд. Дар мардуми тоҷикони кӯҳистон антропонимҳои хоси зиёде роиҷанд, ки яке аз ҷузъҳои он “гул” (дар гӯйишҳои маҳаллӣ: гул, гэл, гыл) буда, ҳам ҳамчун номи мустақил ва ҳам ҳамчун формант дар антропонимҳои мардона ва занона васеъ истифода мешавад. Тавре ки забоншинос Д. Карамшоев қайд мекунад, ҷузъи «гул», ки дар гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ ва забони тоҷикӣ шакли воҳид дорад, дар забони вахонӣ вобаста ба мавқеи истифодааш тағйири шакл мекунад [8, 35]. Он дар аввали ном ба шакли «гэл» ва дар охири ном ба шакли «гыл» зоҳир мегардад. Масалан, *Гэландом* (Гуландом), *Зарагыл* (Зарагул), *Гэлзор* (Гулзор), *Ризагыл* (Ризагул) ва ғ.

Ҷузъи «Гул» (дар гӯйишҳои маҳаллӣ: гул, гэл, гыл) ҳам ҳамчун номи мустақил ва ҳам ҳамчун формант дар антропонимҳои мардона ва занона васеъ истифода мешавад. Тавре ки забоншинос Д. Карамшоев қайд мекунад, ҷузъи «гул», ки дар гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ ва забони тоҷикӣ шакли воҳид дорад, дар забони вахонӣ вобаста ба мавқеи истифодааш тағйири шакл мекунад [8, 35]. Он дар аввали ном ба шакли «гэл» ва дар охири ном ба шакли «гыл» зоҳир мегардад. Масалан*, Гэландом* (Гуландом), *Зарагыл* (Зарагул), *Гэлзор* (Гулзор), *Ризагыл* (Ризагул) ва ғ.

Наврӯз чун рамзи эҳёи табиат боиси пайдоиши силсилаи номҳои занонае чун *Баор* (Баҳор), *Гулбаор* (Гулбаҳор), *Гуландӯм* (Гуландом), *Гулафшӯн* (Гулафшон), Гулшод ва номҳои мардонаи *Гулхӯн* (Гулхон), Гулбек, Гулдарбоғ, Гулшер, Гулзор, Аноргул, Гуланор гардидааст.

Муҳаққиқ Ш.Ш. Гуламадшоев зимни таҳлили сохтори номвожаҳои помирӣ қайд мекунад, ки вожаи «gul» (гул, садбарг) яке аз маъмултарин ва серистеъмолтарин ҷузъҳо дар низоми номгузории шуғнонӣ ба шумор рафта, дар ин сохтор мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Ба ақидаи муаллиф «Ҳангоми сохтани номҳои шахсии шуғнонӣ маҳорати эҷодии волидон ва шахсони номгузор ба таври комил зуҳур меёбад. Антропонимҳои помирӣ, ки дар заминаи ҷузъи «гул» ташаккул ёфтаанд, бо асолат ва сохтори худ аз номгузории минтақаҳои дигари Тоҷикистон ва берун аз он фарқ мекунанд» [5, 101].

Ин мушоҳидаи муҳаққиқ собит месозад, ки истифодаи фаровони ҷузъи «гул» дар номҳои наврӯзӣ на танҳо ҷанбаи зебоишиносӣ дорад, балки ифодагари робитаи зичи инсон бо табиати кӯҳистон дар оғози соли нав мебошад.

Дар низоми антропонимии Бадахшон гурӯҳи алоҳидаи номҳоро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки маънои «навӣ», «рӯшноӣ» ва “эҳё ва оғози зиндагии нав”-ро ифода мекунанд ва яке аз ҷузъҳои онҳо унсури “нав” ба шумор меравад. Дар низоми антропонимии Бадахшон гурӯҳи алоҳидаи номҳоро вожаҳое ташкил медиҳанд, ки маънои «навӣ» ва «рӯшноӣ»-ро ифода мекунанд. Ба ин гурӯҳ номҳои *Наwрас* (Наврас), *Наwбаор* (Навбаҳор), *Наwниол* (Навниҳол), *Наwҷаwӯн* (Навҷавон) ва *Наwгул* (Навгул) дохил мешаванд. Рамзи рӯшноӣ дар номи мардонаи Хуршед (офтоб) ва рамзи зебоии шабона дар номи занонаи Гулмоҳ таҷассум ёфтаанд.

Таҳлили сохторӣ ва маъноии чунин номҳо нишон медиҳад, ки фарҳанги номгузории тоҷикони кӯҳистон ба муҳити табиӣ, гардиши фаслҳо ва арзишҳои зебоишиносӣ сахт пайванд дорад. Бахусус, фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз ҳамчун рамзи эҳёи ҳаёт дар ташаккули бисёре аз номҳои мардумӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

Дар фарҳанги номгузории тоҷикони кӯҳистони Помир бархе аз номҳо ба унсурҳои маросими Наврӯз, махсусан ба рамзҳои “ҳафт син” ва “ҳафт шин” низ иртибот мегиранд. Гарчанде чунин номҳо мустақиман аз номи ҷашн сохта нашудаанд, аммо аз ҷиҳати маъно ва заминаи фарҳангӣ бо ойинҳои наврӯзӣ пайванди наздик доранд. Бо вуҷуди ин, номҳое чун Синҷит, *Шӣм* (Шамъ) ва *Алwо* (Алво) (аз номи таоми суннатии алво/ҳалво) истисноҳое мебошанд, ки иртиботи номгузориро бо суннатҳои хони наврӯзӣ ва маросимҳои оташпарастии қадим (дар мавриди номи Шамъ) нишон медиҳанд. Аз ҷиҳати сохтор ин номҳо ҳам дар шакли сода ва ҳам мураккаб дучор меоянд. Масалан, Шамафрӯз, Шамъигул, Сумангул, Алwобегим ва ғ.

Мавҷудияти чунин номҳо нишон медиҳад, ки ойинҳои Наврӯз ва рамзҳои марбут ба он на танҳо дар сатҳи ҷашну маросим, балки дар тафаккури мардум ва анъанаи номгузорӣ низ нуфуз пайдо кардаанд.

Ҷолиб он аст, ки дар антропонимҳои забонҳои помирӣ рамзҳои дигари наврӯзӣ, аз қабили «суманак» ё унсурҳои хоси дастархони «Ҳафт син» ва «Ҳафт шин» нисбатан кам ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин, номҳое чун Синҷит, Шӣм (Шамъ) ва Алwо (Алво) (аз номи таоми суннатии алво/ҳалво) истисноҳое мебошанд, ки иртиботи номгузориро бо суннатҳои хони наврӯзӣ ва маросимҳои оташпарастии қадим (дар мавриди номи Шамъ) нишон медиҳанд.

Таҳқиқи антропонимҳои марбут ба ҷашни Наврӯз дар миёни сокинони кӯҳистони Бадахшон имкон медиҳад, ки ба натиҷаҳои зерини илмию фарҳангӣ даст ёбем:

Аввалан, Наврӯз ҳамчун меҳвари ҳувияти миллӣ аст. Номгузории наврӯзӣ дар минтақа танҳо як раванди забонӣ нест, балки он низоми мукаммали арзишҳост, ки пайванди ногусастании инсонро бо табиат ва таърихи бостонии худ ифода мекунад. Вожаи «Наврӯз» дар ин ҷо ҳамчун «шиносномаи фарҳангӣ» баромад карда, ҷаҳонбинии мардумро дар меҳвари Нур ва эҳёи маънавӣ инъикос менамояд.

Дигар ин ки, таҳлили забоншиносии номҳо нишон дод, ки антропонимияи минтақа аз омезиши унсурҳои гуногуни забонӣ (тоҷикӣ-форсӣ, арабӣ, туркӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллии помирӣ) ташаккул ёфтааст. Истифодаи формантҳо ва пасвандҳои мухталиф (-шоҳ, -бек, -дод, -гул) гувоҳӣ медиҳад, ки фарҳанги номгузории Бадахшон дар тӯли асрҳо таҳаввул ёфта, бо нигоҳ доштани асолати худ, унсурҳои нави забониро низ пазируфтааст.

Сониян, пойдории суннатҳои авлодиро бояд ҷузъи муҳими низоми арзишҳои миллӣ донист. Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқот ин аст, ки анъанаи гузоштани номи ниёгон ҳамчун омили калидии ҳифзи номҳои наврӯзӣ хизмат мекунад. Маҳз ба шарофати эҳтиром ба хотираи даргузаштагон ва бовар ба хусусияти сеҳромезу ҳимоякунандаи ном, антропонимҳои наврӯзӣ дар муқобили равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши номҳои муосир устувор мондаанд, Сониян, пойдории суннатҳои авлодиро бояд ҷузъи муҳими низоми арзишҳои миллӣ донист

Дар ниҳоят, бояд гуфт, ки рангбарангии маъноӣ ва вижагиҳои этнографии ин падида дар таносуби ҷузъҳои номгузорӣ ба таври равшан таҷассум ёфтаанд. Таҳлили номҳои занона ва мардона собит сохт, ки ҳар як ҷузъи ном дорои бори маъноии амиқ аст. Аз номи афсонавии Ҷамшед то ибораҳои табрикии «Шогун» ва номҳои рамзии рӯшноию зебоӣ (Хуршед, Гулмоҳ, Баҳор), ҳамагӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки номгузорӣ дар ин минтақа як навъ «солномаи зинда»-и фарҳанги тоҷик аст.

Дар маҷмуъ, номҳои наврӯзӣ дар Бадахшон намунаи олии бақои фарҳанги ниёгон дар забони зиндаи мардум буда, ҳамчун василаи муҳими худшиносии миллӣ ва ҳифзи мероси гаронбаҳои ориёӣ хизмат мекунанд. Омӯзиши минбаъдаи ин соҳа метавонад паҳлӯҳои тозаи робитаи забон ва шуури иҷтимоиро дар минтақаҳои баландкӯҳ ошкор намояд.

Китобнома:

1. Абулқосим, Ф. Шоҳнома. Ҷ. I. / Ф. Абулқосим. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 791 с.
2. Агларов, М. А. Андийцы. Историко-этнографическое исследование / М. А. Агларов. – Махачкала: Юпитер, 2002. – 304 с.
3. Аламшоев, М. М. Об одном ирригационном празднике шугнанцев долины р. Шахдаре (Западный Памир) / М. М. Аламшоев, Т. С. Каландаров // Этнографическое обозрение. – 2000. – № 4. – С. 69–72.
4. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Амударьи) / М.С. Андреев. Вып.2. – Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР, 1958. – 526 с.
5. Гуламадшоев, Ш. Ш. Антропонимы, основанные на наименовании растений в шугнанском языке / Ш. Ш. Гуламадшоев // Вестник Таджикского национального университета (Серия филологическая). – 2017. – № 2/5. – С. 101–104.
6. Карамшоев, Д. Словарь памирских личных имён / Д. Карамшоев. – Душанбе: Дониш, 2012. – 361 с.
7. Кисель, О. В. Семантика личных имён / О. В. Кисель. – Магнитогорск: МГТУ, 2010. – 104 с.
8. Назаршоева, Ч. Воҳидҳои забонии инъикоскунандаи номгузорӣ ба тифли навзод дар мардуми Шуғнон / Ч. Назаршоева // Донишманде аз водии Язгулом. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2021. – С. 88–99.
9. Офаридаев, Н. Асрори олами номҳо / Н. Офаридаев // Садои Шарқ. – 1985. – № 1. – С. 2–8.
10. Офаридаев, Н. Оид ба архаизмҳои антропонимӣ дар забонҳои помирӣ / Н. Офаридаев // Масъалаҳои помиршиносӣ. – Душанбе: Торус, 2013. – С. 12–18.
11. Охониёзов, В. «Шогун» ва «Шогунӣ» — атрибути фасли баҳор ва ҷашни Наврӯз / В. Охониёзов // Наврӯз: анъана, арзиш ва худшиносӣ. – Душанбе: Пристиж-Сервис, 2026. – С. 20–35.
12. Султангареева, Р. Имянаречение как элемент родовой культуры / Р. Султангареева // Замандаш. – 2009. – № 9. – С. 73–80.
13. Суперанская, А. В. Личные имена в официальном и неофициальном употреблении / А. В. Суперанская // Антропонимика. – М.: Наука, 1970. – С. 180–188.
14. Таджики Каратегина и Дарваза. Т. 3. Под редакцией Н.А. Кисляков и А. Л. Писарчик. – Душанбе: Дониш, 1976. –256 с.

15. Ҷумъахон, А. Ономастика (назария ва амалия) / А. Ҷумъахон. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. – 552 с.
16. Шакармамадов, Н. Оинҳои наврӯзӣ дар Бадахшон / Н. Шакармамадов. – Хоруғ, 2011. – 82 с.

ТДУ: 811.222.8'373.21(575.3)

БАЪЗЕ МАНБАҲОИ ТАШАККУЛИ ТОПОНИМҲОИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА

Булбулшоев Умед Тайгуншоевич [4]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккули топонимҳои водии Шоҳдара (ноҳияи Роштқалъа) бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки номҳои ҷуғрофӣ ҳамчун манбаи муҳими иттилооти таърихӣ ва забонӣ, махсусан барои забонҳои бехату навишт, аз ҷумла забонҳои помирӣ, аҳамияти хос доранд. Бо такя ба маводи ҷамъоваришуда аз номҳои расмии ҷамоатҳо, деҳаҳо ва микротопонимҳои маҳаллӣ, муаллиф манбаъҳои асосии ташаккули топонимҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо менамояд: табиӣ-ҷуғрофӣ, этникӣ ва антропонимӣ, таърихӣ, инчунин динӣ ва фарҳангӣ. Дар доираи таҳқиқот усулҳои тавсифӣ ва таҳлили сохторӣ-морфологӣ истифода шуда, хусусиятҳои забонӣ ва маъноии топонимҳо баррасӣ мегарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки қабатҳои гуногуни таърихию забонии минтақа ошкор гардида, нақши топонимҳо ҳамчун «ҳуҷҷати зиндаи таърих» муайян карда шавад.

Калидвожаҳо: *топонимҳо, топонимия, номҳои ҷуғрофӣ, забонҳои помирӣ, забони шуғнонӣ, манбаъҳои ташаккули топонимҳо, оронимҳо,*

---

[4] **Булбулшоев Умед Тайгуншоевич** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи забонҳои помирӣ, номзади илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 935141945; e-mail: umed.bulbulshoev@gmail.com.

Булбулшоев Умед Тайгуншоевич – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел памирских языков, кандидат филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 935141945; e-mail: umed.bulbulshoev@gmail.com.

Bulbulshoev Umed Taygunshoevich – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department Pamir languages, candidate of Philological sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 935141945; e-mail: umed.bulbulshoev@gmail.com.

антропотопонимҳо, манбаъҳои этникӣ, манбаъҳои таърихӣ, манбаъҳои динӣ ва фарҳангӣ, таърихи забон, мероси фарҳангӣ

Некоторые источники формирования топонимии Рашткалинского района

Статья посвящена исследованию источников формирования топонимов долины Шахдара (Рошткалинский район). Показано, что географические названия представляют собой важный источник исторической и лингвистической информации, особенно в условиях бесписьменных языков, к которым относятся памирские языки. На основе собранного материала, включающего официальные названия джамоатов, населённых пунктов и локальные микротопонимы, автор выделяет основные группы источников формирования топонимов: природно-географические, этнические и антропонимические, исторические, а также религиозно-культурные. В работе использованы описательный и структурно-морфологический методы анализа. Полученные результаты позволяют выявить различные историко-языковые пласты региона и подтвердить роль топонимов как «живого исторического документа».

***Ключевые слова**: топонимы, топонимия, географические названия, памирские языки, шугнанский язык, источники формирования топонимов, оронимы, антропотопонимы, этнические источники, исторические источники, религиозные и культурные источники, история языка, культурное наследие.*

Some sources of the formation of the toponymy of Roshtqala District

This article examines the sources of formation of toponyms in the Shokhdara Valley (Roshtqala District). It demonstrates that geographical names serve as an important source of historical and linguistic information, especially in the context of unwritten languages such as the Pamir languages. Based on collected data, including official names of jamoats, settlements, and local microtoponyms, the author identifies the main groups of sources of toponym formation: natural-geographical, ethnic and anthroponymic, historical, as well as religious and cultural. The study employs descriptive and structural-morphological methods of analysis. The findings reveal different historical and linguistic layers of the region and confirm the role of toponyms as a "living historical document."

***Keywords:** toponyms, toponymy, geographical names, Pamir languages, Shughni language, sources of toponym formation, oronyms, anthropotoponyms, ethnic sources, historical sources, religious and cultural sources, language history, cultural heritage.*

Муқаддима

Номҳои ҷуғрофӣ маълумоти арзишманд ва гуногунҷанба доранд ва махсусан арзиши он маълумот вақте бештар мегардад, ки сухан дар бораи забонҳои бехату навишт равад. Ба чунин забонҳо забонҳое дохил мешаванд, ки аз ҷониби забоншиносон бо номи забонҳои помирӣ

муттаҳид карда шудаанд[5]. Аксар вақт дар номҳои ҷуғрофӣ марҳилаҳои рушди таърихии забон, роҳҳои миграцсияи халқҳо сабт шудаанд [2, 141]. Дар нутқи зинда забон нисбат ба забоне, ки дар номҳои ҷуғрофӣ, яъне топонимҳо, сабт шудааст, тезтар рушд мекунад. Омӯзиши топонимҳо барои забоншиносӣ, таърих, этнология ва ҷуғрофиё аҳамияти махсус дорад. Дар шароити минтақаҳои кӯҳистонӣ, ки сарчашмаҳои хаттии таърихӣ маҳдуданд, топонимҳо метавонанд ҳамчун «ҳуҷҷати зиндаи таърих» хизмат намоянд.

Дар мақолаи мазкур дар заминаи маводи топонимии водии Шоҳдара, хусусан ноҳияи Роштқалъа, сарчашмаҳои ташаккули номҳои ҷуғрофии ин минтақа мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ноҳияи Роштқалъа, ки дар ҳайати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор дорад, аз қадимтарин маконҳои аҳолинишини кишвар ба шумор рафта, омӯзиши номвожаҳои он барои ошкор сохтани қабатҳои мухталифи таърихиву забонии ин минтақа аҳаммияти заминавӣ дорад. Аз сабаби он ки сокинони маҳаллӣ бо забони шуғнонӣ гуфтугӯ мекунанд, таҳлили топонимҳо хусусиятҳои хоси ин умумияти забониро ба хубӣ инъикос менамояд.

Ҳадафи таҳқиқоти мазкур муайян ва гурӯҳбандӣ намудани манбаъҳои асосии пайдоиш ва ташаккули топонимҳои ноҳия мебошад. Бо ин мақсад дар корамон усули тавсифӣ (ҷамъоварӣ, типологӣ ва таснифи мавод) васеъ истифода шудааст. Маводи таҳқиқот аз номҳои расмии ҷамоатҳо, деҳаҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва микротопонимҳои маҳаллӣ иборат мебошад.

1. Манбаъҳои табиӣ-ҷуғрофӣ.

Қисми зиёди топонимҳои ноҳияи Роштқалъа бо хусусиятҳои релйеф, иқлим ва муҳити табиии минтақа зич алоқаманданд. Бархе аз муҳаққиқон сабаби пайдоиши номҳои табииву ҷуғрофиро бо маскун набудани мавзеъҳо рабт месозад [3, 119]. Бо дарназардошти шароити кӯҳистони баланд ин раванд омили дигаре низ дарад. Сокинони манотиқи кӯҳистон ҳамеша вобаста ба муҳити зисти худ ҳаёт ба сар бурда, онро тибқи ниёзҳои ҳаётии худ мавриди истифода ва омӯзиш қарор медоданд. Аз ин рӯ, муҳити атроф пеш аз ҳама дар номгузориҳои онҳо инъикос ёфтааст. Аксарияти номҳои ҷуғрофии дар водии Шоҳдара ҷамъоваришуда маҳз нишондиҳандаи ҳамин хусусиятҳои табииву ҷуғрофӣ мебошанд.

Ба ин гурӯҳи томонимҳо дохил мешаванд:

[5] Гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рушонӣ: (а) шуғнонӣ бо лаҳҷаи Баджув; б) рушонӣ бо лаҳҷаи Хуф; в) бартангӣ; г) орошорӣ ё рошорвӣ; д) сарикӯлӣ. 2. Забони вахонӣ; 3. Забони ишкошимӣ; 4. Забони язгуломӣ [1, 39–42].

1.1. Оронимҳо

Оронимҳо, ҳамчун маҷмуи номвожаҳои унсурҳои релйеф, хусусиятҳои амудии замин, яъне кӯҳҳо, теппаҳо, қуллаҳо, пиряхҳо ва дараҳоро инъикос менамоянд. Дар шароити водии Шоҳдара аксари ин гуна объектҳои ҷуғрофӣ дар марҳалаҳои аввал номи хос надошта, тавассути апеллятивҳо (номҳои умумии ҷуғрофӣ), аз қабили kū (кӯҳ), darā (дара), buq (теппа/пушта), tāx (тахтасанг/ҷойи ҳамвор) ва lozar (пирях) ифода ёфтаанд. Танҳо он оронимҳое соҳиби номи хос гардидаанд, ки дорои аломати барҷастаи фарқкунанда буда, дар ҳаёти хоҷагидориву маишии сокинони маҳаллӣ аҳаммияти муҳим доштанд. Барои намуна, метавон мисолҳои зеринро зикр кард:

Номи кӯҳҳо:

1. Tirozixůnā (д. *Ҳувҷеф*) – ороними мураккаб буда, қисми аввали он *tirozi* (шуғн. «ним, миёна, баробар») ва ҷузъи дувуми он *xůnā* (иқтибос аз вожаи тоҷикии «хона») мебошад. Ин кӯҳ дар гузашта ҳамчун нишондиҳандаи табиии нуҷумӣ (астрономӣ) хизмат мекард: сокинони маҳаллӣ маҳз тавассути он фаро расидани эътидоли баҳорӣ ва ҷашни Наврӯзро муайян менамуданд. Мутобиқи мушоҳидаҳои мардумӣ, агар офтоб ҳангоми ғуруб дақиқ дар паси ин кӯҳ пинҳон мешуд, ин нишонаи оғози соли нав ва баробаршавии шабу рӯз, яъне эътидоли шабонарӯзӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, номи кӯҳ (*Tirozixůnā*) мазмуни «хонаи баробарӣ»-ро касб кардааст.

2. *Miyůnaδorg* (д. *Занӣнс*) - унсури топонимиест бо маънои луғавии «чӯби мобайнӣ» (сутуни марказӣ). Ороними мазкур хусусияти релйефии маҳалро инъикос намуда, ба кӯҳе гузошта шудааст, ки дар миёни ду теппа ё кӯҳи хурдтар воқеъ гардида, нисбат ба онҳо баландтар ва сарбафалак аст.

3. *Čibůd* (д. *Хидорҷеф*) - ҷойномест, ки дар заминаи метафора ташаккул ёфтааст. Вожаи *čibůd* дар забони шуғнонӣ маънои «кабӯтар»-ро дорад ва сабаби чунин номгузорӣ дар он аст, ки шакли қуллаи кӯҳ ба сари кабӯтар шабоҳат дорад.

4. *Gārδak* (д. *Дирчид*) – низ ороними метафоравӣ буда, аз вожаи шуғнонии *γārδak* (чинадон, зоб) таркиб ёфтааст. Номи мазкур ба шакли зоҳирии кӯҳ алоқаманд аст, ки ба чинадони пуршудаи паранда монандӣ дорад.

5. *Dum-dumak* (д. *Парзӯвҷ*) – ҷойноми тақлидсадоӣ мебошад. Мувофиқи иттилои сокинони маҳаллӣ, дар ин кӯҳ вобаста ба вазиши шамол ё падидаҳои акустикии кӯҳистон садоҳои махсуси аксисадоӣ шунида мешаванд, ки заминаи пайдоиши номи мазкур гардидаанд.

Номи қуллаҳо:

Дар топонимияи водии Шоҳдара қуллаҳо одатан бо кӯҳҳое, ки дар онҳо воқеъ гардидаанд, умумияти номвожагӣ доранд. Ба ин гурӯҳ оронимҳои:

1. *Šoi*-tīrandoz (д. *Тусён*), *Siturk-žīr* (д. *Бароҷ*) ва *Lagar-sêd* (д. *Хабост*) дохил мешаванд, ки ҳамзамон ҳам барои ифодаи кӯҳ ва ҳам барои қуллаи он ба кор мераванд.

Дар баробари ин, вобаста ба вижагиҳои морфологӣ ва шакли зоҳирии қуллаҳо, як силсила номинатсияҳои инфиродӣ (микрооронимҳо) ба чашм мерасанд, ки танҳо ба худи қулла тааллуқ доранд. Аз ҷумла:

2. *Vorjrāng* (д. Дирчид) – микрооронимест, ки дар заминаи метафора сохта шудааст. Ин вожа аз ҷузъҳои *vorj* (асп) ва пасванди қиёсии -rāng (монандӣ, ҳамранг) таркиб ёфта, маънои «аспмонанд, шабеҳи асп»-ро дорад. Сабаби чунин номгузорӣ ба шакли зоҳирии қулла алоқаманд аст, ки ба сари асп шабоҳат дорад [4].

3. *Qarγizak* (д. Парзувҷ) - ҷойноми ташбеҳӣ-этнографӣ буда, маънои луғавии он «қирғизи хурд» ё «кулоҳи қирғизӣ» аст (бо истифода аз форманти хурдии -ak). Номгузории мазкур ба хусусияти визуалии объект асос ёфтааст, зеро нӯги тези ин қулла ба шакли калпоқи миллии қирғизӣ монандӣ дорад.

Номи пиряҳҳо:

Пиряҳҳо мисли куллаҳо одатан ҳамноми куҳояшон мебошанд бо ягона фарқият ки дар охири он калимаи *lozar* – «пирях»,истифода мешавад.

1. *Šoitīrandoz-lozar* – «пиряхи Шоҳи тирандоз».
2. *Anjīxāl-lozar* – «пиряхи Анджихал».

Номи харасангҳо:

Барои ифодаи мафҳуми харсанг (тахтасангҳои бузург) дар водии Шоҳдара аслан апеллятиви *tāx* (санги хоро, тахтасанг) ба кор меравад. Лозим ба зикр аст, ки дар баробари ин, як силсила ҷойномҳое низ ба назар мерасанд, ки дар сохтори онҳо барои ифодаи ҳамин мафҳум вожаи умумии *žīr* (санг) истифода шудааст. Намунаҳои зерин нишондиҳандаи хусусиятҳои сохторию маъноии ин гурӯҳи микротопонимҳо мебошанд:

1. *Qabal-žīr* (д. *Парзувҷ*, д. Тусён) - вожаи мураккаб буда, маънои «харсанги камин»-ро дорад. Номгузорӣ *заминаи* прагматикиро инъикос мекунад, зеро дар фасли зимистон шикорчиёни маҳаллӣ дар паси ин тахтасангҳо барои шикори бузҳои кӯҳӣ паноҳ бурда, камин мегирифтанд [4].

2. *Sado-žīr* (д. *Парзувҷ*) - ҷойноми тавсифӣ бо мазмуни «харсанги садо». Ин объект хусусияти хоси акустикӣ, яъне акси садо дорад ва аз сабаби қобилияти баргардонидани овоз, аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ бо ин ном устувор шудааст.

3. *Jura-tāxen* (д. *Хабост*) - шакли ҷамъи топоним буда, маънои «харсангҳои ҷуфт»-ро дорад (ҷузъи *jura* иқтибос аз «ҷуфт»-и тоҷикӣ ва *-en* нишонаи ҷамъ дар забони шуғнонӣ аст). Номи мазкур ба мавзее гузошта шудааст, ки дар он ду тахтасанги бузург ба таври амудӣ ва паҳлуи ҳам қарор гирифтаанд.

4. *Žīrpor* (д. *Хабост*) - унсури топонимиест, ки маънои «харсанги онсӯй» ё «тахтасанги тарафи муқобил»-ро дорад (аз ҷузъҳои žīr – санг ва por – он сӯ, самти муқобил таркиб ёфтааст) [5, 75].

Номи дараҳо:

Барои ифодаи мафҳуми дараҳо, ҷариҳо ва гузаргоҳҳои кӯҳӣ дар топонимияи водии Шоҳдара, аслан апеллятиви *darā* (масалан: *Darā, Têr darā*) ва форманти *-dargi* (масалан: *Dudargi*) васеъ истифода мешаванд. Ин ҷузъҳои топонимсоз одатан ба номи он мавзее ҳамроҳ мешаванд, ки унсури релеф (ҷарӣ ё гузаргоҳ) дар он воқеъ гардидааст [6, 156-164].

Вожаи *darā* ҳамчун унсури детерминативӣ дар сохтори ҷойномҳои мураккаб нақши муҳим дошта, бештар дар мақоми ҷузъи охирини номвожа зоҳир мегардад [7, 7-15]. Ин хусусияти сохториро дар намунаҳои зерин метавон мушоҳида кард:

1. *An-darā* (д. Ҷавшангоз) - топоними мураккабест, ки аз ҷузъҳои an ва *darā* таркиб ёфтааст. Маъно ва решаи таърихии ҷузъи аввали ин номвожа (*an*) ҳанӯз ба таври зарурӣ равшан карда нашудааст ва муайян намудани заминаи лингвистии он таҳқиқи амиқи этимологиро тақозо менамояд.

2. *Zāw-darā* - ҷойноми сохтораш мураккаб, ки аз вожаи *zāw* ва апеллятиви *darā* ташаккул ёфтааст. Бо назардошти он ки хусусияти релефи ин дараҳо омилҳои гуногуни ҷуғрофиро фаро мегиранд, баромади ҷузъи *zāw* низ аз ҷумлаи масъалаҳои баҳсбахш дар топонимияи маҳаллӣ маҳсуб гашта, барои муайян кардани маънои луғавии он фарзияҳои гуногуни лаҳҷавӣ мавҷуданд.

3. *Xĭničxůf-darā* - топоними серҷузъаест, ки заминаи ҷуғрофӣ ва маҳаллиро ифода мекунад.

Агар мазмуни чунин ҷойномҳоро мавриди таҳлил қарор диҳем, равшан мегардад, ки мазмуни аксарияти онҳо инъикоскунандаи хусусияти физикию ҷуғрофӣ ва табиии ин ё он мавзеъ мебошанд. Аз ҷумла, маънои гурӯҳи калони ҷойномҳо нишон медиҳад, ки дар дараҳо кадом намуди гиёҳ, бутта ё дарахт мерӯяд.

1. *Xăarin-darā* – «дараи настаран» (д. *Миденшарв*).
2. *Warxĭn-darā* – букв. « дараи уған» (д. *Курсбоғен, Хабост*).
3. *Xĭtin-darā* – «дараи қамиш» (д. *Курцбоғен*).
4. *Čŭščin- darā* – «дараи ҷав» (д. *Тусён*).

Ҷойномҳои мазкур шакли мураккаб дошта, аз калимаҳои *хăar* (настаран), *warxˇ*(уған), *хĭt* (қамиш), *čŭščˇ* (ҷав), анҷомаи топонимсоз - *in* ва апеллятиви *darā* шакл гирифтаанд. Анҷомаи топонимсози - *in* дар ин ҷойномҳо ба зиёд ва фаровон будани настаран, уған, растании най ва ҷавро дар он дараҳо ишора мекунад.

5. *Ɣŭzak-darā* – «дараи чормағзи хурд» (д. *Дирчид*), топоними мураккаб, ки аз калимаи *ɣŭz (чормағз),* форманти хурдии - *ak* ва апеллятиви *darā* таркиб ефтааст.

6. *Toqawān-darā* – «дараи беди тоқа» (д. *Тусён*), номвожаи мураккаб, ки дар навати худ аз калимаи мураккаби *toqā* (танҳо, ягона), *wān* (бед) ва апеллятиви *darā* таркиб ёфтааст.

Мазмуни гуруҳи дигари оронимҳо ишора ба ранги хоку санги дара ишора мекунад:

7. *Têr-darā* – «дараи сиёҳ» (д. *Вездара*).
8. *Safed-darā* – «дараи сафед» (д. *Хувҷеф*).
9. *Zāngin-darā* – «дараи зангзадагӣ» (д. *Дирчид*). Дар ин ҷо унсури аввали номвожа ба ранги зарди хоки ин дара ишора менамояд.

Дар деҳаи Тусён ду ороним ба қайд гирифта шудаанд, ки дар шаклгирии номи онҳо ранги объекти дар онҳо мавҷудбуда нақши асосӣ доштааст:

10. *Têryelak-darā* (д. Тусён) ҷойноми сохтораш мураккаб, ки аз калимаҳои *têr* (сиёҳ), *yel* (айлоқ), форманти хурдии - *ak* ва апеллятиви darā шакли гирифтааст, яъне «дараи айлоқчаи сиёҳ».

11. *Têrrigŭv-darā* (д. Тусён) номвожаи сохтораш мураккаб, ки аз калимаҳои *têr* (сиёҳ), *rigŭv* (шаршара/обшор) ва апеллятиви darā шакли гирифтааст, яъне «дараи шаршара / обшори сиёҳ».

2. Манбаъҳои этникӣ ва антропонимӣ

Як бахши муҳими ҷойномҳои водии Шоҳдараро антропотопонимҳо ташкил медиҳанд, ки аз номи шахсони алоҳида, унвонҳо ва ё номи авлодҳо сарчашма мегиранд. Дар ин минтақа қисме аз антропотопонимҳо бо номи чеҳраҳои машҳури диниву таърихӣ алоқаманд буда, гурӯҳи дигар номи он сокинони маҳаллиро ҳифз кардаанд, ки бори аввал ин ё он қитъаи заминро обод, коркард ва кишт намудаанд [8, 18]. Вобаста ба мазмуни антропотопонимҳо манбаҳои пайдоиши онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

А) Номи бунёдгузорони заминҳои корам ва деҳот:

1. *Qadamšo-ruya* (д. *Шоҳиризм*) - ҷойноми мураккаб буда, маънои «тарафи Қадамшоҳ»-ро дорад (ҷузъи ruyā дар забони шуғнонӣ ба маънои «самт, тараф, рӯ ба рӯ» аст).

2. *Marwat-boy* (д. *Шошбувад*) - литотопоними антропонимии «ғори Марват». Сабаби номгузорӣ дар он аст, ки дар наздикии замини кишти шахсе бо номи Марват ғори хурде воқеъ мебошад ва маҳз ҳамин ҳамсоягии ҷуғрофӣ боиси номинатсияи мазкур гардидааст.

3. *Juma-zaminen* (д. *Парзувҷ*) - шакли ҷамъи антропотопоним бо мазмуни «заминҳои кишти Ҷума» (ҷузъи тоҷикии замин бо форманти ҷамъбандии шуғнонии -en таркиб ёфтааст). Ном аз номи шахсе гирифта шудааст, ки бори аввал ин қитъаро мавриди кишт ва хоҷагидорӣ қарор додааст.

4. *Fitūr-delox* (д. *Парзувҷ*) - ҷойноми мураккаб бо маънои «кишгоҳи кӯҳии Фитур» (ҷузъи delox дар гӯйишҳои маҳаллӣ ба маънои замини хоси кишт дар кӯҳпояҳо меояд). Дар гузашта ин мавзеъ маҳалли зист ва замини кишти шахсе бо номи Фитур буда, айни ҳол ҳамчун чарогоҳи умумӣ истифода мешавад.

5. *Ofarin-obod* (д. *Бароҷ*) - топоними сохтараш синтетикӣ ва маънояш «ободкардаи Офарин» мебошад. Объект заминаи аввалияи азхудкунии заминро аз ҷониби шахсе бо номи Офарин аксдор менамояд [9, 26].

Б) Номи шахсиятҳои таърихӣ ва диниву афсонавӣ: Дар топонимияи водии Шоҳдара, бахусус дар заминаи гидронимҳо, номи воизи машҳури динӣ Шоҳбурҳон мавқеи махсус дорад, ки тибқи ривоёти маҳаллӣ дар деҳаи Тусён муқимӣ шуда буд. Аз ҷумла:

1. *Šoburůn-čaxťtā* «чашмаи Шоҳбурҳон» (д. *Бароҷ*, д. *Тусён*, д. *Хичих*); *Šoburůn-wêδ* «ҷӯйбори (наҳри) Шоҳбурҳон» (д. *Бароҷ*, д. *Парзувҷ*, д. *Тусён*; вожаи *wêδ* дар забони шуғнонӣ ба маънои ҷӯйи об ё канал аст);

2. *Šoxirizm* «Шоҳи Хоразм». Ин номи деҳа, бино ба иттилои сокинони маҳаллӣ, аз лақаби шахсияте гирифта шудааст, ки аслан аз Хоразм ба водии Шоҳдара омада, то охири умр дар ин макон зиндагӣ кардааст.

В) Номи авлод, қабила ва халқиятҳо (этнотопонимҳо):

Дар топонимияи водии Шоҳдара этнотопонимҳо гурӯҳи камшуморро ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот танҳо ду ҷойноме ба қайд гирифта шуд, ки бо номи халқияти муғул ва хотираи таърихии ҳуҷуми онҳо ба ин марз алоқамандӣ доранд. Ин намунаҳо бештар хусусияти таърихию афсонавӣ дошта, падидаҳои гузаштаро дар худ ҳифз намудаанд:

1. *Muγuljukč* (д. Бадомдара) - этнотопоними мураккаб буда, мазмуни он ба «маҳалли шикаст ё қатли муғулҳо» ишорат мекунад (ҷузъи аввал *Muγul* ва ҷузъи дувум *jukč* аз феъли шуғнонии *juktow* – латукӯб кардан, мағлуб сохтан таркиб ёфтааст). Мутобиқи ривоёти шифоҳии аҳолии маҳаллӣ, дар замонҳои пеш лашкари муғул ба ин минтақа ҳамлавар шудааст. Пас аз набард сокинони маҳаллӣ чанде аз ҷанговарони муғулро асир гирифта, ба нишони қасоси ҳамдиёрони худ, онҳоро бар рӯи як санги бузург ба қатл расонидаанд. Маҳз ҳамин рӯйдоди таърихӣ заминаи номинатсияи мавзеи мазкур гардидааст.

2. *Muγulen qābar* (д. *Тусён*) - ҷойноми сохтораш мураккаби синтаксӣ буда, маънои луғавии он «гӯристони муғулҳо» аст (вожаи *Muγul* бо форманти ҷамъбандии шуғнонии - en таркиб ёфта, ҷузъи дувум qābar иқтибос аз «қабр»-и тоҷикӣ-арабӣ мебошад). Муҳаққиқ А. Шоинбеков дар китоби худ «Мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихии водии Шоҳдара» ишора мекунад, ки ҳангоми ҳуҷуми истилогарони муғул ба ин диёр, сокинони маҳаллӣ бо истифода аз ҳилаву найрангҳои ҷангӣ онҳоро ба ҳалокат расонида, дар ҳамин мавзеъ ба хок супоридаанд [10, 64].

3. Манбаъҳои таърихӣ.

Дар топонимҳои водии Шоҳдара бисёр топонимҳо дучор мешаванд, ки ба шахсиятҳо ва воқеаҳои афсонавӣ тааллуқ доранд, ҳамзамон, шумораи зиёди топонимҳо мавҷуданд, ки воқеаҳои воқеии таърихиро инъикос мекунанд. Таъкид бар он бояд бошад, ки то ҷое мо маълумот дар даст дорем, воқеаҳое, ки ба ташаккули топонимҳои таърихӣ асос гузоштаанд, дар ягон манбаи хаттӣ тасдиқи мустақим надоранд. Бо вуҷуди ин, бар асоси баъзе рӯйдодҳои таърихии сабтшуда, ки дар Помир ба амал омадаанд, метавон тахмин кард, ки ривоятҳои марбут ба баъзе топонимҳо маҳсули тахайюли аҳолии маҳаллӣ нестанд.

1. *Joyānen* - (д. *Хӯвҷеф*) «пинҳонгоҳҳо» ё «ҷойҳои пинҳонӣ». Ин номи як мавзеи санглох дар деҳаи Хувҷеф мебошад. Ба гуфтаи сокинони маҳаллӣ, дар гузашта аҳолии водии Шоҳдара аз ҳамлаҳо ва ғоратгариҳои пайдарпайи афғонҳо ранҷ мекашиданд. Аз ин рӯ онҳо қарор доданд, ки ба ҷои амнтар кӯч кунанд. Ба ҳамин хотир танҳо чизҳои аз ҳама заруриро бо худ гирифта, қисми дигари дороии худро дар ҳамин мавзеи санглох пинҳон кардаанд, ба умеди он ки рӯзе ба зодгоҳи худ бозмегарданд. Аз ҳамин сабаб ҷойе, ки ашёҳо дар он ҷо пинҳон карда шуданд, *Joyānen* «пинҳонгоҳҳо» ном гирифтааст. Оиди кӯч бастани аҳолии Шуғнон аз зулми Афғон ба Помири шарқӣ Громбчесвский Б.Л. менависад ки тақрибан 2000 оила аз аҳолии Шуғнон ба Помир ба нияти наҷот ефтан аз ваҳшигарии афғон фирор

карданд. Қисме дар ҳудуди ба русҳо таълуқдошта ва қисме ба Сарқол ки аксарияти аҳолиаш шуғнонӣ мебошанд, паноҳ ҷустанд". [11, 8]. Бояд қайд кард ки фирор кардан мардуми маҳалли аз ҷойҳои зисташон маънои он надошт ки онҳо бар зидди зулми Афғон муқобилият нишон надоданд. Барои мисол Қаландаров Т.С. дар китобаш қайд мекунад ки агарчи шурши мардуми Шуғнону Рушон ки соли 1885 бар зидди зулми афғон бардошта шуд ва бераҳмона аз тарафи лашкари афғон пахш гардид, мардуми озодиҳи куҳистон солҳои 1887, 1889, 1890 такрор ба такрор барои озодии худ ба шуриш бархестанд. [12, 67].

2. *Murδaboyen* - (д. *Парзӯвҷ*) «ғорҳои мурдагон». Ин дара номи худро аз ғоре, ки дар дохили он дара қарор дорад, гирифтааст. Ба гуфтаи сокинони деҳа дар даврони пеш ҳангоме ки лашкари афғон барои ғорат ба ин диёр омадаанд, дар ҷангали ин деҳа барои шабгузаронӣ паноҳ бурданд. Шикорчиёни маҳаллӣ аз онҳо хабардор шуда, бо онҳо ба набард медароянд. Пас аз он ки лашкари афғон роҳи фирор пеш мегирад, сокинони деҳа ҷасади афғонҳои кушташударо дар ғор рӯи ҳамдигар мегузоранд ва даҳани ғорро бо девор мепӯшонанд. Аз ҳамин ҷиҳат воқеаи мазкур сабаб шудаст, ки ин мавзеъро *Murδaboyen*, яъне "ғорҳои мурдагон" номидаанд.

4. Манбаъҳои динӣ ва фарҳангӣ.

Дар фарҳанги мардуми куҳистон маконҳои муқаддас, остонҳо, мазорҳо ва зиёратгоҳҳо мартабаи махсус доранд. Маҳз ҳамин аст ки дар шаклигирии бисёр топонимҳо ҷойҳои муқаддас роли ниҳоят калон доранд. Бештари чунини топонимоҳо бо номҳои ашхоси таърихӣ ки дар эътиқодоти мардум мартабаи хос доранд алақаманд мебошанд:

1. *Šoburůn* – «Шоҳбурҳон» (д. *Миденшарв, Тусён, Ҳичӣҳ*)
2. *Šoburůn-muqůmgo* – «мазори Шоҳбурҳон» (д. *Тусён*)
3. *Šobdol* – «Шобдол» (д. *Шош, Бидиз, Занӣнс*)
4. *Šobdol-mazor* – «мазори Шобдол» (д. *Нимос*)
5. *Xojai-Kāf* – «Ҳоҷаи Каф» (д. *Тусён*)
6. *Saidjalol* – «Саидҷалол» (д. *Тавдем*)
7. *Xojai-Zūr* –«Ҳоҷа Зур» (д. *Хидорҷеф*)
8. *Xojai-Nūr* – «Ҳоҷа Нур» (д. *Бадом*)

Дар баробари ин, дар топонимияи ин минтақа номи зиёратгоҳҳо ва остонҳое низ ба қайд гирифта шудаанд, ки бевосита бо номи шахсиятҳои таърихӣ алоқаманд набуда, балки унвони он объектҳои табииро доранд, ки дар шуури динии сокинони маҳаллӣ мақоми муқаддас пайдо кардаанд:

9. *Sumbi-Dul-dul* (д. *Бадом*) номи остон (зиёратгоҳ) аст. Дар ин мавзеъ бар рӯйи санг изи суми асп нақш бастааст ва сокинони маҳаллӣ

онро ба изи суми аспи ҳазрати Алӣ - Дулдул нисбат медиҳанд (вожаи sumb дар забони шуғнонӣ маънои суми ҳайвонро дорад).

10. *Sêrostůn* (д. *Тусён*) ин ҷойноми мураккаб аз калимаҳои *sêr* (тудаи ғалла) ва *ostůn* (остон) такиб ёфта, номи остонеро дорад, ки шакли зоҳирии он ба тудаи ғаллаи кӯфта монанд аст. Мувофиқи ривоятҳои фолклории маҳаллӣ, дар замонҳои қаҳтӣ ё ҳангоми ҷамъоварии ҳосил, бо сабаби носипосии одамон, ғазаби Офаридгор бар мардуми ин диёр омада, ҳамчун ҷазо тудаи ғаллаи онҳоро ба санг мубаддал кардааст. Мардуми маҳаллӣ ин падидаро ҳамчун муъҷиза ва ҳушдори илоҳӣ пазируфта, он санги ғаллашаклро ба ҳайси остон ва ҷойи муқаддас эҳтиром менамоянд.

5. Калимаҳои иқтибосӣ.

Дар ҷойномҳои водии Шоҳдара топнимҳое низ дучор меоянд, ки номи худро аз муассисаи дар он ҷо фаъолият дошта касб кардагианд. Асли чунин ҷойномҳо одатан ба забони русӣ тааллуқ дорад. Агар чи аксарияти чунин ҷойномҳо дар шаҳри Хоруғ, чун маркази маъмурии ВМКБ дучор меоянд *(balnīcen, xlebzāwod, УПД* ва ғайра), лекин дар водии Шоҳдара низ чунини ҷойномҳо ба қайд гирифта шудаанд:

1. *Lesxoz* – *(*д. *Шивоз*) ҷойноми сохтораш мураккаб, ки аз калимаҳои русӣ *лес* (ҷангал), ва *хоз* калимаи кӯтоҳшуди хозяйство (хоҷагӣ) иборат мебошад. Аз сабаби дар он мавзеъ қарор доштани бинои идораи ҷангал, мавзеъ тадриҷан номи лесхозро касб кард.

2. *Ispidīc* – (д. *Анҷин*) ин ҷойном аз калимаи *экспидиция* иқтибос шуда, ба мавзеъ ишора мекунад, ки дар он дар даврони шуравӣ базаи таҳқиқотчиён истодагӣ буд. Агарчӣ ҳозир он база барҳам хӯрдаст ҳам, ин мавзеъ номи *Ispidīc*- ро ногоҳ доштааст.

Дар деҳаи *Ẋичīх* як киштзор бо номи *Abarůnen* ба қайд гирифта шуд. Р.Х. Додихудоев дар яке аз корҳои худ оид сабаби Абаронен номидани ин киштзор қайд мекунад, ки ҳангоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳосили ин киштзорро ба фонди ҳимояи кишвар (фонд абарони страны) месупориданд, ки сабаби номидани он ба *Abarůnen* гашта буд. Пеш аз ин, муаллиф қайд мекунад, ки ин киштзор номи *Čiposen* доштааст ва дар он пахта мекоштанд. *Čiposen* аз калимаи *Čipos* (равғани пахта) ва форманти топонимсози - *en* сохта шудааст [13. 63].

Хулоса

Таҳқиқоти анҷомёфта нишон медиҳад, ки топонимия ва микротопонимияи водии Шоҳдараи ноҳияи Роштқалъа натиҷаи ҳамбастагии зичи омилҳои табиӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва забонӣ мебошанд.

Қабати қадимтарин ва фарогиртарини номвожаҳо хусусияти табиӣ-ҷуғрофӣ дошта, бевосита ба релйефи кӯҳистон, инчунин ба

унсурҳои наботот (фитотопонимҳо) ва рангҳои хоси ҷинсҳои кӯҳӣ (хроматотопонимҳо) иртибот доранд. Қабатҳои баъдии топонимии ин минтақа бо раванди аҳолинишинӣ, ташаккули сохтори иҷтимоӣ, таҳаввулоти таърихию сиёсии даврони шӯравӣ ва таъсири омилҳои диниву боварҳои асотирии мардум алоқамандии зич доранд. Таҳлили сохтории ин ҷойномҳо собит намуд, ки унсурҳои агглютинативӣ ва таркибҳои мураккаби синтаксисӣ дар шаклгирии топонимҳои маҳаллӣ мавқеи меҳварӣ доранд.

Дар баробари топонимҳои водии Шоҳдара, омӯзиши минбаъдаи микротопонимҳои дигар манотиқи кӯҳистони Бадахшон, ки дар онҳо забонҳои помирӣ интишор ёфтаанд, сабти дақиқи фонологӣ ва талаффузи аслии лаҳҷавии онҳо, инчунин таҳлили муқоисавию татбиқии онҳо бо дигар забонҳои эронии шарқӣ метавонад барои беҳтар дарк намудани таърихи забон, этногенез ва фарҳанги бостонии мардуми Помир саҳми назаррас гузорад.

Китобнома:

1. Оранский, И. М. Иранские языки в сравнительно-историческом освещении / И.М. Оранский. – М.: Наука, 1979. – 238 с.
2. Савина, В.И. Этнонимы в топонимии Ирана // Ономастика востока / В.И. Савина. – М.: Наука, 1980 – С. 140-155.
3. Поспелов, Е.М. Гидронимические ареалы центральной азии // Ономастика востока / Е.М. Поспелов. – М.: Наука, 1980 – С. 118-123.
4. Карамшоев, Д. К. Шугнано-русский словарь. Т. I. М., 1988; Т. II. М., 1991; Т. III. М., 1999.
5. Офаридаев, Н. Ойконимимияи Вилояти Мухтори куҳистони Бадахшон / Н. Офаридаев. – Душанбе: Дониш, 2001. – 184 с.
6. Розенфельд, А.З. // Ономастика востока / А.З. Розенфельд. – М.: Наука, 1980 – С. 156-164.
7. Офаридаев, Н. Ташаккули гидронимияи Кӯҳистони Бадахшон / Н. Офаридаев // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. - 2025. - №2. - С.7-15.
8. Поспелов, Е.М. Топонимический словарь / Е.М. Поспелов. – М.: Астрель: АСТ, 2002. - 329 с.
9. Булбулшоев, У. Микротопонимияи водии Шоҳдара аз нуқтаи назари этнолингвистика / У. Булбулшоев. –Душанбе: Мероси Аҷам, 2010. – 134 с.
10. Шоинбеков, А. Мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихии водии Шоҳдара / А. Шоинбеков. - Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. - 198 с.

11. Громбчевский Б. Л. Доклад о путешествии в 1889 и 1890 гг. // Б. Л. Громбчевский. - Изв. Русское Географическое общество. Т. 27. Вып. II. СПб.: Типография А.В.Суворина, 1891.
12. Каландаров, Т.С. Шугнанцы (историко-этнографическое исследование) / Т.С. Каландаров. – М.: Ин-т этнологии и антропологии, 2004. – 476 с.
13. Додыхудоев, Р. Х. Памирская микротопонимия (Исследования и материалы) / Р. Х. Додыхудоев. - Душанбе: Ирфон, 1975. – 163 с.

ТДУ: 811.222.8'373.45 : 821.222.8-1

КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ РУСӢ-АВРУПОӢ ДАР АШЪОРИ САРДОР РАҲДОР

Зоолишоева Шамшод Фаросатшоевна[6],
Ҷамшедова Камила Давронова [7]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Дар мақолаи пешниҳодшуда мавқеи истифодаи калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар ашъори шоири шинохтаи тоҷик Сардор Раҳдор мавриди таҳлил қарор додем. Асосан, он калимаҳо ба забон ворид мешаванд, ки гӯянда ба онҳо ниёз дорад ва вожаҳои иқтибосӣ, ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосшаванда мувофиқ мегарданд ва дар бисёр мавридҳо иқтибос будани онҳоро муайян кардан хеле душвор мегардад.

Дар ашъори устод Сардор Раҳдор ду навъи калимаҳои иқтибосиро метавон мушоҳида кард: якум он калимаҳои воридшуда дар вақти муайяни таърихӣ ҷои махсус доштанд ва бо мурури замон аз байн рафтанд. Дар баробари ин калимаҳои иқтибосӣ боз калимаҳоеро аз ашъори шоир навишта гирифтем, ки имрӯзҳо ҳам дар байни мардум арзи ҳастӣ доранд ва истифодаи онҳо дар мисраъҳои шеърии шоир якранг сурат нагирифтааст. Гарчанде

[6] **Зоолишоева Шамшод Фаросатшоевна** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи забонҳои помирӣ, номзади илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 933557875; e-mail: sh.2006-2007@mail.ru.

Зоолишоева Шамшод Фаросатшоевна – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел памирских языков, кандидат филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4; Тел.: (+992) 933557875; e-mail: sh.2006-2007@mail.ru.

Zoolishoeva Shamshod Farosatshoevna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department Pamir languages, candidate of Philological sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 933557875; e-mail: sh.2006-2007@mail.ru.

[7] **Ҷамшедова Камила Давронова** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи забонҳои помирӣ, магистранти курси 2-юм. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 501316631; e-mail: jamshedova97@mail.ru.

Джамшедова Камила Давронавна - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел памирских языков, магистрант 2-го курса. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 501316631; e-mail: jamshedova97@mail.ru.

Jamshedova Kamila Davronovna – – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department Pamir languages, 2nd-year Master's student. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 501316631; e-mail: jamshedova97@mail.ru.

калимаҳои аврупоӣ низ дар забони шеърҳои шоир кам нестанд, вале чун онҳо тавассути забони русӣ ба забонӣ рӯшонӣ ворид шуданд, мавриди таҳлил ин калимаҳо, ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ – русӣ, қарор мегиранд.

***Калидвожаҳо**: шоир Сардор Раҳдор, забони рӯшонӣ, калимаҳои иқтибосӣ, калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ.*

Русско-европейские заимствования в поэзии Сардора Рахдора

В данной статье мы проанализируем использования русско-европейских заимствованных слов в поэзии известного таджикского поэта Сардора Рахдора. В основном, в язык входят те слова, которые нужны говорящему, и по мере того, как эти слова входят в состав родного языка, они приспосабливаются к законам и правилам заимствоемого языка, и во многих случаях становится очень трудно определить, являются ли они заимствованными.

Однако в поэзии Сардора Рахдора мы проанализировали две группы заимствованных слов, которые занимали особое место в определенное историческое время и со временем исчезли. А также, еще те слова из стихов поэта, которые до сих пор пользуются популярностью у носителей языка, и они не были единообразно использованы в стихотворных строфах писателя.

***Ключевые слова**: поэт Сардор Рахдор, рушанский язык, заимствованные слова, русско-европейские заимствованные слова.*

Russian-European Loanwords in the Poetry of Sardor Rahdor

In this article, we will analyze the use of Russian-European loanwords in the poetry of the famous Tajik poet Sardor Rakhdor. Basically, words that are needed by the speaker enter the language, and as these words become part of the native language, they adapt to the laws and rules of the borrowed language, and in many cases, it becomes very difficult to determine whether they are borrowed.

However, in Sardor Rakhdor's poetry, we analyzed two groups of borrowed words that occupied a special place at a certain historical time and disappeared over time. We also analyzed those words from the poet's poems that are still popular among native speakers and were not used uniformly in the writer's poetic stanzas.

***Keywords**: poet Sardor Rakhdor, Rushan language, loan words, Russian-European loan words.*

Воридшавии калима аз забони дигар иқтибоси калимаҳо мебошад, ки сабабҳои гуногун дорад: робитаҳои гуногун байни халқҳо, ҳамзистии бисёрасра, доду гирифти гуногуни фарҳангӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, боиси ворид шудани калимаҳои иқтибосӣ ва пурра намудани таркиби луғавии забон, маҳсуб мешаванд.

Ҳамаи забонҳои дунё, чи соҳиби хат бошанд, ё тамоман бехат, ба чунин падидаҳо рӯ ба рӯ мешаванд, чунки калимаҳои иқтибосшуда пеш аз ҳама вориди забони гуфтугӯии халқ мешаванд. Дар ин бора забоншинос Бердиева Т. навиштаанд: «Зарурати истеъмоли иқтибос аз

он бармеояд, ки ин ҳодиса хосияти сирф забонӣ надошта, балки он бо омилҳои иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, фарҳангӣ ба миён меояд» [1, 8].

Воридшавии калимаи бегона ба забон ин ҳодисаи нав нест, ва дар ҳар як марҳилаи тараққиёти ҷомеа он нақши муайяни ба худ хос дорад.

Дар ин мақола мехостем мавқеи чунин калимаҳои русӣ – аврупоиро дар шеърҳои ба забони рӯшонӣ эҷодкардаи Сардор Раҳдор мавриди таҳлил қарор диҳем.

Оид ба рӯзгор ва осори Сардор Раҳдор мақолоти илмии на он қадар зиёд ба табъ расидаанд, аз ин лиҳоз, зарур шуморидем, ки маълумоти фишурдаро дар бораи фаъолияти шоир дар ин сарсатр ҷо диҳем.

Сардор Раҳдор зодаи деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшони ВМКБ буда пас, аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба ҳайси рӯзноманигор дар матбуоти ватанӣ ва тарҷумон дар муассисоти хориҷӣ дар шаҳрҳои Тошканд ва Кобул кор кардааст. Сардор Раҳдор бо ду - забон тоҷикӣ ва рӯшонӣ шеър навишта сухани шево мегуфтанд. Дафтари ашъораш аз ғазал, рубоӣ, ва дубайтӣ иборат мебошад.

Ашъораш ифшогари муҳаббати бепоён ба Ватану миллат, ва рози ниҳони шоир буд:

Тоҷикистон ҳама дунёи манӣ,
Ошёни дили шайдои манӣ.
Ман ташна бар оби чашмасорони туям,
Мафтуни насими мулки Хатлони туям.
Ин як нафасам бе ту дар ин олам чист,
Қурбони Бадахшону Зарафшони туям.
Тоҷикистон ҳама дунёи манӣ,
Ошёни дили шайдои манӣ.
Ман ҳар ваҷаби хоки туро пазмонам,
Бар дилбари хушқомати ту қурбонам,
Бархе биравад ба Карбалову Каъба,
Гум гашта чу Юсуфам туӣ Канъонам
Ҳар ҷо биравам ҷону дилам моли ту аст,
Дар фикри сару зикри дилам ҳоли ту аст.
Эй войи касе, ки дар Ватан бе ватан аст,
Ту мурғи ҳумон, бар сарам боди ту аст [8, 67].

Сардор Раҳдор узви Иттиҳоди адибон ва иттифоқи рӯзноманигорони Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Ашъори ӯ дар маҷмӯъаҳои “Номус” (1992), “*Мод зив*” (1992), “Ҷӯёи нур” (2004), ва “Толиби дидор” соли 2009 ба табъ расида будаанд [5, 74].

Забони рӯшонӣ, яке аз забонҳои бехати забонҳои помирӣ мебошад, ки қисми асосии захираи луғавии онро калимаҳои аслии

рӯшонӣ ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки забони номбаршуда низ аз таъсири калимаҳои ғайр холӣ нест.

Бо забони рӯшонӣ - *rixůní ziv*, ки устод Сардор Раҳдор шеър мегуфтанд, забонест, ки аз ҷиҳати генетикӣ ба гурӯҳи забонҳои эронӣ тааллуқ дошта, ба шохаи забонҳои шарқии эронӣ дохил мешавад. Калимаҳои забони рушонӣ бо калимаҳои дигар забонҳои шарқии эронӣ умумият доранд, бисёр воҳидҳои лексикӣ бо забонҳои вахонӣ, ишкошимӣ, мунҷонӣ, пушту ҳамрешаанд.

Мундариҷаи ашъори Сардор Раҳдор, мавзӯҳои гуногуни зиндагиро фаро гирифта, шоир калимаҳои иқтибосии аз дигар забонҳо ва асосан аз забони русӣ ва аврупоиро моҳирона мавриди истифода қарор додааст. Калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ ба забони рӯшонӣ дохил шуда таърихи начандон дур доранд, чунки ин вазъ дар нимаи дуюми асри XIX баъди ворид шудани Осиёи Миёна ба империяи абарқудрати Русия баробар меояд.

Бояд гуфт, ки бисёрии калимаҳои иқтибосшудаи русӣ аввал, ба забонӣ тоҷикӣ бе ягон меъёри муайян ворид шуда, пас аз он ба забониҳои помирӣ иқтибос шудаанд. Мардуми тоҷикзабон то қабул кардани алифбои кириллӣ бо хати форсӣ мехонданд ва менавиштанд, баъдҳо дар забон боз таъғироти дигар, ин истифода бурдани хатти лотинӣ, ва метавон гуфт, ки бисёр шоирони ин макони кӯҳистон барои бо забони худӣ шеър офаридан ва онро руйи қоғаз овардан аз алифбоӣ кирилӣ истифода мебурданд. Асосан воридшудани калимаҳои иқтибосӣ, баъди барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ин минтақаи дурдаст ба назар мерасад: “... забони русӣ, пеш аз ҳама, ба сифати сарчашмаи инкишоф ва такомули таркиби луғавии забонҳои халқияту миллатҳои ИҶШС пазируфта шуда, ба сифати забони дуюми модарӣ эътироф гардида буд. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар аксари соҳаҳо вай бар ивази амалкарди забони модарӣ мавриди истифода қарор дошта, забони аслии модариро билкулл танг намуда буд” [13, 116]. Бештари калимаҳо, ба қатори истилоҳоти сиёси дахл доштанд, аз ҷумда: пратия, союз, комсомол, пионер ва ғ.

Одатан, сокинони ВМКБ бо забонҳои гуногун ҳарф мезананд, ва аҳолии ноҳияи Рӯшон низ дар баробари забони модарӣ-рӯшонӣ, боз бо забони давлатӣ-тоҷикӣ, русӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ ҳарф мезананд, ва дар ҳамаи фаъолиятҳои ҷамъиятӣ озодона аз онҳо истифода мебаранд. Бо забони модарии худ танҳо дар байни оилаи худ ҳарф мезанад, чунки ин забон ба қатори забонҳои бехати помирӣ дохил мешавад.

Дар забони рӯшонӣ бисёр калимаҳо аз дигар забонҳо низ ворид шудаанд, вале мо дар бораи каимаҳои иқтибосии забони русӣ - аврупоӣ ба таври фишурда дар мақоали мазкур сухан меронем.

Калимаҳои русӣ-байналмилалӣ дар эҷодиёти шоир басомади назаррас доранд, ки мо онҳоро аз рӯйи маъно ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудем:

Дар ашъори устод Сардор Раҳдор корбурди калимаҳои иқтибосӣ якранг сурат нагирифтааст, ҳастанд калимаҳое, ки имрӯз аз истеъмол баромадаанд, ва фақат дар эҷодиёти шоирону нависандагонӣ давронӣ Шӯравӣ истифода бурда мешуданд.

1. Вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сиёсӣ: депутат, камсамол, каммунист, балшавик, демократ, завбазак, ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосшуда дар забони мардум серистеъмол буданд, ва чун шоир низ он даврон зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ин калимаҳоро дар шеърҳои худ истифода бурдааст, чунки бо ҳаёти он вақтаи мардум алоқаи қавӣ доштанд. Вале инро низ бояд, қайд кард, ки баъди пош хӯрдани Ҳокимияти абарқудрати Шӯравӣ ин гуна калимаҳои воридшуда, ки ба сиёсати он давру замон мутобиқ буданд, оҳиста-оҳиста аз байн рафтанд. Ва вожаҳои иқтибосшударо фақат дар эҷодиёти шоирону нависандагон ҳангоми мутоила вохӯрдан мумкин ҳасту, халос.

Калимаҳои интихобшуда, ба вазъияти сиёсии дахл доштаанд ва дар шеърҳои: “Ғалась талабам – Ҳоло ҳам металабем”, «Буйи хун –Бӯи хун», “Қитъаен – қитаҳо” истифода бурда шудаанд:

Депутат теғакте саван,
Ам вазир мехьакте саван [10, 19].

Бо теғ депутат мешаванд,
Бо гӯсфанд вазир мешаванд.

Дар байти боло калимаи депутат истеъмол шудааст, ки дар замони Шӯравӣ ба маънои “Вакили халқ” ё “Намояндаи халқ” ба кор рафтааст. Ҳоло ин калима аз истеъмол баромадааст, ва ба ҷои он “Вакили мардумӣ” кор фармуда мешавад:

Маш раиста пас чаденась вавната тахмурғ талабт,
Камсамол бизоре ху белат сучат ам хоре зор.
Йив хумағзар детата аз каммунист лувд ноқабе,
Там хубась боғен харид кихьтат иморат бишумор [10, 44].

Раиси мо хона ба хона гашта, тухм металабад,
Комсомол безори белат гашту ҳам хору зор.
Яке ба сар мезанад, аз коммунист менолад,
Боз худаш боғ мехарад, бо имроатҳои бешумор.

Ё дар байти дигар, овардааст:

Хайёлам чугиде дунйо бадал сут,
Фукаδ имкор дар дасти милал сут.
Камунистам нимов чуг балшавик мис,
Ту час демокират маҳруме лаъл сут [10, 78].

Хаёл кардем, дунё ҳам иваз шуд,
Ҳама корҳо, дар дасти милал шуд.
Коммунистро дашном задем, ҳам болшевикро,
Бубин, демократ маҳруми лаъл шуд.

Дар байтҳои боло истилоҳоти сиёсии «комсомол» ва «коммунист (калимаи лотинӣ аз решаи *commūnis умумӣ*, ҷамъиятӣ. Термин солҳои 1840 ба забони русӣ тавассути забони фаронсавӣ *communisme* аз *commune* — ҷамоа ва олмонӣ *kommunismus* - *ҷамоат*», ки дар осори публисистии гузашта ба кор рафтаанд. Камсамол –комсомол – шакли ихтисоршудаи Коммунистический Союз молодёжи – Иттифоқи коммунистии ҷавонон (пурраш ВЛКСМ), ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ корбурди васеъ дошт.

Дар мисраи дуюм калимаи белат, ки аз калимаи русии -билет, бо ивазшавии овози садоноки и ба е вориди забони рӯшонӣ шуда, ҳамчун ифодакунандаи мафҳуми иҷтимоию сиёсӣ ба кор бурда мешавад. Яъне, касе ки аъзои ягон ҳизби сиёсӣ мешуд, ба вай билети ҳизб, бо намуди китобча, тақдим мекарданд. Бештари вақтҳо дар мавридҳои маиши истифода бурда мешавад: билет тар кино ё канцертард – билет барои кино ва ё консерт.

Камунистам нимов чуг балшавик мис,
Ту час демокират маҳруме лаъл сут [10, 78].

Комумунистро дашном додем, болшевикро ҳам,
Нигоҳ кун, демократ маҳруми лаъл шуд.

Дар байти боло истилоҳи сиёсии балшавик – болшевик-яъне бисёриҳо истифода шуда, имрӯз чунин истилоҳ аз истеъмол баромадааст.

Истилоҳи демокират – демократ, ки аз забони юнонӣ «demos - халқ» ва «kratos - ҳокимият» гирифта шудааст, ва имрӯзҳо ҳам серистеъмол мебошад.

2. Калимаҳои ифодакунандаи номи одамон ва лақабҳо: дар баробари номҳои аслӣ ба монанди – *Цахьакат* –Турушак, *Хажьат* – Ширинак ва *Рацесц* – Гурезончак, исмҳои иқтибосшуда дар шеърҳои шоир камистеъмол мебошанд (ниг. байти поёни): Наташат, Мармазелат, Софийа. Номи Наташа шакли кӯҳтошудаи русӣ аз калимаи лотинии Наталья (Наталия) гирифта шудааст, ки маънои дар «Соли нав таваллуд шуда» -ро дорад. Наташа – ат ҳамчун пайвандак бо калимаи қаблӣ якҷо шудааст, ки баъзан садоноки он меафтад.

Номи дигар Мармазел, ки таллафузи дурусташ *мадемуазель* (*mademoiselle*) - калимаи франсузӣ буда, ҳамчун ишора ба духтари бешавҳар.

Сафия – ин ном ҳам калимаи аслии забонӣ русӣ набуда, он аз забони арабӣ - صفية, ки маъноияш «пок», «содиқ» ебошад. Исми София дар забонӣ юнонӣ низ маъмул буда маъноияш «ҳикмат» аст, ки дар Русия ҳангоми ногузорӣ бисёр истифода бурда мешавад. Бояд гуфт, гарчанд ин калимаҳо аз лотинӣ ва фаронсавӣ ба забонӣ русӣ ворид шудаанд, ба забонӣ рӯшонӣ ҳамчун иқтибос аз забони русӣ мебошад. Наташа – ат (т) ҳамчун пайвандак бо калимаи қаблӣ якҷо шудааст, ки баъзан натиҷаи ҳамсадои онро тағйир додааст.

Цахьакат Хажьат Рацесц ғац ном вид,
Нур Наташат Мармазелат Софийа [10, 5].

Турушак, Ширинак ва Гурезонча номи духтарона буд,
Имрӯз Наташа, Мармазел ва София.

Дар баробари номҳои дар боло зикршуда, мо шеъреро бо номи «Барабаш», дар китоби «Номус» мутоила намудем, ва дар чанд мисраи шеъри номи Барабаш истифода шудааст. Барабаш – персонажи афсонавӣ, бештар бо садову овзҳои ҳархела оромии хонаро вайрон мекард, бисериҳо аз вай метарсиданд. Вале исми Барабаш, ки аз калимаи *барабашка* гирифта шудааст, дар байни мардуми рус машҳур буда маънои «*домовой, хранитель домашного очага* – хоҷаи хона, нигаҳбони хонадон (оташдон)»-ро дорад. Бояд гуфт, шоир низ дар ин шеъри худ ӯро бо ҳамон хислату рафторе ки мардуми рус ӯро дар эҷодиёти даҳанакии худ тасвир мекарданд, бе ягон дигаргуни ба қалам додааст.

Дар охир калимаи *бараш* – русӣ *бражка* аз русии қадим. **брагас*-нӯшокии спиртӣ, ки аз хамиртуруш ва мева ба даст оварда мешавад, дар шеър истифода шудааст.

Хуре та лом яст па маш,
Ёри ху чуҷ Барабаш,
Филаг тораре палащ,
Ат ум дарун Барабаш.

Йа маш филаг зормонда,
Дишатаре кихьт.
Нала: -на деват на ҷин,
Маке ту маш ситарғин.
На сангзанат Барабаш
Пизурум нижерч "бараш" [7, 111].

Ба худ мегӯям, мумкин бо мо,
Ҳамроҳ шудаст Барабаш.
Ҷомаи боронӣ болои обдон,
Дар дарунаш Барабаш.
Обдони мо зормонда,
Болои боми хона.
Гуфто: -На дев ҳасту на ҷин,
На тарсон охир моро.
Не сангзан аст, не Барабаш,
Каме дам задам “бараш”.

3. Номгӯи асбобҳои техникӣ дар якчанд мисраи интихобшудаи шеърҳои *«Даргил», «Рабойиен», «Шитқаре»:* рӯш., -*мошин*, тоҷ., -мошин ва рус.,- *машина* (лот. *machina* «сохт, конструксия» ← др.-греч. *μηχανή* «асбоб, тарз»), рӯш., -*самалот*, тоҷ., -самолёт, рус., - *самолёт* (кӯҳнашуда. *аэроплан*; аз фарон. *aéroplane*, *aéro* — ҳавоӣ, *plane* — ҳамвор), рӯш., -*тилифон*, тоҷ., -телефон ва рус., -*телефон* (аз юн., қадим *τῆλε* «дур» + *φωνή* «садо», «овоз») ба кор буда шудаанд:

Мошин кинам гир,
Тейам па Помир [10, 39].
Мошинро кунем манъ,
Меравем ба Помир.

Осмонта аҷаб-аҷаб муре абрен вирт,
Ғайр аз самалот чай муре та хатен вирт?
Та хат муре нист, на та авӯзак наҳанум,
Нистат ту мухиз йичай му йуҳкен назидирт. [10, 75].
Осмон аҷаб-аҷаб абрҳоро оварда ба ман,
Ғайр аз самолёт, ба ман, ки хатҳои туро меоварад.
Не хатат, не, овозатро намешунавам,
Дар барам нести, касе ашкамро пок намекунад.

Аз Душанбейат цавост рахти сафар,
На тилифонат на пайғомат хабар [10, 42].
Аз Душанбе бастаи рахти сафар,
На пайғому хабар, не телефон мекунӣ.

4. Номгӯи дигар калимаҳои иқтибосшуда, ба монанди: *альбом, бутал, пахмел, каняк, почта, филаг, палаш, эталон* ва *бай бай*, ки дар шеърҳои *«Чибудак пай равихьт»* – «Кабӯтар дар парвоз», “*Бас кинам*” - “Бас кунем”, “*Сабил макин”* – “Сабил накун”, *“Каняк*” – “Коняк”, *“Буйи хун”* – “Бӯйи хун” ба кор бурда шудаанд.

Калимаи рӯш., - *албом*, тоҷ., -албом, рус., - *альбом* (дар ибтидои асри XIX аз забони фаронсавӣ гирифта шудааст, дар навбати худ калимаи *album*-ро аз лотинӣ гирифтааст, ки дар он рӯйхати номӣ, сафедро ифода мекунад) ба маънои китоб барои расмҳо истифода мешавад. Устод Сардор Р. калимаи иқтибосшудаи альбомро бе ягон таъғирот дар мисраи шеъриаш овардааст, ки истифодаи ин калима дар забони рӯшонӣ бояд бе аломат бошад, чунки ҳангоми таллафузи ин калима забони рӯшонӣ ба ин аломат ниёз надорад. Дар забони русӣ бошад, аломати ь - ҳамчун нишонаи мулоими дар алифбои русӣ аст, садоро ифода намекунад, вале вазифаҳои муҳими хосӣ ин забонро иҷро мекунад; бештар вақт дар калимаҳо ҳамсадои қаблиро мулоим мекунад, ҳамсадо ва овозҳоро ҷудо мекунад, ва аз ҳама муҳим ҳамчун нишондиҳандаи грамматикӣ хизмат мекунад. Дар ҳақиқат, чунин калимаҳои иқтибосшуда чӣ аз забони русӣ ва чӣ аз забонӣ аврупоӣ, бо хусусиятҳо ба худ хос вориди забони рӯшонӣ мешуданд, чунончи:

Насут ар маш ғев биякдигар ҳаҷ
Ту час, нурам чидо софаδ вигона.
Нурум альбом чу ат вунтум ху армон,
Йи дона суратак аз та нихьона [10, 34].

Нагирифтем ба даҳон як қатра об беякдигар,
Нигар, имруз чудоем, тамоман бегонаем.
Кушодам имрӯз албом дидам армони худро,
Як дона сурат аз ту нишона.

Калима рӯш., - *бутал*, тоҷ., - бутилка ё шиша., - рус., *бутылка* ба забони русӣ аввалҳои асри XVIII ҳамчун калимаи иқтибосшуда аз забони полякӣ - *butelka* ба маънои бочка –зарф барои чизҳои моеъ омадааст:

Шароб мабат лапась зур,
Чай вирайт аз дум ханур.
Бутал дарун сад қисур,
Йадат шароб бас кинам [10, 43].

Муҳаббат ба шароб бисёр зӯр аст,
Ки ёфтааст аз вай обрӯ
Даруни бутилка сад иллат аст,
Биёед шаробро бас кунем.

Вожаи рӯш., - *пахмел*., тоҷ., -пахмел ё ширакайф, рус., -*похмелье* аз *хмель*, ки ин исм маънои мастиро ифода мекунад, бо префикси "по-" ва суффикс, ки ҳолат ё натиҷаро нишон медиҳад, дар забони рӯшони низ айнан ҳамин ҳолат ва натиҷаи майзадагиро нишон медиҳад:

Виродҷон сарайась пахмел макин,
Ху сухьат сьод ҷазир-ғалбил макин...

На дарбат қисматат кинай ке бана,
Ху ҷон бутал дарун ҷағил макин [10, 24].
Бародарҷон, саҳарии барвақт шароб нахӯр,
Шушу ҷигари худро –ғирбол макун.
На дарду, қисмату, мушкилист баҳона,
Наандоз ҷони худро дар даруни шиша.

Калимаи рӯш., -*каняк*, тоҷ., -каняк., рус., - *коньяк*, гарчанд дар забони русӣ аз забони фаронсавӣ гирифта шудааст ва маънои дистиляти пуркуввати ангурро дорад, дар забони рӯшонӣ як намуди нӯшокии спиртиро дорад, ки шоир зарари онро дар мисраъ нишон додааст:

Йошайанде давлате дунё насут таре насиб,
Нур ту канякат кабобе тӣз талабе маталаб [10, 46].
Давлату дунё насибат нашуд дар аёми ҷавонӣ,
Имрӯз коняк ва кабоби тез металаби, наталаб.

Вожаи иқтибосшудаи *почта* (ба забони русӣ аз забони полякии *poczta* ва итолиёвии *posta* гирифта шудааст, ки дар аввал он ҳамчун истгоҳи иваз кардани аспҳои боркаш будааст), номи бинои махсуро ифода мекард, ки дар онҷо яз як шаҳр ба шаҳри дигар телефон мекарданд, ё хат мефиристоданд, ки мисраи шеъри аз гуфтаҳои шоир шаҳодат медиҳад:

Нурум тар хат нивишт покат муна нист,
Азод тар почта сид рухсат муна нист
Камандир лувд сабойасӣ нист иҷозат,
Царангум то сабо тоқат муна нист [10, 67].
Имрӯз навиштам хат ба ту пакет надорам.
Аз инҷо то ба почта рафтан иҷозат надорам.
Командир мегӯяд, то пагоҳ иҷозат нест.
Чӣ кунам, то пагоҳ тоқат надорам.

Дар мисраъҳои оварда шуда, калимаҳои иқтибосии *филаг* ва *палащ*, ки аз забони русӣ *–фляга* (ба забони русӣ тавассути забони полякӣ *flaszka* аз забони олмонӣ *Flasche* -шиша гирифта шудааст ва дар ибтидо "*фляжка*"маънои шишаи ҳамворро дошт) – яъне зарфи ҳамвор, одатан металлӣ, бо сарпӯши герметикӣ, ки барои нигоҳдорӣ ва интиқоли об ва шир пешбинӣ шудааст.

Плащ (калимаи умумиславянӣ, ки маънои болопӯшакро дошт) бошад, ҷома, ки бештари вақт онро дар рӯзҳои боронӣ мепӯшиданд, вале дар ин мисраъ, калимаи *палащ*, ба маънои болопӯш барои зарфи номбаршуда – *филаг*, омадааст:

Филаг тораре палащ,
Ат ум дарун Барабаш.

Йа маш филаг зормонда,
Дишатаре кихьт [7, 111].

Ҷомаи боронӣ болои обдон,
Дар дарунаш Барабаш.
Обдони мо зормонда,
Болои боми хона.

Калимаи иқтибосии *эталон* (ки ба забони русӣ аз забони фаросавӣ *étalon* – намуна - гирифта шудааст) дар мисраи шеърӣ низ маънои “намуна” -ро ифода мекунад:

Пиро даврa аҷаб даврат замон вид,
Бадахшон лаълата ёқут макун вид.
Фукась афйунанӯҷ сут, эй сад афсус,
Бадахше тозагайре эталон сут [10, 74].

Аҷаб давру замон буд давраи пеш,
Бадахшон макони лаълу ёқут буд.
Ҳама афйун кашанд, эй сад афсус,
Бадахшон бо тозагиаш, эталон шуд.

Дар шеъри *«Наw пул»* - «Пули нав» - калимаҳои иқтибосии *базак – база, завбазак – завбаз (Заведующий базой), райпо – Райпо («Рай» указывает на районный уровень, а «ПО» — на потребительское общество)* ва *ГАИ (Государственная автомобильная инспекция)* [13] истифода бурда шудаанд.

Калимаи «*база*» аслан русӣ нест, он ба забони русӣ аз забонҳои лотинӣ (*basis*) ва юнонӣ (*basis*) [13] ва инчунин тавассути забонҳои аврупоӣ, масалан фаронсавӣ, ворид шудааст. Он маънои асос, поя ё таҳкурсиро дорад, ки дар ибтидо ин калима дар маъноҳои «асоси чизе», «анбор» ё «нуқтаи такягоҳ» истифода мешуд (масалан, базаи ҳарбӣ, базаи сабзавот, базаи маълумот).

Калимаи «*завбаз*» ихтисораест, ки аз ибораи «мудири база» *(заведующий базой)* гирифта шудааст ва шахсеро ифода мекунад, ки роҳбарии ягон база — анбор, нуқтаи тақсимот ё базаи моддию техникиро [13] ба уҳда дорад. Пайдоиши ин вожа ба амалияи давраи шӯравӣ вобаста аст, ки дар он барои номҳои вазифаҳо ва ташкилотҳо шаклҳои кӯтоҳшуда (ихтисораҳо) васеъ истифода мешуданд.,

Калимаи «*райпо*» ихтисораи «Ҷамъияти истеъмолии ноҳиявӣ» мебошад [13], ки дар давраи шӯравӣ барои ифодаи ташкилотҳои маҳаллии кооперативӣ истифода мешуд. Ин ташкилотҳо дар доираи низоми кооператсияи истеъмолӣ ба савдо, тайёркунӣ ва истеҳсолот машғул буданд.

Калимаи «*ГАИ*» ихтисораи «Нозироти давлатии автомобилӣ» мебошад, ки соли 1936 дар Иттиҳоди Шӯравӣ барои танзими ҳаракат

ва таъмини бехатарӣ дар роҳҳо [13] таъсис дода шуда буд. Ин нахустин номи таърихии ин ниҳод ба шумор меравад. Вожаҳои иқтибосшудаи «*база*» ва «*завбаз*» дар мисраҳои шеъри бо пасванди калимасози –ак, ки ба калима маънои хурдӣ, меҳрубонӣ ё муносибати гарму эҳсосиро медиҳад, ба қалам додаанд.

Бийёйум сут тар базак,
Лувдум виро завбазак.
Кахой му чуҷ ҷигархун,
Аз дасти айнат сабун,
Би сабунат би айна,
Ра муре нист тар мала.
Завбаз лувд: -ид лап осон,
Вавнат тахмурғ ке арзон,
Сарайум сут тар райпо,
Лувдум: -раисҷон вро,
Му мошин райҷ бибалон,
Аз нотидов сиҷ вирон.
Гаи налак тар куча,
Му буҷ-бала пиёба.
Райпо лувд: -мур чиз илоҷ,
Вавн варе кинум ривоҷ.

Дина рафтам ба база,
Гуфтам бародар завбаз.
Занам маро кардаст ҷигархун
Аз барои айна ва собун.
Бе собун ва бе айна,
Ба хона маро роҳ намедиҳанд.
Завбаз гуфт: -ин хеле осон,
Тухмро кун арзон.
Саҳар рафтам ба райпо,
Гуфтам: -раисҷон, бародарам,
Мошинам мондаст бе балон.
Аз нарафтан шуд вайрон.
Гаи ба кӯча баромадан наметонад,
Кӯдаконам пои пиёда.
Райпо гуфт: - ба ман чӣ илоҷ,
Пашми гӯсфандро гар биёри коратро иҷро мекунам.

Вожаи бай-бай ҳамчун нидо дар мисраи шеъри омадааст, ки аз забони русии *баю-баю* гирифта шуда дар Суруди алла ҳангоми хобондани кӯдаки навзод хонда мешавад:

Хушруй пуҷак ширин пуҷак,

Ху мод чилла нигин пуҷак.
Ширин пуҷак байбай лувам,
Хубмакам йач лайлай лувам [10, 65].
Писари хушрӯям, писари ширинам,
Нигини ангуштарини модар писарам.
Писари ширинам алла гӯям.
Хобак омад, алла гӯям.

Дар шеъри *"Калонай"* – яъне шахсе ки соҳиби мансаби калон мегардад, ва шоир дар як мираъи шеъри вожаи аз забони русӣ гирифташудаи "*так-так* – (ҳамин тавр)"-ро моҳирона истифода бурдааст. Ин вожа, умуман дар забони рӯшонӣ низ эҳсосот, баҳо, ҳайрат, шубҳа ва ғайраро ифода мекунад:

Бодпарак дастур гардьене ту пас хьузьась ху пеҷ,
Аз ху мод зивят ринухьчат тар ху пид лув "так-так" [7, 18].
Ҳамчу подпарак рӯи худро бо шамол мегардонад,
Забони модариро фаромӯш карду ба падар мегӯяд "так-так".

Дар охир метавон гуфт, ки шоир Сардор Раҳдор моҳирона он калимаҳои иқтибосиро аз забони русӣ-аврупоӣ дар ашъори худ ҷо додааст, ки онҳо бештар бо ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии мардум алоқамандӣ доштанд. Баъзе аз ин вожаҳои дар боло зикр шуда имрӯзҳо дар истеъмол нестанд.

Шоир баъзе калимаҳои иқтибосиро дар шакли талаффузи русӣ дар шеърҳояш истифода бурдааст, зеро ки тарзи талаффузи баъзе калимаҳои русӣ барои рӯшонизабонон мушкил нест. Ва ҳамаи калимаҳои иқтибосшударо шоир, бо маънии аслӣ дар шеърҳояш мавриди истифода қарор додааст.

Китобнома:

1. Бердыева, Т. Арабские заимствования в таджикском языке (по материалам прессы 20-х годов). Автореф. дисс.канд. филол. наук. – Душанбе, 1969. – С.12.
2. Давлатбеков, Л.М. Таъсири адабиёти гуфтории Бадахшон дар ашъори Сардор Раҳдор / Л.М. Давлатбеков // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Душанбе. - 2024. - №2. - С. 155-168.
3. Давлатбеков, Л.М. Фарҳанги дузабонаи шеъри Бадахшон / Л.М. Давлатебеков. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С. 288.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қ. І. –Душанбе. – 1973. – С. 462.
5. Зоолишоева, Ш.Ф. Мутазодҳо дар ашъори Сардор Рашдор / Ш.Ф. Зоолишоева., Д.К. Ҷамшедова / Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2026. - №1. – С. 72- 81.

6. Наҷмиддин, Шоҳинбод. Номаҳои андӯҳ дар ёдбуди Сардор Раҳдор / Ш. Наҷмиддин // Адабиёт ва санъат. -14. 11. 2024. -№ 45(2275). –С. 6.
7. Сардор, Раҳдор. Номус / Р. Сардор. – Хоруғ: Нашриёти хурди “Помир”, 1992. –С.113.
8. Сардор, Раҳдор. Ҷӯёи нур / Р. Сардор. – Душанбе: Нодир, 2004. – С. 138.
9. Сардор, Раҳдор. Толиби дидор / Р. Сардор. – Душанбе: Матбааи ДСРТ, 2009. -С.187
10. Сардор, Раҳдор. Мод зив / Р. Сардор. – Душанбе: Viza Print, 2012. – С. 83.
11. Файзов, М. Язык рушанцев Советского Памира / М. Файзов. – Душанбе: ТГУ им. В.И.Ленина, 1966. – С. 288.
12. Юнусова, Г.С. Назаре ба масоили баррасии калимаҳои русию байналмилалӣ дар забоншиносии тоҷик / Г.С. Юнусова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2012. – С. 115-123.
13. - URL: https://ru.wikipedia.org/wiki (санаи мурочиат: 29.05.2026). - Ҳолати дастрасӣ: барои сабти номшуда. - Матни электронӣ.

ТДУ: 809.155.0+803.0+808.

АКРОНИМҲО – ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ТИҶОРАТ ВА САВДО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Сафарова Гулпариҷон Шамсуддиновна[8]

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мақола ба таҳқиқи акронимҳо – истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шуда, дар он акронимҳо унсури муҳими забони муосири тиҷоратӣ нишон дода шудаанд. Акронимҳо дар соҳаи тиҷорат ва савдои забонҳои англисиву тоҷикӣ, дар самти савдо, молия, идоракунӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ васеъ истифода шуда, ба воситаи онҳо муоширати осон амалӣ мегардад.

Доираи истифодабарии акронимҳо дар ҷаҳон васеъ буда, акронимҳои забони англисӣ бештар хусусияти байналмилалӣ дошта, ба воситаи акронимҳои забони тоҷикӣ бештари вақт хусусияти миллӣ ифода мегарданд. Акронимҳои ду забони омӯхташавандро аз рӯйи сохтор, соҳа ва сатҳи истифодабариашон тасниф намуда, гурӯҳҳои асосии ихтисораҳо аз рӯйи сохтор: акронимҳои ҳарфӣ, талаффузӣ, омехта; акронимҳо аз рӯйи соҳа: акронимҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ, маркетинг ва фурӯш, идоракунӣ; аз рӯйи сатҳи истифодабариашон: акронимҳои байналмилалӣ, миллӣ ва корпоративӣ ташкил додаанд.

Вазифаи умумии акронимҳои тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар осону содда баён шудани истлоҳоти соҳаи мазкур, воситаи муошираи ҷаҳонӣ ва асоси баёни расмӣ ва ҳуҷҷатӣ будани онҳо зоҳир гардида, онҳо омили нигаҳдории вақту фазо дар матн дониста шудаанд.

Калидвожаҳо: *акроним, ихтисораҳо, истилоҳот, акронимҳои ҳарфӣ, талаффузӣ, омехта, акронимҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, акронимҳои бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ, акронимҳои идоракунӣ, акронимҳои маркетинг ва фурӯш, акроними байналмиллалӣ, миллӣ, корпоративӣ.*

Акронимы – термины сферы торговли и бизнеса в

---

[8] **Сафарова Гулпариҷон Шамсуддиновна** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, докторанти соли аввал. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Тел.: (+992) 207222259; e-mail: gulparijonsafarova3@gmail.com.

Сафарова Гулпариджон Шамсуддиновна – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, кафедра языкознания и сравнительной типологии, докторант первого года обучения. Адрес: Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: (+992) 207222259; e-mail: gulparijonsafarova3@gmail.com.

Safarova Gulparijon Shamsuddinovna - Kulob State University named after A. Rudaki, Linguistics and comparative typology department, first-year doctoral student. Address: Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov Str., 16. Tel.: (+992) 207222259; e-mail: gulparijonsafarova3@gmail.com.

английском и таджикском языках

Статья посвящена исследованию акронимов – терминов сферы торговли и бизнеса в английском и таджикском языках, где акронимы рассматриваются как важный элемент современного делового языка. Акронимы широко используются в сфере торговли и бизнеса английского и таджикского языков, в направлениях торговли, финансов, управления и международного сотрудничества, и способствуют упрощению коммуникации.

Сфера употребления акронимов в мире весьма широка. Акронимы английского языка в большей степени носят международный характер, тогда как акронимы таджикского языка чаще выражают национальную специфику. Акронимы двух изучаемых языков классифицируются по структуре, сфере применения и уровню употребления. Основные группы сокращений по структуре включают: буквенные, произносительные и смешанные акронимы; по сфере применения – финансовые, инвестиционные, банковские и бухгалтерские, маркетинговые и торговые, управленческие акронимы; по уровню употребления – международные, национальные и корпоративные.

Общая функция акронимов в сфере торговли и бизнеса английского и таджикского языков проявляется в упрощении и краткости передачи специализированной терминологии, их роли как средства международной коммуникации и основы официально-делового и документального изложения. Они рассматриваются как фактор экономии времени и текстового пространства.

Ключевые слова: *акроним, аббревиатуры, терминология, буквенные акронимы, произносительные акронимы, смешанные акронимы, финансовые акронимы, инвестиционные акронимы, банковские и бухгалтерские акронимы, управленческие акронимы, маркетинговые и торговые акронимы, международные акронимы, национальные акронимы, корпоративные акронимы.*

Acronyms– terms of trade and business in English and Tajik languages

The article is devoted to the study of acronyms as terms used in the sphere of trade and business in the English and Tajik languages, where acronyms are considered an important element of modern business language. Acronyms are widely used in trade and business in both English and Tajik, particularly in the fields of commerce, finance, management, and international cooperation, contributing to the simplification of communication.

The sphere of acronym usage worldwide is very broad. English acronyms tend to have a more international character, whereas Tajik acronyms more often reflect national specificity. The acronyms of the two languages under study are classified according to their structure, field of application, and level of usage. The main structural groups include: initial (letter) acronyms, pronounceable acronyms, and mixed acronyms; by field of application – financial, investment, banking and accounting, marketing and trade, and managerial acronyms; by level of usage – international, national, and corporate acronyms.

The general function of acronyms in the sphere of trade and business in both English and Tajik lies in simplifying and shortening the transmission of specialized terminology, serving as a means of international communication, and forming the basis

of official business and documentary discourse. They are regarded as a factor of saving time and textual space.

Keywords: *acronym, abbreviations, terminology, initial (letter) acronyms, pronounceable acronyms, mixed acronyms, financial acronyms, investment acronyms, banking and accounting acronyms, managerial acronyms, marketing and trade acronyms, international acronyms, national acronyms, corporate acronyms.*

Омӯзиши муқоисавии забонҳо дар забоншиносии муосир мавқеи марказиро ишғол намуда, таҳқиқи муқоисавии масъалаҳои норавшани забонҳои гуногуни дунё тақозои замон аст. Омили номбурда барои густариши босуръати равобити байналмилалӣ, муҳиммияти баланд бардоштани сифати таълими забонҳои хориҷӣ дар сарзамини мо мебошад. Таҳқиқи муқоисавии забонҳо дар замони муосир дар ошкор намудани раванду қонуниятҳои ташаккули онҳо дар муҳити забонҳои гуногун аҳамияти бузург дорад. Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии муосир ин таҳқиқи муносибатҳои системавӣ ва функсионалии воҳидҳои забонҳои гуногунсистема, муайян сохтани алоқамандии семантикиву сохтории ин воҳидҳо маҳсуб меёбанд.Омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон дар забоншиносии муқоисавии имрӯза аз ҷумлаи ин масъалаҳоест, ки таҳқиқи тамоми вижагиҳои онҳо барои забонҳои мавриди таҳқиқ пояи хуби терминологиро таъмин намуда, барои мутахассисони соҳаҳои гуногун заминаи хуби истифодабарии онҳоро фароҳам меоварад.

Фаъолияти раванди иқтисодии кишварҳои пешрафта дар соҳаи тиҷорат ва савдо ҷанбаҳои гуногуни ташаккули истилоҳоти ин соҳаро тақозо намуда, падидаҳои нав ба нав дар ин соҳа дар ҷанбаи муқоисавию типологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то имрӯз ба таври муфассал омӯхта нашуда, масъалаҳои таҳлили системавии равандҳои истилоҳсозӣ дар ин ду забон то ба имрӯз ҳалли худро наёфтаанд.

Истилоҳоти тиҷорат ва савдо яке аз қабатҳои махсуси луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ буда, аз дигар воҳидҳои луғавии умумиистеъмолӣ фарқияти ҷиддӣ доранд, ки дар низоми лексикии ду забони омӯхташаванда ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ дар ҳар як гурӯҳи лексикӣ-семантикии истилоҳоти тиҷорат ва савдо барои ошкор кардани муносибатҳои системавӣ дар лексикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имконият дода, ба воситаи муқоисаи ин вижагиҳо падидаҳои лексикӣ-семантикӣ дар забонҳои муқоисашаванда муайян карда мешаванд. Омили номбурда дар баробари таҳқиқоти муқоисавию типологӣ, барои таҳқиқоти тавсифии забоншиносӣ муфид арзёбӣ мегардад.

Бо афзудани талаботи бозори иқтисодӣ ба истилоҳоти тиҷорат ва савдо дар байни мутахассисон ва муштариёни одии он мубрамияти

таҳқиқи истилоҳоти тиҷорат ва савдоро рӯйи кор оварда, ин вазъият ба ҳамгироии низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ва азхудкунии воқеиятҳо ва мафҳумҳои нави марбут ба он аз тарафи мамолики хурд алоқаманд аст. Ба ин тартиб ҳамгироии забони англисӣ бо забони тоҷикӣ дар воридшавии истилоҳоти муосири тиҷорат ва савдои як забон ба забони дигар зоҳир гардида, мутобиқшавии ин истилоҳот ба системаи луғавию грамматикии забони қабулкунанда вобаст аст. Забони англисӣ ҳамчун забони муошират ҷаҳонӣ истилоҳоти зиёди тиҷорат ва савдоро таҳия ва такмил дода, ҳамчун манбаи доимии иқтибос барои дигар забонҳо, инчунин барои забони тоҷикӣ, хизмат менамояд. Гузашта аз ин, таҳлили муқоисавии истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ барои истилоҳшиносии муқоисавии давраи нави ташаккули забонҳо муҳим дониста шудааст.

Шумораи зиёди иқтибосоти истилоҳоти тиҷорат ва савдои забони англисӣ дар забони тоҷикӣ истилоҳоти монандро пайдо карда бошанд ҳам, истилоҳоти номбурда низоми истилоҳотӣ воқеиятҳои дохилӣ ва хусусиятҳои рушди иқтисодӣ, менталитети миллиро низ инъикос мекунанд. Аз ин ҷост, ки дар баробари муодилнокӣ, дар байни ин воҳидҳои луғавии ду забони таҳқиқшаванда тафовути маъноиву сохторӣ низ мавҷуданд, ки дар рисолаи мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифта мешаванд.

Рушди босуръати иқтисодиёт дар замони муоссир воситаи асосии муошират тиҷоратиро тақозо менамояд, ки вазифаи ин воситаро забон иҷро мекунад. Ҳар як забон унсурҳои хоси худро дорад, ки самтҳои гуногуни ҳаёти инсонро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Унсури муҳими забони муосири тиҷоратиро акронимҳо ташкил медиҳанд, ин унсурҳо шакли кӯтоҳшудаи ибораҳои дароз буда, аз ҳарфҳои аввали калимаҳо таркиб меёбанд. Дар соҳаи тиҷорат ва савдои забонҳои англисиву тоҷикӣ, дар самти савдо, молия, идоракунӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, акронимҳо васеъ истифода шуда, ба воситаи онҳо пеш аз ҳама сарфаи вақт ва осон кардани муошират ба роҳ монда мешавад. Дар ҳуҷҷатнигории расмӣ истифодаи шакли кӯтоҳшудаи истилоҳоти тиҷорат ва савдо барои дақиқ ва фаҳмо пешниҳод гардидани маълумот имконият дода, ин шакли истилоҳот гуфторро мухтасар ва касбӣ менамоянд.

Таҳқиқи акронимҳо – истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дод, ки дар забони англисӣ – забони байналмиллалии тиҷорат миқдори зиёди акронимҳои тиҷорат ва савдои ҷаҳонӣ ба назар мерасанд.

Акронимҳои тиҷорат ва савдои забони тоҷикӣ бештари вақт хусусияти миллӣ дошта, мавқеи истифодабариашон дар санадҳои

давлатӣ ва иқтисодӣ ҳамчун воситаи сарфаи вақт ва фазои матн дониста мешавад.

Таърихи пайдошавии акронимҳои тиҷорат ва савдо ба даврањои қадим рост омада, густариши онҳо дар соҳаи тиҷорат ва савдо махсусан дар асрҳои XIX–XX рост меояд. Аввалин ихтисораҳо ҳанӯз дар Рими қадим истифода шуда, онҳо бештар дар санадҳо ва рамзҳои давлатӣ мавҷуд буданд [13]. Бо рушди истеҳсолот, бонкдорӣ ва савдои байналмилалӣ дар забонҳои гуногуни дунё зарурати кӯтоҳ кардани истилоҳоти дароз ба миён омад, ки барои осон кардани мукотибаҳо ва ҳуҷҷатгузории соҳаи иқтисодиёт ихтисораҳои гуногуни иқтисодӣ истифода мешуданд. Дар баробари рушди савдои байнамиллалӣ, заминаҳои асосии пайдоиши акронимҳо ин фаъолияти созмонҳои иқтисодӣ, пешрафти технология ва телекомуникатсия ва зарурати мукотибаи зуди иқтисодӣ буда, онҳо барои пайдо шудани акронимҳои маъмули тиҷоратии ду забони омӯхташаванда замина гузоштаанд. Дар забони тоҷикӣ истифодаи акронимҳо бештар ба давраи шӯравӣ рост омада, мавқеи корбурди онҳо бештар дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва иқтисодӣ маъмул гардид. Дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, рушди иқтисоди бозорӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ шумораи акронимҳои иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ афзоиш ёфта, истифодаи онҳо ҳамчун унсури фарҳанги касбӣ ва байналмилалӣ дар мукотибаи электронӣ ва тиҷорати онлайнӣ зиёд шудан мегирифт.

Асоси омӯзиши акронимҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикиро принсипи ҳамоҳангӣ ташкил медиҳад, ки бо стандартҳои байналмилалӣ тасниф гардидани истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои омӯхташавандаро бо назардошти меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ нишон дода, истилоҳоти тибқи ин принсип таснифшуда дар муошират бо шарикон, харидорон ва ташкилоти байналмилалӣ яксон ва фаҳмо мебошанд. Истилоҳоти тиҷорат ва савдо аз рӯйи омили ҳамоҳангӣ бо стандартҳои байналмилалӣ барои ҳамкории байналмилалӣ ва фаҳмиши дурусти истилоҳот дар ҳамаи кишварҳо ва ширкатҳо самаранок буда, истилоҳоти номбурда барои гурӯҳбандии молҳо: *системаи байналмилалии рамзгузории молҳо – HS Code (Harmonized System)*; муайян кардани қоидаҳои байналмилалии интиқол ва савдо: *инкотермс – қоидаҳои байналмилалии савдо – Incoterms*; меъёрҳои ҳисоботи молиявӣ: *меъёрҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ – IFRS (International Financial Reporting Standards)* ва таҳияи қоидаҳои умумии барои шартномаҳои савдои байналмилалӣ, ҳуқуқ ва шартномаҳо: *конвенсия оид ба шартномаҳо барои фурӯши*

байналмилалии молҳо – CISG (Convention on Contracts for the International Sale of Goods) хизмат мекунанд.

Акронимҳои тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро метавон аз рӯйи чор омил: сохтор, тарзи талаффуз, соҳаи истифодашуданашон ва сатҳи истифодабариашон гурӯҳбандӣ намуд.

1. Акронимҳои тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз рӯйи сохтор ба гурӯҳҳои зерин тасниф мешаванд:

1) **Акронимҳои ҳарфии тиҷорат ва савдо** – **инисиализмҳо** аз ҳарфҳои аввали калимаҳо таркиб ёфта, ҳарф ба ҳарф хонда шуда, коршиносон ба ҷойи мафҳумҳои дуру дароз ин навъи акронимро истифода бурда, муоширатро осон гардонидаанд [3]. Акронимҳои ҳарфӣ дар муҳити соҳибкорӣ дар баробари ихтисора буданашон, инчунини дигар, ҳамчун рамзи фарҳанги касбӣ хизмат мекунанд. Таҳқиқ нишон дод, ки истифодаи акронимҳои ҳарфии тиҷорат ва савдо дар ду забони омӯхташаванда роиҷ буда, истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки истилоҳот дар сатҳи байналмилаллӣ ягона ва фаҳмо бошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон акронимҳои ҳарфии соҳаи тиҷорат ва савдо маъмул буда, онҳо дар санадҳои расмӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ пайваста истифода мешаванд. Корбурди акронимҳои иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ ба низоми байналмилалии истилоҳот ҳамоҳанг шудани забонро нишон медиҳад [4]. Намунаи акронимҳои ҳарфии тиҷорат ва савдоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ метавон чунин нишон дод:

SME – Small and Medium Enterprises – корхонаҳои хурду миёна, ки идоракунии тиҷоратҳои хурду миёнаро дар сиёсати иқтисодӣ ва савдо назорат мекунанд;

CSR – Corporate Social Responsibility – масъулияти иҷтимоии корпоративӣ – барномаҳо ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ширкатҳо таҳияшуда, ки дар маркетинг ва ҳамкорӣ бо ҷомеа истифода мешаванд;

IPO – Initial Public Offering – фурӯши аввали саҳмия ба ҷомеа – воридшавӣ ба бозори саҳҳомӣ ва ҷамъоварии сармоя ҷиҳати истифода дар ширкатҳои саҳҳомӣ ва молиявӣ;

KPI – Key Performance Indicator – нишондиҳандаи асосии самаранокӣ – арзишгузории самаранокии бахшҳо ва кормандон, ки дар ҳисобот ва банақшагирӣ истифода мешавад;

SCM – Supply Chain Management – идоракунии занҷири таъминот – назорат ва ҳамоҳангсозии истеҳсолот, логистика ва таҳвили мол, истифода дар истеҳсол ва савдо;

ERP – Enterprise Resource Planning – барномаи идоракунии захираҳои корпоративӣ – идоракунии захираҳои молиявӣ, истеҳсол ва логистика дар ширкатҳо, истифода дар ширкатҳои калон ва миёна [3].

Хусусияти асосии акронимҳои ҳарфӣ дар самаранок кардани муоширати зуди соҳикорон ва сармоягузорон зоҳир гардида, дар

чандин забон бе тарҷума истифода мешаванд. Ҷиҳати фаҳмо будани акронимҳо барои шахсони бо муҳити иқтисодӣ шинос набуда, дар матн аввалан дар шакли пурра ва сонӣ шакли ихтисораи онҳо оварда мешавад.

2) **Акронимҳои талаффузшаванда**, ки новобаста аз ихтисора буданашон ҳамчун калима хонда мешаванд. Акронимҳои талаффузшаванда аз ҳарфҳои аввали ибораҳо сохта шуда, ҳамчун як калима хонда мешаванд. Баъзе акронимҳои талаффузшаванда дар баъзе муҳитҳо ба шакли воҳиди овозӣ низ истифода шуда, дар гуфтори ғайрирасмӣ ба шакли яклухт талаффуз мешаванд. Моҳияти асосии акронимҳои талаффузшаванда дар он зоҳир мегардад, ки ба воситаи онҳо равандҳои мураккаби иқтисодӣ дар шакли содда ифода мешаванд. Онҳо барои соҳибкорон, сармоягузорон ва таҳлилгарон воситаи муошират зуд ва самаранок мебошанд. Илова бар ин, акронимҳои талаффузшаванда аксаран хусусияти байналмилалӣ доранд ва дар чандин забон бидуни тарҷума истифода мешаванд. Аммо истифодаи зиёди онҳо метавонад барои шахсоне, ки бо муҳити иқтисодӣ ошно нестанд, нофаҳмо бошад. Мисоли равшани акронимҳои талаффузшаванда акронимҳои зинда шуда метавонанд:

OPEC– Organization of the Petroleum Exporting Countries [5] – иттиҳоди кишварҳои истеҳсолкунандаи нафт, танзими истеҳсол ва нархи нафт, истифодаи нафт дар иқтисод ва савдои ҷаҳонӣ, истилоҳи маъмули бозори нафт;

NASDAQ – National Association of Securities Dealers Automated Quotations [5] – номи расмии як бозори саҳомии бузург;

NATO – North Atlantic Treaty Organization [5] – созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ – созмони низомӣ ва ҳамкории амниятӣ;

UNICEF – United Nations International Children's Emergency Fund [5] – фонди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид – муайян кардани лоиҳаҳо ва ёрӣ ба кӯдакон дар самти гуманитарӣ ва тиҷорат;

ASEAN – Association of Southeast Asian Nations [5] – Иттиҳоди кишварҳои ҷанубу шарқи Осиё, ки ҳамкории иқтисодӣ ва савдои байни кишварҳои узв, муомилаҳои байналмилалии тиҷоратиро назорат мекунад;

UN – United Nations [5] – созмони Милали Муттаҳид – танзими сиёсати байналмилалӣ ва ҳамкорӣ миёни давлатҳо ҷиҳати истифода дар санадҳо ва савдои байналмилалӣ;

European Union [5] – Иттиҳоди Аврупо – муайян намудани қойидаҳо ва ҳамкории иқтисодӣ, истифода дар муомилаҳои тиҷоратӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ;

Fast-Moving Consumer Goods [5]– маҳсулоти истеъмолии зудфурӯш – идоракунии фурӯш ва логистикаи маҳсулот, бо истифодабариии он дар савдо ва маркетинг.

Дар забони англисӣ ва тоҷикӣ акронимҳои омехтаро низ дучор омадан мумкин аст, ки аз ҳарф ва рақам таркиб ёфтаанд. Дар ин навъи акронимҳои тиҷорат ва савдо ҳарфҳо мафҳуми асосии тиҷоратро нишон дода, рақам ё такрори воҳиди иқтисодӣ, ё ҳамчун рақами рамзӣ истифода мешавад. Ин навъи акрониҳо дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) **акронимҳои ифодакунандаи модели тиҷорат.** Дар ин навъи акронимҳо рақами 2 зиёд корбаст шуда, дар забони англисӣ талаффузашон – two [tu:] мебошад, ки мафҳуми рамзии to – пешоянди ифодакунандаи самт, сӯйро ифода менамояд:

B2B – Business to Business [13] – тиҷорат миёни ду ширкат, ки дар ин навъи тиҷорат як ширкат маҳсулот ё хизматрасониро ба ширкати дигар мефурӯшад;

B2C – Business to Consumer [13] – тиҷорат аз ширкат ба истеъмолкунанда, ки шакли маъмултарини савдои чакана мебошад;

C2C – Consumer to Consumer [13] – муомила миёни истеъмолкунандагон, ки дар он фурӯши мол тавассути платформаҳои онлайнӣ сурат меёбад;

B2G – Business to Government – тиҷорат миёни ширкат ва давлат, ки дар ин навъи тиҷорат ширкатҳо ба муассисаҳои давлатӣ мол ё хизмат мерасонанд.

б) **акронимҳои ба андоз ва молия алоқаманд,** ки дар онҳо ҳарфҳои аввали истилоҳоти иқтисодӣ бо рақамҳои гуногун ба ҳам алоқаманд мешаванд:

G7, G20 – гурӯҳҳои кишварҳои пешрафта ва иқтисодиёти бузург, форуми ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ дар мисоли G20;

IFRS9 – стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ки дар он рақами 9 қисми мушаххаси стандартро нишон медиҳад;

ISO 9001 – стандарти байналмилалии идоракунии сифат, ки аз ҷониби International Organization for Standardization – ширкати байналмилалии стандартизатсия таҳия шудааст.

в) **акронимҳои ба тиҷорати электронӣ алоқаманд,** ки нозукиҳои раванди тиҷорати электрониро нишон медиҳанд:

Web 2.0 – насли нави интернет бо иштироки фаъолонаи истифодабарандагон; **B2B2C** – навъи тиҷоратест, ки дар он ширкат ба ширкати дигар ва баъдан ба истеъмолкунанда хизмат мерасонад; **P2P – Peer to Peer** – тиҷорати мустақими электронӣ байни ду тарафи муомулоти тиҷоратӣ бидуни миёнарав.

2. Гурӯҳи дуюми акронимҳо – истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз рӯйи соҳаи истифода тасниф шуда, ин гурӯҳи акронимҳо бештар моҳияти иқтисодии воҳидҳоро равшан месозанд:

1. **Акронимҳои молиявӣ** шаклҳои кӯтоҳшудаи ибораҳои касбӣ мебошанд, ки муошират иқтисодиро осон, дақиқ ва байналмилалӣ мегардонанд. Ин навъи акронимҳо дар соҳаи молиявӣ, с армоягузорӣ, бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ зиёд истифода шуда, аз рӯйи алоқамандии соҳавӣ онҳоро метавон чунин нишон дод:

1) **акронимҳои молиявӣ –** аз ҳарфҳои аввали ибораҳои дарози иқтисодӣ ва молиявӣ сохта шуда, маънои мушаххаси молиявӣ доранд:

GDP – Gross Domestic Product [5] – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ – акроними молиявиест, ки ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишварро дар як давра муайян намуда, барои арзёбии рушди иқтисодӣ истифода мешаванд;

CPI – Consumer Price Index [5] – акроними молиявӣ, ки сатҳи таваррум ва тағйирёбии нархҳоро нишон медиҳад;

EPS – Earnings Per Share [5] – даромади ҳар саҳмия – акроними молиявӣ, ки арзишгузории ширкат ва баҳогузории саҳмияҳо, истифода дар бозори саҳҳомӣ ва ҳисоботҳои молиявиро нишон медихад;

P/E – Price to Earnings Ratio [5] – нисбати нархи саҳмия ба даромад – акроними молиявӣ, ки арзишгузории саҳмияҳо ва таҳлили бозори саҳҳомӣ, таҳлилҳои молиявӣ ва стратегиро нишон медиҳад.

2) **акронимҳои сармоягузорӣ –** дар соҳаи бозори молиявӣ ва сармоягузорӣ барои ифодаи мафҳумҳои муҳим истифода шуда, барои зуд дарк кардан ва таҳлил намудани маълумот барои сармоягузорон кӯмак мерасонанд:

ROI –Return on Investment [5] – акроними сармоягузорӣ, ки самаранокии сармоягузориро нишон медиҳад;

EPS – Earnings Per Share [5] – акроними сармоягузорӣ, ки даромади ширкатро ба ҳар як саҳмия нишон медиҳад;

ROI – Return on Investment [5] – баргардонидани сармоя– акроними сармоягузорӣ, ки арзишгузории самаранокии сармоягузорӣ, истифода дар таҳлили лоиҳаҳо ва сармоягузориро мефаҳмонад;

CAGR – Compound Annual Growth Rate [5]– суръати миёнаи солонаи афзоиш – акроними сармоягузорӣ, ки нишондиҳандаи афзоиши миёнаи солонаи сармоя ва даромад, истифода дар таҳлили иқтисодӣ ва лоиҳаҳо мебошад;

IPO – Initial Public Offering [5] – фурӯши аввали саҳмия ба ҷомеа – акроними сармоягузорӣ, ки воридшавӣ ба бозори саҳҳомӣ ва

ҷамъоварии сармоя, истифода дар ширкатҳои саҳҳомӣ ва молиявиро нишон медиҳад;

NAV – Net Asset Value [5] – арзиши холисии дороиҳо – арзёбии фондҳо ва сармояҳои ширкат – акроними сармоягузорӣ, ки истифода дар фонди сармоягузорӣ ва ҳисоботҳои молиявиро ишора мекунад;

FDI – Foreign Direct Investment [5] – сармоягузории мустақим аз хориҷ –акроними сармоягузорӣ, ки сармоягузории ширкатҳои хориҷӣ дар иқтисоди кишварро нишон дода, истифода дар таҳлили иқтисодӣ ва тиҷоратӣ таъмин месозад.

3) акронимҳои бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ – дар фаъолияти бонкҳо, муассисаҳои молиявӣ ва муҳосибот барои ифодаи мафҳумҳои асосӣ истифода шуда, кори ҳисоб, таҳлил ва ҳисоботдиҳиро осон мегардонанд:

IBAN – International Bank Account Number – акроними бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ, ки барои муайян кардани суратҳисоби байналмилалӣ истифода мешавад;

SWIFT – акроними бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ, ки ҳамчун шабакаи байналмилалии интиқоли маблағ байнибонкӣ муомилоти молиявиро дар саросари ҷаҳон таъмин мекунад;

FX – Foreign Exchange – асъори хориҷӣ – акроними бонкдорӣ, ки муомилоти пулии байналмилалӣ ва мубодилаи асъорро ифода менамояд.

4) **акронимҳои идоракунӣ** гурӯҳи чоруми акронимҳои соҳавии тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикиро такшил медиҳанд, ки воситаи муҳимми муошрати касбӣ буда, асоси ташкилӣ ва роҳбариро маҳсуб меёбад. Ин навъи акронимҳо забони касбиро стандартӣ ва байналмилалӣ сохта, ба воситаи ин истилоҳот роҳбарони ширкатҳои бузурги байнамлмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ муошрати самаранокро ба роҳ мемонанд.Мисоли равшани акронимҳои идоракуниро истилоҳоти зерин ташкил медиҳанд:

CEO – Chief Executive Officer [17] – роҳбари олии ширкатро ишора мекунад, ки дар қабул намудани қарорҳо шахси асосӣ ба ҳисоб меравад;

CFO – Chief Financial Officer [17] – масъули бахши молияи сохтори дохилии ташкилот;

HR – Human Resources [17] – бахши захираҳои инсонӣ дар сохтори дохилии ташкилот мебошад;

SWOT – Strengths Weaknesses Opportunities Threats [17] – таҳлили қувваҳо, заъфҳо, имкониятҳо ва хатарҳо, усули таҳлил барои арзёбии вазъи ташкилот, лоиҳа ё бизнес;

KPI – Key Performance Indicator [17] – нишондиҳандаи асосии самаранокӣ дар назарияи идоракунӣ;

TQM – Total Quality Management [17] – идоракунии ҳамаҷонибаи сифат;

PM – Project Management– соҳаи мустақили идоракунӣ;

ERP – Enterprise Resource Planning [17] – барномаи идоракунии захираҳои корпоративӣ– идоракунии захираҳо, захираи молиявӣ, истеҳсол ва логистика дар ширкатҳо;

CRM – Customer Relationship Management [17] – идоракунии муносибат бо муштариён – нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумоти муштариён;

KPI – Key Performance Indicator [17] – нишондиҳандаи асосии самаранокӣ – арзишгузории самаранокии кормандон ва бахшҳо; истифода дар идоракунии иҷроият ва стратегия;

BPM – Business Process Management [17] –идоракунии равандҳои тиҷоратӣ – оптимизатсия ва автоматизатсияи равандҳои дохилии ширкат;

ROI – Return on Investment [17] – баргардонидани сармоя – нишондиҳандаи самаранокии сармоягузорӣ;

OKR – Objectives and Key Results [17] – ҳадафҳо ва натиҷаҳои асосӣ– муайян кардани ҳадафҳо ва натиҷаҳои асосӣ барои бахшҳо ва кормандон;

SCM – Supply Chain Management [17] – идоракунии занҷири таъминот – назорат ва ҳамоҳангсозии истеҳсол, логистика ва таҳвили мол;

PM – Project Management [17] – идоракунии лоиҳа– ба нақшагирии лоиҳаҳо ва назорат бар иҷрои онҳо, истифода дар фурӯш, маркетинг ва истеҳсол;

ISO – International Organization for Standardization [17] – Созмони байналмилалии стандартизатсия – танзими стандартҳо ва сифати маҳсулот дар самти истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ.

5) **акронимҳои маркетинг ва фурӯш** гурӯҳи дигари акронимҳои тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ташкил медиҳанд, ки барои идоракунии самараноки равандҳои иқтисодӣ, таҳлили бозор ва ҷалби муштариён хизмат мекунанд. Акронимҳои маркетинг ва фурӯш ҷузъи ҷудонашавандаи забони иқтисоди рақамӣ буда, ба воситаи онҳо равандҳои таблиғ, таҳлил ва муомила ба таври содда ва муассир сурат меёбад. Ин навъи истилоҳот бештар усулҳои мустаҳкам сохтани маркетинг ва фурӯши молро муаррифӣ менамоянд. Чунончӣ:

SEO – Search Engine Optimization [15] – беҳсозии сомонаҳо барои системаҳои ҷустуҷӯиро ишора намуда, маҳсулот ва хизматрасониҳои худро дар интернет ба таври муассир муаррифӣ менамоянд;

SMM – Social Media Marketing [15] – истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои таблиғ ва ҷалби муштариён;

CRM – Customer Relationship Management [15] – нишондиҳандаи низоми идоракунии муносибат бо муштариён мебошад, ки барои нигоҳдории заминаи маълумот ва беҳсозии хизматрасонӣ истифода мешавад;

SEO – Search Engine Optimization [15] – оптимизатсияи системаҳои ҷустуҷӯ– рушд ва беҳсозии сомонаҳо барои пайдо шудан дар системҳои ҷустуҷӯй;

PPC – Pay Per Click [15] – пардохт барои ҳар як фармоиш – намуди таблиғ дар интернет, ки пардохт танҳо барои фармоиш иҷро мешавад;

CPC – Cost Per Click [15] – ҳар фармоиш барои хароҷот – нишондиҳандаи самаранокии рекламаи онлайнӣ;

CTR – Click-Through Rate [15] – нишондиҳандаи фоизи додани реклама, истифода дар таҳлили фурӯш ва маркетинг;

KPI – Key Performance Indicator [15] – нишондиҳандаи асосии самаранокӣ ҳадафҳои асосии маркетинг ва фурӯш барои баҳогузории самаранокӣ;

CRM – Customer Relationship Management [15] – идоракунии муносибат бо муштариён – низоми нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумот оид ба муштариён;

ROI – Return on Investment – баргардонидани сармоя – нишондиҳандаи самаранокии сармоягузорӣ;

3. Акронимҳо гурӯҳи сеюм **аз рӯйи сатҳи** истифодашавиашон тасниф шуда, ба акронимҳои байналмилаллӣ, миллӣ ва корпоративӣ ҷудо мешаванд.

1) **акронимҳои байналмилалӣ** қисмати калони истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва точикиро ташкил медиҳанд, ки ба воситаи онҳо муошрати расмӣ ва касбии байналмилалӣ сурат ёфта, ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва созмонҳо бо ёрии маҳз ҳамин истилоҳот ба роҳ монда мешавад. Акронимҳои байналмилалӣ аз ҳарфҳои аввали номи созмонҳо ё барномаҳои ҷаҳонӣ сохта шуда, дар тамоми ҷаҳон бо ҳамин шакли ихтисорӣ шинохта шудаанд. Акронимҳои байналмилалӣ муошрати дипломатӣ ва иқтисодиро осон намуда, новобаста аз фарқияти забонҳо, дар кишварҳои гуногун дар ҳамин шаклҳои кӯтоҳ истифода мешаванд. Чунончи:

WTO – World Trade Organization [5] – Созмони ҷаҳонии савдо – танзимгари равобити тиҷоратӣ байни кишварҳо;

IMF International – Monetary Fund [5] – хазинаи байналмилалии асъор– дастгирии молиявӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати пулӣ;

UNCTAD – United Nations Conference on Trade and Development [5] – конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба савдо ва рушди иқтисодӣ, ки таҳлил ва танзими сиёсати савдо ва рушди иқтисодиро ба роҳ мемонад;

GATT – General Agreement on Tariffs and Trade [5] – созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва савдо – танзими тарифҳо ва қоидаҳои савдо байни кишварҳо;

FTA – Free Trade Agreement [5] – созишномаи озоди тиҷорат, муайянкунандаи қойидаҳои содирот ва воридот байни кишварҳо;

NAFTA / USMCA – North American Free Trade Agreement / United States–Mexico–Canada Agreement [5] – созишномаи озоди тиҷоратии Амрикои Шимолӣ / Созишномаи тиҷоратӣ байни ИМА, Мексика ва Канада –танзими қоидаҳои савдо ва ҳамкории иқтисодӣ;

OECD – Organization for Economic Co-operation and Development [5] – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, таҳлил ва ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ ва истифодаи он дар гузоришҳо ва стратегияҳои байналмилалӣ.

2) **акронимҳои миллӣ** – шаклҳои кӯтоҳшудаи номҳои созмонҳо, ширкатҳо ва системаҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки дар муҳити дохилӣ барои муошрати самаранок ва стандартизатсия кардани равандҳои миллии иқтисодӣ таҳия шуда, ба рушди иқтисоди миллӣ ва идоракунии тиҷорат равона гардидаанд. Асоси акронимҳои миллӣ **муомилаи дохилӣ ва ҳамоҳангсозӣ буда, эътибор ва эътимоди расмиро** фароҳам оварда, барои рушди иқтисоди миллӣ ва муошрати самараноки ширкатҳо хизмат мекунад. Мисоли равшани акронимҳои миллӣ истилоҳоти зерин шуда метавонанд:

ҶДММ– Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд [4] – намуди маъмули ширкатҳо барои тиҷорат ва истеҳсол;

КВД – Корхонаи воҳиди давлатӣ [4] – намуди муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ, ки барои ҳисобот, шартнома ва фаъолиятҳои давлатӣ истифода мешавад;

БМТ – Бонки миллии Тоҷикистон [4] – созмони молиявӣ барои идораи низоми бонкӣ ва танзими низоми пулӣ;

СМТ – Созмони молиявии Тоҷикистон (таърифан истифода мешавад) [4] – созмонҳои молиявӣ ва ташкилоти дохилӣ дар муҳити савдо ва иқтисод;

АТМ – Automated Teller Machine (дар Тоҷикистон ҳам маъмул аст) [4] – мошини худкор барои гирифтани пули нақд;

ҶСК– Ҷамъияти саҳҳомии кушода[4] – намуди ширкат барои фаъолиятҳои соҳибкорӣ, ки бештар дар сармоягузорӣ ва тиҷорат истифода мешавад;

ВБТ – Вазорати бандари Тоҷикистон (ё аналогӣ дар минтақаҳо) [4] – идораи савдо ва нақлиёт дар портҳо ва бахшҳои боркашон.

Дар забони тоҷикӣ акронимҳои миллии тиҷорат ва савдо бештар дар ҳуҷҷатгузорӣ, шартномаҳо, ҳисоботҳои молиявӣ ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатӣ мавқеи корбурд доранд.

3) **акронимҳои корпоративӣ** – шаклҳои кӯтоҳшудаи номҳои вазифаҳо, бахшҳо, созмонҳо ва равандҳои дохилии ширкат буда, ҳамчун истилоҳот дар муҳити корпоративӣ истифода мешаванд. Ин навъи истилоҳот ҳангоми таҳияи ҳисобот, пешниҳодҳо ва стратегияи маркетинг ва фурӯш истифода шуда, барои ҳамкориҳои дохилӣ ва байналмилалӣ аҳамияти калон доранд. Доираи акрони мҳои корпоративиро метавон чунин нишон дод:

CEO – Chief Executive Officer [16] – роҳбари олии ширкат – шахси масъули роҳбарӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ дар ширкат;

CFO – Chief Financial Officer [16] – роҳбари бахши молия – масъули идоракунии молия ва буҷети ширкат;

COO – Chief Operating Officer [16] – роҳбари амалиётӣ – масъули равандҳои амалӣ ва фаъолияти рӯзмарраи ширкат;

CTO – Chief Technology Officer [16] – роҳбари бахши технологӣ – масъули инноватсия ва рушди технологӣ дар ширкат; истифода дар ширкатҳои IT ва истеҳсолӣ

CIO – Chief Information Officer [16] – роҳбари бахши иттилоот – масъули идора ва амнияти маълумот дар ташкилот; истифода дар бахшҳои IT ва амнияти корпоративӣ;

HR – Human Resources [16] – захираҳои инсонӣ –идоракунии кормандон, ҷалб, таълим ва мукофот, истифода дар бахши кадрҳо ва стратегияҳои корпоративӣ

CRM – Customer Relationship Management [16] – идоракунии муносибат бо муштариён – низом барои нигоҳдорӣ ва таҳлили муносибат бо муштариён;

R&D – Research and Development [16] – таҳқиқот ва рушд – бахши таҳқиқот ва инноватсия.

Ҳамин тариқ, омӯзиши акронимҳо – истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дод, ки ҷихати забони муошират ҷаҳонӣ будани забони англисӣ, дар он истифодаи тамоми намудҳои акронимҳо ба назар расида, дар забони тоҷикӣ онҳо асосан хусусияти расмӣ ва ҳуҷҷатӣ доранд, ки аз миллӣ будани онҳо шаҳодат медиҳад Маълум шуд, ки акронимҳои тиҷорат ва савдои забонҳои

омӯхташуда муошират касбиро самаранок намуда, барои нигаҳ доштани вақту фазо дар матн хизмат мекунанд. Шакли содаи акронимҳо ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, аз рӯйи сохтор, соҳа ва дараҷаи истифодабариашон тасниф мешаванд. Бо ҷаҳоншавӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодиёти мамалакати мо истифодаи акронимҳои англисӣ дар муҳити тоҷикӣ афзуда истодааст.

Сохтори акронимҳои ду забони омӯхташаванда нишон дод, ки он метавонад дар шакли ҳарфҳо ва шакли омехта– ҳарфҳо ва рақам низ истифода шаванд. Акронимҳои талаффузшавандаи тиҷорат ва савдо нишонаи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҷаҳонишавии истилоҳот буда, онҳо ҳамчун забони тиҷорат дар ташаккули фарҳанги касбии байналмилалӣ саҳми арзанда доранд.

Гурӯҳи акронимҳои аз ҷиҳати соҳаҳо таснифшаванда акронимҳои молиявӣ, саромоягузорӣ, бонкдорӣ ва ҳисобдонӣ, маркетинг ва фурӯш, идоракунии молиявӣ ва ғайраро дар бар мегиранд, ки ҳамаи онҳо ҷузъи ҷудонашавандаи забони иқтисодӣ мебошанд. Акронимҳои молиявӣ равандҳои мураккаби молиявиро ба шакли кӯтоҳ ва фаҳмо ифода намуда, акронимҳои маркетинг ва фурӯш забони касбиро стандартӣ ва байналмилалӣ мегардонанд. Акронимҳои идоракунӣ ҷузъи муҳими фарҳанги ташкилотӣ ва забони касбӣ буда, акронимҳои бонкдорӣ ва ҳисобдорӣ низоми муайяни иқтисодиро дар системаи бонкдорӣ таъмин менамоянд. Аз руйи сатҳи истифодабариашон акронимҳо – истилоҳоти тиҷорат ва савдо гурӯҳи акронимҳои байналмилалӣ, миллӣ ва корпоративиро ташкил додаанд, ки акронимҳои байналмилалӣ рамзи ҳамкорӣ, ҳамгирой ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ буда, акронимҳои миллӣ – равандҳои миллии иқтисодӣ ва акронимҳои корпоративӣ – муҳити корпоративии иқтисодиро нишон медиҳанд.

Китобнома:

1. Аверьянова, Ю.В. Международные банковские расчеты / Ю.В. Аверьянова. – М.: Филология, 1998. – 144 с.
1. Англо-русский словарь по экономике и финансам. Под ред. А.В.Аникина. - Спб: Экономическая школа. – 590 с.
2. Англо-русский экономический словарь / Под ред.А.В.Аникина. – М.: Русский язык, 1981. – 792 с.
3. Бердыева, Т. Калька как спооб обогащения терминологии таджикского языка / Т. Бердыева // Изв. АН Тадж. ССР, общест. наук. – 1979. - № 4. – С. 66-70.
4. Голиков, А.П. Международные экономические термины. Словарь справочник / А.П.Голиков, П.А. Черномаз. – Киев: Центр учебной литературы, 2008. – 376 с.

5. Даниленко, В. П. Лингвистический аспект стандартизации терминологии / В.П. Даниленко. – М.: Наука, 1993. – 341 с.
6. Казарина, С. Г. Типологическая характеристика отраслевых терминологий / С.Г. Казарина. – Краснодар: Изд. Кубанской гос. мед. академии, 1988. – 276 с.
7. Коструб ина, С. А. Абревиатура английских и русских экономических терминов: контрастный аспект / С. А. Коструб ина // Вестник Томского государственного университета. - Томск, 2017. – С. 30-35.
8. Лотте, Д. С. Вопросы заимствования и упорядочивания иноязычных терминов и терминоэлементов / Д. С. Лотте. – М.: Наука, 1982. – 149 с.
9. Назарзода, С. Забон ва истилохот (Андешахо дар атрофии забони точикӣ ва ташаккули истилохот) / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 1999. – 209 с.
10. Словарь экономических терминов по дисциплине «Введение в экономическую теорию». – Брест, 2014. – 28 с. [Маводи электронӣ].
11. Шоидарвозова, М. Эволютсияи асосҳои назариявии муҳоҷират ва раванди он / М.Шоидарвозова // Маъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2024. - №1. – С.180-199.
12. – URL: https://www.raycon.ru/abbreviations Английские аббревиатуры и акронимы.
13. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/abbreviatury-angliyskih-i-russkih-ekonomicheskih-terminov-kontrastivnyy-aspekt [Маводи электронӣ].
14. – URL: https://habr.com/ru/companies/englishdom/articles/505278/ 34 маркетинговых аббревиатуры с расшифровкой [Маводи электронӣ].
15. – URL: https://www.cfo-russia.ru/glossariy/117/словарь корпоративных финансовых терминов [Маводи электронӣ].
16. – URL: https://quizlet.com/ аббревиатуры (экономика, бизнес, международные организации, образование и прочее) [Маводи электронӣ].

ТДУ: 811.222.8'282'373.46 : 592/599(575.32)

МАВҚЕИ ВОЖАҲО ВА ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ҲАЙВОНОТИ ХУРД ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи гӯйиши тоҷикони Ғорон)

Фарҳодова Сарвбону Алидодовна[9]

Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Дар мақола калимаву истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар забони тоҷикӣ бо фарогирии вожагони марбут ба ҳайвоноти хурди хонагӣ (буз)дар (асоси маводи гӯйиши тоҷикони Ғорон) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Вожа ва истилоҳҳои ифодакунандаи мафҳуми буз дар муқоиса бо дигар шеваву лаҳҷаҳо ва забони адабӣ тоҷик мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Аз таҳлили вожагони марбут ба буз метавон хулоса кард, ки аксари онҳо калимаҳои аслии тоҷикӣ буда, бархе аз онҳо дар дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор надоранд, аммо дар осори классикӣ ба назар мерасанд.

Мақолаи мазкур ба хонанда барои шиносоии васеъ бо вожаҳои марбут ба соҳаи чорводорӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйиши тоҷикони Ғорон) кумак хоҳад намуд.

***Калидвожаҳо**: забони тоҷикӣ, лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, минтақаҳои Тоҷикистон, Бадахшон, водии Ғорон, гӯйиши Ғорон, чорводорӣ, буз ва ғ.*

Положение слова и терминов относящиеся к мелким животным в таджикском языке
(на основе материалов говора таджиков Горона)

В статье рассматриваются - лексике скотоводства в таджикском языке с включением слов относящихся к мелким домашним животным (козам) (на основе матералов говора таджиков Горона).

В статье анализируются слова и термины связанные с козами в сравнении с другими диалектами и литературным таджикским языком. При анализе слов, относящихся к козам, можно сделать вывод, что большинство из них являются исконно таджикскими словами, а некоторые из них не используются в других диалектах таджикского языка, но встречаются в классических ироизведениях.

[9] **Фарҳодова Сарвбону Алидодовна** – Институти забон ва адабиёт ба номи Абуабдуллоҳ Рудакии АМИТ, ходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: (+992) 111191173; e-mail: fsarvbonu.1973@mail.ru.

Фарходова Сарвбону Алидодовна – Институт языка и литературы имени Абуабдуллоха Рудаки НАНТ, научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки, 21. Тел.: (+992) 111191173; e-mail: fsarvbonu.1973@mail.ru.

Farhodova Sarvbonu Alidodovna – Institute of Language and Literature named after Abuabdulloh Rudaki of NAST, Researcher. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki str., 21. Tel.: (+992) 111191173; e-mail: fsarvbonu.1973@mail.ru.

Данная статья поможет читателю ознакомиться со словами и термины связанными с животноводством в таджикском языке (на основе говора таджиков Горона).

***Ключевое слово**: таджикский язык, говоры таджикского языка, регионы Таджикистан, Бадахшан, Горон, горонский говор, скотоводство, коза и др.*

The Status of Small Livestock Lexicon and Terminology in the Tajik Language: Based on the Goron Tajik Dialect

This article examines the pastoral lexicon of the Tajik language, focusing specifically on terms related to small domestic livestock (goats) as recorded in the Goron Tajik dialect. The study provides a comparative analysis of goat-related vocabulary against other regional Tajik dialects and literary Tajik. The linguistic analysis reveals that the majority of these terms are of native Tajik origin. Notably, while certain terms have fallen out of use in other contemporary dialects, they are preserved within the Goron dialect and well-documented in classical Tajik literature. Ultimately, this study offers fresh insights into the specialized pastoral vocabulary inherent to the Tajik linguistic landscape, specifically through the prism of the Goron speech community.

***Keywords:** Tajik language, Tajik dialects, regions of Tajikistan, Badakhshan, Goron, Goron dialect, pastoralism, goat.*

Ҳайвоноти хонагӣ ва истифодаи он дар ҳаёт ва рӯзгори тоҷикони кӯҳистон, хусусан, сокинони водии Ғорони ноҳияи Ишкошим чун дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавқеи махсус дошта, нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ яке аз шуғли асосии онҳо низ маҳсуб меёбад. Водии Ғорон барои нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ, хосатан, чорвои хурд захираи кифояи обу хӯроки чорво ва иқлими мусоид дорад.

Аз ин лиҳоз, сокинони ноҳияи Ишкошим, аз ҷумла, мардуми водии Ғорон мавқеи табиӣ ва ҷуғрофии диёри хешро ба назар гирифта, парвариши ҳайвоноти хонагиро пешаи худ қарор додаанд.

Ҳанӯз аз даврaҳои қадим одамон ба ромкунӣ ва парвариши ҳайвоноти гуногун дар муҳити хона машғул буданд ва ин боиси пайдо шудани калимаву ибораҳои нави марбут ба ҳайвоноти хонагӣ гардид, ки мо онро метавонем дар мисоли вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хурди хонагӣ дар гӯйиши Ғорон мушоҳида намоем.

Бояд зикр намуд, ки дар баъзе асарҳои алоҳида ҷо-ҷо ишораҳо оид ба вожагони бахши мазкур мавҷуд бошад ҳам, вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хурди хонагии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди пажуҳиши пурра қарор нагирифтааст. Барои ифодаи мафҳумҳои марбут ба ҳайвоноти хурд, маъмулан, калимаҳои ***буз, гӯспанд, саг*** ва ***пишак*** корбурд мешаванд. Вожагони ифодакунандаи ҳайвоноти хурди хонагӣ бахши муҳимми таркиби луғавии соҳаи чорводории забони тоҷикӣ, инчунин, гӯйиши Ғоронро ташкил медиҳад.

Бо назардошти он ки истилоҳҳои ифодакунандаи мафҳуми гӯсфанд дар мақолаи алоҳида [12, 65-70] баррасӣ шуда буд, аз ин рӯ, дар маводи мавриди назар вожаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳуми *буз*, синну сол, ҷинсият, истилоҳҳои фарқкунандаи умумии он аз рӯй аломатҳои модарзодӣ ва ғайра дар гӯйиши Ғорон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Буз ҳайвони хурди хонагӣ буда, мардуми Ғорон ба парвариши ин навъи ҳайвони хонагӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз гӯшт, пӯст, мӯй ва шири он дар рӯзгор истифода мебаранд.

Барои ифодаи ин навъи ҳайвони хонагӣ дар гӯйиши Ғорон вожаи *бъз* «буз» истифода мешавад, ки барои дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ низ умумиистеъмол мебошад. *Бач-о бъзор-а ба чаро бърдан. (Кл.)*

Вожаи мазкур дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Ҳайвони ҷуфтсуми алафхӯри хонагӣ аз ҷинси гӯсфанд, ки дорои шох, риши дароз ва думи кӯтоҳ аст ва онро барои гӯшт, пашм ва шир парвариш мекунанд; *бузи кӯҳӣ* як зоти бузи шабеҳи оҳу, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон мавҷуд аст» [8, 242].

Дар лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, бо баъзе тафовутҳои овозӣ, аз ҷумла, дар лаҳҷаҳои Самарқанду Бухоро, Панҷакент ва водии Фондарё, Истаравшану Хуҷанд, Ашт ва Конибодому Исфара дар шакли *буз*, дар лаҳҷаҳои Фалғар дар шакли *бӱз*, дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ва Вахиёи Боло дар шакли *бъз* [1, 49; 7, 21], дар забони яғнобӣ бо табдили ҳамсадои лабулабии «б» ба ҳамсадои лабудандонии «v» дар шакли ***vuz*** [5, 24] ва дар забонҳои бадахшонӣ дар шакли *tuӯ* (вахонӣ), *vaz* (шуғнонӣ, рӯшонӣ, язғуломӣ), *vez* (ишкошимӣ) [4, 72] корбурд мешавад. Вожаи мазкур дар забони яғнобӣ мафҳуми умумии ҳайвони хурдро низ ифода мекунад [5, 24].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар гӯйиши Ғорон мафҳуми *бузи кӯҳӣ* бо вожаҳои *нахчир, ҷондор, сайд* ифода карда мешавад. Вобаста ба синну сол бӯзи кӯҳии нарро аз рӯйи ҳалқаи шохҳояшон, нисбат ба бузи кӯҳии нари то 7-сола вожаи *ҷwона* ва аз ҳафтсола боло вожаи *ранг* корбурд мешавад. Вожаи *ранг* дар фарҳангномаҳои муътабар ба маънои ҳайвон наомадааст, танҳо ба маънои намуди тобиши рангҳо шарҳ дода шудааст. Аммо дар гӯйиши Ғорон ҳамчун ҳамгун (омоним) ҳам ба маънои бузи кӯҳӣ ва ҳам хусусияти ашёҳо корбурд мешавад.

Вожаи *нахчир* низ дар гӯйиши Ғорон нисбат ба бӯзи кӯҳӣ корбурд шуда, нисбат ба вожаҳои *ҷондор* ва *сайд* серистеъмол мебошад. Тибқи маълумоти муҳаққиқ С. Хоркашев (ҳоло Раҳматуллозода С.) дар дигар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ибораи мазкур бо вожаи *сайд* ифода меёбад [13, 150].

Бузи кӯҳии модинаи то сесола ба мисли бузи хонагӣ бо вожаи *чапъш* ва аз сесола боло бо вожаи умумитоҷикии буз дар шакли ***бъз*** ифода карда мешавад.

Инчунин, ҷиҳати номи умумии буз ибораи *моли бъзина* «бузҳо» кор фармуда мешавад. Мисол: *Awал моли бъзинара wреш бъкнет баъд мешинара* (Ст.).

Бояд зикр намуд, ки гурӯҳбандии номгузории фарқкунандаи умумии буз аз рӯйи хусусияти маъноӣ ба номгузории гӯсфанд хеле монанд буда, якчанд гурӯҳи луғавиро ташкил медиҳад.

1. Истилоҳоти бузпарварӣ вобаста ба синну сол

Яке аз нуктаҳои муҳим дар раванди таҳқиқ, таҳлилу баррасии калимаҳои вобаста ба синну соли ҳайвонот маҳсуб меёбад.

Аломатҳои тавсифкунандаи синнусолии буз, ба номҳои умумии синнусолии гӯсфандон қариб монанд мебошад. Онҳо нишондодҳои синну сол ва ҷинси табииро инъикос мекунанд.

Аз рӯйи синну сол барои бузғолаи то дусола вожаи *бъча* кор фармуда мешавад. Бояд зикр намуд, ки ҷиҳати ифодаи ҷинсияти табиӣ-биологии бузғола калимаи мустақил вуҷуд надошта, аломати биологӣ тавассути воситаҳои тавсифдиҳанда ифода карда мешавад. Масалан: *бъчайи нар* «бузғолаи нар», «*бъчайи мода* - бузғолаи мода». *Бъчойи нара ба зак барет* (Дт.). Ҳамин тавр бузғолаи навзодро *бъчайи навшудагӣ* ва бузро баъди зоиданаш то 2 моҳ *бъзи зоидагӣ* меноманд. Нисбат ба бузғолаи то якмоҳа истилоҳи *тарък* кор фармуда мешавад.

Синни бузғолаи то яксола аз рӯйи ҳисоб монанди аломатҳои умумии барра ба таври пайдарпайӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

Ҳисоби син аз рӯйи рӯз, ки то якмоҳа шудани бузғола*: бъчаи динагӣ* «бузғолаи рӯзи гузашта зойидашуда», *бъчаи паперина//паперӯза* «бузғолаи ду рӯз пеш зойидашуда», *даҳрӯза бъча* «бузғолае, ки аз рӯзи зойида шуданаш 10 рӯз гузаштааст» ва ғ.

Ҳисоби синни бузғола аз рӯйи моҳ барои гурӯҳи синну сол аз якмоҳа то чормоҳа: *бъчаи дъмоҳа* «бузғолаи думоҳа», *бъчаи семоҳа* «бузғолаи семоҳа».

Ҳисоби синни бузғола аз рӯйи фасли зойида шуданаш, аз чормоҳагӣ то яксола шудани бузғоларо дар бар мегирад: *бъчаи тирамойи* «бузғолаи тирамоҳӣ», *бъчаи тобистона* «бузғолае, ки тобистон зоида шудааст», *бъчаи бори* «бузғолаи баҳорӣ».

Ҳисоби синну сол аз рӯйи сол, аз як то 2-сола: *бъчайи поринагӣ* «бузғолае, ки соли гузашта зойидашуда», *бъчайи имсола* «бузғолае, ки ҳамин сол зойида шудааст».

Барои ифодаи гурӯҳи фарқкунандаҳои умумии синну соли бузи мода аз 2 то 3-сола вожаи *чапъш* «бузе, ки бори аввал мезояд» ва вожаи

бъз нисбат ба бузи аз 3-сола боло истифода мешавад. Мисол: *Чапъшък имсол бъча мекна* (Анд.).

Бояд зикр намуд, ки дар бисёр мавридҳо ҳайвоноти хонагиро аз рӯйи зарурат мояҳои говҳои нар (барои боқувват ва ба ҷуфтронӣ тобовар будан) гӯсфанду бузро (барои фарбеҳ шуданашон) ва ба таври махсус бурида мепартоянд, ки онҳоро *ахтакарда/-гӣ* (барзагови ахтакардагӣ, барраи ахтакардагӣ) ном мебаранд.

Нисбат ба бузи нар вобаста ба ахта будан вожаҳои *нарбъча, нарбъз* ва нисбат ба ноахта будан вожаҳои *такка* ва *шъг* кор фармуда мешавад. Вожаи *нарбъча* нисбат ба бузи нари аз ду то сесола ва *нарбъз* нисбат ба бузи нари аз сесола боло истифода мешавад. Мисол: *Нарбъчара ба нубат назанет, ки ахташ кардан*; *Нарбъзи калон бъзора шох мезана* (Кл.).

Бузи калони ноахта, ки дар вақти чӯпонӣ (нубат) пешопеши рама рафта, рамаро аз паси худ мебарад, бо таркибҳои *таккаи пеши мол, таккаи сари мол* ва ғайра корбурд шуда, дар лаҳҷаҳои дигар, аз ҷумла, шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар шакли *шаҳбъз* ба маънои «такка, саргала, рамакаш» [13, 151; 3, 810] корбаст мешавад.

Вожаи *шъг* низ ҳамчун муродифи вожаи *такка* нисбат ба бузи нари ноахта корбурд шуда, дар шакли феъли таркибии *шъг рафтан* мафҳуми «ҷуфтшавӣ, алоқа намудан»-ро ифода мекунад.

2. Истилоҳоти фарқкунанда аз рӯйи ранг

Теъдоди зиёди номҳои хоси буз номгӯйи ифодакунандаи гуногунрангии ранги пашми ҳайвонотро ташкил медиҳанд. Бояд зикр намуд, ки ин гуна номгузорӣ, дар бисёр ҳолат аз номгузории гӯсфанд фарқ намекунад.

Барои ифодаи ранги ягона ва умумӣ, одатан, номи рангҳои *съфе(д)* «сафед», *съйа* «сиёҳ», *зард* "зард», *бур* «бӯр» ва ғ., ки ба сифати номи хоси буз ва дигар ҳайвоноти хонагӣ корбурд мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба сифати номҳои фарқкунандаи умумӣ ба монанди номгӯйи гӯсфанд вожа ва форманти *-ала*, *(-ранг),* ки ранги асосиро нишон медиҳад, истифода мешавад. Мисол: *бъзи зардала* «бузе, ки ранги зарди паст дорад», ***бурала*** «бузе, ки ранги бӯр дорад», *съйаала* «бузе, ки ранги сиёҳу сафеди омехта» дорад. *Анвар бъзи зардалаша фърухт*; *Бъзи бурранг да бог мечара* (Анд.).

Бояд зикр намуд, ки нисбат ба ранги пӯст ва мӯйи одамон низ калимаҳои нишондиҳанда бо воситаи унсурҳои калимавӣ ба роҳ монда мешавад, ки вазифаи морфемаи ифодакунандаро пасванди *–фом* ва муродифи он унсури калимавии ***-ранг*** ичро мекунад. Унсури мазкур ҳангоми ноаён ва пасттар будани ранг корбурд шуда, бо рангҳои асосии ифодакунанда якҷо меояд: *сърхранг, зардранг, сабзранг,*

сиёҳфом, сурхфом ва ғ. Унсури калимавии *-ранг* дар забони адабӣ хеле маъмул мебошад.

3. Калимаҳои ифодакунандаи гуногунии ранг ё баъзе аъзои бадани буз (ҳайвонот)

Ин гурӯҳи истилоҳҳо аз рӯйи фарқияти номгузорӣ нисбат ба гӯсфандон кор фармуда намешавад. Чунки, аксар маврид, аломатҳои фарқкунандаҳои онҳо баробар намеояд. Масалан, гӯсфандон дар рӯяшон 2 хатти рости фарқкунанда надоранд, вале бузҳо дорои чунин аломат мебошанд. Дар баъзе ҳолат, аз рӯйи аломатҳои якхела номи гуногунро ифода мекунанд. Мисол, нисбат ба гӯсфанде, ки дар гӯшаш хол дорад вожаи *холгӯш* ва нисбат ба буз вожаи *смохгӯш* истифода мешавад.

Номи фарқкунандаи буз аз рӯйи хусусиятҳои асосии узвҳои алоҳида бо роҳи калимасозӣ гузошта шуда, вобаста ба ифода фарқ мекунад:

1. Номҳое, ки бо калимаҳои мураккаб баён мешаванд. Аз рӯйи хусусияти морфологӣ, онҳо калимаҳои мураккаб буда, якҷо навишта мешаванд: *съйасар* «сиёҳсар», *зар(д)сар* «бузе, ки тори сараш зард аст», *смохгӯш* «бузе, ки холҳои хурд дар гӯшҳояш дорад» ва ғ.
2. Номҳое, ки бо воситаи унсурҳои пайвасткунанда ифода карда мешаванд: *сфепъшт, зардпъшт* «нақши сафед (зард) дар пушташ», *бурпъшт* «бузе, ки нақши бӯр дар пушташ дорад».

Бояд зикр намуд, ки аксар маврид, ба сифати унсури асосӣ вожаи буз корбурд мешавад. Мисол: *Бъзи съфеқамари апаи Сафарбегим да нубати мо гум шъдаст* (Сб.).

Мутобиқи маъно номгӯйи бузҳо аз рӯйи аломатҳои узвҳои муайян фарқ карда шуда, онҳоро ба гурӯҳҳои зер ҷудо кардан мумкин аст:

1) **номгӯйе, ки ранг ва намуди гӯшҳоро муайян мекунад:** *съйагуш* «сиёҳгӯш», ***смохгуш*** «холҳои сафеди майда дар гӯшҳояш».

2) номгӯйе, ки ранги сарро муайян мекунад: *съйасар* «сиёҳсар», *зардсар* «сараш зард», *матowсар* «дар сараш нақши сафед ба мисли моҳтоб дорад».

3) номгӯйе, ки ранги пушт ва шикамро муайян мекунад: *гълпъшт* «бузе, ки нақш дар пушташ дорад», *қамар* «бузе, ки паҳлуҳои шикамаш сафед», *зардқамар* «бузе, ки нақш ё хатти зард дар шикамаш».

4) номгӯйе, ки ранги баъзе узвҳои дигарро муайян мекунад: *алапоча* «пойҳояш сиёҳу сафед», *съфепо, съфепок* «сафедпо, сафедпояк» ва ғ.

Дар вожаи *съфепок* фонемаи ***-к*** мафҳуми навозишро ифода намуда, ҳамчун пасванди ифодакунандаи хурдию навозиши *-ук//-ък*

истифода шуда, ки муодили он дар забони тоҷикӣ пасванди *–ак* (-як) мебошад.

Агар бузҳо дар пушташон ягон намуди нақш дошта бошанд, онҳо аз рӯйи он низ номгузорӣ мешаванд: *Towапъшт* «бузе, ки дар пушташ нақши гирди тобамонанд дорад» Масалан: *Бъзи towапъшт ай агел баромадаст* (Ст.).

Бояд зикр намуд, ки намуди ифодакунандаи рангҳо метавонанд маъноҳои зиёд дошта бошанд. Як вожа 3-4 намуди умумии ранг, нақш ё хатро ифода мекунад: *зардала* -1) «бузе, ки аз паҳлу хатти зард дорад», 2) «зарди алотоб»; *бурқамар* -1) «бузи бур бо нақш аз паҳлу», 2) «аз ду паҳлу ранги бур дорад».

Аз мисолҳои овардашуда метавон хулоса кард, ки сифатҳо ду рангро нишон додаанд, яке ранги муайянкунандаи бадани ҳайвонот ва дигар тобиши дохилии аз ҳама назарраси ранг, ки фарқ кунад. Мисол, дар номи *зардқамар* унсури қамар нишон медиҳад, ки ҳайвони зард аз паҳлуи шикамаш нишони сафед дорад. *Бъзи қамари бура вреш кънетъ бъзмуйи съфеша алойида кънет* (Гч.).

4. Истилоҳҳои фарқкунандаи буз аз рӯйи аломатҳои модарзодӣ

Номҳои тавсифкунандаи бузҳо аз рӯйи аломатҳои модарзодӣ хусусиятҳои асосии ягон аъзои баданро ифода мекунанд. Аксари чунин истилоҳҳо барои бузу гӯсфандон умумӣ мебошанд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, номҳое дохил мешаванд, ки ягон аъзои баданаш нуқсон дорад. Мисол, нуқсони сум ва зерсум//шулчук: *качпо, члоқ, баромадагипо, бешлчък* ва ғ.

Ин гуна номҳо, чун қоида, дар шакли *бъзи члоқ* «бузе, ки шакли сумҳояш тағйирёфта мебошад», *бъчайи бешлчък* «бузғолае, ки шулчук надорад, пойҳояш нуқсони модарзодӣ дорад» ва ғ.

Номҳои дигар аз рӯйи ифодаи хусусиятҳои модарзодӣ аз номи гӯсфандон фарқ карда, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) Номҳое, ки хусусияти асосии шохҳоро ифода мекунанд

Бузҳо аз рӯйи мавҷудияти шохҳояшон номгузорӣ карда мешаванд, ки дар қатори хусусиятҳои номи онҳо ин гуна хусусият нақши муҳим дорад. Агар гӯсфандон аз рӯйи аломати шохҳо бо ибораи *меши шохин, шохинък*, *нъземи шохин, нарбараи шохин* ифода карда шаванд, вале аз бузҳо баръакс, надоштани шох аломати фарқкунандаи онҳо буда, бо истилоҳи *кал* ифода карда мешавад. Мисол: *бъзи кал* «бузе, ки шох надорад", *бъчаи калък* «*бузголае, ки шох надорад*». Вожаи кал дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «сари бемӯ» омадааст [8, 604]. Дар гӯйиши Ғорон вожаи кал ба ҳарду маъно кор фармуда мешавад. Бузҳо аз рӯйи намуди шох, асосан, бо воситаи калимаҳои мураккаб номгузорӣ шуда, сифат бо калимаи шох меояд: *чангшох (-ък*) «бузе, ки шохҳои чангмонанд – хамида дорад», *чукшох* «бузе, ки

шохҳои рост дорад», *чапаршох* «бузе, ки шохҳояш ба паҳлуҳо тобхӯрда мебошанд», *ҷондоршох* «бузе, ки шохҳои дароз дорад» (шохҳояш ба ҷондор «архар, гӯсфанди кӯҳӣ» монанд).

Дар иртибот ба вожаи *чапар* бояд зикр намуд, ки чапар ҳамчун ҳамгун дар гӯйиши Ғорон ба маънои абзоре, ки барои нарм кардани донагиҳо истифода мешавад, корбурд мешавад.

б) Номҳое, ки хусусияти гӯшҳоро ифода мекунанд

Бояд зикр намуд, ки барои ифодаи аломат ва хусусияти гӯшҳо вожаҳои алоҳида истифода мешавад. Барои буз ва гӯсфанде, ки гӯшҳои кӯтоҳ дорад вожаи *қър* ва нисбат ба бузҳое, ки гӯшҳои калону кашол доранд, вожаи *лаппагӯш* корбурд мешавад.

Инчунин, бузҳоро аз рӯйи намуди берунии гӯшҳояшон номгузорӣ мекунанд: *чапгӯш* «бузе, ки гӯшҳояш чапгашта мебошад» ё бо таъсири одам тағйир ёфтаанд (*доггӯш* «бузе, ки гӯшҳояш холҳои сунъӣ дорад», *смохгӯш* «бузе, ки гӯшҳояш сӯрох карда шудааст».

в) Номҳое, ки хусусияти асосӣ ва модарзодиро ифода мекунанд

Номҳое, ки чунин хусусиятро ифода мекунанд, аз ду ҷузъ иборат мебошанд, ки яке ранги бузмӯй ва дигаре хусусияти дигар узвҳои ҳайвонотро нишон медиҳад. Мисол: *съйаи қър* «сиёҳи кӯтоҳгӯш», *бури кал* «бӯри бешох», *съйасари кал* «сиёҳсари бешох», *гълпъшти качпо* «бузе, ки дар пушташ нишон ва поҳои кач дорад».

Бояд қайд намуд, ки чунин навъи номгузорӣ барои фарқ намудани ду ё зиёда ҳайвоне, ки хусусияти баданашон якхел буда, вале гӯянда мехоҳад ҳайвони муайянро нишон диҳад, корбурд мешавад. Мисол: *Бъчайи бъзи качпо бъзи съйаи кала мемака* (Дт.).

5. Истилоҳҳои таъиноти хоҷагидорӣ

Қисми зиёди калимаву истилоҳҳои ифодакунандаи таъиноти хоҷагидорӣ барои гӯсфанду бузҳо якхел буда, вале бархе аз истилоҳҳо нисбати бузҳо истифода намешаванд, аз ҷумла, истилоҳи *қърбонӣ*.

Хусусияти таъиноти хоҷагӣ аз рӯйи ахтакарда ё ноахта будани бузҳои нар ва наслдиҳандагии бузҳои мода муайян карда мешавад. Нисбат ба бузҳои ахтакарда ё ноахта калимаҳои ахтакарда, ноахта, инчунин, номҳои синнусоли *нарбъча* «бузи нари ахтакардаи ду-сесола», *нарбъз* «бузи нари аз 3-сола боло» ва нисбат ба бузи нари ноахта истилоҳи *такка, шъг* истифода мешавад. Нисбат ба бузи наслдиҳандаи аз ду то сесола истилоҳи *чапъш* кор фармуда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бузҳо аз рӯйи таъинот ба монанди гӯсфандон, гӯштӣ ва ширӣ мешаванд. Бузҳои нари ахтакардаро, асосан, барои гӯшташон парвариш мекунанд ва бузҳои шириро бошад, барои ширашон. Шири буз хусусияти зудҳазмшавандагӣ дошта, аз ин рӯ, барои кӯдакони то яксола, асосан, шири буз медиҳанд.

Бузҳоро низ ба монанди гӯсфандон барои истифода муваққатӣ ба дигар кас барои гирифтани насл ё ширхор медиҳанд ва онро *бъзи нимсуд* меноманд. Агар чунин бузҳо дар хоҷагӣ якчандто бошанд, онҳо ба номи соҳиби пештара ном мебаранд. Мисол: *Бъзи Салима* «бузе, ки ба Салима барои истифодаи муваққатӣ дода шуда буд». Агар 3 ё зиёдтар буз барои истифодаи муваққатӣ ба як одам дода шуда бошад, аз рӯйи аломатҳои фарқкунандаи модарзодӣ ном мебаранд. *Бъзи съйасари кала ба апаи Нисо баройи ширхор додъм* (Вг.).

6. Зоти бузҳо

Дар водии Ғорон вобаста ба шароити ҷуғрофӣ, асосан, зоти *бузҳои ҷойдорӣ* парвариш карда мешавад. Дар давраи ҳозира, инчунин, зоти *бузҳои ангорӣ,* ки бузмӯйи маҳин (тибит) доранд, дар хоҷагиҳо парвариш карда мешавад. Қайд кардан ба мавриди аст, ки бузи ангориро асосан барои тибит парвариш мекунанд, чунки аз он ҳар гуна либосворӣ тайёр мекунанд. Вожаи мазкур дар гӯйиши Ғорон дар шакли ***тебът*** ифода меёбад.

Вожаи *тибит* дар Фарҳанги «Бурҳони қотеъ» чунин маънидод шудааст: «тибит – пашми нарме бошад, ки аз буни мӯйи буз ба шона бароваранд ва аз он шоли нафис бофанд» [2, 269]. Ҳаммаънои вожаи *тибит* вожаи *пат* мебошад, ки он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин баён шудааст: «пат – пашми нарме, ки аз таги мӯйи ҳайвонот, аз қабили буз ва гӯсфанд гирифта мешавад, тибит» [9, 45] «пат – 1. пашми нарме, ки аз таги мӯйи ҳайвонот, аз қабили буз ва гӯсфанд мебарояд, тибит. 2. Қабати нарми пашммонанд, ки бар рӯйи баъзе чизҳои бофта пайваста аст: пати бахмал, пати қолин. 3. аз пат бофташуда; гилеми пат» [11, 82].

Албатта, мӯйи бузҳои ҷойдорӣ аз бузҳои ангорӣ, вобаста ба сифати мӯйи онҳо, фарқ мекунад. Дар гӯйиши тоҷикони Ғорон ибораи «мӯйи буз» бо вожаи «***бузмӯй***» ифода карда мешавад, ки он аз пашм фарқи зиёд дорад.

Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ба ҳамин маъно наздик вожаи *бузашм* оварда шудааст, чунин шарҳ дода шудааст: «бузашм – пашми нармро гӯянд, ки аз буни мӯйи буз бирӯяд ва онро ба шона бароранду битобанд ва аз он шол бофанд» [2, 75]. Дар Фарҳанги мазкур шакли дигари он бо тағйирёбии овоии фонемаи «т» ба «д» вожаи «*тибид*» оварда шудааст, ки ба вожаи *тибит* ҳаммаъно шарҳ дода шудааст: «*тибид* – мӯйе бошад бағоят нарм, ки аз буни мӯйи буз ба шона бароранд ва аз он шол бофанд» [2, 269]. Вожаи мазкур дар забони имрӯзаи тоҷикӣ роиҷ нест, вале ҳаммаънои он вожаҳои *пат* ва *тибит* маъмул буда, дар лаҳҷаҳои водии Зарафшон «бузпашм» ё «бузму» мегӯянд. Мисол: «Ҷуволи бузпашм, шоли бузпашм, ресмони бузпашм ё

дастбанду побанди бузмӯ», «пардуми бузму», ки ин ибораҳоро дар шеваҳои Ғӯсару Мазори Шарифи шаҳри Панҷакент то имрӯз истифода мебаранд (гӯянда: Р.Зулфониён, – зодаи деҳаи Ғӯсар).

Аз шарҳи фарҳангҳои мазкур ва иқтибоси гӯяндагон метавон хулоса кард, ки дар ҳақиқат, тибит мӯйи нарм буда, онро аз буни мӯйи буз мегиранд ва аз он либосҳои гуногун тайёр мекунанд. Дар гӯйиши Ғорон низ вожаи мазкур чунин мафҳумро ифода мекунад.

Аз ин рӯ, парвариши зоти бузҳои ангорӣ дар баробари бузҳои ҷойдорӣ дар рӯзгор аҳаммияти калон дорад.

Бояд зикр намуд, ки бо вожаи *буз* калимаҳои зиёде аз ҷиҳати сохт ва маъно гуногун ба монанди *бузак, бузбозӣ, бузворӣ, бузгола, буздил, бузича, бузкаш, бузпарварӣ, бузриш, бузгала, бузбонӣ, бузкашӣ* ва ғайра сохта шудааст, ки аз маъмул будани он дар забони адабии ҳозираи тоҷик ва шеваю лаҳҷаҳо дарак медиҳад.

Аз таҳлилу баррасии мавод дар бахши мавзуи мазкур маълум мешавад, ки вожагони марбут ба чорвои хурди хонагӣ яке аз бахшҳои муҳимми лексикаи чорводорӣ ба шумор рафта, аксарияти онҳо калимаҳои умумитоҷикианд, ки аз даврaҳои дури таърихи забон сарчашма мегиранд.

Рӯйхати ихтисораҳо:

Анд. – Андароб
Вг. – Вогз
Гч. – Гармчашма
Дт. – Дашт
Кл. – Кӯҳилал
Сб. – Сниб
Ст. –Сист
Шб. – Шанбедеҳ

Китобнома:

1. Бердиқулов, Ҳ. Лексикаи чорводории водии Зарафшон: рис. ном. илм. филол. [Матн] / Ҳ. Бердиқулов. – Душанбе, 1992. – 132 с.
2. Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 3. / М. Бурҳон. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
3. Маҳмудов, М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 946 с.

4. Мирбобоев, А. Лексика животноводства ваханского языка: дис. канд. филол. наук. [Текст] / А. Мирбобоев. – Душанбе, 1991. – 205 с.
5. Ниматов, Г. Лексикаи чорводории забони яғнобӣ / Г. Ниматов – Душанбе: Дониш, 1998. – 187с.
6. Рӯзиев, М. Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»): рис. ном. илми филол. [Матн] / М. Рӯзиев. – Душанбе, 2022. – 171 с.
7. Саидов, Р. Шеваҳои Вахиёи Боло: рис. … д-ри илм. филол. [Матн] / Р. Саидов. – Душанбе, 1970. – 313 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – 952 с
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. –М.: Советская Энциклопедия, 1969. – 952 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1– Душанбе, 2010. – 996 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2010. – 1095 с.
12. Фарҳодова, С. Истилоҳоти ифодакунандаи гӯсфанд дар гӯйиши тоҷикони Ғорон [Матн] / С. Фарҳодова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе. - 2019. – №3 (80). – С. 65-70.
13. Хоркашев, С. (Раҳматуллозода С.) Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзӯии таркиби луғати лаҳҷа / С. Хоркашев. - Душанбе: Маориф, 2014. – 233 с.
14. Зулфониён Раҳим Рачабзода – гӯянда, сокини ш. Душанбе, (зодаи деҳаи Ғӯсари шаҳри Панҷакент, с.т.: 1964).

ТДУ: 811.221/.222:81(092)

ПАЖӮҲИШҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ М. С. АНДРЕЕВ

Азорабекова Ширингул Мамадмуродбековна[10]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии саҳми арзишманди шарқшиноси маъруф ва этнограф М.С. Андреев дар омӯзиҳши забонҳои мардуми Осиёи Миёна бахшида шудааст. Дар мақола фаъолияти илмии муҳаққиқ дар самти омӯзиши забонҳои помирӣ, забони яғнобӣ, лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф бо такйя ба осори илмӣ ва маводи бойгониву этнографӣ нақши М.С. Андреевро ҳамчун яке аз бунёдгузорони таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи забону лаҳҷаҳои Тоҷикистон нишон медиҳад.

Дар мақола таъкид мегардад, ки паҷӯҳишҳои М.С. Андреев барои ҳифз ва муаррифии мероси забонӣ ва фарҳангии тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ арзиши бузурги илмии худро то ба имрӯз нигоҳ доштаанд. Ҳамчунин саҳми ӯ дар ҷамъоварии маводи фолклорӣ, таҳияи луғатҳо, омӯзиши хусусиятҳои лаҳҷавӣ ва таҳқиқи таърихи забонҳои маҳаллӣ ваа бори нахуст муаррифӣ намудани забонҳои язгуломӣ, яғнобӣ, хуфӣ нишон дода шудааст. Муаллиф аҳамияти осори илмии Андреевро барои рушди пайвастагии забоншиносии муосир, этнография ва фарҳангшиносӣ арзёбӣ намуда, нақши осори ӯро дар омӯзиши масоили гуногуни забон ва фарҳанг ва робитаи онҳо бо ҳамдигар ва вижагии этнофарҳангии забон таъкид мекунад.

Калидвожаҳо: *М.С. Андреев, шарқшиносӣ, забоншиносӣ, этнография, забони яғнобӣ, забонҳои помирӣ, фарҳанги миллӣ, мероси илмӣ, тоҷикон, Осиёи Марказӣ.*

Лингвистические исследования М. С. Андреева

В исследовании анализируется фундаментальный вклад выдающегося востоковеда и этнографа М. С. Андреева в изучение языкового ландшафта Центральной Азии. Основное внимание уделено его научной деятельности,

[10]**Азорабекова Ширингул Мамадмуродбековна** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, ходими калони илмӣ . Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 939318339; e-mail: azorabecova.shiringul@mail.ru.

Азорабекова Ширингул Мамадмуродбековна – Институт гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова НАНТ, старший научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 939318339; e-mail: azorabecova.shiringul@mail.ru.

Azorabekova Shiringul Mamadmurodbekovna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician Bahodur Iskandarov of the NAST, Senior Researcher. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 939318339; e-mail: azorabecova.shiringul@mail.ru.

направленной на филологическое описание памирских языков, ягнобского языка и различных диалектов таджикского языка. Опираясь на опубликованные труды, а также архивные и этнографические материалы, автор определяет роль М. С. Андреева как одного из основоположников академического исследования языков и диалектов Таджикистана.

В работе подчеркивается непреходящая научная ценность наследия исследователя для сохранения и репрезентации лингвистического и культурного достояния таджиков и других народов Центральной Азии. Подробно освещены его заслуги в сборе фольклорного материала, лексикографии, диалектологии и исторической лингвистике, включая новаторские описания язгулямского, ягнобского и хуфского языков. Автор оценивает междисциплинарное значение трудов М. С. Андреева для современной лингвистики, этнографии и культурологии, акцентируя внимание на этнолингвистических связях и культурно-языковом синкретизме в его исследованиях.

Ключевые слова: *М. С. Андреев, востоковедение, лингвистика, этнография, ягнобский язык, памирские языки, национальная культура, научное наследие, таджики, Центральная Азия.*

Linguistic research of M. S. Andreev

This article is devoted to the analysis and examination of the valuable contribution made by the renowned orientalist and ethnographer M.S. Andreev to the study of the languages of the peoples of Central Asia. The article analyses the researcher's academic work in the field of the study of the Pamir languages, the Yagnob language and various dialects of the Tajik language. Drawing on academic works, archival and ethnographic materials, the author highlights the role of M.S. Andreev as one of the pioneers of academic research into the languages and dialects of Tajikistan. The article emphasises that M.S. Andreev's research retains its great scientific value to this day for the preservation and presentation of the linguistic and cultural heritage of the Tajiks and other peoples of Central Asia.

It also highlights his contribution to the collection of folklore materials, the compilation of dictionaries, the study of dialectal features and the history of local languages, as well as the first documentation of the Yazgulyamii, Yagnobi and Khuf languages. The author assesses the significance of Andreev's scholarly works for the development of links between modern linguistics, ethnography and cultural studies, emphasising the role of his works in the study of various issues of language and culture, their interrelationships, and the ethno-cultural specificity of language.

Keywords: *M.S. Andreev, oriental studies, linguistics, ethnography, Yaghnobi language, Pamir languages, national culture, scientific heritage, Tajiks, Central Asia.*

М.С. Андреев яке аз мадумшиносони барҷастаест, ки дар омӯзиши этнографии мардуми Осиёи Миёна саҳми бузурге гузошта яке аз асосгузорони илми мардумшиносӣ дар ин минтақа ба шумор меравад. Дар баробари ин дар осори илмии ӯ пажӯҳишҳои забоншиносӣ низ мавқеи муҳим доранд ва метавон эшонро чун забоншинос низ муаррифӣ намуд. Пажӯҳишҳои забоншиносии М.С. Андреев то ба имрӯз низ аҳамияти илмии худро аз даст надодаанд.

Маълумоте, ки ӯ оид ба забонҳои мардуми Осиёи Марказӣ ҷамъоварӣ намудааст, арзиши баланди илмӣ дошта, дар пажӯҳишҳои забоншиносӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Б.А. Литвинский чун забоншинос ба воя расидани М.С. Андреевро таъкид намуда, нвишта буд: “ Шахсе, ки танҳо дар сатҳи семинарияи омӯзгорӣ маълумоти мунтазам гирифтааст, олими барҷаста, забоншинос, муҳаққиқ-этнограф мегардад ва ба ҳайси ректори аввалин муассисаи олии таълимӣ дар соҳаи шарқшиносӣ дар Осиёи Марказӣ - Институти шарқшиносиро роҳбарӣ мекунад” [7, 3].

Табиат ба М.С. Андреев қобилияти фавқуллода ва беназир ато карда буд. Вай шахси воқеан боистеъдод буд, ки гӯё махсус барои пажӯҳишҳои забоншиносӣ ва этнографӣ офарида шуда бошад. Вале аз ин ҳам ҷолибтар меҳнатдӯстии Ӯ мебошад, ки монда нашуда, моҳ ба моҳ, сол ба сол, даҳсола ба даҳсола маводи илмӣ ҷамъоварӣ мекард ва барои танаффус истироҳатро напазируфта, аз ягон душворӣ намеҳаросид. Ӯ меҳнати хастанопазир мекард ва шавқу ҳавасе, ки ҳадду канор надошт, ҳамон шавқу ҳавасе, ки ӯро бо роҳҳои кӯҳӣ баромадан ба сафарҳои тӯлонӣ, ба хавфу хатар муқобил баромада, ба маҳалҳое, ки аслан пур аз дастаҳои босмачиҳо буд, водор мекард. Ӯ маошашро барои харидани нигораҳои нодири этнографӣ барои осорхонаҳо харҷ мекард. Олими 70-сола, ки гирифтори беморӣ буд, боз ба экспедитсияи душвортарин - ба водии баландкӯҳи Хуф, ки ба дилаш хеле наздик буд, равон мешавад ([1, 27].

М. С. Андреев зодаи шаҳри Тошканд буд ва аз хурдӣ ба аз худ намудани забони мардуми маҳаллӣ шавқу ҳаваси беандозадошт. Падари ӯ низ аз синни ҷавонӣ дар байни мардуми бумӣ зиндагӣ мекард ва забону анъанаи мардумро меомӯхт ва нисбати онҳо эҳтироми зиёде дошт.

М.С. Андреев маълумоти ибтидоиро дар гимназияи мардонаи Тошканд гирифта, дар он ҷо шаш сол: ду сол дар синфҳои тайёрӣ ва чор сол дар синфҳои асосӣ таҳсил намуд. Вай бо ёдоварӣ аз замони дар гимназия таҳсил карданаш мегӯяд, ки хеле муваффақ буд ва ҳатто соҳиби ифтихорнома ҳам гардид.

Бойгонии давлатии марказии таърихии РСС Узбекистон ҳуҷҷатҳои имтиҳоноти толибилмони синфи чоруми гимназияи мардонаи Тошкандро бораи соли 1889 маҳфуз доштааст, ки дар онҳо баҳоҳои имтиҳони ҷорӣ ва солонаи М.С. Андреев қайд гардидаанд. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои мазкур муайян мегардад, ки ӯ хеле боғайрат будааст ва дар хондан кӯшиши зиёд ба харҷ додааст.

М.С. Андреев ҳанӯз ҳангоми дар семинария таҳсил карданаш ба забонҳои маҳаллӣ шавқу рағбати зиёд пайдо карда, ба омӯзиши онҳо

шурӯъ намуд. Албатта, аз худ намудани забонҳои маҳаллӣ барои писарбачае, ки на муаллим дошт ва на китобҳои дарсӣ, хеле душвор ва заҳматталаб буд. Аз ин ҷост, ки дар соли 1889 ӯ чор синфи боқимондаи мактаби миёнаро тамом накарда ба семинарияи муаллимии Туркистон, ки он замон дар Тошканд ягона буд, мегузарад. Дар ин ҷо забонҳои форсӣ (тоҷикӣ) ва арабиро таълим медоданд, ки баъдан забоншинос дар ин бора менависад: "Падару модарам ба даромади ками худ нигоҳ накарда, маро ба гимназияи Тошканд фиристоданд. (ман писари ягона будам). Дар он ҷо таҳсилро идома дода, ба забонҳои маҳаллӣ, ки намедонистам, шавқи муайяне пайдо карда, барои омӯхтанашон талош намудам. Ин барои писарбачае, ки роҳнамо ва замина надошт, хеле гарон буд, агар имконнопазир бошад. Аз ин лиҳоз ман гимназияро тарк карда, ба семинарияи муаллимони маҳаллӣ гузаштам ва он ягона ҷое буд, ки дар он ҷо на танҳо забонҳои маҳаллӣ (форсӣ, узбекӣ ва муддате арабӣ) таълим дода мешуд, балки коршиноси маъруфи забонҳо ва урфу одатҳои мардуми Осиёи Марказӣ В.А. Наливкин ба таълиму тадрис машғул буд [1, 32].

Ба барномаи таълимии семинар фанҳои зерин дохил мешуданд: педагогика, русӣ ва славянии калисо, риёзӣ, забонҳои маҳаллӣ: узбекӣ ва форсӣ (тоҷикӣ), таърихи Русия ва маълумоти мухтассари таърихи умумӣ, ҷуғрофия, табиатшиносӣ ва физика, амалияи забонҳои маҳаллӣ: узбекӣ ва форсӣ (тоҷикӣ), ҳусни хат, нақшакашӣ, рассомӣ ва диншиносӣ.

Дар солҳои таҳсили М.С. Андреев дар семинарияи Тошканд руҳияи провославӣ-монархистӣ ва маҳдудфикрии бузурги шовинистӣ ҳукмрон буд. Дар маводҳои сершумори баъзеашон махфӣ, ки дар бойгонии марказии РСС Узбекистон маҳфуз мондаанд, дар бораи характери таълим дар семинария мактубҳои дастурдиҳӣ мавҷуданд. Аз ин рӯ ба забономӯзии толибилмон, махсусан, аз худ намудани забонҳои мардуми бумӣ диққати махсус дода мешуд. Ин ба Андрееви ҷавон имконият дод, ки ба аз худ намудани забонҳои мардуми Осиёи Миёна ҷиддан камари ҳиммат банданд.

Пешбарандагони сиёсати царизм дарк мекарданд, ки дар татбиқи "муваффақонаи" сиёсати русисозӣ нақши муҳим ба шахсоне таалуқ дорад, ки забонҳои маҳаллиро медонанд. Аз ин рӯ, ҳайати омӯзгорони семинария мекӯшиданд, ки хатмкунандагон забони аҳолии бумиро-шогирдони ояндаи худро-аз худ намоянд зеро, чунон, ки генерал-губернатор Розенбах таъкид мекард. "бе донистани забонҳои сартӣ ва форсӣ барои омӯзгори рус дар мактаби маҳаллӣ ҳеҷ гуна муваффақият вуҷуд надорад" [1, 34].

Омӯзиши забонҳои маҳаллӣ асосан ба мақсади пешбурди “муборизаи фарҳангӣ ва идеологӣ” бо тамоюлҳои худидоракунии маҳаллӣ, ки барои империя хатарнок шуморида мешуданд, равона мегардид. Сиёсати буржуазӣ- помещикӣ нисбат ба халқҳои Туркистон ба он равона буд, ки фарҳанги онҳоро маҳдуд созад, онҳоро дар ҷаҳолат нигоҳ дорад ва ниҳоят, то ҳадди иДар ҳамин давра М.С. Андреев дар мадрасаи Ишон-Кули-Додхоҳ ба таҳсил фаро гирифта шуда буд, ки ҳузур дар он муассиса аз ӯ риояи анъанаҳои маҳаллиро, аз ҷумла пӯшидани либоси миллӣ, тақозо мекард. Зимни иқомати худ дар бахши қадимаи шаҳри Тошканд, Андреев бо яке аз толибилмони мадраса - Мулло Мирзо Содиқ ошно мегардад. Ин ошноӣ ба ӯ имконият фароҳам овард, ки бо хонадони шахси муътабари маҳаллӣ-қозӣ Шариф-Ҳоҷӣ иртибот барқарор намояд. Дар идома, ӯ ба мадрасаи мазкур рафтуомади мунтазам пайдо карда, таҳти роҳбарии мударрис Убайдулло-Махсум, ки маълумоти олии диниро дар мадрасаҳои Бухоро гирифта буд [1,36].

Андреев таъкид мекунад, ки таҳсил дар мадраса барои ӯ на танҳо ҷолиб, балки дорои аҳамияти амиқи маърифатӣ буд. Ин муҳит ба ӯ имконият фароҳам овард, ки на танҳо бо забонҳо (ҳарчанд бо таъсири талаффузи бухоройӣ-тошкандии устодон), балки бо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ - аз ҷумла тарзи тафаккур, эътиқод ва анъанаҳои мардумӣ аз наздик ошно гардад. Дар самти омӯзиши забон, ин таҷриба ба ӯ имкон дод, ки маҳорати нутқии худро ба таври назаррас таҳким бахшида, ба гуфтори озод ва мутобиқ ба меъёрҳои маҳаллӣ даст ёбад.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи мазкур, ба диди ӯ, на танҳо дар ташаккули донишҳои илмӣ, балки дар рушди сифатҳои ахлоқӣ ва инсонии ӯ низ таъсири амиқ гузошт. Аз ҷумла, он боис гардид, ки ӯ нисбат ба намояндагони фарҳангҳои дигар эҳтиром ва таҳаммулпазирӣ зоҳир намуда, қобилияти дарк ва арзёбии ҷанбаҳои мусбати ҳаёти онҳоро, новобаста аз фарқиятҳои забонӣ ва фарҳангӣ, дар худ парвариш намояд.

Баъди ҷиддан машғул шудани М. С. Андреев ба этнографияи мардуми Тоҷикистон оид ба забону лаҳҷаҳо низ маълумот дода намунаҳи зиёди забониро сабт намудааст. Дар мақолаи М. С. Андреев, ҳарчанд хеле мухтасар бошад ҳам, бори аввал маълумот дар бораи ахлоқ, расму ойинҳо ва суннатҳои марбут ба таваллуд, хатна, ақди никоҳ ва тӯй, инчунин дар бораи кишоварзӣ, чорводорӣ ва шикори аҳолии Вахё оварда шудааст [1, 54].

Ба гуфтаи як муҳаққиқони муосир, дар «мақолаи нисбатан хурди М. С. Андреев бори аввал баъзе масъалаҳои фарҳанг ва зиндагии ҳаррӯзаи тоҷикони ин минтақаи дурдасти кӯҳистон ба таври муфассал

равшан карда шудаанд». Муаллиф дар асоси маълумоти пурсишӣ ба хулоса омадааст, ки аҳолии водии Хингоб, ки бо номи Вахиё низ маъруф аст, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад, ки бо лаҳҷаҳои гуногун сухан мегӯянд. Ин хулоса баъдан тавассути тадқиқоти минбаъда низ тасдиқ гардид [13 -10].

Лаҳҷаи тоҷикони Вахиёи Поён аз ҷиҳати забонӣ ба лаҳҷаҳои қаротегинӣ хеле наздик мебошад. Ин маълумоти М. С. Андреев минбаъд пурра таъйид шуд [13 -17].

Дар мақолаи дигаре бо унвони «Дар бораи маънои калимаи *“лангар”* », ки онро низ соли 1899 нашр кардааст, муаллиф оид ба баъзе маросимҳои мазҳабии тоисломии аҳолии маҳаллӣ маълумот медиҳад. Маъно ва вазифаи вожаи “лангар”, корбурди он дар топонимия Тоҷикистон баъдтар таваҷҷуҳи забоншиноси маъруф А. З. Розенфелдро ҷалб намуда, мақолаи муфассалеро оид ба ин масъала ба табъ расондааст [8, 861-864].

Соли 1902 М. С. Андреев ба Помир ва минтақаҳои наздисарҳадии он сафар анҷом дод. Ӯ дар Ош, Хоруғ, Вахон ва Ишкошим қарор гирифт ва баъдан бо ҳамон роҳ ба Тошканд бозгашт. Дар ҳамин сафар М. С. Андреев таваҷҷуҳи махсус ба вижагиҳои забони язғуломӣ зоҳир намуда, намунаҳои онро сабт кард. Ин сабтҳо баъдан дар Тошканд тавассути суҳбат бо як язғуломии ҳамсафараш такмил дода шуданд.

Бар асоси ҷадвали парадигмаҳои феълӣ, ки К. Г. Залеман таҳия намуда буд, М. С. Андреев ҷадвали феълҳои язғуломиро тартиб дод. Ин ҷадвал 180 калимаро дар шаклҳои зерин дар бар гирифтааст: шакли амр дар шумораи танҳо, шахси якуми шумораи танҳои замони ҳозира, шахси сеюми шумораи танҳои замони ҳозира, асоси замони гузашта, сифати феълии замони гузашта ва масдар.

Ин ҷадвалҳо соли 1904 аз ҷониби Академияи илмҳо барои чоп қабул гардида, 28 апрели соли 1908 барои нашр омода шуданд, вале баъдан нашри онҳо муваққатан боздошта шуд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти аҳамияти баланди илмӣ ва бо мақсади пешгирӣ аз хароҷоти нолозим, онҳо соли 1930 «дар ҳамон шакле, ки нашр дар замони худ оғоз гардида буд», ба табъ расиданд.

Аҳамияти бузурги илмии маводи гирдовардаи М. С. Андреев оид ба забони язғуломӣ аз истифодаи васеи он ҳатто то нашри расмӣ шаҳодат медиҳад. Ин маводро шарқшиноси маъруфи рус К. Г. Залеман ва эроншиноси фаронсавӣ Р. Готйе истифода бурдаанд

Дар бораи сафари соли 1902 ва оид ба забони язгуломӣ М.С. Андреев баъдтар навишта буд: «Ман бори аввал аз миёни аврупоиён аз мавҷудияти забони язғуломӣ огоҳ шудам ва ҷадвали феълҳоро ба ин забон таҳия кардам».

Ба эҳтимоли зиёд, М. С. Андреев аз кори дигар сайёҳи рус Г. А. Арандаренко бо номи «Фориғболӣ дар Туркистон», ки ҳанӯз соли 1889 нашр шуда буд, иттилоъ надошт. Дар он асар муаллиф ҳанӯз пеш аз М. С. Андреев рӯйхати 34 калимаи язғуломӣ ва се ҷумлаи пайвастаро оварда буд, ки онҳоро соли 1882 ҳангоми сафар ба Дарвоз ва Қаротегин сабт намудааст [6].

Тавре ки Д. И. Эделман таъкид менамояд, сарфи назар аз таҳрифоти ҷиддии фонетикӣ ва баъзан маъноии калимаҳое, ки Г. А. Арандаренко овардааст, ин сабтҳо барои илм аҳамияти калон доранд, зеро онҳо аввалин кӯшиши сабти нутқи язғуломӣ ба шумор мераванд. Бо вуҷуди он ки М. С. Андреев кашшофи аввалини забони язғуломӣ набуд, асари ӯ нахустин тадқиқоти густурдаи лингвистикӣ мебошад, ки пурра ба ин забон бахшида шудааст [14, 8].

М. С. Андреев фаъолияти илмии худро танҳо ба омӯзиши забони тоҷикӣ ва забонҳои тоҷикони помирӣ маҳдуд накардааст. Ӯ вақти зиёд ва қувваи фаровонро ба омӯзиши забонҳои дигар халқҳои Осиёи Марказӣ низ бахшидааст. Соли 1902 ӯ асаре бо номи «Элегияи қадимаи қирғизӣ»-ро нашр намуд, ки дар он тарҷумаи як шеър-элегияи қирғизӣ оварда шудааст. Ин шеър вазъи иҷтимоии мардуми қирғизро инъикос намуда, ҳамчун «нола» ё «марсия» арзёбӣ мегардад [1].

Ин асар на танҳо як нашри фолклорӣ буд, балки, чунонки яке аз этнографҳо дуруст қайд кардааст, хонандаро тавассути ойинҳо ва анъанаҳои қирғизӣ бо доираи васеи тасаввуроти анимистии ин халқ ошно менамуд, ки дар фолклор инъикос ёфтаанд. Дар элегия ҳамчунин маълумоти арзишманд оид ба рушди пешини низоми обёрӣ дар сарзаминҳои қирғизӣ мавҷуд аст.

Соли 1903 М. С. Андреев боз ба Помир сафар кард. Ӯ аз тариқи Ош роҳ пеш гирифта, сипас аз Вахон то Термез дар соҳили дарёи Панҷ поён фаромада, аз он ҷо ба Самарқанд ва баъдан ба Тошканд рафт. Дар ин сафар низ мавзӯи асосии омӯзиши ӯ на танҳо тарзи зиндагӣ буд, балки тафтишу таҳқиқи забонҳо низ машғул шуда буд.

Моҳи августи соли 1904 М. С. Андреев бо А. А. Половцев ба Исфара сафар намуданд. Ҳадафи асосии ин сафар нусхабардории навиштаҷоти яке аз ёдгориҳои ҷануби Ворух буд. Дар ҷараёни ин сафар М. С. Андреев якчанд гузориши дорои хусусияти бостоншиносӣ пешниҳод намуда, инчунин ба тарҷумаи навиштаҷоти гуногун ба забонҳои шарқӣ машғул шуд.

Дар мақолаи нисбатан кӯтоҳи худ бо номи «Кулчақандҳо дар сарзаминҳои назди Помир», ки соли 1905 нашр гардидааст, М. С. Андреев таъкид мекунад, ки минтақаҳои назди Помир аз ҷиҳати гуногунрангии этнографӣ ба Қафқоз монанданд. Ба гуфтаи ӯ, дар ҳар

як дара метавон лаҳҷаи хос, ойини нодир ва анъанаеро дид, ки ҳатто дар деҳаи ҳамсоя такрор намешавад.

Ин андешаҳои олим шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар оғози асри XX М. С. Андреев барои худ доираи мушаххаси вазифаҳои илмиро муайян намуда буд. Ӯ омӯзиши гузаштаи таърихии халқҳои помириро ҳадафи асосӣ қарор дода, қисми зиёди корҳои ҷамъоварда ва нашрнамудаи худро ба ин самт бахшид. Маҳз ҳамин тадқиқотҳо барои ӯ ҳам дар Русия ва ҳам дар Аврупои Ғарбӣ шуҳрат оварданд.

Ҳамзамон бо иҷрои уҳдадориҳои расмӣ, М. С. Андреев фаъолияти илмии худро қатъ накард. Ӯ ба омӯзиши забонҳои ҳиндустонӣ ва пашту пардохта, бо супориши Академияи илмҳо ба ҷамъоварии маводи забонӣ, этнографӣ ва коллексияҳо барои осорхонаҳои Русия шуруъ намуд. Дар бисёр мавридҳо ин кор бо харҷи шахсии худи ӯ анҷом мегирифт.

Соли 1907, пас аз гирифтани рухсатӣ барои бозгашт ба ватан, М. С. Андреев роҳи маъмулии баҳриро интихоб накард, балки бо роҳи хушкӣ аз Кашмир гузашта, тавассути кӯҳҳои Ҳимолой (гузаргоҳи Қароқурум) ба Тибети Ғарбӣ ворид шуд. Аз он ҷо ӯ ба Туркистони Шарқӣ (Ярканд) раҳсипор гардида, сипас аз тариқи Тошқӯрғон, кӯли Зоркӯл, Вахон ва Шуғнон ба Помири Шарқӣ гузашта, ба водии Фарғона расид. Ӯ дар ин сафари худ оид ба густариши забонҳои минтақа низ маълумот додааст.

Сабаби интихоби чунин масири тӯлонӣ ва душвор пеш аз ҳама хоҳиши М. С. Андреев барои густариши донишҳои худ дар соҳаи лингвистика ва фарҳанги моддии мардуми тоҷик буд. Ӯ дар рӯзномаи сафарии худ менавишт, ки дар Помир умедвор буд сабтҳои филологии худро оид ба лаҳҷаҳои қабилаҳои кӯҳии болооби дарёи Панҷ ғанӣ гардонад [1].

Пас аз боздид аз минтақаҳои назди Помир, М. С. Андреев бори аввал ба водии Хуф сафар намуд. Забон ва тарзи зиндагии сокинони ин водӣ ҳанӯз соли 1902 таваҷҷуҳи ӯро ҷалб карда буд, замоне ки ӯ дар Тошканд бо хуфиёне, ки барои кор меомаданд, шинос шуда буд. Дар ҷараёни сафари соли 1907 муайян гардид, ки аҳолии водии Хуф соҳиби лаҳҷаи махсуси худ мебошанд [3].

М. С. Андреев баъдтар менавишт, ки маҳз маълумоти ҷамъовардашудаи он сафар сабаб шуд, ки соли 1929 таҳти роҳбарии ӯ аз ҷониби Академияи илмҳо ба водии Хуф экспедитсияи махсус фиристода шавад. Ба туфайли бунбасти ҷуғрофии водӣ ва боқӣ мондани реликтҳои нодири зиндагии қадимӣ, омӯзиши ҳаёти сокинони Хуф барои илм аҳамияти вижа дошт. Зимни сафарҳои этнографӣ М.С.

Андреев маводи зиёди забонӣ низ ҷамъоварӣ кардааст, ки то ҳол арзиши илмии худро аз даст надодаанд.

Ба ақидаи этнографҳои маъруфи Тоҷикистон Н. Н. Ершов ва А. К. Писарчик, хуфиён намояндагони аҳолии қадимаи муқими Осиёи Марказӣ мебошанд, ки забонҳои куҳанашон то имрӯз дар болооби Аму-Дарё ҳифз гардидаанд. Лаҳҷаи онҳо ба гурӯҳи забонҳои шуғнонӣ-рушонӣ дохил шуда, як қатор хусусиятҳои беназири забонӣ,фарҳангӣ ва иҷтимоиро нигоҳ доштааст. Дар натиҷаи ҷудо будани водӣ, тарзи зиндагии хеле архаистӣ дар он ҷо нисбат ба дигар водиҳои кӯҳии Помири Ғарбӣ устувортар боқӣ мондааст, ки ин дар баъзе вижагиҳои лаҳҷаи онҳо низ инъикос ёфтааст [3].

Дар ҷараёни сафари соли 1907 М. С. Андреев на танҳо ба сабти маводи лингвистӣ, балки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи зиндагии иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолии маҳаллӣ аҳамияти ҷиддӣ медод. Ӯ бо диққати хос ба сохтори оилавӣ, шаклҳои моликият, муносибатҳои хешутаборӣ ва тарзи истифодаи замин таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ҳамчун унсурҳои калидии фаҳмиши ҷомеаи кӯҳистон арзёбӣ мекард. Истилоҳоти соҳавӣ ва маросимие, ки Андреев сабт намудааст, барои омӯзиши алоқамандии забон ва фарҳанги маънавию моддӣ аҳамияти калон дорад. Махсусан масъалаи истифодаи замин ва об дар минтақаҳои кӯҳии Помир таваҷҷуи ӯро ҷалб намуд. М.С. Андреев таъкид мекард, ки дар шароити маҳдуди захираҳои табиӣ, қоидаҳои анъанавии тақсимоти об ва замин на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки нақши муҳими иҷтимоӣ низ доранд. Қоидаҳои мавҷуда ҳамчун воситаи нигоҳдории мувозинат байни оилаҳо ва ҷамоаҳо хизмат мекарданд.

Қайдҳои гуногуни М.С. Андреев оид ба луғати соҳаҳои зиндагии иҷтимоии мардум сарчашмаи муҳимме мебошанд барои таҳқиқи луғати таърихии забонҳои помирӣ мебошанд.

Дар қайдҳои саҳроии худ ӯ борҳо таъкид кардааст, ки вайрон шудани ин мувозинат метавонад боиси низоъҳои иҷтимоӣ гардад. Аз ин рӯ, институтҳои суннатӣ, аз қабили маҷлиси пирон ва роҳбарони маҳаллӣ, дар ҳалли баҳсҳо ва нигоҳдории тартибот нақши ҳалкунанда мебозиданд. Ин мушоҳидаҳо баъдан дар тадқиқоти этнографии ӯ мавқеи муҳим пайдо карда, бо баъзе матнҳои забонӣ тақвият бахшида шудаанд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти илмии М. С. Андреев омӯзиши эътиқодоти динӣ ва тасаввуроти ҷаҳонбинии аҳолии Помир буд. Ӯ қайд мекард, ки дар тафаккури мардум унсурҳои исломӣ бо боқимондаҳои боварҳои қадимӣ ва тоисломӣ ба таври мураккаб омехта шудаанд. Ин омезиш дар маросимҳо, ойинҳо ва ҳатто дар зиндагии ҳаррӯза равшан мушоҳида мешуд. Овардани матни дуоҳои

маросимӣ зимни ташреҳи маросимҳо чун маводи забонӣ арзиши илмӣ доранд.

М. С. Андреев махсусан ба нақши ҷойҳои муқаддас, мазорҳо ва қадамҷоҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ӯ қайд менамуд, ки ин маконҳо на танҳо марказҳои динӣ, балки нуқтаҳои муҳими хотираи таърихӣ ва ҳувияти маҳаллӣ мебошанд. Тавассути нигоҳдории ин ҷойҳо, ҷомеа пайвастагии худро бо гузашта ва анъанаҳои ниёгон таъмин менамуд. Оид ба номвожаҳои табиӣ ва ҷуғрофии водии Хуф сарчашмаи муҳимме барои таҳқиқу баррасии водии Хуф ва дигар мавзеъҳои Помири Ғарбӣ мебошад [9, 9-30].

Дар баробари омӯзиши эътиқодот ва маросимҳо, М. С. Андреев ба фолклори шифоҳии мардуми Помир низ таваҷҷуҳи хос дошт. Ӯ афсонаҳо, ривоятҳо, сурудҳо ва зарбулмасалҳоро сабт намуда, онҳоро ҳамчун манбаи муҳими омӯзиши забон, таърих ва ҷаҳонбинии мардум арзёбӣ мекард.

Ба ақидаи ӯ, фолклор на танҳо шакли фароғат ё ифодаи бадеӣ, балки «оинаи тафаккури ҷамъиятӣ» мебошад. Дар матнҳои фолклорӣ таҷрибаи таърихӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ инъикос меёбанд. Аз ин рӯ, таҳлили онҳо барои фаҳмиши равандҳои иҷтимоӣ аҳамияти бузург дорад ва чун маводи забонӣ ва фолклорӣ низ хизмат мекунад.

М. С. Андреев инчунин қайд кардааст, ки бисёре аз матнҳои фолклории Помир хусусияти архаистӣ доранд ва унсурҳои забонӣ ва маъноиеро нигоҳ доштаанд, ки дар дигар минтақаҳои тоҷикнишин аз байн рафтаанд. Ин ҳолат бори дигар аҳамияти Помирро ҳамчун «осорхонаи зиндаи фарҳанги қадимӣ ва забонӣ» таъкид мекунад [3.14].

Ба ақидаи ӯ, ҳар як лаҳҷа ё унсури фарҳангӣ, новобаста аз шумораи носирони он, дорои арзиши мустақили илмӣ мебошад. Андреев борҳо таъкид менамуд, ки нобуд шудани як лаҳҷа на танҳо талафоти фарҳангӣ, балки аз байн рафтани як манбаи нодири маълумот дар бораи таърихи ташаккули забонҳо ва ҷомеаҳои инсонӣ аст.

Аҳамияти корҳои М. С. Андреев аз доираи як фан берун меравад. Тадқиқоти ӯ ҳамзамон барои лингвистика, этнография, таърих, бостоншиносӣ ва антропология аҳамияти калон доранд. Ӯ тавонист бо истифода аз усулҳои муқоисавӣ ва таҳлили муфассал робитаҳои байни забон, фарҳанг ва муҳити ҷуғрофиро нишон диҳад [1.8].

Дар асоси маводи ҷамъовардаи ӯ, як қатор олимони баъдӣ таҳқиқоти худро ба роҳ монданд. Забоншиносон аз сабтҳои лаҳҷавии ӯ барои таҳияи таснифоти муосири забонҳои помирӣ истифода бурданд,

этнографҳо бошанд, мушоҳидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ӯро ҳамчун намунаи таҳқиқоти саҳроии дақиқ арзёбӣ намуданд.

М. С. Андреев инчунин дар ташаккули мактаби илмии омӯзиши халққои Помир саҳми назаррас гузошт. Шогирдон ва пайравони ӯ ин анъанаро идома дода, тадқиқотҳоро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, Афғонистон ва кишварҳои ҳамсоя анҷом доданд. Бо ин васила, корҳои ӯ заминаи устувор барои рушди минбаъдаи илмҳои мардумшиносӣ ва забоншиносӣ гардиданд.

Мероси илмии М. С. Андреев то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст. Асарҳои ӯ ҳамчунон барои муҳаққиқон манбаи арзишманд боқӣ монда, барои фаҳмиши амиқи таърих, забон ва фарҳанги мардуми тоҷик нақши муҳим мебозанд. Осори забоншиносии М.С. Андреев оид ба омӯзиши масъалаҳои иртиботи фарҳанг ва забон манбаи муҳимме мебошад.

Ҳамзамон, мавқеи танқидии ӯ нисбат ба баъзе назарияҳои замон, аз ҷумла консепсияи детерминизми иқтисодӣ дар таърихи фарҳанг, нишон медиҳад, ки ӯ танҳо пайрави кӯр-кӯронаи мактабҳои мавҷуда набуд. Баръакс ӯ кӯшиш мекард, ки дар асоси маводи мушаххас ва таҷрибаи саҳроии худ, хулосаҳои мустақилона барорад. Дар ин замина, таъсири Л.Я. Штернберг, ки таҳқиқоти ӯ фарогири соҳаҳои гуногун аз забоншиносӣ то диншиносӣ буд, аҳамияти хос пайдо мекунад. Маҳз чунин равиши комплексӣ ба омӯзиши фарҳанг ба Андреев имкон дод, ки падидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар робитаи мутақобидаи онҳо баррасӣ намояд.

Ҳамсафари М.С. Андреев дар бисёр экспедитсияҳои илмӣ, ҳамсари ӯ Антонина Константиновна Писарчик. ва дӯсти наздик, ки масъулияти душвортарин - ба анҷом расондани корҳои нотамомро бар дӯш гирифт. Ҳамин тавр, асарҳои “Матнҳои Яғноб”, ду ҷилди “Тоҷикони водии Хуф”, “Мавод оид ба этнографияи яғнобиён” ва дигар таҳқиқоти М.С. Андреев ба нашр расиданд, ки дар баробари арзиши этнографӣ. Арзиши баланди илмӣ низ доранд. Чанд афсонаи рӯшониро А.К. Писарчик ҳангоми экспедитсияи замони ҶБВ, ки бо роҳбарии М.С. Андреев ташкил шуда буд, навишта баъдтар нашр кард, ки яке аз нахустин намунаҳое буданд, ки хусусиятҳои забони рӯшониро инъикос кардаанд [3].

Бояд гуфт, ки асари “Матнҳои яғнобӣ” низ аз ҷумлаи асарҳои забоншиносии М.С. Андреев мебошад, ки арзиши баланди илмӣ дорад [12].

А.К. Писарчик солҳои зиёд меҳнати пурмашаққат ва басо дақиқ анҷом дод ва дар натиҷа илм, хосатан илми забоншиносӣ ва этнография бо нашрияҳои арзишманди М.С. Андреев ғанӣ гардид.

Осори илмии олими бааарҷаста, ки пас аз вафоти ӯ рӯи чоп омад аз лиҳози ҳаҷм ва аҳамият аз он чи дар замони ҳаёт буданаш ба тавсиб расида буд, хеле нодир мебошанд.

Дар тамоми навиштаҳои ӯ, хосатан қайдҳои этнографӣ ва омӯзиши забонҳо, як хусусияти хос-дақиқияти истисноӣ мушоҳида мегардад. Мутахассисон қайд мекунанд, ки М.С. Андреев дорои шунавоии фавқулода нозук буд, ки ба сабтҳои ӯ эътимоднокии баланд мебахшид [13].

Арзиши осори илмии М. С Андреевро дар ташаккули мактаби этнографияи шӯравии Осиёи Миёнаро баҳо додан хеле душвор аст. Ба қавли Н.А. Кисляков М.С. Андреев “ҷамъоварандаи беҳамтои мавод” буд, ки ин бо фарҳанги бузурги умумӣ ва дониши бениҳоят амиқи тамоми маҷмӯи масоили забоншиносӣ, этнографӣ ва фолклоршиносии Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, Туркистони Шарқӣ ва Ҳиндустон омезиш ёфта буд [7, 120].

Аз соли 1928 М. С. Андреев ба таҳияи маводи этнографӣ барои экспедитсияи машҳури Помир, ки аз ҷониби Кумитаи русӣ барои омӯзиши Осиёи Миёна ва Шарқ ташкил шуда буд, ҷалб гардид. Ҳамон сол ӯ дар доираи фаъолияти “Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои ва халқҳои эронӣ берун аз ҳудуди он” дар таҳияи грамматикаи забони тоҷикӣ иштирок намуд. Ба зиммаи М.С. Андреев роҳбарии корҳои маайянсозии шаклҳои грамматикӣ вогузор шуда буд [1, 73].

Эҳтимол, бинобар набудани мутахассисони мувофиқ дар маҳал, ҷамъият қарор дод, ки барои иҷрои ин вазифаи хеле мураккаб олимони марказиро ҷалб намояд. Инро порчае аз номаи М.С. Андреев, ки моҳи июни соли 1928 ба А.А. Фрейман навишта шудааст, тасдиқ мекунад: "...Ин ҷо боз як масъалаи ҷолиб ва муҳим аст, ки маро дар ҳайрат мегузорад. Ин-“грамматикаи тоҷикӣ” мебошад, ки ин вазифа низ ба зиммаи ман гузошта шудааст. Ман “грамматика”-ро ҳамчун ҷамъоварии маводи грамматикӣ аз гуфторҳо ва лаҳҷаҳои гуногуни тоҷикӣ мефаҳмам, ки метавонад барои таҳияи грамматикаи забони тоҷикӣ хизмат кунад ва ҳамчун асос барои забони адабӣ ва расмии мактабӣ истифода шавад. Масъала дар он аст, ки тоҷикон ҳоло ҳаёти миллӣ ва давлатии худро ташкил медиҳанд ва масъалаи он ки кадом забон барои онҳо забони миллӣ ҳисобида шавад, хеле мураккаб ва нигароникунанда мебошад [1, 29].

Пас савол ба миён меояд: чӣ бояд кард? Забони гуфтугӯӣ аз забони хаттӣ фарқ мекунад ва ин гуфтор дар ҳама ҷо яксон нест, то ки онро бетағйир ба шакли хаттӣ қабул кардан мумкин бошад. Аз ин лиҳоз, лозим меояд, ки шаклҳои гуногуни мавҷуда дар минтақаҳои мухталиф пешакӣ баррасӣ шаванд, то дурустӣ ва афзалияти истифодаи яке аз

онҳо муайян гардад. М.С. Андреев чунин мешуморид, ки беҳтар аст намунаҳои нутқи зинда аз митақаҳои мухталифи Тоҷикистон ҷамъоварӣ шуда, гӯишҳо ва лаҳҷаҳои асосӣ муайян ва коркард гарданд. Ин усул бояд бо усули формалӣ таҳлил шуда, сохтори грамматикӣ ва паҳншавии шаклҳои гуногун муайян карда шавад. Аз нуқтаи назари ӯ, чунин тарзи кор бисёр муҳим ва ҷолиб мебуд, зеро имкон медод, ки шаклҳои маҳаллии лаҳҷавӣ ҳамчун поя (субстрат), ки дар асоси гуфторҳои имрӯзат тоҷикӣ қарор доранд, муайян карда шаванд.

Дар доираи фаъолияти ҷамъиятӣ М.С. Андреев дар баррасии масъалаи ҷорӣ намудани алифбои нави лотинӣ дар Тоҷикистон иштирок намуд, ки он бештар хусусиятҳои фонетикии забони тоҷикиро ба инобат мегирифт. Ҷорӣ намудани алифбои нави тоҷикӣ ҳамчун як ҷузъи раванди умумии ташаккули давлати миллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва инчунин ҳамчун воситаи наздикшавии миллатҳо пешниҳод гардида буд [1, 46].

Дар Конфронси якуми таҳияи алифбои нави тоҷикӣ, ки аз 28 то 31-уми октябри соли 1928 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид ва дар кори он М.С. Андреев низ ширкат кард, муайян карда шуд, ки дар он давра ноомӯхтагии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва номуайян будани меъёрҳои услубии забони адабии тоҷикӣ аз ҷумлаи монеаҳои асосӣ дар роҳи татбиқи лотинисозии алифбо ба ҳисоб мерафтанд [3].Ҳамин тариқ М.С. Андреев на танҳо дар соҳаи этнография осори мондагори илмиро ба мерос гузоштааст, балки дар омӯзиши забонҳои мардуми Осиёи Марказӣ низ хизматҳои арзандаеро анҷом додааст. Пажуҳишҳои забоншиносии ӯ дар рушди илмҳои тоҷикшиносӣ, эроншиносӣ ва диалектология аҳамияти бузурги илмӣ доранд. М.С. Андреев бо омӯзиши амиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ, забони яғнобӣ ва дигар забонҳои эронии шарқӣ тавонист хусусиятҳои таърихӣ, фонетикӣ ва луғавии онҳоро муайян намояд. Осори илмии ӯ барои ҳифзи мероси забонии халқҳои Осиёи Марказӣ саҳми арзишманд гузошт. Муҳаққиқ на танҳо забон, балки фарҳанг, урфу одат ва ҷаҳонбинии мардумро низ мавриди таҳлил қарор дода, робитаи қавии забон ва фарҳангро нишон дод. Маводи саҳроии гирдовардаи ӯ имрӯз ҳам ҳамчун сарчашмаи боэътимоди илмӣ барои муҳаққиқон хизмат мекунад. Дар маҷмӯъ, мероси илмии забоншиноси барҷаста дар ташаккули пояҳои илмии забоншиносии тоҷик ва омӯзиши забонҳои шарқи эронӣ нақши муҳим дошта, аҳамияти он дар шароити муосир низ боқӣ мемонад.

Китобнома:

1. Акрамова, Х. Востоковед Михаил Степанович Андреев / Х. Акрамова, Н. Акрамов. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 182 с.
2. Андреев, М. С. Хуфский язык Таблица глаголов / М.С. Андреев. – Ташкент: Литографское издание, 1904. - 30 с.
3 Андреев, М. С. О таджикском языке настоящего времени / М.С. Андреев // Материалы по истории таджиков и Таджикистана. – Сталинабад: ГОСИЗДАТ при СНК Таджикской ССР, 1945. – 144 с.
4 Андреев, М. С. Таджики долины Хуф. Т. 1-2. / М.С. Андреев. - Бишкек: ОсОО Джем Кей Джи, 2020. - 794 с.
5 Андреев, М. С. Материалы по этнографии Ягноба / М.С. Андреев. - Душанбе: Дониш, 1970. - 173 с.
6 Андреев, М. С. Язгулямский язык. Таблицы глаголов (1904) / М.С. Андреев.- Л.: Изд-во АН СССР, 1930. - 73 с.
7 Арандаренко, Г. А. Досуге в Туркистане / Г. А. Арандаренко. — Санкт-Петербург: тип. М.М. Стасюлевича, 1889. — 666 с.
8 Кисляков, А. Н. Таджики Каратегина и Дарваза / А. Н. Кисляков. Вып. 1. - Душанбе: Дониш, 1966. - 380 с.
9 Литвинский, Б. А. Сарсухан ба китоби Х. Акрамова ва Н. Акрамов «Востоковед Михаил Степанович Андреев» / Б.А. Литвинский. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 225 с.
10 Офаридаев, Н. Истилоҳоти маҳалии ҷуғрофии умумитоҷикӣ дар забонҳои помирӣ / Н. Офаридаев // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2020. - №2, - С. –9- 30.
11 Розенфельд, А. З Название «лангар» в топонимике Таджикистана / А. З. Розенфельд // Известия ВГО. Том LXXII - Выпуск 6. – М. - Л.: Изд-во АН СССР, 1940. – С. 861-864.
12 Хромов, А. Л. Ягнобский язык / А. Л. Хромов. – М.: Наука, 1972. - 208 с.
13 Писарчик, А. К. Описание научного архива М. С. Андреева. Памяти Михаила Степановича Андреева / А. К. Писарчик // Страны и народы Востока. - Москва, 1960. – С. 3-29.
14 Эдельман, Д. И. Язгулямский язык / Д. И. Эдельман. - М.: Наука, 1966. – 219 с.

АДАДБИЁТШИНОСӢ

ТДУ: 821.222.8-93.09:37.03

МОҲИЯТИ БАДЕӢ ВА РИСОЛАТИ ТАРБИЯВИИ АДАБИЁТИ КӮДАКОН

Қаландариён Ҳоким Сафар[11]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Дар мақола масъалаи моҳият, ҷойгоҳ ва хусусиятҳои адабиёти кӯдакон дар низоми умумии адабиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси андешаҳои назариявии муҳаққиқон ва таҳлили намунаҳои адабӣ нишон медиҳад, ки адабиёти кӯдакон танҳо аз рӯйи мухотаб аз дигар навъҳои адабиёт фарқ намекунад, балки дорои вижагиҳои махсуси мазмунӣ, забонӣ, услубӣ ва бадеӣ мебошад. Ҳарчанд адабиёти кӯдак ва адабиёт барои кӯдак аз ҷиҳати моҳият, мазмун ва доираи фарогирии мафҳумӣ аз ҳамдигар тафовут доранд, аммо дар маҷмуъ ҳар ду ба ҷаҳони маънавии кӯдак нигаронида шуда, ҳадафи асосии онҳо рушди зеҳнӣ, тарбияи ахлоқӣ, ташаккули завқи бадеӣ ва ганӣ гардонидани ҷаҳонбинии насли наврас мебошад. Аз ин рӯ, ҳар ду мафҳум дар низоми фарҳангӣ ва тарбиявии ҷомеа бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши муҳим мебозанд. Ҳамчунин нақши фолклори бачагона ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муҳими ташаккули адабиёти кӯдакон ва таъсири он ба рушди ин навъи адабиёт баррасӣ мешавад. Дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба вазифаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва фарҳангии адабиёти кӯдакон дар ҷомеаи муосир зоҳир гардидааст. Муаллиф бар он назар аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳаввулоти босуръати иттилоотӣ ва коҳиши баъзе арзишҳои ахлоқӣ адабиёти кӯдакон бояд дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, фарҳанги маънавӣ ва ахлоқии насли наврас нақши муассиртар бозад. Дар натиҷа, аҳамияти адабиёти кӯдакон ҳамчун василаи муҳими парвариши шахсияти солим ва ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ таъкид мегардад.

[11] **Қаландариён Ҳоким Сафар** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон, доктори илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 934892626; e-mail: hokim_k@mail.ru.

Каландариён Хоким Сафар - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел фольклора и литературы Бадахшана, доктор филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 934892626; e-mail: hokim_k@mail.ru.

Kalandariyon Hokim Safar - Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Badakhshan Folklore and Literature Department, Doctor of Philological Sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 934892626; e-mail: hokim_k@mail.ru.

Калидвожаҳо: *адабиёти кӯдак, фолклори бачагона, адабиёт барои кӯдак, адабиёти шифоҳӣ, адабиёти бачагонаи тоҷик, арзишҳои миллӣ, ҷаҳонбинии кӯдак, рисолати тарбиявӣ, ташаккули шахсият.*

Художественная сущность и воспитательная миссия детской литературы

В статье рассматриваются вопросы сущности, места и особенностей детской литературы в общей системе литературы. На основе теоретических взглядов исследователей и анализа литературных произведений автор показывает, что детская литература отличается от других видов литературы не только своим адресатом, но и обладает специфическими содержательными, языковыми, стилевыми и художественными особенностями. Несмотря на то, что понятия «детская литература» и «литература для детей» различаются по своей сущности, содержанию и объёму понятийного охвата, в целом они ориентированы на духовный мир ребёнка и направлены на его интеллектуальное развитие, нравственное воспитание, формирование художественного вкуса и обогащение мировоззрения подрастающего поколения. В связи с этим оба понятия находятся в неразрывной взаимосвязи в культурно-воспитательной системе общества и играют важную роль в формировании личности ребёнка. В статье также рассматривается роль детского фольклора как одного из важнейших источников становления детской литературы и его влияние на развитие данного вида словесного искусства. Особое внимание уделяется познавательной, воспитательной и культурной функциям детской литературы в современном обществе. Автор считает, что в условиях глобализации, стремительного развития информационного пространства и ослабления ряда нравственных ценностей детская литература должна играть более значимую роль в формировании мировоззрения, национального самосознания, духовной культуры и нравственных качеств подрастающего поколения. В результате подчёркивается значение детской литературы как важного средства воспитания гармонично развитой личности и сохранения национальных и общечеловеческих ценностей.

Ключевые слова: *детская литература, детский фольклор, литература для детей, устная литература, таджикская детская литература, национальные ценности, мировоззрение ребёнка, воспитательная миссия, формирование личности.*

The Artistic Essence and Educational Mission of Children's Literature

This article examines the essence, place, and distinctive features of children's literature within the general system of literature. Drawing upon the theoretical views of scholars and the analysis of literary works, the author demonstrates that children's literature differs from other types of literature not only in terms of its target audience but also through its specific thematic, linguistic, stylistic, and artistic characteristics. Although the concepts of "children's literature" and "literature for children" differ in their essence, content, and scope, both are generally oriented toward the spiritual world of the child and aimed at fostering intellectual development, moral education, the formation of aesthetic taste, and the enrichment of the worldview of the younger

generation. Therefore, these two concepts are closely interconnected within the cultural and educational framework of society and play a significant role in the formation of a child's personality. The article also discusses the role of children's folklore as one of the most important sources in the emergence of children's literature and its influence on the development of this branch of verbal art. Special attention is paid to the cognitive, educational, and cultural functions of children's literature in contemporary society. The author argues that in the context of globalization, the rapid expansion of the information space, and the decline of certain moral values, children's literature should play an increasingly important role in shaping the worldview, national self-awareness, spiritual culture, and moral qualities of the younger generation. The article emphasizes the significance of children's literature as an important means of nurturing a harmoniously developed individual and preserving both national and universal human values.

Keywords: *children's literature, children's folklore, literature for children, oral literature, Tajik children's literature, national values, child's worldview, educational mission, personality formation.*

Адабиёт, дар маънои умумӣ, маҷмуи донишҳои инсоншиносиест, ки дар тӯли таърихи ташаккул ва рушди ҷомеаи башарӣ ба вуҷуд омада, ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои ҷомеаро инъикос мекунад. Он дар рушду такомули тафаккури маънавӣ ва фарҳангии инсон нақши бисёр муҳим дорад. Аз нигоҳи назария, адабиёт воситаи асосии инъикоси воқеият дар шакли бадеӣ ба шумор меравад. Азбаски адабиёт воқеиятро тавассути тасвири бадеӣ бозтоб медиҳад, онро метавон яке аз муҳимтарин василаҳои ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии инсон донист. Баррасии таърихи адабиёт нишон медиҳад, ки он реша дар пайдоиши забон ва шаклгирии ибтидоии муошират инсонӣ дошта, дар раванди рушди ҷомеаи башарӣ тадриҷан ташаккул ёфтааст. Бо гузашти замон адабиёт ба як соҳаи мустақили фарҳангӣ табдил ёфта, дар ҳаёти маънавии ҷомеа мавқеи муҳимро соҳиб гардидааст. Адабиёт дар ибтидо дар шакли шифоҳӣ арзи вуҷуд намуда, бо пайдоиши хат ба зинаи баландтари ташаккул ва рушд расид. Аз ҳамин давра сар карда, он дар ҳаёти инсон вазифаи мушаххаси иҷтимоиюфарҳангӣ касб намуда, ба воситаи муҳими сабт, ҳифз ва интиқоли мероси таърихӣ ва маънавии ҷомеа табдил ёфт. Дар зинаҳои минбаъдаи рушди таърихии худ адабиёт, дар баробари инъикоси воқеият тавассути матнҳои бадеӣ, вазифаи тафсир ва арзёбии падидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро низ иҷро намуд. Ин хусусият ба он имкон дод, ки дар ташаккул ва густариши ҷаҳонбинии илмӣ, маънавӣ ва фарҳангии хонанда таъсири назаррас расонад.

Истилоҳи “адабиёт” аз решаи “адаб” маншаъ гирифта, дар анъанаи фарҳангии Шарқ пеш аз ҳама бо мафҳумҳои ахлоқ, одоб ва рафтору кирдори намунавӣ пайванд дошт. Дар сарчашмаҳои луғавӣ ва илмӣ бошад, адабиёт ҳамчун маҷмуи осор, навиштаҳо ва донишҳои

марбут ба сухан, забон ва эҷоди бадеӣ маънидод мешавад. Бо ҳамин, мафҳуми адабиёт ҳамзамон ҷанбаҳои забонӣ, маънавӣ ва фарҳангии фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Азбаски адабиёт воқеиятро тавассути низоми рамзҳо, образҳо ва дигар воситаҳои бадеӣ бозтоб медиҳад, он ба нусхабардории одии воқеият маҳдуд намешавад. Баръакс, адабиёт бо маънидод ва тафсири амиқи падидаҳои зиндагӣ дарки инсонро аз воқеият ғанӣ гардонида, метавонад дар ташаккули муносибат ба он ва ҳатто дар тағйири воқеияти иҷтимоӣ нақши муассир дошта бошад. Аз ин лиҳоз, адабиёт дар баробари ифодаи андеша ва инъикоси воқеият маҳсуб ёфтан, ниҳоди муҳимми фарҳангие мебошад, ки дар шакл додан, рушди афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими ҷаҳонбинии ҷомеа нақши калидӣ иҷро мекунад. Аз таърихи такомул ва таназзули адабиёт, аз болоравӣ ё коҳиши унсурҳои миллӣ ва динӣ, аз содабаёнӣ ё муғлақбаёнӣ, аз воқеъгароӣ ё хаёлгароӣ, аз мардумгароӣ ё дарборгароӣ, аз озодандешӣ ё маҳдудияти фикрӣ, инчунин аз мазмуну муҳтавои осор ва хусусиятҳои забониву услубии онҳо, метавон вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳар даврароро дарёфт. Баррасии раванди рушди адабиёт имкон медиҳад, ки ҳам таъсирпазирии он аз шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давра ва ҳам нақши таъсиргузориаш дар ташаккул ва таҳаввули шуури ҷамъиятӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ошкор гардад.

Аз нигоҳи этимологӣ, истилоҳи «адабиёт» ба вожаи лотинии «litteratura» (аз *littera* - «ҳарф») пайванд дошта, дар ибтидо ба маҷмуи осори хаттии як миллат, кишвар ё даврааи таърихӣ ишора мекард. Бо густариши доираи маъноии он, мафҳуми адабиёт фаротар аз осори хаттӣ рафта, навъҳои гуногуни эҷоди шифоҳӣ, мероси фолклорӣ, жанрҳои бадеӣ, аз қабили достонҳо, сурудҳо ва ривоятҳо, инчунин баъзе унсурҳои фарҳанги суннатии марбут ба расму оинҳои иҷтимоиро низ дар бар гирифт. Яъне адабиёт маҷмуи мероси фикрӣ ва завқии ҳар як миллат ба шумор меравад, ки дар раванди таърихӣ ташаккул ёфта, пайваста дар ҳоли такмил ва ғанигардонӣ қарор дорад. Такмил ва ғанигардонии адабиёт дар асл ба таҳаввул ва ташаккули андешаи миллӣ низ мусоидат мекунад. Аз ин дидгоҳ, адабиёт падидаи зинда ва инкишофёбанда буда, вазифаи пайвандсозии мероси фарҳангии гузашта бо эҷодиёти муосирро ба уҳда дорад ва онро ба наслҳои оянда интиқол медиҳад. Ҳамин тавр, ҳар асари адабӣ ҳамчун як унсури созандаи бинои маънавии ҷомеа ва хиште дар девори ҳастии фарҳангии ояндагон арзёбӣ мегардад. Ин раванд боис мегардад, ки адабиёт ҳамеша ҳамчун манбаи доимии бинишу дониш, илҳому паём ва баҳрабардорӣ барои ҷомеаи инсонӣ боқӣ мемонад ва дар айни замон ба пойдории маънавӣ ва ҷовидонии худу миллат низ мусоидат менамояд.

Пас, гуногунӣ ва фарохии ҳадафу вазифаҳои адабиёт сабаб мешаванд, ки имкони пешниҳоди таърифи ягона ва мутлақи он мавриди шубҳа қарор гирад. Вазифаҳои адабиёт ҳамчун каломи бадеӣ наметавонанд танҳо дар чаҳорчӯби адабиётшиносӣ ё дар сатҳи хонандагон ҳамчун ҳаводорони сухани бадеӣ маҳдуд шаванд. Он бояд фаротар аз ин доираҳо баррасӣ гардад ва ҳамчун яке аз сутунҳои асосии ҳастии маънавии миллату давлат мавқеи муҳим дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа дошта бошад. Вақте ки падидаҳои воқеӣ аз назари инсон пинҳон мемонанд ё дарк ва фаҳмиши мустақими онҳо душвор мегардад, матни адабӣ ин холигиро пур мекунад ва воқеиятро дар шакли муназзам, равшан ва маънодор бозофарӣ менамояд. Маҳз ҳамин хусусият ба адабиёт имкон медиҳад, ки тамоми паҳлуҳои зиндагиро фаро гирад.

Яке аз вазифаҳои муҳими адабиёт, тибқи таҳлилҳои илмӣ, масъалаи худшиносии инсон мебошад. Дар ин раванд инсон мекӯшад моҳияти ҳастии худ, ҷойгоҳаш дар ҷаҳон ва робитаи ҷанбаҳои моддӣ ва маънавии вуҷудашро дарк намояд. Аз як тараф, ӯ ҳамчун мавҷуди биологӣ дорои ниёзҳои табиӣ мебошад, аммо аз ҷониби дигар, соҳиби тафаккур, шуур ва майлҳои маънавист, ки ӯро аз сатҳи сирф биологӣ боло мебардорад. Адабиёт маҳз дар ҳамин нуқта ҳамчун воситаи ифшову таҷассуми ҷанбаи маънавии инсон нақши муҳим мебозад. Аз ин нуқтаи назар, адабиёт ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: нахуст, қонеъ намудани ниёзи инсон ба тафаккур, таҳлил ва дарки амиқи воқеият ва дувум, фароҳам овардани замина барои эҷоди минбаъда ва рушди пайвастаи фарҳангӣ дар наслҳои оянда. Ин ду самт нишон медиҳанд, ки адабиёт танҳо маҳсули як давра ё як шахси алоҳида нест, балки раванди муттасил ва ташаккулёбандаи фарҳангист, ки ҳамеша дар ҳоли рушду такомул қарор дорад. Яъне адабиёт падидаи умумиинсонӣ буда, аз маҳдудиятҳои синнусолӣ, ҷинсӣ, миллӣ, забонӣ ва иҷтимоӣ берун мебарояд. Он ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи маънавии инсон хизмат мекунад ва ба ҳар фард имкон медиҳад, ки мувофиқи сатҳи дарк, завқ ва қобилияти зеҳнии худ аз он баҳра гирад. Аз ин рӯ, ниёзи инсон ба адабиёт дар тамоми давраҳои ҳаёт боқӣ мемонад ва маҳз ҳамин ниёзи доимӣ ба рушди фарҳанг ва тамаддун мусоидат менамояд.

Адабиёти кӯдакон як қисми ҷудогона ва мустақили адабиёт аст, ки дар натиҷаи ҷудо шудани вазифаҳо ва нақши иҷтимоии матнҳои бадеӣ ба вуҷуд омадааст. Аз нигоҳи навъбандӣ, адабиётро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кард: адабиёти калонсолон ва адабиёти кӯдакон. Ин фарқгузорӣ танҳо ба мазмун вобаста нест, балки сатҳи фаҳмиш, хусусиятҳои равонӣ, ниёзҳои маънавӣ ва тарзи баёни матнро низ дар бар мегирад. Аз ҳамин сабаб, адабиёти кӯдакон ҳамчун низоме баррасӣ

мешавад, ки бо назардошти синну сол ва хусусиятҳои равонии кӯдакон шакл гирифтааст.

Барои дуруст фаҳмидани мафҳуми адабиёти кӯдакон, пеш аз ҳама бояд худи мафҳуми «кӯдакӣ» равшан карда шавад. Зеро адабиёти кӯдакон бо тарзи ташаккул ва рушди кӯдак дар ҷомеа ва фарҳанг робитаи зич дорад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки кӯдакӣ танҳо як давраи табиии ҳаёти инсон нест, балки падидаест, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки байни кӯдакӣ ҳамчун марҳилаи табиии рушди инсон ва кӯдакӣ ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фарқ гузошта шавад. Кӯдакӣ дар маънои биологӣ як марҳилаи табиии рушди инсон мебошад, ки аз таваллуд то расидан ба камолоти ҷисмонӣ идома меёбад. Ин марҳила дар тамоми давраҳои таърихӣ вуҷуд доштааст. Аммо кӯдакӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ натиҷаи рушди ҷомеа ва дигаргуниҳои дарозмуддати иҷтимоӣ мебошад. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти таърихӣ ва иҷтимоӣ, кӯдакӣ ҳамчун давраи мустақили ҳаёти инсон дертар ташаккул ёфтааст. Дар ин марҳила ҷомеа кӯдакро ҳамчун шахси алоҳида бо хусусиятҳо, ниёзҳо ва ҳуқуқҳои хоси худ эътироф кардааст. Ҳарчанд то имрӯз дар илми муосир таърифи ягона ва умумиқабулшудаи «кӯдакӣ» вуҷуд надорад, зеро шарҳи он ба равишҳои назариявии муҳаққиқон вобаста мебошад [3], таҳқиқоти таърихӣ ва фарҳангӣ нишон медиҳанд, ки дар гузашта кӯдакон аз синни хурдсолӣ ба ҳаёти калонсолон ҷалб мешуданд ва аз онҳо иҷрои корҳои гуногуни иҷтимоӣ ва меҳнатӣ талаб карда мешуд. Дар бисёре аз ҷомеаҳо кӯдакӣ ҳамчун давраи махсуси омӯзиш, тарбия ва бозӣ ба таври ҷудогона эътироф намешуд. Танҳо бо пешрафти ҷомеа, бахусус бо рушди саноат ва низоми маориф, кӯдакӣ ҳамчун марҳилаи мустақили ҳаёт шинохта шуд, ки дорои ҳуқуқ, ниёзҳо ва хусусиятҳои хоси худ мебошад. Дар натиҷаи ин тағйироти иҷтимоӣ, зарурати эҷоди шакли махсуси адабиёт ба миён омад, ки ба сатҳи дарк ва ниёзҳои кӯдакон мутобиқ бошад. Ҳамин тавр, адабиёти кӯдак ба маънои муосири худ шакл гирифт. Бо вуҷуди ин, решаҳои таърихии он ба анъанаҳои хеле қадим, аз ҷумла ба жанрҳои шифоҳӣ, мисли сурудҳои халқӣ ва афсонаҳои фолклорӣ мерасанд. Ин навъҳои шифоҳӣ, ки ҳазорсолаҳо пеш аз шаклгирии адабиёти хаттӣ ба вуҷуд омадаанд, имрӯз ҳамчун қисми пешазилмии адабиёти кӯдак шинохта мешаванд. Матнҳои адабиёти кӯдакон бо дарназардошти сатҳи дониши забон, таҷрибаи зиндагӣ ва имкони фаҳмиши кӯдак офарида мешаванд. Аз ҳамин сабаб, онҳо одатан бо забони сода ва равон навишта шуда, образҳои равшан ва мазмунҳои тарбиявию ахлоқиро дар бар мегиранд. Адабиёти кӯдаконро метавон маҷмуи махсуси осори бадеӣ ва таълимӣ донист, ки бо дарназардошти хусусиятҳо ва ниёзҳои кӯдакон эҷод шудаанд. Ин навъи адабиёт дар заминаи эътирофи кӯдакӣ ҳамчун

марҳилаи мустақили ҳаёт шакл гирифта, ҳадафи асосии он мусоидат ба рушди зеҳнӣ, ахлоқӣ ва эҳсосии кӯдак мебошад.

Аз нигоҳи назарияи адабиёт, адабиёти кӯдаконро набояд шакли сода ё сатҳи поёнии адабиёти калонсолон ҳисобид. Баръакс, он низ бояд аз ҷиҳати бадеият, забон ва арзишҳои маънавӣ ба талаботи баланди адабӣ ҷавобгӯ бошад. Фарқи асосии он аз адабиёти калонсолон дар он аст, ки мазмун, забон ва образҳо ба синну сол, сатҳи фаҳмиш ва таҷрибаи зиндагии кӯдак мутобиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, адабиёти кӯдакон на танҳо вазифаи фароғатӣ, балки нақши муҳими тарбиявӣ ва ташаккулдиҳанда низ дорад ва дар шаклгирии шахсият, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавии насли наврас саҳми бузург мегузорад. Агар адабиёти кӯдакон натавонад ҷаҳони рангин, пурмоҷаро ва ормонҳои некбинонаи кӯдаконро ба таври таъсирбахш инъикос намояд ва танҳо ба сабаби он ки барои кӯдакон навишта шудааст, бо забону баёни аз ҳад содаву кӯдакона маҳдуд гардад, наметавонад вазифаи аслии худро иҷро кунад. Баръакс, чунин асарҳо метавонанд ҳисси зебоипарастӣ ва қобилияти дарки бадеии кӯдаконро заиф гардонанд. Зеро адабиёти кӯдакон пеш аз ҳама ба парвариши ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва шахсияти кӯдак хизмат мекунад ва сипас ба омӯзишу донишандӯзии ӯ мусоидат менамояд.

Дар адабиёти илмӣ адабиёти кӯдакон чунин шарҳ дода мешавад: адабиёти кӯдакон маҷмуи асарҳо ва матнҳои бадеиву тарбиявиест, ки бо дарназардошти хусусиятҳои равонӣ, сатҳи зеҳнӣ ва завқи зебоишиносии кӯдакон эҷод ва пешниҳод мегарданд. Ин асарҳо барои мутолиа, омӯзиш ва рушди маънавии кӯдакон пешбинӣ шудаанд. Ин таъриф нишон медиҳад, ки адабиёти кӯдакон танҳо маҷмуи китобҳо барои хондани кӯдакон нест, балки низоми махсусест, ки дар он муаллиф ҳангоми эҷод синну сол, ҷаҳонбинӣ, қобилияти дарк ва ниёзҳои кӯдакро ба назар мегирад. Аз ҳамин рӯ, муносибати байни муаллиф ва хонандаи кӯдак аз хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии кӯдакон вобастагӣ дорад.

Гарчанде кӯдак ба таҳлили амиқи мантиқӣ эҳтиёҷ надорад, ӯ ҷаҳонро бештар тавассути образҳо, тасвирҳо ва эҳсосот дарк мекунад. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки маводи барои ӯ пешниҳодшаванда қобилияти тасаввурот ва эҷодкории ӯро инкишоф диҳад. Чунин мавод метавонад дар шакли ҳикояҳо, афсонаҳо, шеърҳо, сурудҳо, асарҳои тасвирӣ ва дигар намудҳои санъати бадеӣ ифода ёбад ва ба рушди ҳисси зебоишиносӣ ва ҷаҳонбинии кӯдак мусоидат намояд.

Ворид шудан ба ҷаҳони кӯдакӣ маънои дарк намудани муҳити хосси зеҳнӣ ва эҳсосии кӯдакро дорад, ки дар он тасаввурот нақши асосӣ мебозад. Яъне барои фаҳмидан ва ба ин ҷаҳон наздик шудан, худи инсон бояд қобилияти баланд, ҳассосият ва истеъдоди вижа дошта бошад. Ба ин маъно, чунин воридшавӣ на танҳо як маҳорати одӣ, балки

як навъ дониш ва таҷрибаи махсус низ ба шумор меравад. Кӯдак барои ташаккули ҷаҳони ботинии худ ба маводе ниёз дорад, ки хаёлот ва неруи эҷодии ӯро бедор ва фаъол созад. Чунин маводро ӯ аз осори адабӣ, сурудҳои халқӣ, афсонаҳо, тасвирҳо ва дигар шаклҳои санъати бадеӣ ба даст меорад. Кӯдак ин унсурҳоро мувофиқи сатҳи дарк ва фаҳмиши худ дар низоми маънавии ботиниаш ҷой дода, дар асоси онҳо тасаввуроти хоси худро аз ҷаҳон ташаккул медиҳад.

Дар раванди таъриф ва таҳқиқи адабиёти кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ интихоби истилоҳ мебошад: «адабиёти кӯдакон» ё «адабиёт барои кӯдакон». Ин фарқгузорӣ танҳо масъалаи забон нест, балки ба мазмун, тарзи эҷод ва вазифаи ин навъи адабиёт низ вобастагӣ дорад. Аз нигоҳи типологӣ, баъзе муҳаққиқон ин ду мафҳумро аз ҳамдигар равшан ҷудо мекунанд. Мувофиқи ин назар, «адабиёт барои кӯдакон» маҷмуи асарҳоест, ки онҳоро калонсолон бо дарназардошти сатҳи дарк, синну сол ва ниёзҳои равонии кӯдакон эҷод менамоянд. Дар муқобил, «адабиёти кӯдакон» он навъи эҷоди бадеист, ки худи кӯдакон онро офаридаанд. Чунин ҷудокунӣ имкон медиҳад, ки дар таҳқиқоти илмӣ ҳам манбаи эҷод ва ҳам шахсияти офарандаи асар дақиқтар муайян ва таҳлил карда шавад.

Дар ин замина, қисми муҳими адабиёти «аз ҷониби кӯдак эҷодшуда» бештар дар доираи фолклори кӯдакон ҷой мегирад. Кӯдакон дар ҷараёни бозиҳо, муошират ва фаъолияти гурӯҳӣ шаклҳои содаи шеърӣ, сурудҳои кӯтоҳ, қофияҳои бозӣ ва намоишҳои хурди драмавиро эҷод мекунанд. Ин шаклҳо гарчанде сода бошанд ҳам, дорои хусусиятҳои эҷодӣ ва иҷтимоии хос мебошанд, зеро онҳо дар муҳити табиии кӯдак ба вуҷуд меоянд. Мо метавонем ба чунин хулосаи мантиқӣ биёем: адабиёти кӯдакон метавонад дар заминаи адабиёт барои кӯдакон шакл гирад. Ҳамон андозае ки адабиёт барои кӯдакон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури кӯдак саҳм мегузорад, ба ҳамон дараҷа худи эҷодиёти кӯдакон низ бо арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ ғанӣ мегардад. Гарчанде эҷодиёти кӯдакон на ҳамеша ба меъёрҳои пурраи адабиёти хаттӣ мувофиқат мекунад ва бисёр вақт хусусияти нимшифоҳӣ дорад, аммо бо дарназардошти тарзи дарки кӯдак аз муҳит ва қобилияти ӯ дар ифодаи воқеият тавассути образҳо ва тасвирҳои бадеӣ, эҷодиёти кӯдаконро метавон як навъи маводи адабӣ шуморид.

Аз нуқтаи назари дигар, осори адабие, ки гарчанде аз ҷониби калонсолон офарида шудааст, вале ба тарбияи кӯдакон нигаронда шуда, ба қишри кӯдакон равона мегардад, низ метавонад ба доираи адабиёти кӯдакона шомил дониста шавад. Зеро мазмуну муҳтаво, образу тасвирҳо, шиору таъкидҳои чунин осор ба ташаккули ҷаҳонбинии кӯдак мусоидат намуда, сатҳи ифода ва хусусиятҳои хоси адабиёти кӯдаконро инъикос мекунанд. Ҳамин тавр, адабиёти кӯдакон

дар амал ду самти ба ҳам вобаста дорад: самти “аз боло ба поён”, яъне эҷодиёти калонсолон барои кӯдакон ва самти “аз поён ба боло”, яъне эҷодиёти худи кӯдакон, ки барои ҳамсолони худ офарида мешавад. Дар натиҷаи таҳлили ин ду самт, бисёре аз муҳаққиқон таърифи фарогиртареро пешниҳод менамоянд. Тибқи ин назар, адабиёти кӯдакон маҷмуи осори хаттӣ ва шифоҳист, ки бо ҳаёт, таҷриба, эҳсосот ва муҳити иҷтимоии кӯдакон робитаи мустақим дорад. Ин таъриф ҳам осори аз ҷониби калонсолон эҷодшударо ва ҳам шаклҳои фолклории эҷодиёти кӯдаконро фаро мегирад. Ҳарчанд аз нигоҳи истилоҳшиносӣ сарҳад байни адабиёту адабиёти барои кӯдаку адабиёти кӯдак гузошта шуда бошад, ҳанӯз ҳам муҳаққиқону мунаққидон ин саволҳоро мегузоранд, ки “аммо «нависандаи кӯдакон» чӣ маъно дорад? Чӣ гуна метавон байни нависандагони «калонсол» ва кӯдакона, инчунин байни асарҳои як муаллиф барои калонсолон ва кӯдакон сарҳад гузошт?” [4, 12].

Адабиёти кӯдакон аз нимаи дуюми асри XIX дар кишварҳои Ғарб тадриҷан ҳамчун соҳаи мустақили адабӣ шакл гирифта, роҳи рушди худро аз адабиёти калонсолон ҷудо намуд. Дар раванди инкишофи таърихӣ он аз як бахши маҳдуди осори тарбиявӣ ба низоми мукаммали бадеиву фарҳангӣ табдил ёфт. Имрӯз адабиёти кӯдаконро метавон ба дарахти пуршоху барге ташбеҳ дод, ки шохаҳои гуногуни он, аз афсона, қисса ва шеър то роман, драматургия ва осори илмӣ-маърифатӣ бо рангорангии мавзуъҳо, ғановати шаклҳои баён ва таъсири густурдаи тарбиявию маърифатӣ фарқ мекунанд. Ин гуногунрангӣ ва пӯёӣ гувоҳи он аст, ки адабиёти кӯдакон дар ҷаҳони муосир на танҳо воситаи фароғат, балки яке аз омилҳои муҳими ташаккули ҷаҳонбинӣ ва камолоти маънавии насли наврас ба шумор меравад. То ин ҷо сухан дар бораи адабиёт ба маънои умумии он мерафт. Аммо адабиёти кӯдакон, ҳарчанд ҷузъи ҷудонопазири адабиёти умумӣ ба шумор меравад, дорои хусусиятҳо ва талаботи хоси худ мебошад. Ба ибораи дигар, адабиёти кӯдакон ҳамон адабиёт аст, вале бо таваҷҷуҳи бештар ба ҷаҳонбинию дарк, эҳтиёҷоту манфиатҳо ва хусусиятҳои синнусолии кӯдак. Аз ин рӯ, он аз нигоҳи мазмун, забон, шакли баён ва ҳадафҳои тарбиявию маърифатӣ бо дақиқият ва масъулияти бештар офарида мешавад. Дар воқеъ, он чи адабиёти кӯдаконро аз адабиёти калонсолон фарқ мекунад, на моҳияти адабиёт, балки хусусияти хонанда, яъне ниёзҳо, ҳадафҳо, сатҳи дарк ва имкониятҳои равониву зеҳнии кӯдакон мебошад. Аз ин рӯ, адабиёти кӯдакон ба маънои умумӣ маҷмуи асарҳоеро дар бар мегирад, ки аз лиҳози муҳтаво, сохтор, шеваи коркарди мавзуъ ва тарзи тасвир, инчунин аз ҷиҳати забон, услуби баён ва усули пешниҳод ба ниёзҳо, шавқу рағбатҳо, таҷрибаҳои зиндагӣ ва имкониятҳои маърифатии кӯдакон мутобиқ гардонида шудаанд. Меъёри асосии чунин асарҳо

мувофиқати онҳо ба сатҳи дарк, фаҳмиш ва қобилияти хондани кӯдак мебошад. Дар ин замина, мафҳуми «кӯдак» бештар ба шахсе ишора мекунад, ки қодир аст мазмуни асарро мустақиман ё тавассути тасвирҳо ва унсурҳои визуалӣ дарк намояд. Қисми зиёди осори адабиёти кӯдакон аз ҷониби калонсолон офарида ва барои истифодаи кӯдакон омода карда мешаванд. Равандҳои интихоби мавзуъ, таълиф, таҳрир, тасвирсозӣ, тарҷума, нашр, паҳнкунӣ, арзёбӣ ва танқиди чунин осор бештар таҳти назари калонсолон сурат мегиранд. Аз ин рӯ, тасаввурот, ҷаҳонбинӣ ва фаҳмиши калонсолон дар бораи кӯдакӣ дар шаклгирии мазмун, сохтор ва сифати асарҳои кӯдакона нақши муҳим доранд. Ба ҳамин сабаб, адабиёти кӯдакон бозтоби муносибати ҷомеа ва калонсолон ба кӯдакӣ низ ба шумор меравад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар омӯзиши адабиёти кӯдакон муайян намудани ҷойгоҳ ва арзиши он дар низоми умумии адабиёт мебошад. Бархе муҳаққиқон бар онанд, ки маҳз дар адабиёти кӯдакон хусусиятҳои аслии таъсиргузории бадеӣ равшантар таҷаллӣ меёбанд, зеро ин навъи адабиёт бевосита ба эҳсосот, тахайюл ва ҷаҳонбинии хонанда таъсир мерасонад. Дар ин маврид Питер Ҳант[12] андешаи ҷолиберо баён мекунад: “Истилоҳи “адабиёти кӯдакон” ҳамчун як соҳаи омӯзиш хеле ҷолиб ба назар мерасад. Азбаски китобҳои кӯдакон солҳои тӯлонӣ аз доираи таваҷҷуҳи зиёиёну назарияпардозони фарҳангӣ берун монда буданд, онҳо, ба назари аввал, аз маҷмуи андешаҳои қолабӣ ва дастурҳои “чӣ бояд гуфт ва чӣ бояд андешид” нисбатан озод будаанд. Илова бар ин, барои бисёре аз хонандагон китобҳои кӯдакон мояи лаззати шахсӣ ва самимӣ мебошанд. Шояд маҳз ба ҳамин сабаб онҳоро метавон адабиёти воқеӣ номид, агар адабиётро маҷмуи матнҳое донем, ки хонандаро ҷалб мекунанд, ба ҷаҳонбинии ӯ таъсир мерасонанд ва дар вуҷудаш вокунишҳои амиқу пуршиддат ба вуҷуд меоранд” [11, 1].

Барои баҳодиҳии дуруст ба асарҳои кӯдакона танҳо донистани меъёрҳои умумии нақди адабӣ кофӣ нест. Муҳаққиқ ва мунтақид бояд хусусиятҳои синнусолӣ, ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва тарзи дарки кӯдакро ба назар гирад. Бо вуҷуди ин, дар раванди таҳлили адабиёти кӯдакон масъалаи муҳим ин аст, ки то чӣ андоза метавон ба таҷрибаи шахсии мунтақид ё ба андешаҳои худи кӯдакон такя кард. Дар ин замина, муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадҳодӣ Муҳаммадӣ ба маҳдудиятҳои ҳар ду равиш ишора намуда, чунин менависад: “Ҳеҷ мунтақиде наметавонад худро ба ҷойи кӯдак бигзорад ва дар бораи авотифи кӯдак нисбат ба матну тасвир қазоват кунад. Дар ҳамин ҳол истиноди густурда ба

[12] Питер Ҳант (соли таваллудаш 1945) - донишманди британиёӣ, профессори ифтихории забони англисӣ ва адабиёти кӯдакон дар Донишгоҳи Кардифф, Британияи Кабир.

назароти кӯдакон дар бораи арзишҳои сохторӣ фоқиди пуштивонаи мантиқӣ аст” [5, 13].

Асари бадеие, ки аз ҷониби кӯдак таълиф меёбад ва ё аз ҷониби калонсолон барои кӯдак офарида шавад, дар ҳар ду маврид ду навъи муаллифу мунаққид дорад: ҳам калонсолон барои таълифоти кӯдакон ва ҳам кӯдакон барои таълифоти калонсолон. Агар хосияти муҳими адабиёт дар он зоҳир гардад, ки хонанда ё шунаванда нисбат ба он мавқеъ гирифта, андеша ва баҳогузории худро иброз намояд ва ба қавле “хосияти адабиёт чунин аст, ки хонандагон ва ё шунавандагон дар бораи он ҷонибдорона сухан бигӯянд” [5, 14], пас дар адабиёти кӯдакон муносибати байни муаллиф, матн ва хонанда хусусияти хос пайдо мекунад. Зеро дар ин соҳа ҳам асарҳое мавҷуданд, ки аз ҷониби худи кӯдакон эҷод мешаванд ва ҳам осоре, ки калонсолон барои кӯдакон меофаранд. Аз ин рӯ, дар фазои адабиёти кӯдакон ду гурӯҳи асосии офаранда ва арзёбкунанда ҳузур доранд: калонсолоне, ки барои кӯдакон менависанд ва кӯдаконе, ки ҳамчун хонанда, шунаванда ва ҳатто муаллиф дар қабули асар иштирок мекунанд. Дар чунин вазъият нақд ва арзёбии адабиёти кӯдакон низ ба ду самт тамоюл меёбад. Аз як тараф, мунаққидони калонсол бо такя ба донишҳои адабӣ асарҳоро таҳлил мекунанд ва аз ҷониби дигар, кӯдакон ҳамчун мухотабони аслӣ тавассути муносибат, дарк ва қабули худ арзиши амалии асарро муайян месозанд. Бинобар ин, омӯзиш ва нақди адабиёти кӯдакон танҳо ба дидгоҳи калонсолон ё танҳо ба назари кӯдакон маҳдуд нашуда, баръакс, зарур аст, ки ҳар ду нигоҳ ҳамдигарро такмил намуда, барои дарки ҳамаҷонибаи асар замина фароҳам оваранд. Аз ҳамин ҷиҳат, адабиёти кӯдакон яке аз соҳаҳои хоси адабиёт ба шумор меравад, ки дар он раванди офариниш, қабул ва арзёбӣ дар ҳамкории ду ҷаҳон, яъне ҷаҳони кӯдак ва ҷаҳони калонсол сурат мегирад.

Дар нақди адабиёти кӯдакон ҳангоми арзёбии асар на танҳо меъёрҳои маъмулии адабӣ ва бадеӣ, балки таъсир, эҳсосот ва вокунишҳои худи кӯдакон низ ба назар гирифта мешаванд. Зеро кӯдакон мухотабони асосии ин навъи адабиёт мебошанд ва сатҳи қабул, фаҳмиш ва муносибати онҳо метавонад нишондиҳандаи муҳимми муваффақияти асар бошад. Аммо дар нақди адабиёти бузургсолон чунин равиши махсус вуҷуд надорад, зеро мунаққидон одатан асарро бар асоси меъёрҳои бадеӣ, сохторӣ, забонӣ ва ғоявӣ таҳлил мекунанд ва вокуниши гурӯҳи муайяни хонандагон ҳамчун ҷузъи асосии методологияи нақд мавқеи марказӣ надорад. Ба ибораи дигар, фарқи асосӣ дар он аст, ки дар нақди адабиёти кӯдакон таҷрибаи хонандаи кӯдак як унсури муҳими арзёбӣ ба шумор меравад, дар ҳоле ки дар нақди адабиёти бузургсолон маркази таваҷҷуҳ бештар ба худи матн ва хусусиятҳои адабии он равона мешавад.

Ҷаҳони маънавӣ, эҳсосот, таҷрибаи зиндагӣ ва сатҳи дарки ҳар як кӯдак хусусияти хоси худро дорад. Аз ин рӯ, офаридани асар барои кӯдакон, бар хилофи тасаввуроти маъмул, кори осон нест. Аввалан, кӯдакон ҳамчун насли оянда ва заминагузорони тафаккури миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор доранд ва ҳар асаре, ки барои онҳо таълиф мешавад, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва фарҳанги онҳо нақши муҳим мебозад. Сониян, ҳатто агар асар аз нигоҳи меъёрҳои бадеӣ, сохторӣ, забонӣ ва ғоявӣ комил бошад ҳам, ин ҳанӯз кафолат намедиҳад, ки он аз ҷониби кӯдакон ба таври яксон пазируфта шавад. Зеро дарки асар ва вокуниш ба он аз омилҳои гуногун, аз ҷумла синну сол, муҳити иҷтимоӣ, таҷрибаи шахсӣ, завқи хонандагӣ ва хусусиятҳои равонии кӯдак вобаста аст. Аз ҳамин сабаб, дар адабиёти кӯдакон миёни арзиши адабии асар ва сатҳи қабули он аз ҷониби мухотаб ҳамеша робитаи мустақим вуҷуд надорад ва муаллиф бояд миёни талаботи бадеии адабиёт ва хусусиятҳои қабули кӯдак тавозунро нигоҳ дорад.

Агар ҳаҷвнигори маъруфи асри XIV Убайди Зоконӣ бо офаридани қиссаи «Муш ва гурба», ки яке аз беҳтарин намунаҳои адабиёти классикӣ барои кӯдакон маҳсуб мешавад ва шуҳрати абадӣ касб кардааст, ном бароварда бошад, пас ин худ гувоҳи он аст, ки ӯ бо нозукбинӣ ва дурандешии хос дарёфта буд, ки барои кӯдакон чӣ гуна ва дар бораи чӣ бояд нақл кард. Ҳарчанд бархе муҳаққиқон ин асарро инъикоси вазъи сиёсии замон ва танзи иҷтимоӣ медонанд, вале асли масъала дар он аст, ки вижагии услубии ин шеър қудрати танзро ба дараҷае баланд нишон медиҳад, ки ҳам барои тафаккури калонсолон ва ҳам барои ҷаҳони маънавии кӯдакон дорои маънии ибратомӯз мебошад. Муҳаққиқ Раҷаб Амонов дуруст таъкид мекунад, ки “Убайди Зоконӣ барои ин достони худ низоми қофиябандии махсусеро интихоб кардааст, ки дар достонҳои эпикӣ ва маснавии анъанавии адабиёти тоҷикии форсӣ қариб дида намешавад. Ӯ на аз усули маъмули маснавӣ, балки аз сохтори ғазал истифода бурдааст, ки дар он тамоми мисраъҳои дуюми ҳар байт бо як қофияи муттасил (аа, ба, ва, га…) пайваст мешаванд. Ин дуршавӣ аз суннати классикӣ ба матн оҳанги хосси киноямез ва ҳаҷвӣ мебахшад. Гузашта аз ин, шоир бо илова намудани овози «о» ба ҳар қофия ин таъсирро боз ҳам қавитар мекунад. Такрори ин овоз то 92 маротиба дар шеър на танҳо мусиқияти онро афзун месозад, балки ба он нерӯи эҳсосии бештар ва ифоданокии баланди бадеӣ медиҳад” [1, 4]. Аз ин андеша бармеояд, ки дар адабиёти кӯдакон таъсиргузорӣ танҳо ба мазмун вобаста нест ва наметавонад танҳо маънои асар нақши ҳалкунанда дошта бошад. Дар баробари интихоби мавзуъ ва муҳтавои асар, тарзи баён, сохтори бадеӣ ва шакли ифода низ аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Ҳатто агар ин шакл берун аз қолабҳои суннатӣ ва анъанавии адабиёт бошад ҳам, маҳз ҳамин

навоварӣ метавонад ба матн ҷаззобият, таъсири эҳсосӣ ва нерӯи тарбиявии бештар бахшад. Вазифаи асари бадеии хуб маҳз дар он зоҳир мешавад, ки он барои хонанда, новобаста аз синну солаш, имкони кашфи маъноҳои нав ва амиқтарро фароҳам меорад. Чунин асар на танҳо ба бойшавии ҷаҳони маънавии шахс мусоидат мекунад, балки сатҳи дарки ӯро низ нисбат ба мазмун, муҳтаво ва паёми пинҳонии матн боло мебарад. Ба ин маъно, асари бадеӣ ҳамзамон вазифаи маърифативу тарбиявиро иҷро намуда, дар ташаккули тафаккури хонанда, новобаста аз бузургсол ё хурдсол буданаш, нақши муҳим мебозад.

Раҷаб Амонов дуруст таъкид мекунад, ки ҳангоми мутолиаи қиссаи танзомези «Муш ва гурба» чунин таассуроти комил ба вуҷуд меояд, ки гӯё шоир бо огоҳии амиқ хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол, сатҳи тафаккури онҳо ва вижагиҳои равонию психологии кӯдаконро ба эътибор гирифта бошад. Маҳз дар ҳамин нукта сирри маҳбубият ва шуҳрати ин асар миёни хонандагони синни хурди мактабӣ нуҳуфтааст, зеро он ҳам ба дарки онҳо наздик аст ва ҳам бо забони образноки худ ба олами маънавии кӯдак таъсири амиқ мерасонад [1, 5]. Хулосаи ин андеша имрӯз низ аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Он барои муаллифони адабиёти кӯдакон ҳушдор медиҳад, ки дар офариниши осори бадеӣ на танҳо мазмун ва ғоя, балки сатҳи тафаккур, синнусол ва хусусиятҳои равонию психологии хонандагони хурдсолро низ ба таври ҷиддӣ ба эътибор гиранд. Танҳо дар ҳамин сурат асар метавонад ба ҷаҳони маънавии кӯдак наздик гардад, дар ӯ завқи мутолиа бедор созад ва таъсири тарбиявию зебоишиносии муассир гузорад. Дар натиҷа, чунин асарҳо ҳам миёни хонандагони хурдсол маҳбубият касб мекунанд ва ҳам барои муаллиф шуҳрати устувори адабӣ фароҳам меоранд.

Ин андеша маълум аст, ки асарҳое, ки махсус барои кӯдакон офарида шудаанд ва бо хусусиятҳои муайяни худ ба талаботу вижагиҳои адабиёти кӯдакона ҷавобгӯ мебошанд, дар ганҷинаи фолклор ҷойгоҳи назаррас доранд. Аз ин рӯ, метавон фолклори бачагонаро яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккул ва рушди адабиёти кӯдакон донист. Бо вуҷуди ин, фолклори бачагона ва адабиёти кӯдакон мафҳумҳои ҳамсон нестанд ва аз ҷиҳати мазмун, вазифа ва хусусиятҳои бадеӣ байни онҳо фарқиятҳои муайян вуҷуд дорад. Мутолиаи намунаҳои фолклори бачагона [10, 251-264] нишон медиҳад, ки дар баробари осори воқеан ба дунёи кӯдак наздик, қисме аз онҳо бештар бозтоби эҳсосот, андешаҳо ва таҷрибаи зиндагии калонсолон мебошанд. Дар чунин сурудаҳо шодию ғам, орзуву ҳасрат ва муносибатҳои иҷтимоие таҷассум меёбанд, ки маншаъашон бештар ба ҷаҳони бузургсолон иртибот дорад. Аз ин ҷиҳат, ҳарчанд мухотаби зоҳирии ин гуна осор кӯдакон бошанд, муҳтаво ва бори маънавии онҳо

на ҳамеша ба сатҳи дарку эҳсоси кӯдак мутобиқ меояд. Маҳз ҳамин хусусият боис мегардад, ки қисми муайяни осори фолклории бачагонаро танҳо ба доираи адабиёти кӯдакон мансуб донистан душвор бошад. Ин гуна намунаҳо дар марзи байни фолклори бачагона ва эҷодиёти умумимардумӣ қарор гирифта, бештар ҷаҳонбинӣ, эҳсосот ва тафаккури фарҳангии насли калонсолро инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиши адабиёти кӯдакон зарур аст, ки байни осоре, ки воқеан ба ниёзҳои равонӣ ва зеҳнии кӯдак нигаронида шудаанд ва намунаҳое, ки танҳо аз ҷониби кӯдакон ичро ё қабул мешаванд, фарқ гузошта шавад.

Хулоса, дар шароити муосир мафҳум ва вазифаи адабиёт нисбат ба гузашта фарохтар гардида, он дар баробари воситаи ифодаи эҳсосот ва тафаккури воқеият будан, ба унвони як ниҳоди муҳими фарҳангӣ ва тарбиявӣ низ амал мекунад. Имрӯз ҷомеа бо падидаҳое чун коста гардидани арзишҳои ахлоқӣ, коҳиши фарҳанги мутолиа, таъсири густурдаи фазои маҷозӣ ва афзалият пайдо кардани донишомӯзӣ бар тарбияи шахсият рӯ ба рӯ аст. Дар чунин вазъият масъулияти адабиёт, бахусус адабиёти кӯдакон, беш аз ҳар давраи дигар афзоиш меёбад. Тафаккури таърихии халқҳо нишон медиҳад, ки ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, ҳисси худшиносӣ ва арзишҳои инсонӣ аз солҳои аввали ҳаёти кӯдак оғоз меёбад. Аз ин рӯ, адабиёти кӯдакон бояд дар баробари манбаи фароғату оромбахшиву омӯзиш буданаш, воситаи муассири тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандии насли наврас низ бошад. Асаре, ки ба завқу дарки кӯдак мутобиқ буда, дар баробари ҷолибияти бадеӣ арзишҳои инсонпарварӣ, некандешӣ, масъулиятшиносӣ ва меҳру эҳтиром ба инсонро тарғиб мекунад, метавонад дар ташаккули шахсияти солим нақши муассир гузорад. Бинобар ин, нақши адабиёти кӯдакон имрӯз ба масъалаи танҳо адабӣ маҳдуд намешавад. Он ба яке аз василаҳои муҳимми ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, таҳкими худшиносӣ, пояҳои ахлоқии ҷомеа ва тарбияи насли огоҳу масъулиятшинос табдил ёфтааст. Ҳар қадаре ки ҷомеа ба рушди адабиёти босифати кӯдакон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд, ҳамон андоза замина барои парвариши инсони комил, фарҳангӣ ва дорои ҷаҳонбинии солим мустаҳкамтар хоҳад шуд.

Китобнома:

1. Амонов, Р. Детская литература Таджикистана / Р. Амонов. – М.: Детская литература, 1981. – 239 с.
2. Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И. С. Брагинский. – М.: Изд-во Академии наук СССР, 1956. – 496 с.
3. Ефремова, А. О. Подходы к определению понятия «детство» / А.О. Ефремова // Молодой ученый. – 2019. - № 38 (276). – С. 139-144.

4. Леонова, Е. Ю. Понятие «Детская литература»: к постановке проблемы / Е. Ю. Леонова // Вестник РГГУ. Серия «Литературоведение. Языкознание. Культурология». - 2020. - № 2. - С. 12-24.
5. Муҳаммадӣ, М. Равишшиносии нақди адабиёти кӯдакон / М. Муҳаммадӣ. – Теҳрон: Суруш, 1378. – 355 с.
6. Первова, Г.М. Теория детской литературы и практика читательской деятельности / Г. М. Первова. – М.: ИНФРА-М, 2025. – 443 с.
7. Суфиев, А. Фолклор – афкори эстетикӣ ва иҷтимоии халқ / А. Суфиев. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
8. Тазкираи адабиёти бачагон. Ҷилди 1. – Душанбе: Маориф, 1979. – 334 с.
9. Тазкираи адабиёти бачаҳо / Мураттибон Алӣ Бобоҷон, Ҷӯра Ҳошимӣ. Нашри дуюм дар таҳрири нав ва иловаҳо. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 224 с.
10. Фолклори тоҷик: Хрестоматия / Мураттибон М. Неъматов, С.Асаддулоев ва Р.Тошматов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 376 с.
11. Hunt, Peter. Introduction: The World of Childrenís Literature Studies Understanding Childrenís Literature / Edited by Peter Hunt. Key essays from the International Companion Encyclopedia of Childrenís Literature. – London: Routledge, 1999. – 188 p.

ТДУ: 821.222.8-93.09(575.32)

МОТИВҲОИ НАХУСТИНИ ПАЙДОИШИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР БАДАХШОН ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО

Абдулназарзода Абдулназар Абдулқодир[13]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Мақола ба аввалин заминаҳои пайдоиши адабиёти кудакона дар Бадахшон бахшида шудааст. Муаллиф сарчашмаҳои пайдоиши адабиёти бачагонаи Бадахшонро, ки ба адабиёти кӯдаконаи минтиқаҳои дигари кишвар шабоҳат дорад, нишон медиҳад. Дар баробари ин дар мақола муайян шудааст, ки пеш аз ҳама шоирони Бадахшон он қисмати осореро барои кудакон бахшидаанд, ки он сирф мазмуни панду ахлоқӣ доштааст. Минбаъд дар эҷодиёти шоирони зиёди минтиқа марсияҳо дар сӯгвории марги фарзанд ё кӯдаку наврасон ва ҷавонон зиёд дучор мегарданд, ки онҳоро бо назардошти баъзе чанбаҳои шаклӣ ва мазмунӣ низ метавон ба адабиёти бачагона мансуб донист. Муаллиф ҳамзамон баъзе хусусиятҳои хоси ашъори кудаконаи тарбиявӣ ва марсиявии шоирони Бадахшонро, ки то аввали қарни XX умр ба сар бурдаанд, таҳлил намудааст.

Калидвожаҳо: *адабиёти бачагона, шоир, осор, панду андарз, марсия, фарзанд, сарчашма, фолклор, адабиёт, Бадахшон, муаллиф, мазмун, шаклҳои шеърӣ.*

Первые мотивы, способствовавшие появлению детской литературы в Бадахшане, и некоторые их характеристики

Статья посвящена истокам детской литературы в Бадахшане. Автор показывает источники возникновения детской литературы в Бадахшане, сходные с детской литературой в других регионах страны. При этом в статье

[13]**Абдулназарзода Абдулназар Абдулқодир** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон, доктори илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Республика Таджикистан, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 934060804; e-mail: abdulnazar9416@gmail.com.

Абдулназарзода Абдулназар Абдулкодир - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел фольклора и литературы Бадахшана, доктор филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 934060804; e-mail: abdulnazar9416@gmail.com.

Abdulnazarzoda Abdulnazar Abdulkodir - Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Badakhshan Folklore and Literature Department, Doctor of Philological Sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 934060804; e-mail: abdulnazar9416@gmail.com.

устанавливается, что, прежде всего, бадахшанские поэты посвящали детям ту часть своих произведений, которая имела чисто нравоучительное содержание. Позже, в произведениях многих поэтов региона, плачи часто встречаются в плачах о смерти ребенка или детей, подростков и юношей, что, с учетом некоторых аспектов формы и содержания, также можно отнести к детской литературе. При этом автор анализирует специфику воспитательной и плачевой поэзии бадахшанских поэтов, живших до начала XX века.

Ключевые слова: *детская литература, поэт, произведение, совет, плач, ребенок, источник, фольклор, литература, Бадахшан, автор, содержание, поэтические формы.*

The first motifs in the emergence of children's literature in Badakhshan and some of their characteristics

The article is devoted to the first foundations of children's literature in Badakhshan. The author shows the sources of the emergence of children's literature in Badakhshan, which is similar to children's literature in other regions of the country. At the same time, the article determines that, first of all, Badakhshan poets devoted to children that part of their works that had a purely moral content. Later, in the works of many poets of the region, laments are often found in laments about the death of a child or children, adolescents and youth, which, taking into account some aspects of form and content, can also be attributed to children's literature. At the same time, the author analyzed the specific features of educational and lamentative poems of Badakhshan poets who lived until the beginning of the 20th century.

Key words: *children's literature, poet, work, advice, lament, child, source, folklore, literature, Badakhshan, author, content, poetic forms.*

Агар аз аҳамияти адабиёти кӯдакона дар умум андеша карда бошем, бегумон порчаи шеърии шоир ва сарояндаи маъруфи замони Шӯравӣ Владимир Висотский ба ёд меояд, ки дар он ба масъалаи мазкур шарҳи хеле кӯтоҳ, вале равшан додааст:

Если, путь прорубая отцовским мечом,
Ты солёные слёзы на ус намотал,
Если в жарком бою испытал что почём, –
Значит нужные книги ты в детстве читал [11].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ :

Агар бо шамшери падарат роҳ бурӣ,
Ашки шӯр ба даҳон хӯрдӣ,
Агар дар гармии ҷанг аслро дарёфтӣ,
Маълум аст, дар кудакӣ китоби зарурӣ хондаӣ.

Маҳз чунин манфиату зарурияти адабиёти бачагона аст, ки новобаста аз вазъи адабӣ он чун қисмати ҷудонашавандаи олами назму насри халқу миллатҳо арзи вуҷуд намудааст. Адабиёти бачагона дар Бадахшон чун қисмати ҷудонашавандаи адабиёти тоҷик мисли

адабиёти кудаконаи дигар минтиқаҳои кишвар заминаҳои пайдоиши худ дошт. Адабиётшиноси шинохта, доктори илмҳои филологӣ Раҷаб Амонов оид ба сарчашмаҳои пайдоиши адабиёти бачагонаи тоҷик андешаронӣ намуда, хеле возеҳ ва фаҳмо масъаларо шарҳ додааст, ки ҳамзамон манбаъҳои мазкур заминаи адабиёти бачагона дар Бадахшон низ мансуб меёбанд ва мо зарур шумурдем, ки шарҳи муҳаққиқро барои равшан намудани масъала пурра манзур намоем: "Адабиёти бачагонаи тоҷик дар протсеси пайдоиш ташаккул ва такомулоти худ ба хусусиятҳои ин чор синну сол (томактабӣ, синни хурди мактабӣ, синни миёна ва болои мактабӣ-А.А.) мутобиқ шуда, дар ҷараёни тараққиёти худ аз се манбаи асосии адабии худ бомувафаққият истифода мекунад. Ин се манбаи ғанӣ, рангин ва муфиде мебошад, ки дар тарбияи одами нав имконияти аз онҳо гаштаву баргашта ва фаровон фоида бурдан борҳо исбот гардидааст.

Манбаи аввал адабиёти класикии тоҷик аст, ки аз эҷодиёти асосгузори он Абуабдулло Рӯдакӣ сар карда то тохирин намояндагони он саршори панду ҳикмат буда, он ақидаҳои муфидеро, ки аз таҷрибаи ҳаёти халқ дар даврaҳои гуногуни таърихии иҷтимоӣ ба даст омада буд, ба таври васеъ дар бар гирифтааст.

Дар асоси асарҳои халқӣ шеъру суруд, афсонаву достон, ҳикоя ва песаҳо ба миён омад, образу сюжет, мавзуъ ва персонажҳои фолклорӣ дар назму наср ва драматургияи бачагонаи тоҷик мавқеи калон пайдо карданд, таҷрибаи халқ барои эҷодкорони ин соҳа ҳаматарафа ба кор рафт.

Ниҳоят адабиёти бачагонаи рус ва халқҳои СССР на фақат ҳамчун махъази таҷрибаи бадеӣ, балки дар айни замон ҳамчун манбаи сюжет, образ ва жанру воситаҳои тасвир дар инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик роли муҳим бозид" [1, 8].

Дар Бадахшон низ дар заминаҳои дар боло қайд гардида адабиёти бачагона ба вуҷуд омад ва манбаҳои мазкур барои рушди он хизмати босазое адо намуданд.

Нахустин осори бачагона дар ашъори шоироне дида мешуд, ки онҳо сирф хусусияти тарбиявӣ доштанд. Ин ашъор қабл аз ҳама аз осори гаронбаҳои ахлоқии адабиёти классикии форсу тоҷик маншаъ гирифт. Аввалин осори бачагонаро метавон шеърҳои ҷудогонаи шоирон, ки барои фарзандонашон чун осори насиҳатӣ бахшида буданд, ҳисоб кард. Барои мисол қитъае аз шоири Суфӣ Муборакқадам овардан мумкин аст, ки чунин аст:

Фарзанди манӣ, агар насиҳат шунавӣ,
Зинҳор макун бадӣ, зиёнат, ки расид!
Дидам ҳама зишту нек кирдори худӣ,

Дарёб зи ман ҳамин нишонат, ки расид.
Пас ҷумла паси насиҳати нек раванд,
Бад чист чу қулф аз забонат, кӣ кашид? [11, 316].

Осори тарбиявии шоирони Бадахшон, ки аксарияташон аз нигоҳи забон ва ифода сода ва равонии худ мансуби адабиёти кӯдакона мебошанд, аслан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Аввалан, он осоре, ки бевосита ба насиҳати фарзанд бахшида шудаанд. Яъне аз байти нахустинаш, ки дар он муаллиф ин назмро дар мухотаб ба фарзандаш ҳусни оғоз мебахшад, насиҳатӣ будани он возеҳ маълум мегардад. Дар мавридҳои дигар, ҳангоми баррасии ягон масъалаи алоҳида муаллиф бевосита ё бавосита аз номи қаҳрамон ё аз номи худаш ба мавзуи ахлоқӣ-тарбиявии хонандаи хурдсол мегузарад. Насимбек Қурбонзода ва Зебо Алихонӣ дар мақолаи “Дар фазои беғубори кӯдакӣ”, ки ба осори бачагонаи Мирсаид Миршакар бахшидаанд, дар масъалаи наздик будани осори панду ахлоқӣ бо мавзуи тавсифӣ ибрози фикр мекунанд: “Мазомине, ки дар онҳо як нуқтаи ахлоқӣ ё тарбиятӣ бошад, ба дастаи ашъори тарбиятӣ дохил мегардад. Албатта, мумкин аст, мазомини васфӣ ҳам бо нуқтаи ахлоқӣ ё тарбиятӣ ҳамроҳ бошад, аммо чун қасди шеър бештар тавсиф аст, мазмун муқаддамтар аст. Дар ин ҷо низ бар асоси қасди ғолиби шеър онҳо дар ин даста қарор дода шудаанд” [6, 8].

Дар осори шоирон порчаҳои шеърии панду ахлоқии зиёдро дучор омадан мумкин аст, ки муаллифон ба хонандаи кучаки худ бо ишораи азизо, азизам, дӯст ва ғайра муроҷиат мекунанд. Забони соддаи ин гуна осор низ имкон медиҳад, ки онҳоро метавон шомили адабиёти бачагона шумурд. Чуночӣ шоир Ҷаъфар ё худ Ҷаъфарӣ дар рубоии зерин гуфтааст:

Эй дуст, бад-ин роҳ гузар бояд кард,
Бар хатти гунаҳкор гузар бояд кард.
Умрат гузарон, ба халқ бадкор мабош!
Аз оҳи дили халқ ҳазар бояд кард [11, 157].

Ё худ аз шоир Мубораки Вахонӣ, ки ба хонанда бо ишораи “азизо” муроҷиат мекунад:

Азизо, дар ҷаҳон тухми накӯ пош!
Агар шарм аз бадон дорӣ, накӯ бош [11, 158].

Шоир Ташрифи Дарморахтӣ бошад, дар шеъри дар сӯги писари даҳсолаи худ, ки Давлат ном дошта, аз дарахт афтида ҳалок мегардад, ба ёр муроҷиат намуда, дарду алами худро чунин иброз медорад:

Эй ёр бубин, ҳоли мани хаста чиҳо шуд,
Ҷон дар тани ман сӯхт, ба сад ҷавру ҷафо шуд.

Бечора танам оҷизу маҳрӯҳу табо(ҳ) шуд,
Ин оҳу фиғонам зи замин то ба само шуд [9, 47].

Дар бештари мавридҳо хонанда гумон мекунад, ки муаллифони осори бачагона, ки ба насиҳати фарзандон бахшида шудааст, бо ӯ рӯ ба рӯ нишаста суҳбат карда истодааст. Ишораи шоир ба фарзанд аслан ба чунин шакле сурат гирифтааст, ки мутолиакунанда гуё ширкати фарзандро дар раванди насиҳати падар эҳсос мекунад. Чунин тарзи баёни муаллиф дар насиҳати фарзанд асосан аз адабиёти класикии форсу тоҷик манша гирфтааст. Фолклоршиноси шинохтаи тоҷик Раҷаб Амон дар хусуси яке аз нахустин асарҳои тарбиявии бачагона, "Қобуснома"-и Унсурмаолии Кайковус менависад ва мушоҳидаи худро дар хусуси тарзи муроҷиати муаллиф ба фарзандаш овардааст: "Ҳама бобҳо дар шакли сӯҳбат навишта шудаанд. Ба назар чунин мерасад, ки падар дар назди писараш, аз таҷрибаи зиндагии худ ба ӯ нақл мекунад, ба ӯ чӣ гуна зиндагӣ кардан, чӣ гуна рафтор карданро дар шароити муайян ва барои ҳар як мисол қиссае кӯтоҳ ё достони ибратомез пешкаш мекунад" [1, 6].

Дар ин қисмати шеъри шоир Суфӣ Муборакқадам чунин шакли мухотабу муроҷиати шоир ба фарзанд мушоҳида мегардад ва гумон, ки шоир суханони зеринро дар ҳузури фарзандаш баён намудааст:

Фарзанди манӣ, агар насиҳат шунавӣ,
Зинҳор макун бадӣ, зиёнат, ки расид!
Дидам ҳама зишту нек кирдори худӣ,
Дарёб зи ман ҳамин нишонат, ки расид.
Пас ҷумла паси насиҳати нек раванд,
Бад чист чу қулф аз забонат, кӣ кашид? [11, 316].

Дар баробари ашъори тарбиявии шоирон осори зиёди назмӣ дар сӯги фарзандони ҷавонмаргро дучор омадан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки аксари ин осори марсиявӣ дар жанри мухаммас эҷод гардидааст. Барои тақвияти фикр як мухаммаси марсияи шоири нимаи аввали асри XIX Мулло Қаландар овардан мумкин аст, ки "ба мусибати кушта шудани писараш (азтарафи як шахси нуристонӣ) гуфта шудааст:

То ту рафтӣ за барам, ҷони падар, менолам.
Дарду доғи ту ба дил карда асар, менолам.
Мехӯрам хуни дил, аз хуни ҷигар менолам.
Булубулам дар ғами гул шому саҳар менолам.
Гашт сар то қадамам пур зи шарар менолам [11, 253].

Як нуқтаро бояд зикр намуд, ки чунин осори назмии марсиявии шоирони зиёд нисбати ашъори дигарашон бештар ҳифз шудаанд. Ҳатто шоироне, ки тибқи маълумоти муҳаққиқону тазкиранависон эҷоди зиёд доштаанд, аз миёнаш бештар осори сӯгворӣ ё ғамангез мерос

мондаанд. Шоир Шамшери Вахонӣ, ки дар охири қарни XIX умр ба сар бурдааст, дар ғами марги писараш ду мухаммас ва як ғазал навиштааст. Лоиқи зикр аст, ки аз осори шоир танҳо ҳамин осори ғамангезаш то ба мо омада расидаанду халос. Амирбек Ҳабибов дар ин хусус менависад, ки "... баёзеро, ки дастхати худи Шамшер буд, дида баромадем. Мутаассифона, дар ин баёз, ғайр аз ду мухаммас ва як ғазали марсия, ки шоир онҳоро ба вафоти писараш Мирзобек мебахшад, шеърҳои дигари ӯ зикр наёфтаанд" [11, 345].

Аз шоир Қудрати Шуғнонӣ низ, ки ба гуфти Тилло Пӯлодӣ "маҳсули эҷодии шоир хеле зиёд ва гуногунмазмун мебошад, вале то ҳанӯз пурра ҷамоварӣ ва омӯхта нашудааст ё ба қавли Шанбезода Нодир зиёда аз 1000 мисраъ шеърҳои ӯ дар байни мардум паҳн шуда, дар баҳри беканори фолклор чун дурдона дохил шудаанд [9, 16] , дар байни мероси адабии на он қадар зиёд ба мо расида, порчаҳои марсиявӣ боқӣ мондаанд.

Барои мисол шоир рубоии зеринро, ки дар замони вафоти писараш, ҳангоми муҳоҷират иттифоқ афтод, эҷод намудааст:

Эй ҷони падар, ҷони падар, ҷони падар,
Афсӯс, ки умрро набурдӣ ба самар.
Бо мардуми бегона чи таъриф кунам,
Гулдаста будӣ миёни ҳар ҳашт писар [11, 118].

Ба гуфти Тилло Пӯлодӣ "аз шоир Ташрифи Дарморахтӣ, ки шеърҳои бисёре гуфтааст, лекин муттаассифона ҳамаи онҳоро пурра ба даст оварда натавонистаем" [7, 46], маҳз ду банди марсиявии ӯ то ба мо омада расидаанд, ки якеро дар боло оварда будем, ки банди баъдинаи он чунин аст:

Ку дӯст, ки як лаҳза шавад воқифи корам,
Ёрон ҳама донанд, хазон гашт баҳорам.
Рафт аз бари ман баччаву ғам гашт дучорам,
Фарзанди азиз аз мани дилхаста ҷудо шуд [9, 47].

"Шеърҳои Пӯлод хеле каманд. Яке аз шеърҳои ӯ, ки дар шакли мухаммас гуфта шудааст, марсия мебошад. Ӯ ин марсияро ба мусибати вафоти писар ва бародараш эҷод намудааст. Порчае аз марсия чунин аст:

Дидаам имсол ду ғам сарбасар,
Марги додар, марги он зебописар.
Мурдани он хушкалому пурҳунар,
Вой бар ин пургуноҳу бехабар,
Ҳардуро якбора гумкардем мо [9, 51].

Аз ин маълумоти Тилло Пӯлодӣ маълум мегардад, дар байни шеърҳои ками шоир, ки имрӯз дастрасанд, маҳз марсия боқӣ мондааст.

Шояд сабаби асосии нисбатан умри дароз дидани ин осори марсиявӣ, ки асосан ба фавти кудакону ҷавонон бахшида шуда бошанд, бархӯрди онҳо ба ғаму андӯҳи дигарҳо, ки ба чунин мусибатҳо дучор шуда бошанд. Яъне хизмати ин ашхос дар нигаҳдории ин гуна осор зиёд аст.

Хусусияти дигари осори сӯгворӣ, ки аксарияташон ба хотири вафоти фарзандонашон иншо гардидаанд, зикр шудани номи фарзанди марҳум дар шеър мебошад. Дар аксари осори шоирони қарни XIX ва XX, ки дар сӯги фарзандони аз дастдода суруда шудаанд, он дида мешавад. Барои далел Шамшери Вахонӣ ҳам дар мухаммас ва ҳам дар ғазал, ки Амирбек Ҳабибов онҳоро дар китоби "Ганҷи Бадахшон" овардааст, номи писари марҳумаш Мирзо ё исми пурраааш Мирзобекро дарҷ намудааст. Чунончӣ дар мухаммас:

Чун мурғи рӯҳат аз қафаси тан ҳаво гирифт,
Мирзои ҷон, ки хонаат аз ман ҷудо гирифт.
Дар ними шаб, ки манзили роҳи Худо гирифт,
Эй навҷавони мукниси ҷонам, куҷо шудӣ? [11, 347].

Ё худ дар ғазали зерин шоир низ номи пурраи фарзандаш Мирзобекро қайд кардааст:

Зиндагонӣ талх кардӣ бар ман, эй ҷони падар,
Дар ҷаҳонам сӯхтӣ, рӯят чу пинҳон кардаӣ.
Интизорам дар фироқи руйи Мирзобеки ҷон,
Ин ҷаҳонро дар назар монанди зиндон кардаӣ [11, 347].

Дар баъзе аз осори дар фироқи фарзандони марҳум навиштаи шоирон ҳатто сабаби фавт, иллату касалии ҷигарбандонашро пурра дарҷ менамояед. Шоир Мулло Қаландар дар мухаммаси марсиявии худ, ки ба мусибати кушта шудани писараш аз ҷониби як шахси нуристонӣ навиштааст, ҳолати кушта шудани онро пурра тасвир намудааст:

Ман чӣ донам ба фиреб аст, ҳамон куфри лаин.
Кинавар буд зи аввал ба ту он душмани дин.
Карди ҳамроҳияшу зад бу та бо ханҷари кин.
Сурати нахли табархӯрда фитодӣ ба замин.
Рехт хунат ба ҳамон кӯҳу камар, менолам [11, 253].

Муттаассифона, на ҳамаи осори шоирони Бадахшон, ки барои насиҳати фарзандон ё ба иллати марги наздикону пайвандони наврасу кудак навиштаанд, то ба мо дар шакли пурра омада расидаанд. Дар бисере аз ин мероси адабӣ порча ё байту мисраъ аз байн рафтааст. Мисол дар худи як мухаммаси марсиявии шоир Шамшери Вахонӣ дар бандҳои якум ва панҷум як мисраъ, дар банди аввали мухаммас мисраи панҷум дарҷ нашудааст, ҳол он ки ин мухаммас ба иттилои Амирбек Ҳабибов аз баёзи худи шоир оварда шудааст:

Эй нури чашми роҳати ҷонам, куҷо шудӣ?
Эй зиндагию рӯҳи равонам, куҷо шудӣ?
Эй навниҳоли боғи ҷинонам, куҷо шудӣ,
Эй хуррамию зинати ҷонам, куҷо шудӣ?

Ё худ мисраи чоруми банди панҷуми мухаммас низ дар баёзи шоир наомадааст:

Тире задӣ ба синнаам, эй шухи навҷавон,
Менолам аз барои ту монанди булбулон,
Ин дард бедавост, чи суд аст аз фиғон,
Шаҳбози дасту лаҳҷаи ҷонам, куҷо шудӣ [11, 346].

Аз бисёр шоирон, ки қисмати осори тарбиявиро ба фарзандонашон бахшидаанд, то ба мо муттаассифона як порчаи шеърӣ, ҳатто як байт боқӣ мерос мондааст. Ин ҳолат махсусан дар дастнавису баёзҳо бештар мушоҳида мегардад. Барои аснод дар дастнависи Шоҳфитур Муҳаббатшоҳзода се байти алоҳидаро пайдо намудем, ки яке аз онҳо ин аст:

Ай азизи дил зи дониш баҳра гир,
Гавҳарат набвад, зи хониш баҳра гир [12, 5].

Қобили зикр аст, ки осори марсиявии шоирон, ки ба фавти фарзандонашон бахшидаанд, аз ду ҷиҳат таъсиргузор мебошанд Аввалан, дар ин осор меҳру муҳаббати падарона нисбати кудак, наврас ё ҷавони аз дастдода хеле нозук ва бомеҳр изҳор мегардад. Шоирон бо сузу гудоз аз ишқи волидайнии худ нисбати ҷигарбандашон баён мекунанд. Барои тақвияти андеша як банди нопурраи мухаммаси шоир Шамшерро овардан кофист, ки писари марҳумро нури чашм, роҳати ҷон, зиндагию рӯҳи равон, навниҳоли боғ, зиннати ҷон ва ғайра меномад:

Эй нури чашму роҳати ҷонам, куҷо шудӣ,
Эй зиндагию рӯҳи равонам куҷо шудӣ,
Эй навниҳоли боғи ҷинонам, куҷо шудӣ,
Эй хурамию зиннати ҷонам, куҷо шудӣ [11, 346].

Ташбеҳ додани фарзанди ба коми марг рафтаро ба арзишмандтарин ё бузургтарин ашёву лаҳза дар осори шоирони зиёди марсиянавис дучор омадан мумкин аст. Маълум аст, ки дар ин ҳолат волидайн ба ёди фарзанди аздастрафта, дар хаёлу андешаи ҷонгудоз ҷигарбандашро ба неъматҳои қиёснашаванда нисбат медиҳанд. Барои далел шоири қарни XIV-Бадахшон Сулаймоншоҳ дар марсияи писараш Иброҳим-мирзо дар рубоии зерин ба писараш бо ибораҳои “лаъли Бадахшон”, “хуршеди дурахшон” ва “ҳотами Сулаймон” муроҷиат менамояд:

Эй лаъли Бадахшон, зи Бадахшон рафтӣ,
Монандаи Хуршеди дурахшон рафтӣ.
Дар даҳр чу ҳотами Сулаймон будӣ,
Афсус, ки аз дасти Сулаймон рафтӣ [11, 88].

Таъсиргузории дигари ашъори марсиявӣ дар тасвири андӯҳи ҷонгудози шоир дар ғами фарзанди фавтида мебошад. Дар гуфтори муаллифон як шакли дунёбезорӣ баъди аз даст додани фарзанд мушоҳида мегардад. Шоирон дар ин маврид ҳоли зори худро бо як дарду гудоз ба қалам медиҳанд, ки хеле ҳаяҷоновару ғамангез мебошад. Чунончӣ дар ин ғазал:

Нозанин, ҷони падар, ҳушам парешон кардай,
Дидаро дар интизорат абру борон кардай.
Сӯхтам андар ҷаҳон, чун тоқати сабрам намонд,
Навбаҳори шодиамро чун зимистон кардай.
Қоматам хам гашт аз доғи ҷудоиҳои ту,
Нури чашмамро рабудӣ, дил чу бирён кардай [11, 347].

Зимни мутолиаи осори марсиявии шоирони Бадахшон, ки бештарашон ба хотири вафти кудакону ҷавонон гуфта шудаанд, хонанда бемамоният эҳсос мекунад, ки аксари ин эҷод дар замина ва пайравии эҷодиёти шифоии халқ навишта шудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки ягона фарқияти ин ду осор асосан дар жанри шеърӣ ба назар мерасад. Агар дар шеъри муаллифӣ он аслан дар жанрҳои мухаммас ва ғазал гуфта шуда бошад, дар эҷодиёти даҳанакии халқ он бисёртар дар жанри рубоӣ гуфта шуда, бештарашон дар рӯзҳои мотам суруда мешаванд. Ба ҷуз аз ин, дар фолклор ин рубоиҳо аз номи занон гуфта шудаанд. Муҳаққиқ Варқа Охонниёзов дар ин хусус андешаронӣ намуда менависад: “Рубоиҳое, ки дар маросими мотам, чун суруди фалак иҷро мешаванд, асосан аз номи занон-модар, хоҳар ва ё ҳамсари марҳум буда, тавассути онҳо аз тақдири бадфарҷом нолидану аз шахси азизи худ ҷудо гаштанаш бо сӯзу гудози бепоён изҳор мешавад” [8, 286]. Дар Бадахшон дар баробари хондани рубоӣ, хондани қитъаи назм аз даргилик, махсусан дар солҳои пеш аз ҷониби ҷинси латифи аъзодор низ бисёр мушоҳида мегардад. “Дар солҳои гузашта ҳар як зану духтар новобаста аз он ки дорои маҳорати сурудхонӣ буд, ё не, ҳатман дар маросими мотам навъахонӣ мекард. Аз ҷумла агар ягон шахси наздикро аз даст медоданд, ҳатман бо рабту усули худ рубоиҳои ғамангез ва даргиликро бо овози баланд мехонданд” [7, 95]. Маълумоти мазкур бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки то чи андоза адабиёти шифоӣ барои пайдоиш ва эҳёи адабиёти хаттӣ дар Бадахшон, алалхусус адабиёти бачагона чун сарчашма хизмат намудааст.

Дар адабиёти Бадахшон дар баробари осори панду ахлоқӣ ва сугворӣ шеърҳои зиёди дигареро дучор омадан мумкин аст, ки дар онҳо муаллиф вобаста ба масъалаҳои мухталифи иҷтимоӣ ба фарзанди худ мурочиат мекунад. Аслан шоирон дар баррасии масъалаҳои зиёд ба дӯст, ёр, азиз ва ғайра нидо мекунанд. Арзи шоир ба фарзанд ва дар бештар мавридҳо ба писар аксар вақт дар осори андарзӣ бештар дида мешавад. Лекин, мурочиат ба фарзанд дар эҷоди ба мавзӯи иҷтимоӣ бахшида шуда кам мушоҳида мегардад. Шоир Қудрати Шуғнонӣ доир ба ҳичрат ва азобу уқубат дар замони он мухаммасе навишта, дар он ба писар нидо мекунад:

Дар ғарибӣ зиндагонӣ ҳайф бошад, эй писар,
Ҳеҷ чизе аз ғарибӣ нест дар олам батар,
Чун намози шом гардад интизору дарбадар,
Хӯрдани хоки ватан беҳ бошад аз шаҳду шакар,
Нони ғурбат кам аз он набвад, ки бошад заҳри мор [9, 101].

Дар бисёр мавридҳо шоирон дар шеърҳояшон бо фарзанди марҳуми хеш гуё суҳбат мекунанд, бо онҳо рози қалб мегӯянд. Аз ҳолу аҳволи хеш нақл мекунанд. Дар асл чунин ҳолат танҳо хоси шоирони ғамзада нест. Дар ҳолатҳои зиёд асосан падару модарон дар рузҳои мотам бо гиря суханҳоеро арз мекунанд, ки авзои вуҷуди онҳоро инъикос мекунанд. Барои шунаванда, махсусан онҳое, ки дар чунин ҳол набудаанд, дарки бештари ин суханҳо мушкил ва ғайри қобили қабул мебошад. Аз порчаҳои шеърии баъзе шоирон, ки бо чунин мазмун эҷод мекунанд, маълум мегардад, ки онҳо ин назмро дар рузи мотам ё рузҳои наздики баъди он навиштаанд. Шоир Қудрати Шуғнонӣ рубоие дорад, ки “Дар сари тобути писараш Наҷафқулбек” унвон шудааст. Аз номи рубоии мазкур маълум мегардад, ки он дар рузҳои марги писараш навишта шудааст. Хонанда гумон мекунад, ки шоир бо писараш суҳбат мекунад, зеро ӯ ба фарзанди аздунёрафтааш нидо карда гуфтааст:

Ғамгин машав, ки ман тани танҳоям,
Бобу амаки момои ту онҷоянд.
Чанд рӯзи дигар аз ту амонат хоҳам,
Биллоҳ ба Худо, аз паси ту меоям [5, 320].

Ё дар ҷойи дигар:

Эй Наҷафқулбек, рафтӣ аз диёр,
Падарат мондӣ ба Вахё хору зор.
Гиряҳо сар зад дар рӯзи баҳор,
Эй гули бехор гум кардам туро[4, 320].

Дар баробари осори шоирони Бадахшон ба забони форсӣ-тоҷикӣ ҳамзамон ба забонҳои маҳаллӣ низ осор ба фарзанди худ бахшидаи шоирон зиёд ба назар мерасад, ки ин масъала тадқиқи алоҳидаро

тақозо дорад. Дар ин маврид, ҳаминро танҳо қайд намудан зарур мешуморем, ки дар эҷодиёти шоирони маҳализабони Бадахшон аз руҷуи аввали назми мазкур махсусан эҷоди шеъри мазмуни тарбиявӣ тарбиявӣ дошта бештар мушоҳида мегардад. Барои мисол, шеъри "Шукр кин"-и аз яке аз нахустин гӯяндагон ба забони шуғнонӣ Мулло Лочин овардан мумкин аст, ки фикрҳои болоро асоснок менамояд:

Сарат вега шукр кин,
Ху дод гардъа шукр кин.
Ту додат нанен ту пир,
Веф хез ки тавъба тақсир.
Савен турд дастигир,
Сарат вега шукр кин.
Лочин ту чуд хабардор,
Ношукр мак зин(ҳ)ор.
Шукрат ки лайлат наҳор,
Сарат вега шукр кин.

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:

Саҳару бегоҳ шукр кун,
Ба нони додаат шукр кун,
Падару модар туро пир,
Наздашон кун тавба, тақсир.
Туро кардард дастгирӣ,
Саҳару бегоҳ шукр кун.
Лочин карда хабардор,
Ношукрӣ макун зинҳор,
Шукр кун лайлу наҳор,
Саҳару бегоҳ шукр кун [2, 223-224].

Бо назардошти маълумотҳои дар боло овардашуда роҷеъ ба нахустин мотивҳои пайдоиши адабиёти бачагона дар Бадахшон метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Аввалин нишонаҳои осори ба кудакон бахшидаи шоирони Бадахшон дар мероси адабии панду ахлоқии онҳо мушоҳида мешавад. Ин намуди назм, ки асосан дар жанри мухаммас ва ғазал гуфта шудааст, забони нисбатан сода дошта, ба назар мерасад, ки нисбати осори дигари муаллиф равонтар мебошад. Ин гуна осор ба талаботи асосии шеъри кудакона ҷавобгӯ мебошад, яъне "забони шеъри хурдсолон равонӣ аст. Вежагии шеъри хурдсолон содагуфторист" [4, 3].
2. Пушида нест, ки на ҳамаи шеърҳои ба фарзанд ё дар мавзуи тарбиявӣ ё дар осори марсиявӣ ва ё ба ягон масъалаи иҷтимоӣ бахшидашударо мо метавонем ҳамчун осори бачагона қабул кард. Зеро волидайн ба фарзанди калонсоли худ низ метавонанд,

бо ибораҳои ҷони падар, нури чашмон ва ғайра муроҷиат намоянд, ки дар мисолҳои дар болоовардашуда ин нидоҳо зиёд дучор гардидем. Аммо аз як ҷиҳат агар содагуфторӣ ва равонии шеър моро ба ин водор карда бошад, аз тарфи дигар истифодаи баъзе калимаҳо ё вожаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ин осор ба кудак ё наврас бахшида шудааст. Барои мисол истифода шудани калимаҳои навниҳол, навҷавон, бача, азизакам ва монанди инҳо далели гуфтаҳо шуда метавонанд, ки ин ба адабиёти бачагона рабт дорад. Дар қитъаҳои шеърии боло мо чунин намунаҳоро барои далел вориди мақола намудем.

3. Ҳамзамон дар осори шоирони Бадахшон анъанаи марсиянависӣ дар заминаи адабиёти оламшумули форсу тоҷик ривоҷ ёфтааст. Маълум аст, ки аксари осори ғамангез дар сӯги марги кӯдакону ҷавонон иншо мегардид. Зимни гирдоварӣ аён гашт, ки бештари осори назмии марсиявӣ барои марҳум фарзандонашон бахшида шудаанд.
4. Эҷоди марсиявии шоирон аз чанд ҷиҳат ҷолиб ва таъсиргузор мебошад. Аввалан, дар он муҳаббати муаллиф нисбати фарзанди аздастрафта изҳор карда шуда, баъдан шоир аз сӯзи ҷонгудоз ва азоби пурмашақати худ дар ғами фарзанди наврас ё ҷавони худ изҳори баён мекунад.
5. Таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки осори марсиявии шоирон нисбати дигар қисматҳои дигар эҷод бештар ҳифз шудааст. Дар тазкираҳо аз шоирони зиёд танҳо эҷоди ғамангези онҳо, ки дар марсияи вафот навишта шудаанд, оварда шудаанд. Ҳол он ки гирдовардагон қайд мекунанд, ки муаллифи ин осор эҷодиёти бой доштааст, лекин то ба мо чанд адад шеър расидаанд, ки теъдоди асосиашон муҳтавои сӯгворӣ дорад. Ба фикри ин ҷониб, сабаби асосии ҳифз гардидани мероси адабии марсиявӣ ин бархӯрди онҳо ба ғаму андӯҳи шахсони дигар, ки мисли муаллиф ба чунин рӯзҳои сахту сиёҳ дучор шудаанд.
6. Шеърҳои бачагона дар баробари ба забони форсӣ-тоҷикӣ инчунин дар шеъри муаллифии помиризабон аз марҳилаи нави пайдоиши он руҷӯъ кардаанд, ки дар бештар ҳолатҳо ин назм мазмуни тарбиявӣ дорад. Таҳлили ин намуди назм то кунун тадқиқ нашудааст, агарҷи омӯзиши он метавонад ба масъалаҳои зиёд оиди адабиёти бачагонаи адабиёти Бадахшон равшанӣ андозад

Дар фарҷом ҳаминро бояд қайд кард, ки омӯзиши пайдоиш ва ташаккули адабиёти бачагона дар Бадахшон, чи дар назм ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва дар шеъри таълифӣ ба забонҳои маҳаллии помирӣ

масъалаи тадқиқнашуда буда, он ба пажуиши жарфтар ниёз дорад. Мақолаи пешниҳодшуда танҳо як кушиши кучак мебошад ва умедворем, ки дар оянда тадқиқи масъала аз ҷониби муҳаққиқон дар шакли васеътар роҳандозӣ мегардад.

Китобнома:

1. Амонов, Р. Детская литература Таджикистана/ Р. Амонов. – М.: Детская литература, 1981. - 238 с.
2. Амонов, Р. Тазкираи адабиёти бачагон (ҷилди 1, назм) / Р. Амонов. - Душанбе: Маориф, 1979. - 333 с.
3. Вопросы памирской филологии. – Душанбе: Дониш, 1985, - 317 с.
4. Давлатбеков, Л. Рӯзгор ва осори шоирони Бадахшон / Л. Давлатбеков. – Душанбе: ИРАМ 2014, 2023. - 179 с.
5. Давлатбеков, Л. Суннатҳои шифоҳӣ ва хаттии адабиёти тоҷик дар Бадахшон. / Л. Давлатбеков. – Душанбе: ИРАМ 2017, 2023. - 400 с.
6. Қурбонзода, Н. Дар фазори беғубори кӯдакӣ. Н. Қурбонзода, З. Алихонӣ // Адабиёт ва санъат. - 06.08.2025. - № 31 (2312).
7. Қурбонхонова, Н. Ҷойгоҳи драмаи халқӣ дар маросими мотам. / Н. Қурбонхонова, Н. Ҷафоева, Ф. Шоназмиева // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2024. - № 1. – С 93-98.
8. Охонниёзов, В. Таърихи авдабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон, қисми аввал. / В. Охонниёзов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. - 328 с.
9. Пулодӣ, Т. Шоирони халқии Бадахшон / Т. Пулодӣ. - Душанбе: Ирфон, 1964. -196 с.
10. Ҳабибов, А. Аз таърихи адабиёти Бадахшон / А. Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1971. - 195 с.
11. Ҳабибов, А. Ганҷи Бадахшон / А. Ҳабибов. – Душанбе: Эр-граф, 2025. - 355 с.
12. Дастнавис аз бойгонии Саидиброҳимов Шоҳзода, 36 варақ.
13. – URL: https://ls.pushkininstitute.ru/lsslovar/?title санаи мурочиат: 07.05.2026). - Матни электронӣ.

ТДУ: 821.222.8-14.09

ВИЖАГИҲОИ НАЗАРРАСИ ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДО

Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич[14],
Саидҷаъфаров Каёнфар Озодович[15]

Донишгоҳи давлатии Данғара

Ба андешаи муаллифи мақола, Миробид Сайидои Насафӣ аз бузургтарин шоирони мовароуннаҳрии сабки ҳиндӣ аст. Аломатҳои ба сабки ҳиндӣ марбут будани шеъри ӯ – инҳо нақши бузурги тахайюл ё неруи мухайяла дар ашъори вай, вуҷуди иртиботи мантиқӣ миёни мисраот дар абёт – дар алоҳидагӣ ва вуҷуди ҳамин иртибот миёни байтҳои ашъори вай – умуман, дарёфти мазомин ва афкори нав, овардани фикрҳои мутаноқиз ё таноқузоти фикрӣ, иштироки васоити бадеии сухан, ба вижа истиорот ва тамсил ё ирсол-ул-масал дар созмондиҳиву шаклпазирии тахайюлоти шоирона ва мантиқӣ сохтани дарёфтҳои фикрии вай ба ҳисоб хоҳанд рафт. Албатта, вуҷуди ҳамчунин хусусиётро дар ашъори шоирони дигар сабкҳо низ метавон пайдо намуд, аммо, он чи шеъри сабки ҳиндӣ ва, аз ҷумла, шеъри Сайиро аз сабкҳои моқабли худ мумтоз мегардонад, вуҷуди барҷастатар ва бештари вижагиҳои фавқуззикр дар шеъри онҳост; чун танҳо тавассути ин хусусиёт аст, ки шеъри сабки ҳиндӣ аз сабкҳои пешин ва пасини худ то ҷойи қобили тавоҷҷуҳ мутамойиз мегардад.

Тибқи нишондоди муаллифи мақола, дар шеъри аксари бузургони сабки ҳиндӣ мумайизоти мазбур ба таври барҷаста маҳсус аст. Дар шеъри Сайидо

---

[14] **Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич** - Донишгоҳи давлатии Данғара, кафедраи забони тоҷикӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ, 56. Тел.: (+992) 909093184, (+992) 200004900; e-mail: Ozod_060374@mail.ru.

Саидджафаров Озод Шохвалиевич - Дангаринский государственный университет, кафедра таджикского языка, доктор филологических наук, профессор. Адрес: Республика Таджикистан, Дангаринский район, центральная улица, 56. Тел.: (+992) 909093184, (+992) 200004900; e-mail: Ozod_060374@mail.ru.

Saiddzhafarov Ozod Shokhvalievich - Dangara State University, Department of Tajik Language, Doctor of Philological Sciences, Professor. Address: Republic of Tajikistan, Dangara district, Markazi str., 56. Tel.: (+992) 909093184, (+992) 200004900; e-mail: Ozod_060374@mail.ru.

[15] **Саидҷаъфаров Каёнфар Озодович -** Донишгоҳи давлатии Данғара, кафедраи забонҳои хориҷӣ, ассистент. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ, 56. Тел.: 784772277; e-mail: Ozod_060374@mail.ru.

Саидджафаров Каёнфар Озодович - Дангаринский государственный университет, кафедра иностранных языков, ассистент.Адрес: Республика Таджикистан, Дангаринский район, центральная улица, 56. Тел.: 784772277; e-mail: Ozod_060374@mail.ru.

Saidjafarov Kayonfar Ozodovich - Dangara State University, Department of Foreign Languages, Assistant Lecturer. Address: Republic of Tajikistan, Dangara District, Central Str., 56. Tel.: 784772277; e-mail: Ozod_060374@mail.ru.

ҳам, ки агарчи тарбиятёфтаи ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр аст, хусусиёти зикршуда намод ва иштироки вижа доранд ва дар бастани мазомин ва дарёфти афкори тозаи ӯ нақши барҷаста мебозанд. Дар шеъри Сайидо,- қайд менамояд муаллиф,- хусусиёти фавқуззикр тавъам мешаванд ва ҳар яке ё чанде аз онҳоро метавон дар ғазалиёти вай пайдо намуд. Аммо, зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки наздикии тарзи суханварии Сайидо ва шоирони сабки ҳиндӣ – ин танҳо як тақлид ва пайравӣ аз равиши шеъргустарии онҳо нест. Дар шеъри Сайидо навпардозиҳои зиёде дар иртибот ба дарёфти мазомини нав ва тарзи пардохти васоити тасвир ба чашм мерасанд, ки махсус танҳо ба ҳунарии шоирии ӯянд.

***Калидвожаҳо**: Миробид Сайидои Насафӣ, ғазал, мазомин, дарёфти мазомини нав, неруи тахайюл, васоити тасвири шоирона, истиора, тамсил ё ирсол-ул-масал.*

Заметные особенности газелей Сайидо

По словам автора статьи, Миробид Сайидо Насафи является одним из великих маваренахрских поэтов индийского стиля. Признаки отношение его стихи к индийскому стилю являются большая роль поэтической воображении в его стихах, наличие сплоченной логической связи между строками бейтов – в отдельности, а между бейтам – в общности, постижение новых смыслов и мотивов, изложение противоположных мыслей, участие средств художественных изображений, в особенности метафора и исскуства тамсил (притча, аллегория) при формировании поэтического воображения. Конечно, наличие вышеупомянутых особенностей можно найти и в творчестве представителей дуригих стилей персидско-таджикской литературы, но, то что выделяет стихи поэтов индийского стиля, в том числе манеру поэтического изложения Сайидо от прежних стилев, являются яркое наличие вышеназванных особенностей в их творчестве, так как посредством этих особенностей стихи индийского стиля отличаются не только от предшевствующих, но и от последствующих стилев.

Как отмечает автор статьи, вышеупомянутые особенности четко и ясно отображены в стихах великих мастеров словесности индийского стиля. Хотя Сайидо является представителем маваренахрского литературного круга, данные особенности так же активно участвуют в его стихи при постижение новых его поэтических смыслов. В стихах Сайидо,- отмечает автор,- вышеупомянутые особенности сочетаются и в каждом его газелей можно выявить одно или некоторых из них. Но, в этой связы, можно напомнить, что сближение манеры Сайидо с великими представителями индийского стиля – это не простое подражение или поэтическое следование, так как в его стихи можно приобрести множество новшества или новаторства, относящиеся с постижениям свежых смыслов и мотивов и, такжде, метода формирования изобразительных поэтических приёмов, которые, действительно, относятся его мастерическими достижениями в этой области.

***Ключевые слова:** Миробид Сайидои Насафи, газель, смысл и мотив, постижение новы смыслов, поэтическое воображение, средства поэтического изображения, метафора, тамсил или ирсол-уль-масал.*

Key Distinctions of Sayido's Ghazals

The article highlights Mirobid Sayido Nasafi as a towering figure of the Transoxiana school within the Indian style (Sabk-e Hendi) of poetry. The author identifies several defining traits that align Sayido's work with this movement: the dominant role of poetic imagination, a cohesive logical thread both within individual couplets (baits) and across the entire poem, the pursuit of novel meanings and motifs, the juxtaposition of contrasting ideas, and a rich tapestry of figurative devices—most notably metaphor and tamsil (allegory or parable)—that shape his imagery. While these elements appear across other periods of Persian-Tajik literature, what sets the Indian style—and Sayido's distinct voice—apart is their sheer intensity and centrality. It is this concentration of features that isolates the Indian style from both its predecessors and successors.

As the author notes, these characteristics, typical of the great masters of the Indian style, remain vibrant in Sayido's work despite his grounding in the local Transoxiana literary circle, serving as his primary tool for unearthing fresh poetic insights. His ghazals seamlessly weave these elements together, with every poem showcasing at least one or more of these traits. Crucially, Sayido's stylistic alignment with the giants of the Indian style is far from mere imitation. His poetry introduces genuine innovations in conceptual depth, thematic exploration, and the structural crafting of imagery—achievements that underscore his mastery as an original poet.

Keywords: *Mirobid Sayido Nasafi, ghazal, meaning and motif, discovery of new meanings, poetic imagination, figurative language, metaphor, tamsil (parable/allegory) or irsal-al-mathal.*

Миёни ҷамеи шоирони мустаиди ҳавзаҳои адабии Ҳинд, ки мувофиқи нишондоди кутуби таърих ва тазкира теъдоди онҳо басо зиёд аст, шеъри Сайидо ва тарзи сухангустарии вай тавофуқи бештар ба равиши сухангустарии шоирони эронии муҳоҷири Ҳинд монанди: Фиғонии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Толиби Омулӣ, Урфии Шерозӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ дорад. Чунончи дар шеъри Фиғонӣ назари нав ба маъшуқ, рангинбаёнӣ ва тавотури мазмун дар истиора, дар шеъри Назирӣ вуҷуди тамсил ва далоили мантиқӣ ҷиҳати исботи фикр, дар Толиби Омулӣ – истиороти нобу тоза, дар Калим – мавқеи устувори неруи тахайюл ва истифодаи анвои тамсил ҷиҳати корбасти мазомин ва дар шеъри Соиб – нақши барҷастаи тамсил дар дарёфти мазомини мутавотирмавзӯи иҷтимоӣ ва барҷастагии иҷтимоиёт дар мудаллал кардани фикр аз хусусиёти асосии эҷодиёти онҳост, ки ҳамаро, дар маҷмӯъ, метавон нишонаҳои асосии шеъри сабки ҳиндӣ эътироф намуд. Дар эҷодиёти Сайидои Насафӣ ҳам он чиро, ки дар мавриди хусусиятҳои сабкии шеъри шоирони мустаиди фавқуззикр қайд намудаем, метавон ба таври бисёр равшан ва барҷаста пайдо намуд ва, бад-ин тариқ, метавон шеъри Сайидоро марбут бар ин сабк донист. Аммо, инро ҳам бояд қайд намуд, ки шоирии Сайидо

танҳо тақлидкорӣ аз тарзи сухантирозии бузургони муосири худ нест. Дар шоирии Сайидо нишонаҳои зиёди таҷаддудкорӣ ва хасисаҳои марбут бар танҳо шахси ӯ низ ба мушоҳида мерасанд. Вагарна, агар шеъри Сайидо сирф иборат аз тақлиду татаббуъ ва пайравӣ мебуд, ӯ чӣ гуна миёни ҳама табақоти мардум ва, хусусан, ҳунармандон маҳбубият пайдо мекард? Ин нуктаро устод Абдулғанӣ Мирзоев низ зикр намудааст [2, 120-121]. Намунаҳоеро дар иртибот бо ҳамбастагии тарзи сухантирозии Сайидо ва шоирони барозандаи сабки ҳиндӣ метавон намуна оварда, ки дар онҳо неруи халлоқи зеҳни шоир то ҷойи қобили таваҷҷуҳ маълум мегардад.

Дар дарёфтҳои зеҳнии Сайидо васоити пироиши сухан нақши бориз доранд ва иртиботи мантиқӣ миёни аҷзои мисраоти як байт сахт маҳсус аст. Масалан, дар байти зер ин гуфтаҳо ба исбот мерасанд.Сайидо мегӯяд, ки *бӯйи пироҳан* (-и Юсуф) пеш аз *корвон* ба *Канъон* рафта ва *сабукборӣ* ӯ (яъне: шоир)-ро дар дидаи манзил ҷо дода:

Бӯйи пироҳан ба Канъон рафт пеш аз корвон,
Ҷо диҳад дар дидаи манзил сабукборӣ маро [3, 13].

Дар эҷоди афкор ва мазомини нави Сайидо дар байти мавриди шарҳ агар, аз як тараф, нақши санъатҳои бадеӣ равшан бошад, аз сӯйи дигар, вуҷуди робитаи мантиқӣ миёни воҳидҳои байт сахт маҳсус аст. Чунончи, мисраи нахуст дар байт ба ҳайси ирсол-ул-масал иштирок намуда, фикри асосии шоирро, ки дар мисраи баъдӣ ифода шуда, мудаллал намудааст. Дар ҳамин мисраъ се талмеҳ – *пироҳан*, ки киноят аз либоси Юсуф аст, *Канъон* ва *корвон*, ки ҳар ду бо тақдири Юсуф иртибот доранд, истифода гардидаанд, ки бар муассирии мисраъ афзудаанд. Дар мисраи дувум *дидаи манзил* истиора аст ва шоир онро ҷиҳати *сабукборӣ*, ки киноят аз иффату покии шахси худ аст, ба кор гирифта. Аз ҷониби дигар, чунонки дида мешавад, бисёре аз вожаҳои мисраи аввал бо вожаҳои мисраи дувум робитаи мантиқӣ доранд, аз ҷумла, вожаи *бӯй* бо *дида*, *пироҳан* бо *сабукборӣ*, *Канъон* бо *манзил* ва *ҷо*, *корвон* ҳам бо *манзил* ва ҳам бо *сабукборӣ*.

Яке аз хусусиятҳои барҷаста дар ғазалиёти Сайидо ин нақши барҷастаи неруи тахайюл мебошад. Чунонки Кадканӣ дар иртибот бар тахайюли шоирӣ ва иртиботи он бо ҳунари шоирӣ гуфтааст, “тасарруфи зеҳни шоир бар мафоҳими оддӣ... ҳосили навъе бедории ӯст” [1, 2]. Мо бар гуфтаи муҳаққиқи мазбур илова карданием, ки тасарруфи шоири мустаид бар мафҳумҳое, ки ҷузъиянд ва ба ҷиҳати камаҳаммиятияшон дар саҳнаи дидор ва андешаи аксар дарнамеоянд ва дар чашму хаёли умум ҳаҷиру камзарф менамоянд, нишондиҳандаи тасарруфи шоир бар машҳудоту мавҳумот аст. Дар шеъри Сайидо метавон намунаҳои зиёдеро аз тасарруфи зеҳни халлоқи ӯ пайдо намуд,

ки, дар ҳақиқат, барои аксаре аз ҳамтирозони вай дар паспардаи мухайялаи онон қарор гирифтаанд.

Масалан, дар ин байт Сайидо мегӯяд:

Хат нест, ки бар рухи ҷонон дамидааст,
Хубон навиштаанд ба номат рисолаҳо [3, 19].

Яъне: *ин ки дар рухи ҷонон дамида, хат нест, рисолаҳое буванд, ки хубон ба номи ӯ навиштаанд*. *Рисолаҳои хубон* киноя аз ҳама маътуфот ва хубтарин тавсифоти зеборухон бувад, ки барои ҷонон навишта шудаанд. Ин мазмун ҷиҳати тавсифи ниҳояти зебоии маъшуқ дарёфти Сайидост. Байти мазбур аз ҳама ҷиҳат зебост, чи аз ҳайси тахайюл, чи аз ҳайси иртиботи мантиқӣ миёни аҷзои мисраот. Зойидаи неруи тахайюли шоир дарёфти мазмуни навест, ки зикри он рафт. Иртиботи мантиқӣ дар байти мазбур ба ду роҳ анҷом пазируфта – маъноӣ ва шаклӣ. Иртиботи маъноӣ дар вожаҳои *рух* ва *хуб*, *ҷонон* ва *хубон*, *хат* ва *навиштан*, *хат* ва *рисола* ба назар мерасанд. Феълҳои *навиштан* ва *дамидан* – ро низ ба ҷиҳати он ки ҳар ду ба навъе аз кирдор ё куниш бастагӣ доранд, метавон ба ҳамин навъи иртибот мутааллиқ донист. Дар иртиботи шаклӣ вожаҳои *хат* ва *ном* (-ат)-ро метавон ҷой дод, чун *хат* ва *нома* аз ҳайси маъно муродифанд ва *ном*, ки реша ва қисми асосии маънодори вожаи *нома* аст, аз ҳайси шаклу оҳанг бо он наздикӣ дорад. Ба ҷиҳати ҳамин наздикии маъноии миёни *ном* ва *нома*, миёни вожагони *ном* ва *хат* навъе робита ба вуҷуд омадааст.

Вижагии дигари шеърӣ дар эҷодиёти Сайидо суханҳои бепарвоёна нисбат ба объекти марказии ғазал, яъне маъшуқ мебошад. Агарчи дар эҷодиёти шоирони сабки мутавассит ё восӯхт ҳам ин вижагӣ аз асоситарин хусусиёти эҷодиёти онҳо маҳсуб мешавад, аммо, аз ин ҳайс, шеъри Сайидо ба шоирони сабки ҳиндӣ, ба хосса асосгузори он – Фиғонии Шерозӣ бештар наздикӣ дорад; зеро дар шеъри ин шоир муносибат ба маъшуқ танҳо маҳдуд ба баъзе суханҳои бепарвоёна нисбат ба маъшуқ аст, на суханҳои мамлӯ аз таҳқирот ва паст нисбат ба объекти асосии ғазал, ки дар эҷодиёти мутавасситин зиёд бармехуранд [7, 94]. Дар шеъри Сайидо низ назире аз ҳамин вижагии ҳаммонанди Фиғонӣ ба чашм мерасад. Масалан, Сайидо дар ҷое мегӯяд:

Ба бурдани дили мо зулу хат ҳоҷат нест
Кӣ гуфта буд, ки ин ҷо ба дому дона биё? [3, 20]

Бояд илова намуд, ки вижагии мазкур пас аз Фиғонӣ дар шеъри ҳунармандони баъдии сабки ҳиндӣ шоеъ гардид, аммо он, боз ҳам танҳо ба суханони бепарвоёна маҳдуд гардид, на таҳқиру бадгӯйиҳои назири суханварони равиши восӯхт. Аз ҷумла, Соиб дар ҳамин маврид гуфтааст:

Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре,
Аз барои дили мо қаҳти парешонӣ нест [6, 264].

Яке аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ, аз ҷумла равиши суханпардозии Сайидо, истифодаи афкори мутаноқиз дар байт мебошад. Истифодаи таноқуз аз ҷониби шуарои сабки мазбур огоҳона сурат мепазирад ва он ҷиҳати муассиртар баён кардани ҳолоте, ки онон бархурд кардаанд, истифода мешавад. Намунае аз ин вижагӣ дар байти зерини Сайидо ба назар мерасад:

Кардаем аз хонабардӯшӣ иқоматро видоъ,
Гирдбоди домани саҳро бувад тамкини мо [3, 17].

Дар байти фавқ тавассути истиораи мураккаби *гирдбоди домани саҳро* ва вожаи *тамкин* фикри мутаноқиз ба вуҷуд оварда шуда, зеро ҳеч вақт *гирдбод* мӯҷиби вуҷуди *тамкин* нахоҳад гардид, чаро ки аз ҳайси маъно бо он муқобил аст. Бояд зикр кард, истиораи мазкур ба ҳайси иштирокгари калидии байт мебошад, чун, аз як тараф, тавассути он мухайялаи шоир мазмуни наверо бароварда, аз сӯйи дигар, ба василаи он фикри мутаноқизро ба вуҷуд овардааст.

Дар кадом поя мақом доштани неруи тахайюли Сайидо, чигунагии вуҷуди иртибототи мантиқӣ дар абёти ӯ ва ҳайсияти истифодаи васоити тасвири бадеӣ дар ашъори ӯро метавон дар мисоли як ғазали вай бо радифи *бе ту* бо ин матлаъ:

Намениҳам ба тамошои гул қадам бе ту,
Намезанам ба касе, ҳамчу ғунча, дам бе ту [3, 458],

ки дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун фаълон // v-v-/vv--/v-v-/--) суруда шуда, ба исбот расонид. Ғазали мазбур аз 13 байт иборат аст ва дар он байтҳое ба назар мерасанд, ки аз ҳайси тааммуқи фикр, имтизоҷи афкори ноб бо афкори мутаноқиз, неруи қавии тахайюли шоирона, дарёфти мазомин, вуҷуди иртибототи мантиқӣ миёни мисраот ва чигунагии истифодаи санъатҳои бадеӣ бас марғуб ва нишондиҳандаи равиши махсус ё шохисаи суханпироии Сайидо мебошанд.

Масалан, дар байти дувуми ин ғазал Сайидо гуфта: *“Ин ки ба маъшуқ чизеро иншо карда наметавонад, аз он аст, ки бе ҳузури маъшуқ қалам аз дасти ӯ меафтад”*. Ин гуфтаи Сайидо дарёфти мазмуни навест, чун зарурати навиштан ба касе барои инсон вақте ба вуҷуд ояд, ки он кас дур аз чашми вай бошад. Аммо, Сайидо гуфта, ки бе ҳузури маъшуқаш вай чизе навишта наметавонад:

Китобате ба ту иншо наметавонам кард,
Фитодааст зи ангушти ман қалам бе ту [3, 458].

Миёни вожаҳои калидии мисраоти байти мазбур: *китобат* ва *ангушт, китобат* ва *қалам, иншо* ва *ангушт, иншо* ва *қалам* иртиботи

мантиқӣ ба назар мерасад. Дар байти мазбур ҷуз аз дарёфти мазмуни нав, ҳамчунин, нишоне аз таноқузи фикр маҳсус аст, ки дар эҷоди он ҳама вожаҳои байт ҳукми калидӣ доранд. Вуҷуди таноқузот дар дарёфтҳои фикрии Сайидо яке аз вижагиҳои шеърии ӯст, ки тарзи ӯро ба равиши суханпардозии шоирони сабки ҳиндӣ бас наздик мегардонад. Дар аксари ғазалиёти Сайидо намунаеро аз сухани мутаноқиз метавон пайдо намуд, ки, агар, аз тарзи махсуси вай гувоҳӣ диҳанд, аз иртиботи сабкии ӯ бо ашъори навъи Калим ва Соиб ҳам дарак медиҳанд. Дар ғазали мавриди шарҳ ҳам ҷуз аз байти боло дар ин байт низ нишоне аз афкори мутаноқиз ҳис карда мешавад:

Ба доғи синаи худ марҳаме, ки бигзорам,
Фатила мешаваду мекунад ситам бе ту [3, 458].

Чунонки маълум аст, марҳам ба ҷисми маҷрӯҳ на ситам, бал дармон мекунад. Аммо Сайидо таноқузро ба кор гирифта, мегӯяд: ин марҳам ситам мекунад, на дармон. Дар байти мазбур миёни вожаҳои *доғ, фатила* ва *ситам, сина* ва *ситам; сина* ва *фатила; марҳам* ва *ситам* як навъ иртиботи мантиқӣ мавҷуд аст.

Дар байти дигари ғазали мазкур бакоргирии ҳунармандонаи ду истиора ва як тазод ва, ҳамчунин, як ташхис, ки ба василаи истиораи мисраи дувум созмон пазируфта, бар зебоии мазмун афзудааст:

Хати ғубори ҷамоли ту буд сархати ман,
Ниҳода оташи ман синаро ба нам бе ту [3, 458].

Дар мисраи аввали байти мазбур *хати ғубори ҷамол* истиораи мураккаб мебошад. Агарчи дар истиораи мазкур вожаи *ғубор* бо *ҷамол* (- и маъшуқ) ба ҷиҳати тазодди мантиқӣ созгору мутаносиб нестанд, аммо ба васотати вожаи *хат* ин таносуб бо вожаи *ҷамол* ба вуҷуд оварда шудааст. Истиораи дувум, ки дар мисраи дувум коргир шуда, ба таври вижа сохта шудааст, он *синаи оташ* мебошад. Ин истиораро метавон истиораи печида номид ва, зимнан, бояд дар назар гирифт, ки аз мушаххасоти сабки ҳиндӣ ин печидагӯйист, чи дар мисраоту абёт, чи дар аҷзои ҷудогунаи онҳо, хоҳ он аҷзо дохили абзори тасвир бошанд, хоҳ бурун аз он. Дар дохили ин истиора санъати ташхис низ нуҳуфта, чун ҷузъи аввали он: *оташ* чун инсон тасвир ёфта, ки дорои *сина* аст ва қудрату истеъдоде дорад, ки метавонад синаи худро ба *нам* бигузорад. Зимнан, бояд қайд кард, ки дар байти фавқ иртиботи мантиқӣ танҳо дар байни вожагони *ғубор* ва *оташ* ба назар мерасаду бас. Миёни вожагони *ҷамол* ва *сина* ҳам, агарчи то ҳадде иртиботи мантиқӣ вуҷуд дорад, аммо он нисбӣ аст, ки аслӣ нест.

Дар байти пасин дар мисраи якум санъати тасғир дар мисоли вожаи ҳилол дар шакли маҷҳул ба таври бисёр устокорона истифода гардида, ки қобили таҳсин аст, чун дар он адоти тасғир мавҷуд нест ва

агар шоир дар мисраи дувум вожаи сифати *кам*- ро мустафод намешуд, муайян кардани тасғири мазкур бас душвор мебуд:

Зи рафтани ту ҳилоле шудаст моҳи тамом,
Шудаст нури чароғи сипеҳр кам бе ту [3, 458].

Ин ҷо манзури Сайидо аз *ҳилол* *ҳилолак* аст. Як вижагии тасғири бакоргирифтаи Сайидо дар мисраи фавқ дар ҳамин аст, ки ҳарфи зоиди *е* (ёт) дар вожаи *ҳилол*, агарчи дар асли худ нишондиҳандаи номуайянӣ аст, аммо дар вожаи мазкур дар ин вазифаи худ истифода нагардидааст, он намогари кӯчакӣ ва ҳақирии *ҳилол* аст – дар маънии *ҳилолак*, ки бар асари ғайбати маъшуқ нури худро бохтааст. Вожагони *тамом* ва *кам*, дар навбати худ санъати тазод хоҳанд буд, чун аз роҳи мантиқ дар мисратайн ба маънии мутақобил коргир шудаанд. Истиораи *чароғи сипеҳр*, ки киноят аз офтоб аст, дар байти мазбур вожаи калидӣ хоҳад буд, чун дар гирифтани он аз байт мақсуди шоир, ки нишон додани таассуроти баъд аз рафтани маъшуқ мебошад, асари худро кам хоҳад кард. Ҳамчунин, дар байти мазбур миёни вожагони *ҳилолу моҳ* ва *нуру чароғ* робитаи мантиқӣ мавҷуд аст.

Тахайюли Сайидо дар байти баъдӣ барозандатар мешавад ва имтизоҷ бо афкори фалсафӣ меёбад:

Намекунанд лабам тар зи чашмаи Замзам,
Намедиҳанд маро ҷой дар ҳарам бе ту [3, 458].

Ҳарам ҷоест муқаддас, ки бо лафзи *маъшуқ* мутаносиб нест, чун худи *маъшуқ* дар шеъри порсӣ, аслан, вожаи хароботӣ буд, на порсоёна; чун он пеш аз он ки мубаддал бар мафҳуми порсоёна ва ифодакунандаи истилоҳи Зоти Худо гардад, дар маънои *хубону занон* ва *василаи рифоҳи табиӣ* ва *хушгузаронӣ* истифода мешуд. Аммо, баъдтар, ба ҷиҳати он ки *зан* мазҳари хубӣ, зебоӣ, фатонат ва назокат аст, вожаи ифодакунандаи он - *маъшуқ* дар баробари дигар вожагони мутародиф ва ифодакунандаи он – *маҳбуб, нигор, дилбар, дилситон* ва назири инҳо мусталаҳи мазҳари зебоии кулл – *Зоти Худо* гардид. Дар байти мазкур бо истифода аз таноқуз ва ё фикри мутаноқиз, Сайидо гуфта, ки ӯро бе *маъшуқ* ба *ҳарам* иҷозаи вуруд намедиҳанд. Ин ҷо назокати адост ва он дар ин нуҳуфтааст, ки мақсуди шоир аз *маъшуқ* на инсон, на василаи хушгузаронӣ, бал *Зоти борист*. Вале, бояд дар назар гирифт, ки вожаи *ҳарам* ҳам дар байти мазкур истилоҳист ва дар мусталаҳоти урафо дар маонии “таваҷҷуҳи дил ба сӯйи Худованд” ва “мақоми васл” шарҳ ёфтааст [5, 328].

Дар мисраи нахустини байти боло *чашмаи Замзам* талмеҳ аст, аммо талмеҳи билкиноя, чун мақсуди Сайидо аз чашмаи мазкур на оби Замзам, балки *лабони маъшуқ* аст, ки он низ, дар навбати худ, киноя аз “манбаи файзи илоҳӣ” мебошад [5, 139]. Ҷаҳонбинии Сайидо аз ин ҳайс

монандии зиёд бо Соиб дорад. Чунонки дар ирфони Соиб омезиш бо истилоҳоти мутасаввифа он қадар ҳам ҳис намешавад [8, 7], ирфони Сайидо низ анқариб орӣ аз ҳамчунон истилоҳот аст. Аммо, бояд қайд намуд, ки ҳам дар ирфони Соиб ва ҳам дар Сайидо гоҳ-гоҳ бо вожаҳое метавон бархурд, ки агар онҳоро дар маънои истилоҳӣ, яъне ирфонияшон шарҳ надиҳем, мисраъ ё байт фоқиди маънӣ мешаванд ва ё худ бори маъноии онҳо сахт мекоҳад. Байти мавриди шарҳ низ аз зумраи ҳамчунин абёт аст. Инро ҳам мебояд қайд намуд, ки ашъори ҳам Сайидо, ҳам Соиб, бо ин ки маҷмӯаи бузурги афкори иҷтимоӣ мебошанд ва бо ин ки дар онҳо иҷтимоиёт мақоми аввалдараҷа доранд, ҷойгоҳи ирфон низ дар онҳо қобили таваҷҷуҳ аст. Аммо, дар нигоҳи куллӣ, ирфони ҳар ду табииву ғайриистилоҳӣ аст, чун ҳар ду дар доираи эътидол қарор доранд.

Вожаи *ҳарам* ҳам дар мисоли боло санъати талмеҳ аст, чун он ишорат бар *Каъба* аст. Аммо бояд қайд намуд, ки ин талмеҳ низ билкиноя аст, чун мақсуди Сайидо, дар асли худ, мазҳар ва ҳузури Зот аст, яъне соҳиби Каъба, на худи он. Дар байти нишондода низ миёни ибораи *чашмаи Замзам* ва вожагони *ҷой* ва *ҳарам* иртиботи мантиқӣ дида мешавад. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки тавассути *чашмаи Замзам* миёни вожаи *лаб* ва *ҳарам* низ чунин робитае мавҷуд аст, чун вожаи *лаб* дар мисраи мазкур на дар маънои аслӣ, дар маънои истилоҳӣ – ирфонияш корбаст шудааст, ки бо маънои лаб тамоман иртиботе надорад. Дар фарҳанги Саҷҷодӣ он дар маънои истилоҳӣ шарҳ ёфтааст: 1) калом; 2) ақле, ки мунаввар ба нури қудсӣ бувад ва аз қушури авҳом софӣ бувад [5, 335]. Зимнан, бояд дар назар гирифт, ки мавзӯи ғазали мазкур пурра ирфонист ва объекти асосӣ ё мавридунназари шоир дар он агарчи маъшуқ аст, инсон нест, Зоти Худост.

Дар байти баъдӣ:

Чу шамъи мотамиён дуди шуълаи оҳам,
Дар осмон зада чун Каҳкашон алам бе ту [3, 458].

шоир ду ташбеҳи биладот, як талмеҳе, ки тавассути ташбеҳ сохта шуда ва, ҳамчунин, як истиораи мураккаб – *дуди шуълаи оҳ*ро ба кор гирифтааст. Шояд битавон гуфт, ки дар истиораи мазкур танҳо шуълаи оҳ сазовори ибораи мустаор аст. Аммо, ба ҷиҳати он ки дуди *оҳ* низ истиора тавонад буд, истиораи мазбур метавонад мураккаб бошад. *Дуди шуъла* истиора нест, аммо *дуди оҳ* ё *шуълаи оҳ*, дар навбати худ, метавонанд ду истиораи ҷудогуна бошанд. Бинобар ин, ибораи мазкурро метавон истиораи мураккаб ном ниҳод. Ҷуз аз ин, бояд дар назар гирифт, ки миёни вожагони *оҳ* – дар мисраи якум ва *алам* – дар мисраи дувум робитаи мантиқӣ – суварӣ низ нуҳуфтааст. Агарчи *алам*-

и мисраи дувум бо айн аст ва маънои он парчаму ливост, аммо ба ҷиҳати он ки дар порсӣ аз ҳайси талаффуз бо вожаи *алам* бо ҳарфи алиф – дар маънии ғаму андӯҳ мутародиф аст, он бо вожаи *оҳ* робитаи мантиқӣ дорад. Сайидо ин вожаро махсус дар баробари вожаи *оҳ* корбаст карда, то бар асарбахшии маъно бифизояд. Аммо, бояд инро ҳам зикр намуд, ки дар байти фавқ намоде аз таноқуз ба назар мерасад ва он билкиноя аст. Аввал ин ки Зоти Худо, чунонки ҷамеи орифони порсӣ аз нуқтаи назари ваҳдативуҷудии худ қойиланд, дар ҳама ҷо вуҷуд дорад, дувум ин ки *алам (ғам)*- и бемашуқии худро Сайидо монанд бар Каҳкашон карда, ки бар асари бемаъшуқӣ *алам* (ливо)- и андӯҳ ва доду фиғон барафрошта, ҳол он ки қудрату нуфузи Зоти Худо маҳдуд танҳо бар замин нест, он ломутаноҳӣ ва беҳудуд аст, ки инро худи Сайидо медонад. Бинобар ин, ин ҷо навъе аз таноқузи фикр нуҳуфтааст.

Дар байти дигари ғазали мазбур:

Кашида тахта ба рӯйи дукони худ хуршед,
Шикаста равнақи бозори субҳдам бе ту [3, 458],

боз вуҷуди як вижагии дигари сабки ҳиндӣ дар шеъри Сайидо маълум мегардад: истифодаи вожаҳову таркибҳои хосси ягон касб ё ҳирфа дар шеър ва тавассути он сохтан ё бастани мазомини наву бикр. Чунонки дида мешавад, дар байти фавқ вожаҳои *тахта*, *дӯкон, бозор* ва ҳолатҳои *тахта ба рӯйи дӯкон кашидан* ва *шикастани равнақи бозор* ба касби савдову тиҷорат иртибот доранд. Аммо, бояд дар назар гирифт, ки мақсуди шоир аз бакоргирии ҳамчунин вожаҳо на баёни ҳолоти аҳли тиҷорат, балки бастани мазмуни нав аст: баёни авзои кулфатбору ниёзмандонаи хуршед ва субҳдам аст бар асари ғайбати маъшуқ, яъне Худованд. Зимнан, бояд қайд кард, ки миёни кулли шоирони на танҳо сабки ҳиндӣ, тамоми сабкҳо Назирии Нишопурӣ маъруфтарин шоирест, ки дар ғазалиёти вай истилоҳоти тиҷориву бозаргонӣ ҷӯшу ҷавлон мезананд, чунонки мо дар ин хусус дар таҳқиқоти доктории худ дар боби дувуми мухтасс ба Назирӣ дар зерфасли таҳти унвони “Калимаву ифодаҳои бозаргонӣ ва аҳаммияти мазмунофаринии онҳо” муфассал баҳс рондаем [4, 112-119].

Дар шеъри шуарои сабкҳои қаблӣ низ истифода аз ҳамчунин вожаҳо, албатта, гоҳ-гоҳе ба назар мерасад. Хусусан, дар осори Мавлавӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Фахруддин Ироқӣ намунаҳои зиёдеро аз вожаҳои баёнкунандаи касб ё ҳирфае метавон пайдо намуд, ки тавассути онҳо шоирони мазбур мазомин ва маонии хубро ба вуҷуд овардаанд.

Дар байти мазбур ду истиора истифода гардидааст, дар мисраи якум: *дукони хуршед*, дар мисраи дувум: *бозори субҳдам*. Ба василаи ин

ду истиора Сайидо мазомини мисраоти худро ба таври хеле хуб бастааст. Дар мисраи якум: хуршед бо сабаби набудани маъшуқ тахтаро бар дукони худ мекашад ва дуконашро мебандад. *Кашидани тахта бар рӯйи дукон* аз ҷониби хуршед – ин киноят аз тирагӣ ва беасарии нурҳои он бар асари ғайбати маъшуқ мебошад. *Шикастан равнақи бозори субҳдам* ҳам - ин киноят аз бенурӣ ва безебии субҳ аст ба мӯҷиби ғайбати маъшуқ.

Дар мақтаи ғазал ҳам чун абёти боло нишоне аз суханони бепарвоёнаи Сайидо маҳсус аст:

Намекунӣ ба лаби хушки Сайидо раҳме,
Кашида дасти иродат зи ҷоми Ҷам бе ту [3, 458].

Сухани дар мисраи аввал ифодаёфта нишондиҳандаи адами эҳтироми Сайидост аст нисбат ба маъшуқи азаллӣ, ки зоти Худост. Аммо, тавассути истиораи *дасти иродат* ва талмеҳи *ҷоми Ҷам*, ки дар мисраи дувум корбаст шуда, лаҳни тези Сайидо мубаддал бар изҳори ниёзмандӣ гардидааст. Ҷоми Ҷам ҳам дар ин байт дар маънои истилоҳӣ-ирфонияш истифода гардида, ки мурод аз он “ботини марди ҳақ ва инсони комил” мебошад [5, саҳ. 130]. Миёни аҷзои ҳар ду мисраъ иртибототи мантиқӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла, миёни *лаб* бо *даст, лаб* бо *ҷом* – дар ҳар ду маънӣ, чи дар маънои луғавӣ, чи дар маънои истилоҳӣ; *хушк* бо *ҷом, раҳм* бо *иродат* – ба мӯҷиби он ки ҳар ду феъл ва кунишанд, *хушк* бо *ҷом* – ба ҷиҳати эҳтиёҷи ҳар ду бар обу май, *Сайидо* бо *Ҷам* – ба ҷиҳати он ки ҳар ду исми инсонанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷуз аз ғазали зикршуда дар қисмати аъзами ғазалиёти Сайидо метавон асари неруи қавии тахайюл, афкори мутаноқиз ва иртиботи равшан миёни аҷзои мисраотро, ки ба василаи воҳидҳои забониву луғавӣ ва васоити тасвири шоирона ба вуҷуд оварда шудаанд, пайдо кард, ки назири онҳо дар эҷодиёти шоирони муосир ва пасини вай камтар дида мешавад. Бинобар ин, ин мавзӯъ, ба ҷиҳати вусъати доманаи худ, ниёзманди таҳқиқоти густардатар аст, чун сафаҳоти маъдуди як мақола барои он бас камзарф аст. Зарфияти гунҷоиши ин мавзӯъ, бе муҳобо, як рисолаи илмӣ аст.

Китобнома:

1. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хиёл / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732 с.
2. Мирзоев, Абдулгани. Сайидо Насафи и его место в истории таджикской литературы / Абдулгани Мирзоев. Перевод с

таджикского. Под редакцией А.Н.Болдырева. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – 205 с.

3. Насафӣ, Миробид Сайидо. Асарҳои мунтахаб / Миробид Сайидои Насафӣ. Тартибдиҳанда: Ҷ. Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 700 с.
4. Саидджафаров, Озод Шахвалиевич. Стиль персидско-таджикской газели в XVI-XVII вв. (на примере творчества Фигани, Назири и Саиба) / Саидджафаров Озод Шахвалиевич // Диссертация на соискание ученой степени доктора филологических наук, по специальности 10.01.03 – Литература стран зарубежья (таджикская литература). – Душанбе: ТГНУ, 2015.
5. Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. Фарҳанги мусталаҳоти урафо ва мутасаввифа / Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. Теҳрон: Муставфӣ, 1329. – 456 с.
6. Табрезӣ, Соиб. Куллиёт / Соиби Табрезӣ. Бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммади Аббосӣ. – Аз рӯйи нусхаи хаттӣ ва чопии муътабар.- Теҳрон: Ҷавоҳирӣ, 1361 ҳ. - 971 с.
7. Тамимдари, Ахмад. История персидской литературы / Ахмад Тамимдари. – Санкт-Петербург: Петербургское востоковедение, 2007. – 235 с.
8. فیروزکوهی، کریم امیری. در حق صائب / کریم امیری فیروزکوهی // صائب در گستره تحقیقات ادبی; به کو شش و تا لیف محمد رسول دریاگشت.- چاپ اول.- تهران: قطره،1371 ه. ش. (1993).- ص. 1- 11 .

ТДУ: 398.11 (575.3)

НАҚШИ БАРҶАСТАИ «СУРУДИ ҲАЙАВАТ» (*The Song of Hiawatha*) ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Мурувватиён Ҷамила Ҷамол[16]

Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Ҳенри Уодсворт Лонгфелло: нақши барҷастаи шеъри амрикоӣ дар адабиёти тоҷик

Дар мақола мероси адабии Ҳенрӣ Уодсворт Лонгфелло дар заминаи адабиёти тоҷик ва назарияи тарҷума баррасӣ мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба достони машҳури ӯ «Суруди Ҳайават» равона гардидааст, ки намунаи барҷастаи романтизми амрикоӣ буда, дар он фолклори халқҳои бумии Амрико, ғояҳои инсонгароёна ва шакли баланди шоирона ба ҳам омадаанд. Нақши тарҷумаи бадеӣ ҳамчун василаи муколамаи фарҳангҳо ва аҳамияти таҳлили интиқодии тарҷумаҳо дар рушди равандҳои адабӣ таъкид мегардад. Дар мақола мушкилоти асосии тарҷумаи матни шеърӣ, аз ҷумла ҳифзи оҳанг, мусиқият, рамзгузорӣ ва воқеиятҳои фарҳангӣ, аз қабили образҳои мифологӣ ва номҳои эндемикии олами набототу ҳайвонот, таҳлил мешаванд. Дар мисоли тарҷумаи Аслам Адҳам усулҳои асосии тарҷума — мутобиқсозии шоирона, тарҷумаи тавсифӣ ва тақрибӣ, транскрипсия ва калксозӣ муайян карда мешаванд. Ҳамчунин шабоҳатҳои ғоявӣ миёни «Суруди Ҳайават» ва осори классикии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, махсусан «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ошкор мегарданд. Хулоса мешавад, ки омӯзиши амиқи осори Лонгфелло барои густариши адабиётшиносии тоҷик ва ҳамгироии он ба фазои адабиёти ҷаҳонӣ аҳамияти калон дорад.

Генри Уодсворт Лонгфелло: выдающийся голос американской поэзии в таджикской литературе

В статье рассматривается творчество Генри Уодсворта Лонгфелло в контексте таджикской литературы и переводоведения. Особое внимание

[16]**Мурувватиён Ҷамила Ҷамол** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, сарходими илмӣ, доктори илмҳои филологӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: (+992) 937602233; e-mail: Alika-xan@mail.ru.

Мурувватиён Джамила Джамол – Институт языка и литературы имени Абуабдуллоха Рудаки НАНТ, главный научный сотрудник, доктор филологических наук. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рӯдаки, 21. Тел.: (+992) 937602233; e-mail: Alika-xan@mail.ru.

Muruvvatiyon Jamila Jamol – Institute of Language and Literature named after Abuabdulloh Rudaki of NAST, Chief Researcher, Doctor of Philological Sciences. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki street, 21. Tel.: (+992) 937602233; e-mail: Alika-xan@mail.ru.

уделяется поэме «Песнь о Гайавате» как ключевому произведению американского романтизма, в котором органично соединяются фольклор коренных народов Северной Америки, философия гуманизма и высокая поэтическая форма. Анализируется значение художественного перевода как средства межкультурного диалога, а также роль критического осмысления переводов в развитии национального литературного процесса. В работе подробно рассматриваются трудности перевода поэтического текста, связанные с сохранением ритма, музыкальности, символики и культурных реалий, включая мифологические образы и эндемические названия флоры и фауны. На примере таджикского перевода поэмы «Суруди Ҳайават» Аслама Адхама выявляются основные переводческие стратегии: поэтическая адаптация, описательный и приближённый перевод, транскрипция и калькирование. Проводится сопоставление идейного содержания «Песни о Гайавате» с классическими произведениями персидско-таджикской литературы, прежде всего с эпосом «Шахнаме» Фирдоуси, что позволяет выявить общие гуманистические и философские мотивы. Делается вывод о необходимости более активного изучения и введения произведений Лонгфелло в научный оборот таджикского литературоведения.

Henry Wadsworth Longfellow: our bargastai sheyri amrikoadar adabiyoti toqik

The article examines the literary legacy of Henry Wadsworth Longfellow in the context of Tajik literature and translation studies. Particular attention is paid to The Song of Hiawatha as a central work of American Romanticism, combining Native American folklore, humanistic philosophy, and a highly musical poetic form. The study highlights the role of literary translation as a means of intercultural dialogue and emphasizes the importance of critical analysis in evaluating the adequacy and artistic value of translated texts. The paper explores the main challenges of translating poetic works, including the preservation of rhythm, sound patterns, symbolism, and culturally specific realia such as mythological images and endemic names of flora and fauna. Using Aslam Adham's Tajik translation Surudi Hayavat as an example, the article identifies key translation strategies such as poetic adaptation, descriptive and approximate translation, transcription, and calquing. The ideological and thematic parallels between The Song of Hiawatha and classical Persian-Tajik literature, particularly Ferdowsi's Shahnameh, are also discussed, revealing shared concepts of heroism, harmony with nature, justice, and spiritual unity. The study concludes that Longfellow's works deserve greater scholarly attention in Tajik literary studies, as their analysis enriches national literature and contributes to a broader understanding of world literary heritage.

Ҳар як тарҷумаи асари бадеӣ бояд дар зеҳни мунаққидон таъсир дошта бошад, зеро маҳз тавассути таҳлили амиқ ва баҳои андешамандонаи онҳо, дурустӣ ва амиқии ғояи муаллиф, услуби нотакрор ва махусусияти фарҳангии он ошкор мегардад. Дарки танқидӣ мисли оинаест, ки дар он ҳам ҳусн ва ҳам қубҳи тарҷума

инъикос меёбад ва ба инкишофи маҳорати тарҷума ва ғанӣ гардондани худи раванди адабӣ мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, тарҷумаи воқеан босифат ҳудуди даркро васеъ намуда, ба асар имкони пайдо намудани умри дубораро дода, ба фарҳангҳои мухталиф таъсир мерасонад ва бо ин арзиши бадеӣ ва оҳанги пуртаъсири эҳсосии худро нигоҳ медорад.

Ҳенри Уодсворт Лонгфелло (1807–1882) дар таърихи адабиёти ҷаҳон мақоми махсусро ишғол мекунад. Дар соли 1903 Максим Горкий навишта буд: «Лонгфелло — беҳтарин!». Тавре И.Н. Иванова зикр мекунад, «то ба наздикӣ номи Ҳенри Уодсворт Лонгфеллоро хонандагони рус бо достони оламшумули ӯ «Суруди Ҳайават» (*The Song of Hiawatha*), ки аз ҷониби Иван Бунин тарҷума шуда буд, алоқаманд мекарданд. Аммо кам одамоне буданд, ки аз эҷодиёти пурмаҳсули шоири америкоӣ хабар доштанд, ки зиёда аз 800 шеъри лирикиро дарбар мнгирад, аз ҷумла 174 достону тақрибан 100 тарҷума аз чаҳор забони аврупоӣ, ки ӯ ба онҳо тасаллути комил дошт» [4, 3].

Шеър ҳамчун ҳунар ҳамеша воситаи пуртаъсири баёни таассурот ва ормонҳои инсон хизмат мекард. Дар тули даврaҳои гуногуни таърихӣ шоирон ба масъалаҳои муҳимми ҷомеа, орзуву ормон ва нигарониҳои замони хешро дар асарҳояшон инъикос менамуданд. Яке аз чунин шоирони барҷаста Ҳенри Уодсворт Лонгфелло мебошад, ки дар ашъори худ мавзӯъҳои озодӣ ва мубориза баҳри ҳуқуқи инсонро баён намудааст.

Дар ин замина асари махсусан ҷолиби диққат «Сурудаҳо дар бораи ғуломӣ» («Стихи о рабстве» (Poems on Slavery, 1842) мебошад, ки соли 1842 эъҷод шуда, воқеъияти иҷтимоӣ ва сиёсии он замонро инъикос мекунад. Ин шеърҳо комилан аз баёни ҳамдардии инсондӯстона нисбат ба мазлумон иборат буда, рамзи мубориза барои озодӣ ва баробаҳуқуқӣ гардиданд ва махсусан дар заминаи ҳаракатҳо барои раҳоӣ аз ғуломии афроамерикоиҳо ҳамнаво шуданд. Зикр кардан зарур аст, ки дар он даврон, ки ғуломӣ дар ҷомеаи америкоиҳо решаи мустаҳкам дошт, чунин асарҳо ба ташаккули афкори умум алайҳи падидаи мазкур мусоидат намуданд.

«Сурудаҳо дар бораи ғуломӣ» дар пасманзари ҳаракатҳои фаъолона барои ҳуқуқи инсон дар ИМА ва дигар мамлакатҳо навишта шудааст ва ин онро алахусус муҳим гардонид. Лонгфелло як қисми баҳси калонтаре гардид, ки беадолатиро маҳкум менамуд ва даъват ба амал мекард. Шеърҳои ӯ ба бисёриҳо илҳом мебахшиданд, аз ҷумла ба демократҳои руси солҳои 50-60-уми асри XIX, ки дар ситам ба афроамерикоиҳо ва муборизаи худ алайҳи ҳуқуқи крепостноӣ монандӣ меҷустанд. Шоирону нависандагон монанди Н.А. Некрасов ва А.

Гертсен, мавзуъҳои ба миёнгузоштаи Лонгфеллоро фаъолона баррасӣ намуда, дар асарҳои худ истифода мебурданд. Ин гувоҳӣ аз он аст, ки чӣ гуна адабиёт метавонад нақши пули байни фарҳангҳоро бибозад ва ба мубодилаи афкор мусоидат кунад.

Гарчанде ки «Сурудаҳо дар бораи ғуломӣ» дар асри XIX навишта шудааст, мавзуъҳои он то ба имрӯз муҳиманд: озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва адолат ҷомеаи муосирро ҳанӯз ҳам ба ташвиш меорад. Лонгфелло тавонистааст асареро эҷод кунад, ки на танҳо замони ӯро инъикос менамояд, балки ба наслҳои нави муборизон барои ҳуқуқи инсон низ илҳом бахшидааст. «Сурудаҳо дар бораи ғуломӣ»-и Лонгфелло на танҳо як асари адабӣ, балки санади муҳимми фарҳангӣ ва иҷтимоӣ аст, ки то ҳол ба ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва анъанаҳои адабӣ, ҳам дар ИМА ва ҳам дар хориҷи он, таъсир мерасонад.

Тасвирҳои басо рангин ва бофасоҳат, ки ифодагари орзуҳои расидан ба озодӣ ва лабрези қудрати пур аз ҳаракат ва эҳсосот ҷаҳони Ҳенри Уодсворт Лонгфеллоро барои хонандагон ифшо менамоянд. Дар ашъори ӯ озодӣ на танҳо ҳамчун маънии мавҳум, балки воқеияти зинда ва дар ҳаракат буда, саршор аз шавқу ҳавас зоҳир мегардад:

«Вот он верхом на скакуне
Летит, свободе рад,
Звенит узда, и повода
Все В! золоте горят, —
Что ни прыжок — бьют ножны в бок,
Гремят копытам в лад»

[Инак ӯ, савори аспи даванд
Парвоз мекунад, аз озодӣ шод аст,
Лаҷому ҷилав, садо бароварда
Тиллоиву дурахшандаанд, -
Бо ҳар ҷаҳидан – ғилоф ба паҳлу мезанад,
Ҳамсадо бо садои наъли аспам [8, 32].

Дар сатрҳое, ки шоир савораи ба сӯйи озодӣ равонаро тасвир мекунад, мо на танҳо ҳаракати ҷисмониро, балки такони пурзӯри ботиниро низ мебинем. *«Инак ӯ, савори аспи даванд / Парвоз мекунад, аз озодӣ шод аст»* — ин суханон дарвоқеъ таассуроти эҳсоси парвозро, ҳаракати босуръат ба сӯйи ормонҳоро мебахшанд. Аспи даванд ҳамчун рамзи тавоноӣ ва соҳибихтиёрӣ ба қисми таркибии тасвири бадеӣ табдил ёфта, ба қувваи бузурги талош барои озодиро таъкид мекунад.

Садои узангу ва лаҷоми дурахшон, ки «тилоиву дурахшандаанд», ба ин лаҳза барҷастагӣ ва ҳашамат илова мекунанд. Дар ин ҷо мо на танҳо шодӣ, балки пирӯзиро низ ҳис мекунем, ки ба ҳар як ҷаҳиш ва

ҳар як зарбаи пойи асп ба замин, ҳамсадо аст. *«Бо ҳар ҷаҳидан – ғилоф ба паҳлӯ мезанад, / Ҳамсадо бо садои наъли асп»* — ин сатрҳо таъсири пурқуввати овозиро эҷод мекунанд, ки дарки ҳаракат ва шиддатро зиёд менамоянд.

Лонгфелло садо ва вазнро барои ифодаи на танҳо таассуроти зоҳирӣ, балки шунавоӣ низ моҳирона истифода бурдааст. Ҳар калима, ҳар ибора ба хонанда қувват ва умед ба озодӣ бахшида,тасвиреро ба вуҷуд меоварад, ки дар хотирааш муддати тулонӣ боқӣ мемонад.

Дар ашъори Лонгфелло озодӣ на ҳамчун ҳадаф, балки ба ҳолати рӯҳӣ табдил ёфта, аз инсон кирдори фаъолона ва далеронаро талаб мекунад. Мисраъҳои ӯ илҳомбахшанд, даъват ба дарки маънои озод буданро мекунанд ва худ эҳсосоти озидии комилро ҳис кардан чӣ лаззате дорад. Дар ин замина назми Лонгфелло на танҳо ормонҳои замони худро инъикос мекунад, балки ҳамчунин наслҳои навро ба мубориза барои ҳуқуқ ва озодиҳо илҳом мебахшад. Ин дар «Суруди Ҳайават» махсусан возеҳ дида мешавад. Аҳаммияти тарҷумаи Иван Бунинро доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ А. Никонов таъкид мекунад, ки дар ҷараёни пажуҳиши матни достон, сатрҳоеро пайдо намудааст, ки тасвири заминларзаи қадимиро дар силсилакӯҳҳои Rocky Mountains дар ИМА инъикос мекунанд – ҳаводисе, ки дар ривоятҳои шифоҳии ҳиндуҳои таҳҷойи нигоҳ дошта ва дар осори Лонгфелло сабт шудааст.

Пеш аз Бунин якчанд фасли достонро Д.Л. Михайловский [9] бо тағйир додани шакл ва оҳанги асар тарҷума кардааст, вале маҳз тарҷумаи Иван Бунин беҳамтост ва сазовори мукофоти ба номи Пушкини Академияи илмҳои Русия гардид. Дар нусхаҳои аввалини сарсухани «Суруди Ҳайават» Бунин иқрор шуда буд: «...Ман бо як муҳаббати зиёде ба асаре, ки аз хурдсолиам бароям азиз буд ва бо нияти ба ҷо овардани хурдтарин қарзи сипосгузории худ ба шоири бузург, ки он қадар шодии поку беинтиҳоро ба ман бахшидааст, кор мекардам» [1, 254].

«Суруди Ҳайават», ки бори аввал соли 1855 нашр шудааст, аз ҳама барҷастатарин асари Лонгфелло ба шумор меравад. Таассуроте, ки ин асар ба вуҷуд оварда, ғайримуқаррарӣ буд: дар давоми шаш моҳ сӣ маротиба нашр шуд, тақлиду пайравиҳои зиёде ба он навишта шудаанд ва қариб ба ҳамаи забонҳои аврупоӣ тарҷума шуда буд.

Нодир будани сужети он ва шакли фавқулода навоварона ва қотеъи он ҳамаро ба ҳайрат овард. Аммо чизи асосие, ки шуҳрати «Суруди Ҳайават»-ро абадӣ гардонид, зебоии нодири тасвирҳо ва манзараҳои бадеӣ дар ҳамбастагӣ бо табъи баланди шоирӣ ва инсондустӣ буд. «Суруди Ҳайават» тамоми вижагиҳои беҳтарини

истеъдоди эҷодкори худро дарбар мегирад. Лонгфелло тамоми умри хешро ба парастиши улувият ва зебоӣ бахшидааст. (…). Ӯ одамонро ба сулҳу амонӣ, меҳру муҳаббат ва бародарӣ, ба хидмат барои инсон даъват мекард. Достонҳо ва ашъори ӯ ҳамеша «ба таври ноаён саршор аз некӣ ва зебоӣ мебошанд»; онҳо ҳамеша илова бар соддагӣ ва латофати шакл, бо дарки нозук ва тасвири барҷастаи бадеии табиат ва зиндагии инсон ҳамеша фарқ мекунанд. «Суруди Ҳайават» беҳтарин шаҳодат аз суханҳои гуфташуда мебошанд...» [1, 235-236].

«Суруди Ҳайават» яке аз муҳимтарин асарҳои адабиёти амрикоии қарни XIX ба ҳисоб меравад ва ҳамчун назми мумтози эпикӣ ва романтикии классикӣ эътироф шудааст. Лонгфелло ба фолклор ва асотири мардумони бумии Амрико таваҷҷуҳи зиёде зоҳир менамуд ва ба шарофати ин, достон як санади муҳимми фарҳангӣ гардид, ки ривоятҳо ва тасвирҳои қадимии анъанавии ҳиндуҳоро нигоҳ доштааст. Ин асар на танҳо таърих ва асотири ҳиндуҳои Амрикои Шимолиро тарғиб намудааст, балки дар ташаккули ҳувияти миллии ИМА таъсири назаррас расонида, робитаи табиат, халқ ва таърихро таъкид кардааст. Лонгфелло ба Русия ва адабиёти рус низ шавқу ҳаваси зиёде доштааст, ки ба ин кӯшиши омухтани забони русӣ аз ин шаҳодат медиҳад [5].

Эҷодиёти ӯ саршор аз инсондӯстӣ, афкори амиқи фалсафӣ, меҳру муҳаббат ба ватан ва таваҷҷуҳ ба фарҳанги халқҳои дигар аст, ки то ба имрӯз ҳам хеле муҳим боқӣ мемонад.

Аммо номи Лонгфелло ҳануз ҳам дар ҳошияи адабиётшиносии тоҷик қарор дорад. Агарчи тарҷумаи асарҳои ӯ ба забони тоҷикӣ вуҷуд дорад, омухтани бонизоми ҷойгоҳи онҳо дар адабиёти тоҷик, ҳамчунин, таъсири онҳо ба хонанда тақрибан дида намешавад. Ин хеле тааҷҷубовар аст, алалхусус бо назардошти шахсияти бузурги шоир ва аҳамияти мероси адабии ӯ.

Шоири даврони ташаккулёбии адабиёти амрикоӣ

Лонгфелло 27 феврали соли 1807 дар Портленди иёлати Мэн дар оилаи ҳуқуқшиноси бадавлат ба дунё омадааст, ӯ аз синни ҷавонӣ майлу рағбат ба донишомузӣ ва адабиёт дошт. Ҷодаи шоирӣ ва илмро ӯ аз коллеҷи Боуэйн оғоз кард, ки дар он ҷо на танҳо дар самти адабиёт фаъолона машғул буд, балки забонҳои хориҷиро ҳам меомухт, ки худ роҳи инкишофи минбаъдаи ӯро муайян кард. Саёҳати Аврупо, ошноӣ бо забонҳо, фарҳангҳо ва адабиёти романӣ ва германӣ ба ӯ имкон дод, ки як сабки шоириеро эҷод кунад, ки романтизм, унсурҳои фолклор ва афкори амиқи фалсафиро дар бар гирад.

Аз соли 1829 Лонгфелло дар коллеҷи Боуэйн ва баъдтар дар Донишгоҳи Ҳарвард дарс медод. Ин таҷрибаи академӣ сабаби барояш

дастрасӣ ба беҳтарин намунаҳои адабиёти аврупоӣ шавад, ки тарҷумаи онҳоро ӯ моҳирона барои хонандагони амрикоӣ мутобиқ гардонд.

Шоири инсонпарвар ва файласуф

Яке аз шоҳасарҳои Лонгфелло, ки хонандаро бо хушоҳангии забон, амиқии эҳсосот ва фоҷиаангезии қиссаи ишқ ба ҳайрат меорад – достони «Эванҷелина» (*Evangeline*) мебоошад, ки ба ҳодисаи рондани акадиён аз Канада дар асри XVIII бахшида шудааст. Дар достони мазкур на танҳо воқеоти таърихӣ, балки эҳсосоте, ки ба кулли инсоният хос аст, тасвир шудааст. Он ба хонандаҳои ҳамаи фарҳангҳо, аз ҷумла ба фарҳанги тоҷикӣ низ наздик ва фаҳмо аст.

Лонгфелло танҳо бо шеъри ҳамосӣ қаноат намекард. Асарҳои лирикӣ, балладаҳо ва ашъори ӯ, аз қабили «Кобо ва Рудолф», «Ҳериет» саршор аз самимият, таваҷҷуҳ ба зиндагии одамони оддӣ, шодию ғамҳои онҳо мебошад. Дар он мисраъҳо фалсафаи мавҳум нест, балки ҳаёти зинда, ки пур аз таассурот, ноумедиҳо ва орзуҳост.

Лонгфеллоро ба хонандаи муосири тоҷик – махсусан кӯшиши расидани ӯ ба маънавияти кул муҳим мегардонад. Ӯ дар бораи рӯҳи инсон, ишқ, бохт, имон ва маънии зиндагӣ навиштааст – мавзӯъҳое, ки дар тамоми анъанаҳои фарҳангӣ муҳиманд. Шеърҳои ӯ ҳамчун баёнгари розҳои инсонӣ хонда ва пазируфта мешаванд.

Чаро мутолиаи Лонгфелло дар Тоҷикистон муҳим аст?

Имрӯз, ки адабиёти тоҷик босуръат инкишоф ёфта, роҳҳои нави робита бо анъанаҳои ҷаҳониро пайдо мекунад, алалхусус муҳим аст, ки алоқаро набояд аз асарҳое, ки аллакай тарҷума ва ба фазои фарҳангӣ ворид шудаанд, канд. Боиси таассуф аст, ки дар даҳсолаҳои охир ҳанӯз ҳам ба таҳлили тарҷумаи осори адабии ҷаҳон ба забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ камтар зоҳир мешавад. Ин на танҳо ба Лонгфелло, балки ба дигар адибони барҷастае низ дахл дорад, ки осори онҳо метавонад адабиётшиносӣ, тарҷума ва тарҷумашиносӣ, барномаҳои таълимӣ ва мубоҳисаву муколамаҳои фарҳангии муосирро ғанӣ гардонанд.

Чунки бисьёрии ин асарҳо, ба мисли достони «Суруди Ҳайават», дорои нерӯи тавонои инсондустӣ ва эстетикӣ мебошанд. Онҳо ба хонанда кӯмаки дарки амиқтари фарҳангҳои дигарро ва ҳамзамон идроки дубораи фарҳанги хешро мекунанд. Ин барои ташаккули муколамаи адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ, ки имрӯз беш аз пеш зарур аст, махсусан муҳим мебошад.

Ҳенри Уодсворт Лонгфелло шоирест, ки ба ӯ муяссар шудааст усули романтизм ва реализм, ҷанбаҳои эпикӣ ва лирикӣ, миллӣ ва умумибашариро ба ҳам бипайвандад. Эҷодиёти ӯ зинда, амиқ ва инсондӯстона боқӣ мондааст. Зарурати хосса ба он аст, ки осори ӯ

сазовори таваҷҷуҳи бештари адабиётшиносон ва хонандагони тоҷик гардад.

Ба илм ворид намудани асарҳои Лонгфелло ба забони тоҷикӣ ва таҳлили онҳо дар заминаи адабиёти ҷаҳонӣ ва миллӣ дар филологияи Тоҷикистон имкониятҳои наве боз менамояд ва онро на танҳо рангоранг, балки дар ҳақиқат байналмилаллӣ низ хоҳад сохт.

Ба шарофати тарҷумаҳои шоирони тоҷик номи Лонгфелло ба хонанда маълум гардид, аз ҷумла достонҳои «Суруди Ҳайават» дар тарҷумаи Аслам Адҳам [7], шеърҳои «Маънии ҳаёт», «Пул», «Шоҳидон», «Дарёи Чарлз», «Муғони кӯчӣ», «Зимистони ҷангал», «Оҳангари деҳ», «Хоби ҳабаш» дар тарҷумаи Садри Умар.

«Суруди Ҳайават» – пайванди фарҳангҳо

Достони «Суруди Ҳайават» яке аз асарҳои машҳури Лонгфелло ба ҳисоб меравад. Ин на танҳо як санҷиши адабӣ дар тарзи шеъри эпикӣ, балки пули фарҳангие буд, ки Амрикоро бо фарҳангҳои мардуми бумии он мепайваст. Лонгфелло асотир ва низоми маънавии ҳиндуҳоро эҳтиёткорона аз нав барқарор мекунад, на барои аҷобати онҳо, балки кӯшише буд барои дарк ва баёни ҷаҳонбинии онҳо ба хонандаи муосир. Чунин дахолати инсонӣ достонро ҳатто дар қарни XXI ҳам боарзиш мекунад.

Бо вуҷуди мавҷудияти тарҷумаҳои «Суруди Ҳайават» ва дигар асарҳои Лонгфелло ба забони тоҷикӣ, тавре ки қаблан ҳам ишора намуда будем, доираҳои илмии Тоҷикистон ба онҳо ҳанӯз ҳам таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накардаанд. Зимнан, дар шароити ҷаҳонишавӣ дарки ин гуна осор ба ташаккули ҳувияти фарҳангии миллӣ дар иртибот бо арзишҳои гуманитарии ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

«Суруди Ҳайават» [7] – достони эпикии Ҳенри Уодсворт Лонгфелло мебошад, ки дар асоси асотир ва ривоятҳои амрикоиҳои бумӣ, бахусус қабилаи Оҷибве навишта шудааст. Сужети асар дар бораи ҳаёт ва корнамоиҳои қаҳрамон Ҳайават – шахсияти асотирие, ки худ рамзи хирад, тавоноӣ ва адолат гардидааст, нақл мекунад. Достон аз 22 бахш иборат буда, дар онҳо Лонгфелло таърихро дар батни фалсафӣ ва маънавӣ баён намуда, аксаран ба масъалаҳои табиат, сарнавишт ва маънавият рӯ меоварад.

Сужет

Дар сарзамини дурдасти пурасрор, ки ҷангалҳояш наҷво аз асрори қадим мекарданд ва дарёҳо мисли наворҳои зинда ҷорӣ мешуданд, Ҳайават ном қаҳрамони хирадманд зиндагӣ мекард. Мувофиқи сужети достон Ҳайават – писари олиҳаи зебои осмони шаб ва худои маккори ҳиндуҳо буд. Ӯ аз хурдсолиаш дарки табиат, забони ҳайвонот ва паррандаҳоро аз худ карда буд. Танҳо ӯ қодир ба

корнамоиҳои бузург баҳри шаъну шарафи халқи худ буд: пирӯзӣ бар девон, фатҳи дарёҳову ором кардани боди азим.

Ҳайават аз қабилаи Оҷибве буда, рамзи қувват, адолат ва робитаи амиқ бо табиат буд. Ҳаёти Ҳайават пур аз ҳаводис ва имтиҳон аст.

Ҳайават аз овони кӯдакиаш ҳис мекард, ки тақдираш муҳофизати халқи хеш ва ба онҳо ҳикмати табиатро омӯзонидан буд. Ӯ медонист, ки ҷангалҳо пур аз асроранд ва дарёҳо нигаҳдори донишҳои қадимианд. Ӯ ҳар рӯз ба ҷангал мерафт, то ба наҷвои дарахтон ва сурудҳои паррандагон гӯш андохта, ҳикмати онҳоро биомӯзад.

Рӯзе вақте ки абрҳои сиёҳ осмони сарзаминаш фаро гирифта буданд, Ҳайават аз мусибатҳои ба сари халқаш омада хабардор шуд. Душманон таҳдид ба оромиву осудагиашон мекарданд, тарсу ваҳм дар қалби мардум ҷой гирифта буд. Аммо Ҳайават ба воҳима афтоданро ба худ раво намедид. Ӯ мардумашро ҷамъ кард ва дар якҷоягӣ тасмим гирифтанд, ки вақти амал кардан расидааст.

Мардумро дар гирди оташ ҷамъ оварда, Ҳайават ривоятро дар бораи аҷдодонашон нақл кард: ки онҳо чӣ гуна душвориҳоро паси сар ва дар ваҳдат тавоноиро пайдо мекардаанд. Суханони ӯ пур аз орзуҳо ва илҳомбахш буданд. Ӯ дӯстонашро хотиррасон кард, ки онҳо як ҷузъи табиати бузурганд ва ҳар яки онҳо қодир аст ҷараёни ҳаводисро дигаргун кунад.

Аз суханҳои ӯ илҳом гирифта, қабилаи оҷибве муттаҳид шуданд ва дар якҷоягӣ ба муқобили душманон ҷангиданд. Ҳайават бо хирадмандӣ ва мардонагии худ сарвари онҳо гардид. Ӯ онҳоро дар муҳорибаҳо раҳбари мекард, аммо на фақат бо истифодаи қувва, балки дар ҳолатҳои имконпазир, ҷангро бо роҳи сулҳ ба итмом мерасонд. Ҳар қадам онҳо пурқувваттар мешуданду рӯҳашон шикастнопазир.

Ниҳоятан ба шарофати ҷасорати Ҳайават ва ваҳдати халқи ӯ онҳо ғолиб баромаданд. Душманон ақибнишинӣ карданд ва дар сарзаминашон сулҳу субот барқарор шуд. Ҳайават на танҳо қаҳрамон, балки барои халқаш рамзи умед гардид. Номи ӯ дар қалби мардумони Оҷибве абадӣ боқӣ мемонад ва ин таъкид ба он аст, ки ҳатто дар давраҳоиториктарин ҳам нур пайдо кардан мумкин аст, ба шарте муттаҳид шаванду ба ҳикмати табиат ихлос пайдо кунанд.

Ҳамин тавр, саргузашти Ҳайават зинда монда, аз насл ба насл гузашта, наслҳои ояндаро ба корнамоиҳо ва ҷустуҷӯи адолат рӯҳбаланд мекунад.

Дар саросари достон Ҳайават на танҳо ҷанговар, балки сулҳҷӯ, муаллимест, ки барои муттаҳид намудани қабилаҳои гуногун кӯшиш мекунад, ҳамкорӣ ва некиро ба онҳо меомӯзонад. Саъю кӯшиши ӯ дар

роҳи ваҳдати халққои бумӣ рамзи ормонҳо баҳри сулҳу ваҳдати халққои пароканда мебошад.

«Суруди Ҳайават» на танҳо достони эпикӣ дар бораи қаҳрамони бузург, балки асари фалсафӣ ҳам аст, ки дар он муҳимтарин мавзӯъҳои ҳастии инсон: муҳаббат, марг, ҳамтавъӣ бо табиат ва қудрати маънавӣ баррасӣ шудааст. Лонгфеллоу тасвирҳо ва асотири амрикоиҳои бумиро барои эҷоди асари ҳамагонӣ истифода мебарад, ки дар он масъалаҳои дар ҳар давру замон ва макон муҳим баён мешаванд.

«Суруди Ҳайават»-и Ҳенри Уодсворт Лонгфелло: сабки он ва мушкилоти тарҷума

Вазифаи асосии ҳар тарҷумаи адабӣ ноил шудан ба мувофиқат ба нусхаи асл аст ва «мутобиқи назариёти адабӣ, неруи асосии ба таҳрик оварандаи мутарҷим ғояи асари асл мебошад ва ӯро водор месозад, ки воситаҳои муносиби забониро барои баён афкор дар калом ҷустуҷу кунад, яъне тарҷумаи адабӣ бо нусхаи асл на аз назари лингвистӣ, балки аз лиҳози дарки эстетикӣ мувофиқати комил пайдо кунад.

Дар ҳар тарҷумаи адабӣ, ҳамчун раванди эҷодӣ, бояд нақши фардии тарҷумон зуҳур дошта бошад. Аммо вазифаи асосии тарҷумон, ба ҳар ҳол иборат аз он аст, ки бояд дар тарҷума вижагиҳои нусхаи аслро ҳифз намояд. Барои эҷоди нусхаи баробар ба асл тарҷумон бояд барои баён бардошти адабӣ ва нафсонии хеш воситаҳои забонии беҳтарин ва муносибтаринро пайдо намояд: интихоби муродифҳо, тасвирҳои бадеии муносиб ва ғ.

Дар ҳар як тарҷума, ҳамчун раванди эҷодӣ, бояд фардияти мутарҷим ба назар расад, аммо вазифаи асосии ӯ, бо вуҷуди ин, дар тарҷума хусусиятҳои хоси аслро нигоҳ дорад ва барои ба таассуроти бадеӣ ва эҳсосотии асл мутаносиб кардани тарҷума, мутарҷим бояд воситаҳои беҳтарини забониро ба кор барад: синонимҳо, тасвирҳои бадеии мувофиқ ва ғ. интихоб намояд. [6, с.8].

Барои ноил шудан ба тарҷумаи мутаносиб шаклҳои таҳвили зерро ба назар гирифтан лозим аст: модулсозӣ, мушаххассозӣ, умумиятдиҳӣ, инчунин лафу нашри луғавӣ, табодул, тақсим ва тавҳиди ҷумлаҳо, тарҷумаи мустаор, табодули калимасозӣ (конверсия) ва ғ. Ҳамаи ин шаклҳои таҳвил дар ҷараёни тарҷумаи матнҳои манзум бо усули гуногун истифода мешаванд:

Лонгфелло, Г. Песнь о Гайавате, 1987	Лонгфелло, Г. Суруди Ҳайават, 1987
«Он возлюбленную нежил	«*Дилбарашро навозише мекард*,
И ласкал улыбкой солнца,	Бо шуои назокати хуршед,

Нежил вкрадчивою речью,
Тихим вздохом, тихой песней,
Тихим шепотом деревьев,
Ароматом белых лилий.
К сердцу милую привлек он,
Ярким пурпуром окутал —
И она затрепетала
На груди его звездою.
Так доныне неразлучно
В небесах они проходят:
Вебон, рядом Вебон-Аннонг —
Вебон и Звезда Рассвета» [8, 30].

Бо суханҳо лутфу меҳромез,
Бо сабук оҳу бо суруди хамӯш,
Бо хишшироси баргакони ниҳол.
Бӯи нилуфари сафеди хушоб.
Ҷой дода ба сина дилбарро,
Ҷисми ӯро ба арғувон печид –
Дасту по зад, бихӯрд печутоб,
Дар сари синааш чу наҷми саҳар,
То ба ҳоло дар дашти само
Ҳар ду якҷоя шод дар гардиш:
Гашта Вебон, бари Вебон – Аннонг - Бари Вебон - Ситораи Саҳарӣ» [7, 16].

Мутарҷим дар ин матн кӯшиши то ҳадди имкон нигоҳ доштани унсурҳои асосии луғавиро дар тарҷумааш намудааст, аммо ин на ҳамеша барояш муяссар шудааст. Чунончи тавсифи ***«И ласкал улыбкой солнца»*** ба забони тоҷикӣ бо иловаи тавсифи ***«шуои назокат»*** (нежные лучи) – ***«Бо шуои назокати хуршед»*** тарҷума шудааст. Ба ҳамин асл тавсифи: ***«Тихим шепотом деревьев // Ароматом белых лилий»*** низ тарҷума шудааст. Дар он мутарҷим вожаҳои ***«хиширос»*** (шуршание, шелест) ва ***«хушоб»*** (свежий) илова кардааст: «Бо ***хишшироси*** баргакони ниҳол // Бӯи нилуфари сафеди ***хушоб***».

Вазифаи мутарҷим на танҳо баёни саҳеҳи муҳтавои андешаҳои дар забони асл ифодашуда, балки бо истифода аз воситаҳои забони тарҷума таҷдиди тамоми хусусиятҳои сабк ва шакли баёни забони асл мебошад. Масалан дар тарҷумаи ибораи ***«И она затрепетала // На груди его звездою»*** ба забони тоҷикӣ, илова шудааст, ки: ***«Дасту по зад, бихурд печутоб // Дар сари синааш чу наҷми саҳар»***. Ташбеҳи наҷми саҳар тарҷумаро саҳеҳтар намудааст. Аммо баёни ***«Дасту по зад, бихӯрд печутоб»,*** ки айнан ба русӣ ***«Она растерялась, стала извиваться»*** мешавад, ба асли матн чандон мувофиқ нест.

Маҳз таҷдиди дубораи ягонагии мазмун ва шакл тарҷумаро аз дигар василаҳои баён бо забони дигар, аз қабили нақл ё талхис фарқ мекунад. Мушкилот дар он аст, ки дар аксари мавридҳо забони асл ва забони тарҷума аз рӯи сохтори дохилиашон фарқ мекунанд. Ин гуна номувофиқатӣ дар сохтори ду забон, пеш аз ҳама, таҳаввули грамматикиро тақозо мекунанд. Номувофиқатиҳо метавонанд пурра ё қисман бошанд [10, с. 9]. Номувофиқатии комил дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки забони тоҷикӣ шакли грамматикии дар забони русӣ мавҷуд бударо надошта бошад. Дар ҳолатҳои дигар, имконоти як воҳидҳои

грамматикӣ метавонад дар як забон нисбат ба забони дигар васеътар бошад.

Мувофиқи андешаи Д.Ю. Николаев: «Тарҷумаи назм мураккабтарин навъи тарҷума буда, дар атрофи он баҳсу мунозираҳо зиёданд. Матни манзум маълумоти бисёреро дар бар мегирад, ки ба ғайр аз маънои худ инчунин таҳтулмаъниро низ дорад (онро «эстетикӣ» ҳам номидан мумкин аст). Ин маълумот ба туфайли қобилияти вожа, ибора ва ҷумлаҳо дар пораҳои хурди ҷудогонаи матн маънои муайяне дошта, дар хонанда ҳиссиёт, эҳсосот, ангезаро бедор мекунад. Дар назм ва махсусан дар шеъри лирикӣ иттилооти эстетикӣ аксар вақт на танҳо бар маълумоти далелӣ, балки бар маълумоти консептуалӣ низ бартарӣ дорад» [11, 2].

«Суруди Ҳайават» – танҳо достон нест; олами бепоёнест, ки хонанда ғарқи он мешавад, чунонки дар ривояти қадимие, ки аз даҳон ба даҳон то ба имрӯз расидааст, фурӯ меравад. Ҳенри Уодсворт Лонгфелло устоди сухан ва эҳсосот асаре офаридааст, ки на танҳо асотири амрикоиҳои бумиро инъикос мекунад, балки масъалаҳои муҳими фалсафӣ ва маънавиро ба миён мегузорад. Дар ин мақола мо кӯшиш барои ошкор намудани вижагиҳои сабки Лонгфелло ва мушкилиҳое мекунем, ки мутарҷимон дар баёни амиқ ва зебои нусхаи асл дучор мешаванд. Тавре З.М. Ғуломҷонов зикр мекунад: «Аз нигоҳи назарияи тарҷума омӯзиши вижагиҳои хоси забони назми Ҳенри Уодсворт Лонгфелло барои ба тарҷумаи муносиби манзум ноил шудани мутарҷимон хеле ҷолиб аст. Аз тақрибан ҳаштсад асари манзуми шоир, дусадтоаш ба забони русӣ тарҷума шудааст. То ба имрӯз осори манзуми шоири амрикоӣ асосан аз лиҳози адабиётшиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст (Л.И. Ронгонен, В.И. Новиков ва ғ.). Бояд гуфт, ки баёни вижагиҳои услубии ашъори Ҳенри Лонгфелло метавонад заминаи пажӯҳишҳои минбаъда дар танқиди тарҷума гардад ва дар таҷдиди ҳамаи осори шоир ба забони тоҷикӣ саҳм гузорад.

Таҳлили муқоисавӣ ба мо имкон медиҳад, ки тамоюли усули баёни ашъори шоири амрикоӣ ба забони тоҷикиро аз забони миёнҷӣ – забони русӣ, муайян ва дар асоси талабот ба тарҷума арзёбӣ намоем. Вожаи «миллӣ» дар ин ҳолат ба воқеияти хоси мардуми ҳинд, ки достони Лонгфелло ба онҳо бахшида шудааст, ишора мекунад» [3, с.106]. Достон дар бораи ҳаёт ва корнамоиҳои Ҳайават – қаҳрамони асотирӣ, ки рамзи хирад ва адолат аст, нақл мекунад. Лонгфелло тасвирҳои равшанро бо истиора ва рамзҳо истифода бурда, матнро зинда ва бисёрқабата месозад. Сабки ӯ хушоҳанг буда, вазни мутаносиб дорад, ки асарро оҳангин мекунад ва ин хоси эҷодиёти

шифоҳӣ аст. Ҳангоми мутолиаи «Суруди Ҳайават» мо ҳис мекунем, ки калимаҳо мисли дарёе, ки онро ҷангалҳову кӯҳҳо иҳота кардаанд, ҷорӣ мешаванд ва фазои ҳашамат ва зебоиро ба вуҷуд меоранд.

Аммо ҳангоми ба забони дигар тарҷума кардани достони мазкур душвориҳои муайяне ба миён меоянд. Нигоҳ доштани хушоҳангии нусхаи асл яке аз ҷанбаҳои душвортарин аст. Тавре Иван Бунин – мутарҷиме, ки истифода аз лафзи латифи шоирона мекунад, зикр кардааст, вазифаи асосӣ на танҳо нигоҳ доштани мазмун, балки шакл низ мебошад. Барои ин бояд сохтори оҳангии вазнро, ки дар «Суруди Ҳайават» дар шакли ямби ҳаштрукна омадааст, нигаҳ дорем. Ин аз мутарҷим на фақат маҳорат, балки дарки амиқи забон ва фарҳанги забони тарҷумаро талаб мекунад.

Лонгфелло ҳамчунин аз рамзҳои табиат зиёд истифода мебарад, ки ба кори мутарҷим боз як душворӣ зам мекунад. Ҳайават қуввaҳои табиат - об, ҳаво, заминро таҷассум мекунад ва алоқаи ӯ бо ин унсурҳо аҳамияти мутобиқати инсон бо муҳити атрофро таъкид менамояд. Вазифаи мутарҷим нигоҳ доштани амиқӣ ва сермаъноии тасвирҳо мебошад, то ки онҳо табиӣ садо диҳанд ва барои хонандаи фарҳанги дигар фаҳмо бошанд.

Унсурҳои фолклорие, ки достонро саросар фаро гирифтаанд, таассуроти робита бо ҳикмати халқро ба вуҷуд меоранд. Лонгфелло истифода аз қисса, суруд ва расму оинҳо мекунад, ки ба асар тобиши махсус мебахшад. Мутарҷим бояд на танҳо вожаҳоро тарҷума кунад, балки заминаҳои фарҳангӣ ва таърихиро ҳам мутобиқ созад, то ки хонанда боигарии унсурҳои халқиро дарк ва баҳогузорӣ кунад. Ин аз тарҷумон на танҳо маҳорати забондонӣ, балки эҳсоси фарҳангиро низ тақозо мекунад.

Сабки Лонгфелло олӣ ва мутантан аст, ки вусъати воқеотро тақвият ва қаҳрамонии персонажҳоро таъкид мекунад. Арзиши нигоҳ доштани чунин забони мутантан дар тарҷума фавқулода зиёд аст. Мутарҷим бояд дар интихоби ҳар як вожа бодиққат бошад, то лаҳни ҳамосии матнро аз даст надиҳад.

«Суруди Ҳайават» асарест, ки аз хонанда на танҳо дарки эстетикӣ, балки таҳлили амиқро низ талаб мекунад. Сабки Лонгфелло пур аз хушоҳангӣ ва рамзҳост, ки матни беназиреро ба вуҷуд оварда, тарҷумааш хеле душвор аст, аммо бузургии он маҳз дар ҳамин аст. Ҳар каломи «Суруди Ҳайават» қадамест ба вориди ҷаҳоне, ки дар он табиат ва руҳ бо ҳам пайваста, ҳикмати ниёкон ба воситаи наслҳо мегузарад. Ниҳоятан, достони мазкур на танҳо дар бораи Ҳайават, балки дар

бораи худ мо ҳам ҳаст, дар бораи ҷойгоҳи инсон дар ҷаҳон ва чӣ гуна мо метавонем бо табиат ва бо якдигар ҳамсон бошем.

Рукни муҳими сабки достони «Суруди Ҳайават», ки мутарҷим онро бомуваффақият риоят намудааст, такрори ибораҳо ва анафораҳое, ба мисли *«Сказал Гайавата»* ё *«И это было»* мебошад:

Если спросите – откуда
Эти сказки и легенды
С их лесным благоуханьем,
Влажной свежестью долины,
Голубым дымком вигвамов,
Шумом рек и водопадов,
Шумом, диким и стозвучным,
Как в горах раскаты грома? –
Я скажу вам, я отвечу:
«От лесов, равнин пустынных,
От озер Страны Полночной,
Из страны Оджибуэев,
Из страны Дакотов диких,
С гор и тундр, с болотных топей,
Где среди осоки бродит
Цапля сизая, Шух-шух-га.
(…)
***Если спросите**, где слышал,*
Где нашел их Навадага, –
Я скажу вам, я отвечу:
«В гнездах певчих птиц, по рощам,
На прудах, в норах бобровых,
На лугах, в следах бизонов,
На скалах, в орлиных гнездах.
(…)
Если спросите, где слышал,
Где нашел их Навадага, –
Я скажу вам, я отвечу:
«В гнездах певчих птиц, по рощам,
На прудах, в норах бобровых,
На лугах, в следах бизонов,
На скалах, в орлиных гнездах.

ва ғайраҳо.

Ин такрорҳо таассуроти баёни шифоҳиро ба вуҷуд оварда, ба матн хушоҳангии иловагӣ мебахшанд, мисли ки достон аз як ровӣ ба ровии дигар, аз як насл ба насли дигар мегузарад. Ибораҳои такрорӣ аҳамияти ҳар лаҳзаро таъкид намуда, эҳсоси маросим ва муқаддасотро

ба вуҷуд меоранд. Вале ин барои мутарҷим кори осон нест. Нигоҳ доштани сохтори такрорҳо бо сабаби фарқ дар наҳв ва вижагиҳои услубии забони тарҷума метавонад мушкили эҷод намояд. Мутарҷим на танҳо шакли такрорҳоро, балки тобиши эҳсосотӣ ва сохтори вазнии онҳоро, ки қисми таркибии асар мебошанд, низ ҳифз мекунад.

Достони Ҳенри Лонгфелло «Суруди Ҳайават» намунаи барҷастаи адабиёти ҳамосӣ мебошад, ки дар он мусиқии шеър, тасвирҳои амиқ ва рангорангии ғании асотирӣ равшан зуҳур намудааст. Вижагиҳои вазн, вуҷуди тамсил ва унсурҳои фолклорӣ дар он ба асар хусусияти хос бахшида, дорои маънии бисёрпаҳлу кардаанд.

Вазифаи тарҷума дар ин маврид ниҳоят мураккаб аст: чунки на танҳо бояд мусиқии шеъри аслро нигоҳ дошт, балки тасвирҳои рамзии онро дуруст тарҷума кард. Ҳамчунин, дарки амиқи маонии фарҳангии асотири ҳиндуҳо лозим аст. Ин аз мутарҷим дониши фавқулодаи забонӣ ва дарки моҳияти маънавии нусхаи аслро тақозо менамояд. Маҳз ба Иван Бунин муяссар шуд, ки ин душвориҳоро бартараф карда, тарҷумаи «Суруди Ҳайават»-ро ба анҷом расонад, ки он калиди шиносоии хонандаи рус бо асотири ҳиндуҳо гардидааст. Тарҷумаи ӯ на танҳо дарро ба фазои фарҳанги дигар боз намуд, балки пули байни тамаддунҳо гардид, ки ба хонандагон имкони дарки умқи фалсафа ва робитаи зичи инсон ва табиатро тавассути тасвирҳои беназири фолклорӣ додааст.

«Суруди Ҳайават» дар тарҷумаи Бунин бо арзишҳои абадиаш, монанди дӯстӣ, ваҳдат ва эҳтиром ба олами табиат ҳанӯз ҳам илҳомбахш аст ва асарро барои хонандагони замону фарҳангҳои мухталиф муҳим месозад.

Тарҷумаи номҳои эндемикҳо, алалхусус як гурӯҳи воқеӣ — эндемикҳои гуногун (парранда) аз лиҳози тарҷумашиносӣ диққатҷалбкунанда аст. Воқеиятҳо аз унсурҳои муҳими фарҳанг мебошанд, ки ҷанбаҳои беназири ҳаёти одамонро дар ҷомеаҳои гуногун инъикос мекунанд. Онҳо метавонанд анъана, урфу одат, ашёи рӯзгор ва ҳатто забонро дар бар гиранд, ки онҳоро барои фаҳмидани батни фарҳангӣ хеле муҳим месозад. Омӯзиши воқеиятҳо барои дарки беҳтари он ки одамони гуногун ҷаҳонро чӣ гуна дарк ва бо ҳамдигар муносибат мекунанд, мусоидат менамояд. Воқеиятҳо унсурҳои беназири забонианд ва гарчанде ки баъзе воқеиятҳои мушаххас ба шарофати монандии анъанаҳои фарҳангии забонҳои асл ва тарҷума зотан муодил доранд, аммо бархе аз онҳо бемуодиланд.

Одатан ин ба номҳои ҷуғрофӣ ва исмҳои хос дахл дорад. Дар наср бо ёрии изофаҳо ин мушкилиро бартараф кардан имкон дорад, аммо

дар назм, ки дар он риояти талаботи қатъии шаклӣ ва дарки эҳсосотӣ муҳим аст, душвортар мебошад. Бо вуҷуди ин, чунон ки В. Виноградов, А. Реформатский ва дигарон тасдиқ мекунанд, дар тарҷумаи шеър низ баёни воқеиятҳо имкон дорад.

Олимон таснифи усули баёни воқеиятҳоро пешниҳод кардаанд, ки занги ҳуруф (транслитератсия), овонависӣ (транскрипсия), тарҷумаи таҳтуллафзӣ, тарҷумаи тавсифӣ, тарҷумаи муқарраб (ё тарҷума бо истифода аз муодил) ва тарҷумаи таҳаввулӣ (трансформатсия)-ро дар бар мегирад [13]. Ба андешаи А. Федоров, воқеиятҳо метавонад неологизмҳо, яъне калима ё ибораҳои нав бошанд [14]. В. Виноградов ва А. Федоров тарҷумаи гипонимикиро илова намудаанд, ки дар он вожаҳои забони асл бо калимаҳои забони тарҷума баён шудаанд [2, 171].

Воқеиятҳо ашъори Лонгфеллоро беназир мекунанд ва ҳамчун рукнҳои муҳими манзараи табиати сарзаминҳои ҳиндуҳо амал мекунанд. Онҳо дар офаридани рангорангии миллӣ ҳиссагузор буда, алоқаи муаллифро бо табиат таъкид мекунанд. Ҳамин тавр, унсурҳои муҳити зист ҷузъи ҷудонашавандаи олами бадеии ӯ мешаванд, масалан:

Лонгфелло, Г. Песнь о Гайавате, 1987:
«Если спросите, где слышал,
Где нашел их Навадага, —
Я скажу вам, я отвечу:
«В гнездах певчих птиц, по рощам,
На прудах, в норах бобровых,
На лугах, в следах бизонов,
На скалах, в орлиных гнездах.
Эти песни раздавались
На болотах и на топях,
В тундрах севера печальных:
***Читовэйк, зуек**, там пел их,*
***Манг, нырок, гусь дикий, Вава**,*
***Цапля сизая, Шух-шух-га**,*
***И глухарка, Мушкодаза**» [8, 16].*

Лонгфелло, Г. Суруди Ҳайават, 1987:
«Гар бипурсед, аз кӣ бишнидаст,
Аз куҷо ёфтаст Навадага,—
Ба шумо ман баён кунам як-як:
3-ошьёни паранда, аз чакалак,
Аз лаби кӯл, лонаи кундуз,
Аз сари майса, нақши ваҳшиюз,

Аз сари қулла, ошьёни уқоб.
Ин тарона бишуд танинандоз
Дар ҳама ботлоқу найзорон,
Дар ҳама ҷангали ҳазини шимол:
Читовейка - зуек сурудандаш,
Мангу Вава - Хуруси ғутазанак,
Ҳам ҳавосили сабз - **Шух-шух-га,**
Мушкодаза - парандаи кулӣ» [7, 6-7].

Бояд гуфт, ки вожаи «зуек» дар забони тоҷикӣ муодили «чаковак (як навъ паррандае, ки дар лаби об зиндагӣ мекунад)»; «нырок» – мурғобии ғӯтазанак. Тавре ки таҳлили муқоисавӣ нишон дод, тарҷумаи воқеиятҳо дар матни мазкур – ҷараёни мутобиқсозии унсурҳои фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва биологии нусхаи асл аст бо мақсади ба хонандаи муҳити забонӣ ва фарҳангии дигар возеҳ ва наздик гардад. Дар порчаҳои овардашуда аз осори Ҳенри Уодсворт Лонгфелло «Песнь о Гайавате» ва тарҷумаи тоҷикии он «Суруди Ҳайават» чанд ҷиҳати тарҷумаи воқеиятҳоро метавон зикр кард:

Дар ҳарду матн паррандагони хушнаво ва ҳайвонҳое зикр гардидаанд, ки ҷузъи табиат ва фарҳанги ҳиндуҳои Амрикои Шимолӣ мебошанд. Тарҷумаи тоҷикӣ заминаи фарҳангӣ – номҳои аслии паррандагон ва ҳайвонотро нигоҳ доштааст, ки ба хонанда имкон медиҳад бифаҳмад, ки сухан дар бораи кадом намояндагони олами ҳайвонот меравад.

Баъзе номҳои паррандаву ҳайвонот дар тарҷумаи тоҷикӣ барои дарки беҳтари хонандаи тоҷик мутобиқ карда шудаанд. Масалан: «глухарка» ҳамчун «парандаи кулӣ» тарҷума шудааст, ки шояд барои хонандагони тоҷик фаҳмотар ва ошнотар бошад.

Дар баъзе мавридҳо ивази лексикӣ, яъне муодилҳо барои баёни маънои монанд истифода мешаванд. Масалан: дар асли русӣ ***«на прудах»*** ҳамчун **«аз лаби кӯл»** тарҷума шудааст, ки ин ҳам ишора ба ҳавзҳо аст, вале бо истифода аз вожаи дигаре, ки дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст.

Мутарҷим на танҳо маънӣ, балки вазну мусиқии назм ва нусхаи аслро низ нигоҳ доштааст ва ин аз истифодаи қофия ва вазн дар матни тоҷикӣ дида мешавад.

Дар тарҷума тавзеҳоти иловагӣ ё тағйирот ворид шудаанд, ки барои дарки возеҳтари маънии матн ёрӣ расонанд. Масалан, дар тарҷумаи тоҷикӣ «Хуруси ғутазанак» зикр шудааст, ки онро метавон ҳамчун навъи муайяни мурғобӣ маънидод кард ва он ҳамчун ҷузъиёт омада, ба хонанда барои тасаввури хонои тасвир мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, тарҷумаи воқеиятҳо дар ин матн тавозуни байни нигоҳ доштани маънои аслӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба муҳити фарҳангии забони тарҷума нишон медиҳад, ки асар барои хонандагоне, ки бо табиат ва фарҳанги Амрикои Шимолӣ ошно нестанд, дастрас ва фаҳмотар мешавад.

Ғояи «Суруди Ҳайават»-и Ҳенри Уодсворт Лонгфеллоро, ки дар он робитаи инсон бо табиат, ваҳдати халқҳо ва корнамоиҳо баҳри манфиати башар унсури асосист, бо чанд асари классикии адабиёти форсии тоҷикӣ муқоиса кардан мумкин аст. Яке аз чунин асарҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад, ки таърихи Эрони таърихиро аз давраи асотирӣ то охири сулолаи Сосониён бо таъкид бар корнамоиҳои қаҳрамонону шоҳон ва ҷангҳо тасвир мекунад. Ҳамчунин ҷойи намоёнро дар асар мавзӯи адолат, муборизаи некӣ бо бадӣ, ягонагӣ ва мутаносибии одамон ва табиат ишғол мекунад. Мисли Ҳайават қаҳрамонони «Шоҳнома», аз қабили Рустам ва Сиёвуш, ҳамчун ҳимоятгари халқи худ, барои адолату созгорӣ кӯшиш намуда, бо табиат низ робитаи зич доранд. Дар «Шоҳнома» табиат ва олами арвоҳон нақши муҳимро мебозанд ва бисёре аз қаҳрамонон тавоноӣ ва хирадмандиро бо иртиботашон бо олами атроф пайдо мекунанд, мисли Ҳайават, ки аз табиат ва арвоҳон ҳикмат ва нерӯ мегирифт.

Дар назми форсии тоҷикӣ бештар мавзӯъҳои қаҳрамонӣ, мубориза барои ваҳдат ва адолат ва инчунин эҳтиром ба табиат ва олами ҳастӣ дида мешаванд. Барои мисол, асарҳое мисли Достони Рустам – қаҳрамони устуравии эронӣ, ки ӯ ҳам мисли Ҳайават бо неруҳои табиат иртибот дошта, аксаран хирадмандона рафтор мекунад.

Дар ҳарду анъана (ҳам дар «Шоҳнома» ва ҳам дар «Суруди Ҳайават») қаҳрамонон рамзи ҳамоҳангӣ бо табиат мебошанд. Ҳайават бо арвоҳҳои табиат дар алоқа буда, таҷассумгари нерӯи онҳо мебошад, мисли Рустам, ки дар достон таҷассумгари ғояи нерӯи некӣ ва мардонагӣ ва ҳамчунин дарки амиқи табиат ва олами ҳастиро ифода мекунад.

Ҳам дар «Шоҳнома» ва ҳам дар «Суруди Ҳайават» каҳрамонҳо бо интихоби душвор – қурбонӣ барои манфиати башар ё баҳри тақдири хеш дучор мешаванд. Маҳз ҳамин сарнавишт онҳоро, алалхусус, аз назари диди фалсафӣ ба зиндагӣ ва санҷишҳои ногузири он, ба ҳам монанд мекунад. Ҳамин тавр, «Шоҳнома» ва «Суруди Ҳайават»-ро метавон аз рӯйи мавзӯъҳои асосии онҳо, аз қабили қаҳрамонӣ, табиат, сарнавишт ва фидокорӣ, орзӯи ваҳдат ва эҳёи маънавӣ муқоиса кард.

Арзиш ва усули тарҷумаи достони «Суруди Ҳайават»-и Ҳенри Уодсворт Лонгфелло ба забони тоҷикӣ

Тарҷумаи достони «Суруди Ҳайават» ба забони тоҷикӣ як раванди мураккабу заҳматталабест, ки ҳам баёни дақиқи маъно ва ҳам нигоҳ доштани усули бадеӣ, вижагиҳои сабкӣ ва фазои фарҳангии нусхаи аслро дар бар мегирад. Тавре ки таҳлилҳо ва мисолҳои аз тарҷумаи Аслами Адҳам овардашуда нишон медиҳанд, тафсири бомуваффақияти чунин асар на танҳо маҳорати забонӣ, балки дониши амиқи суннатҳои назм, воқеиятҳои фарҳангӣ, тасвирҳои асотирӣ ва арзишҳои эстетикии ҳар ду халқ – ҳам сарчашма ва ҳам баҳрагирандаро тақозо мекунад.

Дар тарҷумаи «Суруди Ҳайават» **роҳҳо ва усули мухталифи тарҷума** ба кор бурда шудааст:

Тарҷумаи тавсифӣ ва муқарраб: масалан: ҳангоми ифодаи воқеиятҳо ва навъҳои эндемикии олами ҳайвонот, аз қабили «глухарка» ё «нырок» мутарҷим бо истифода аз тавсифҳои шарҳӣ муҳтавои нафсонӣ ва тасвириро нигоҳ доштааст. Ин амал матнро барои хонандаи тоҷик, бидуни аз даст додани дақиқии этнографӣ, фаҳмо мегардонад.

Татобуқи шоирона: дар истифодаи ташбеҳҳои иловагӣ, ба мисли «шуои назокат» (нежные лучи) ё «хишрос» (шелест) дида дешавад, ки шиддати баёнро зиёдтар мекунад ва ба ифодаи мусиқии нусхаи асл мадад мерасонад. Ин чиз махсусан дар достонҳо, ки дар онҳо вазн ва оҳанг нақши асосиро мебозанд, мухим аст.

Овонависӣ ва тарҷумаи таҳтуллафзӣ: барои ифодаи ном ва ҷойномҳои (топонимика) нодири ҳиндӣ, аз қабили «Шух-шух-га» ё «Мушкодаза», бо нигоҳ доштани асолати муҳити фарҳангии асар истифода мешавад.

Нигоҳ доштани сохтори вазн ва оҳанг: мутарҷим кӯшиш мекунад ямби ҳаштрукнаро ва таркиботи такрориро, аз қабили «Я скажу вам, я отвечу», ки хонандаро ба анъанаи шифоҳии достони ҳиндуҳо наздик мегардонад, нигоҳ дорад.

Татобуқи фарҳангӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои асотирӣ ва фалсафии асар ифода шуда, онҳоро ба хонандаи тоҷик фаҳмо ва наздик гардонад, ки барояш, тавре дар муқоиса бо «Шоҳнома» зикр карда будем, мавзӯъҳои қаҳрамонӣ, табиат ва маънавият ҳамчунин муҳим ва наздик мебошанд.

Ҳамин тавр, тарҷумаи достони «Суруди Ҳайават» танҳо як амали адабӣ ва ё адабиётшиносӣ нест, балки рисолати бузурги фарҳангӣ мебошад. Ва имкон медиҳад, ки: хонандаи тоҷикро бо яке аз бузургтарин намунаҳои адабиёти Амрико, ки дар он арзишҳои

умумибашарӣ – озодӣ, адолат, иртиботи инсон бо табиат таъҷассум ёфтааст, ошно намояд; бо навъҳои нави назм, сужетҳои асотирӣ ва маъниву тасвирҳои фолклорӣ ғанӣ гардонидани суннатҳои адабии форсии тоҷикӣ; нишон додани аҳамияти тарҷумаи манзум ҳамчун воситаи муколамаи фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ; зарурати иштироки фаъолтари адабиётшиносон ва мутарҷимони тоҷик дар омӯзиши мероси адабии ҷаҳонӣ таъкид карда мешавад.

Тарҷумаи Аслами Адҳам намунаи **робитаи муваффақи байни фарҳангҳо** буда, далели он аст, ки назм алорағми мавҷуд будани душворӣ ва монеаҳо дар тарҷумаи он, метавонад пайвандгари адабиёт ва халқҳо бошад. Дар ҷаҳоне, ки мушкилиҳои умумиҷаҳонӣ, якдилӣ ва эҳтироми ҳамдигарро тақозо мекунанд, чунин тарҷумаҳо на танҳо амали адабианд, балки ба **падидаи тамаддунӣ** табдил меёбанд, ки барои ташаккули ҳофизаи фарҳангӣ, рушди адабиёти миллӣ ва садоқат ба ғояҳои инсонпарварӣ муҳим мебошанд.

Китобнома:

1. Бунин, И. А. Собрание сочинений: в 4 т. / И. А. Бунин; [сост. Н. М. Любимова; ил. Г. Д. Новожилова].Т.4. – М.: Правда, 1988. – 557 с.
2. Виноградов, В.С. Перевод. Общие и лексические вопросы: [Учеб. пособие] / В. С. Виноградов. - [2-е изд., перераб.]. – М.: Кн. дом Ун-т, 2004. – 235 с.
3. Гуломджонов, З.М. Таджикско-американские литературные связи: перевод как форма межлитературной рецепции: дисс. канд. филол. наук.: 5.9.2 – Литература народов мира (персидская литература, таджикская литература). / З.М. Гуломджонов. – Душанбе, 2024. – 167 с.
4. Иванова, И. Н. Стилистические особенности поэзии Г.У. Лонгфелло и их межъязыковая передача в русских поэтических переводах XIX - XX вв.: автореф. дисс. ... канд. филол. наук: 10.02.20 / И.Н.Иванова; [Место защиты: Моск. гос. обл. ун-т]. – Москва, 2009. – 24 с.
5. Иванян, Э. А. Энциклопедия российско-американских отношений. XVIII-XX века / Э.А. Иванян. – М.: Международные отношения, 2001. – 696 с.
6. Кулемина, К.В. Эквивалентность и адекватность в переводах поэтических текстов: автореф. дисс. ... канд. филол. наук: 10.02.20 / Пятигорский гос. лингвист. ун-т. / К.В. Кулемина. – Пятигорск, 2006. – 17 с.
7. Лонгфелло, Г.У. Суруди Ҳайават; Достон: Тарҷ. А. Адҳам / Г. У. Лонгфелло. - Душанбе: Адаб, 1987. - 160 с.

8. Лонгфелло, Г.У Песнь о Гайавате. / С англ. пер. И.А.Бунина в стихах; Портр. Лонгфело, ил. амер. худож. Ремингтона. 22 рис. на отд. табл., 376 рис в тексте. – (Роскошно-ил. изд.). / Г.У. Лонгфелло. – СПб.: Изд-во «Знание», 1903. – YI. – 243 с.
9. Лонгфелло, Г.У. Стихотворения. / В пер. Д.Л.Михаловского и др.: под редакцией Д.Л.Михаловского. / Г.У. Лонгфелло. – СПб, М.М.Ледерле, 1894. – 150 с.
10. Магомедзагиров, Р. Г. Методы и принципы поэтического перевода. Переводческие преобразования при переводе поэзии // Русистика. 2016. №4. [электр. рес.] URL:https://cyberleninka.ru/article/n/metody-i-printsipy-poeticheskogo-perevoda-perevodcheskie-preobrazovaniya-pri-perevode-poezii (дата обращения: 14.03.2026)
11. Николаев, Д.Ю., Рудых, А.М. Художественный перевод иностранной поэзии. Национальный исследовательский Иркутский государственный технический университет. [электр. рес.] URL: www.istu.edu / docs/science_periodical / mvestnik / nikolaev.doc. (дата обращения: 16.03.2026).
12. Сарахонзода, М. Хусусиятҳои лингвофарҳангии тарҷумаи Адам Олеариус: инъикоси ҷаҳонбинӣ ва воқеиятҳои фарҳангии Аврупо / М.Сарахонзода // Вопросы гуманитарных наук. – 2025. - № 3. – С.139-155.
13. Томахин, Г.Д. Реалии – американизмы: Пособие по страноведению: [Для ин-тов и фак. иностр. яз.] / Г. Д. Томахин. – М.: Высш. шк., 1988. – 238с.
14. Федоров, А.В. Основы общей теории перевода: (Лингвист. пробл.). [Учеб. пособие для ин-тов и фак. иностр. яз.] / А. В. Федоров. - 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Высш. шк., 1983. - 303 с.

ТДУ: 821.222.8–3.09

НАСРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР АВВАЛИН МАҶМУАИ Ӯ

Ҳошимова Хуршеда Абдумановновна[17]

Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Маҷмуаи «Байроқи зафар» дар соли 1932 бо хати лотинӣ ба нашр расида, бори аввал ба муносибати 115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, арбоби бузурги давлатию сиёсӣ, устод Мирзо Турсунзода ба хатти кириллӣ баргардонида шуд.

Дар мақолаи мазкур маҷмуаи ҳикояву очерк ва шеърҳои шоир бори аввал аз назари имрӯз баррасӣ шудаанд.

Шоир дар ибдои фаъолияти эҷодии худ замони дигаргунсозӣ, бунёдкорӣ ва муборизаҳои синфии солҳои 30-уми асри XX дар ҳикоя, очерк ва порчаҳои шеърӣ бо оҳанги зарбдор ва мутантан тасвир намудааст.Дар ин шеъру ҳикояҳо ва очеркҳо, пеш аз ҳама, руҳияи мардуми бунёдкор дар ҳаёти нави иҷтимоӣ ва рӯйдодҳои воқеии замон дар сарнавишти чеҳраҳои ҷудогона ба тасвир гирифта шуда, лаҳзаҳои таърихи халқи тоҷикро дар давраи низоми нав ташкил медиҳанд. Ҳар сухани шоир чи дар наср ва чи дар назм ҳамчун шиор садо медиҳад ва мардумро ба ибтикороти нав ба нав даъват менамояд. Ба ақидаи муаллифи мақола дар маҷмуаи «Байроқи зафар» саҳифаи таърихи мардуми тоҷик дар нимаи аввали асри XX ба тасвир оварда шудааст, ки барои насли имрӯз донистани он муҳим мебошад.

М.Турсунзода аз наслҳои ҷавоне буд, ки бо эҷодиёти худ бо ҷушу хурӯш дар раванди эҷоди ҳаёти нав, барпокунандагони ҷомеаи бесинф ва идеалҳои нави сотсиалистӣ фаъолона иштирок карда буд.

***Калидвожаҳо**: байроқ, зафар, муборизa, бунёдкор, ҳаёти нав, замон, сарнавишт.*

---

[17] **Ҳошимова Хуршеда Абдумановновна** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ , шуъбаи адабиёти муосир, доктори илми филология, сарходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: (+992) 901214148; e-mail: adeshrukh70@gmail.com.

Хошимова Хуршеда Абдумановновна - Институт языка и литературы им. Рудаки, отдел современной литературы, доктор филологических наук, главный научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. Тел.: (+992) 901214148; e-mail: adeshrukh70@gmail.com.

Hoshimova Khursheda Abdumanonovna - Rudaki Institute of Language and Literature, Department of Contemporary Literature, Doctor of Philological Sciences, Chief Researcher. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Тел.: (+992) 901214148; e-mail: adeshrukh70@gmail.com.

Проза Мирзо Турсунзаде в первом его сборнике

Сборник «Знамя победы» на латинской графике издана в 1932 году. Впервые в связи 115-летию Народного поэта Таджикистана, академика Национальной академии наук Таджикистана, великий государственный и политический деятель, устод Мирзо Турсунзаде с латинской графикой переведен на кириллицу.

В данной статье впервые рассматриваются рассказы, очерки и стихи поэта с сегодняшней точки зрения. Поэт в начале своей творческой деятельности по-ударному описывает времена перемен, строение и классовые борьбы 30-х годов XX века в рассказах, очерках и стихах. В этих стихах, рассказах и очерках, прежде всего, описывается народный строительный дух в новой социальной жизни и реальные события времени в отдельных человеческих судьбах, которые охватывают исторические моменты жизни таджикского народа. Каждые слова поэта как в прозе, так и в поэзии звучат как лозунги. По мнению автора статьи, а сборнике «Знамя победы» описывается страница истории таджикского народа в начале XX века, о котором должны знать сегодняшнее поколение.

М. Турсунзаде был из числа молодого поколения, который своим творчеством активно участвовал в процессе создании новой жизни, строении без классового общества и новых социалистических идеалов.

***Ключевые слова**: знамя, победа, борьба, создатель, новая жизнь, период, судьба.*

Mirzo Tursunzade's prose in his first collection

The collection "Banner of Victory" was published in the Latin alphabet in 1932. For the first time, in honor of the 115th anniversary of the birth of the People's Poet of Tajikistan, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, and great statesman and political figure, Ustod Mirzo Tursunzade, the Latin alphabet has been translated into Cyrillic.

This article examines the poet's stories, essays, and poems for the first time from a contemporary perspective.

At the beginning of his creative career, the poet vividly describes the changing times, structure, and class struggles of the 1930s in his stories, essays, and poems. These poems, stories, and essays, above all, describe the people's constructive spirit in the new social life and the real events of the time in individual human destinies, encompassing historical moments in the life of the Tajik people. Every word of the poet, both in prose and poetry, sounds like a slogan. According to the author of the article, the collection "Banner of Victory" describes a chapter in the history of the Tajik people in the early 20th century that today's generation should be aware of.

M. Tursunzade was among the younger generation who, through his work, actively participated in the process of creating a new life, building a classless society and new socialist ideals.

***Keywords:** banner, victory, struggle, creator, new life, period, destiny.*

«Чунон касеро ёфтан душвор аст, ки дар симо ва шахсияти худ анъанаҳои пештара ва проблемаҳои хоси имрӯзаро тавъам фаро гирифта бошад».

Ч. Айматов

Тамоми фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодии М.Турсунзода аз солҳои 30-уми асри гузашта сар карда, ҳамбастагӣ ба мардум дошт, ки то ин ҷониб соҳиби маҳбубияти умум дорад. Ин ҳамбастагӣ дар оянда дар кору фаъолият, дар мақолаҳои публитсистӣ, дар ашъори пурҷӯшу пурэҳсос ва ҷаззоб, дар суханрониҳои самимию пурмеҳр ва табиӣ акс ёфтаанд, ки дар байни мардуми натанҳо тоҷик, балки халқҳои дигари хориҷи кишвар ба назар мерасад. Ҷиҳати инсонӣ ва муносибатҳои шоирро аҳли илму адаби тоҷик, рус, узбек, қиргиз, қазоқ, поляк, бурғорӣ, арманӣ ва дигарон дар хотираҳояшон бо як самимият ва меҳрубонии нотакрор баён кардаанд. Аз ҷумла, нависандаи машҳури қирғиз Чингиз Айматов дар давраи аввалин раиси Комитети ҳамбастагии мамлакатҳои Осиё ва Африқо таъйин шудани М.Турсунзода ба сифати муовини ӯ кор карда солҳо, ки дар корҳои ҷамъиятиву адабӣ бо ҳам вомехӯрданд, чунин сифатҳои олии М.Турсунзодаро қайд карда, гуфтааст: «Ӯ намояндаи маданияти асили шарқӣ буд, ки ин дар эҷодиёташ, дар тарзи тафаккур ва тамоми тарзи зиндагиаш зоҳир мегашт» [1, 9].

М.Турсунзода назми қадими форсиро хуб медонист ва дар заминаи он шеърҳои замонавӣ меофарид, ки моҳияти замони муосирро ифода мекарданд. Намояндаи фаъоли насли комсомол дар рафтору кирдор, муносибат ҳамеша кушодадил, хоксор ва инсондӯст буд. Дар бораи М.Турсунзода ҳамин сифатҳоро Ф.Ниёзӣ чунин ёд мекунад: «дар пеши назари ман чун ҷавонмарди бекудурати кушодадил, хоксори улфат, боақли доно муҷассам гашта буд... ҳамин хислат то охири умр яке аз умдатарин сифатҳои ӯро ташкил медод» [10, 17].

Ҳодисаву воқеаҳои муҳимми рӯз дар публитсистикаи шоир дар мавзую масъалаҳои ҳалталаб ба андеша гирифта шуда, ба халқу ватанамон, замона ва ҷамъият пайвастагӣ дорад. Ба фикри ӯ (М.Турсунзода – Ҳ.Х.) бартарии адибони бузурги гузашта ва имрӯза маҳз дар он аст, ки ҳаёт ва эҷодиёти онҳо ба таври ногусастанӣ бо зисту зиндагии халқу ватанамон, замона, ҷамъияти муосирашон пайванд бошад [4, 71]. Бале, ҳаётомӯзӣ дар миёни мардум яке аз хусусиятҳои хосси устод С.Айнӣ буд, ки мактаби бузурги адабӣ, фаъолияти пурсамари ӯ тавонист чунин насли халқдӯсту ватанпарвар ва ҳомии сулҳу амнияти башарро тарбия намояд. М.Турсунзода дар ибтидои фаъолияти ҷамъиятии худ дар сафи намояндагони насли комсомол, чун

корманди рӯзномаи ҷавонон, аввалин қадамҳои эҷодии худро зери ҳамин шиор «ҳамбастагӣ бо мардум» оғоз намуданд. Дар ин роҳ ҳаёт ва фаъолияти мураккаби пири хирадманд, устод С.Айнӣ барои Турсунзодаи ҷавон ҳидояткунанда ва машъали маърифат маҳсуб ёфт. Дар бораи худи С.Айнӣ М.Турсунзода пайваста чунин таъкид мекард: «Айнӣ шахсест, ки ба миллати тоҷик шӯҳрати безавол овардааст. Ба қадри ин пири хирадманд – ба қадри халқи худ, кишвари худ расидан аст» [10, 31]. Қадрдонӣ ва эҳтиром доштани бузургони миллат ва халқу кишвари худ, тараннуми ояндаи дурахшон, пурсаодат дар ашъори содаву равон, пурҳикмату ҷолиб ва суханрониҳои дар анҷуману конгрессҳои умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ М.Турсунзодаро маҳбуби ҷаҳон гардонид, ки миллати тоҷик имрӯз аз ин фарзанди фарзонаи худ ифтихор дорад.

Фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодии М.Турсунзода дар замони ба чоп расидани аввалин маҷмуаи ӯ ба номи «Байроқи зафар» (1932) ғоз ёфтааст. Солҳои 30-уми асри XX давраи хеле мураккаб ва ниҳоят пурзиддияти гузариш ба низоми дигар буд, ки охирон лаҳзаҳои инқироз ёфтани дунёи куҳнаро аз сар гузаронидааст. Ин замонро метавон ҳамчун замони дигаргунсозӣ ва бунёдкорӣ дар марҳилаи гузариш аз ҷомеаи куҳна ба сохти нав – сохти сотсиалистӣ шинохт. Руҳияи инқилобӣ дар роҳу бунёд кардани ҳаёти нави иҷтимоиву таърихи халқ дар муборизаҳои синфӣ падидаҳои муҳимми ин давра буданд. Албатта, дар вазифаҳои нави замони душвору мураккаб муборизаҳои синфӣ пуршиддат мерафт, ки ҷонфидоиву талошҳои қувваҳои пешсафи ҷомеа мардумро дар бунёди ҳаёти нав қувват мебахшиданд. Дар ин давра қувваҳои зиддиинқилобӣ ҳанӯз ҷангу талош доштанд, барои баргашт ба давлати амирӣ, ҷомеаи феодалӣ, аз ҷумла дар ҷануби Тоҷикистон ва водии Ҳисор босмачиён муқовимати шадиди мусаллаҳона нишон медоданд. Иброҳимбек, ки аз Афғонистон дастгирӣ дида дар миёни мардум бо ваҳшонияти амалҳои дастаи худ тарсу бимро паҳн карда буд, танҳо соли 1931 дастгир шуда, қатл гардид. Дар ин давра муборизаҳои сиёсӣ торафт шиддат ёфта, меҳнаткашонро дар роҳи бунёд кардани ҳаёти нав ба дигаргунсозӣ ва бунёдкорӣ сафарбар мекарданд. Сохти сотсиалистӣ дар раванди низоми нав тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро фаро гирифта буд. Ташкил шудани колхозҳо, ба роҳ монда шудани парвариши пахта, сохтмони иншооти обёрӣ дар ҳамин солҳо яке аз масъалаҳои муҳимтарини замон буданд. Рӯйдодҳои воқеии зиндагӣ, ташаббускориву ҷонфидоиҳои мардуми бунёдкор дар эҷодиёти аҳли адаб минбаъд чи дар назм ва чи дар наср васеъ ба тасвир гирифта шудаанд. Маҷмуаи «Байроқи зафар»-и Мирзо Турсунзода аз ҷумлаи

чунин асарҳост, ки дар назму наср ифодагари руҳияи умумии мардуми бунёдкор дар ҳаёти нав, вазифаҳои нави замонӣ, зиндагии пурҷӯшу дигаргунсозӣ дар мубориза бар зидди қувваҳои мухолифин мебошад.

Маҷмуаи мазкур аввалин ҳикояву очерк ва баъзе порчаҳои шеърии шоирро дар ибтидои фаъолияти эҷодии ӯ фаро гирифта, бо хатти лотинӣ дар солҳои 1932 таълиф шудааст. Дар он муҳимтарин рӯйдодҳо ва воқеаҳои солҳои 30-уми асри XX замони аз зулму асорат раҳоӣ ёфтани мардуми кулфатзада дар роҳи мубориза ба муқобили унсурҳои бегона, боқимондаҳои ҷамъияти куҳан ва озодии занони тоҷик тасвир гардидааст. Дар саҳифаи аввали маҷмуа шеърҳои «Қатори корвон омад» ва «Ба комсомол» оварда шудааст, ки муҳимтарин рӯйдодҳои замонро акс менамоянд: шоир қатор омадани корвони пахта, дар пахтазор бо чеҳраҳои хандон пахта чидани занону духтарони хандону хушҳол ва дар ин маъракаи муҳим иштирок доштани комсомолонро ба тариқи зайл тараннум менамояд:

Қатори корвон омад

Шукуфта пахтаҳо хандон,
Ҳама колхозчиён хандон.
Шитобон ҳар тараф шодон,
Зану ҳам духтари деҳқон,
Ба сӯйи пахтазор омад.

Чаманҳо гаштаанд зебо,
Зи зулфаш[18] чидаанд гулҳо.
Қанорҳо кардаанд боло,
Чинакчинҳо равон ҳарҷо,
Ба сӯйи пахтазор омад.

Қатори корвон ҳар ҷо,
Равона сӯйи заводҳо,
Суруди хандаҳо барпо.
Кашонда нуқраи тилло[19]
Ба иҷрои плон омад.

Ба комсомол

Зарбдори ҳақиқии пуркор,
Ваъдаҳояш самимию пойдор,
Баҳри ҳар кор қобилу ҳушёр

[18] Манзур пахта аст.
[19] Манзур аз тилло ҳам пахта аст.

Тудаӣ
Бо матонатӣ зарбдор.
Ин лашкар:
Пайрави босадоқати фирқа,
Қаҳрамони муборизи пахта.
На,
Балки
Дар ҳама кор, дар ҳама ҷабҳа
Содиқи собити пешқадам гашта:
Меравад,
Мекӯшад,
Ғояи Ленинизм
Менӯшад.
Гуфтаҳояш баҷо меорад,
Байрақашро баланд медорад,
Мақсади коммунизм меҷӯяд.

Аз ду чашмонаш оташи ғайрат,
Мезанад ҷӯш ҳамчунин вулқон.
Бозуҳояш дар дами меҳнат,
Мисли оҳан гаштаанд тафсон.

Суханаш бурро,
Маслакаш қавӣ.
Ғайрату ҳимматаш,
Баҳри иҷрои кор,
Ҳаст тайёр! [7, 10-11].

Баъд аз ду шеър дар маҷмуа ҳикояи «Назокат» оварда шудааст. Дар ин ҳикоя сарнавишти ҳазорҳо занони тоҷики дар зери зулми шавҳарони худ зиста ба тасвир оварда шудааст, ки баъд аз инқилоб дар ҳаёти нави иҷтимоӣ ҳуқуқ ба хондан, соҳиби савод ва касбу кор шудан гаштаанд. Музаффарияти Назокат дар эътирози ӯ нисбат ба зулми Қосими бедонабоз баромада рафтан аз хона ва хондан дар мактаби нави низоми сотсиалистӣ мебошад.

Назокат солҳо зери зулму истисмори шавҳари бедонабози худ зиндагонӣ мекард, суханони Биби Раҷаб ва мудири клуб, ки ӯро ба даромандан ба клуб талқин мекард, ӯро ба зиндагӣ, озодии занон, ҳаёти хушбахтона раҳнамо месозад. Бинобар ин, вақте ки ӯ ба хона баргашта, боз ба зарбу лати шавҳар гирифтор мегардад, аз хона баромада меравад ва дар ҳаёти нав бо хондану касбомӯзӣ устуворона қадам мезанад. Ин аввалин эътирози зан нисбат ба боқимондаҳои

сохти куҳна, низоми феодалӣ буд, ки занонро дар зери фишори шавҳарону замони истисморгар нигоҳ медошт.

Бояд гуфт, ки дар солҳои 30-ум ҳаракатҳои аксуинқилобӣ ҳанӯз хомӯш нашуда, боиси қурбониҳои нав ва низоъҳои дохилӣ мегардид. Дар ҳикояи «Байроқи зафар» ҳамин гуна ҳаракати аксуинқилобӣ дар рафтору кирдори Аҳмадбой ва Сафар, ки махфӣ ва бо зарар амал мекарданд, нишон дода шудааст. Чунин нафарон ба идораҳо, колхозҳо, корхонаҳои навташкил ворид шуда, ба моли халқу пешрафти ҷомеа зарари моддӣ ва маънавӣ мерасониданд. Собир аз ҷумлаи он нафароне буд, ки содиқона ба халқу ватани худ хидмат мекард ва амалу ҳаракати зарарноки Сафарро ошкор карда, дар ҷаласаи фирқавиён ӯро аз сафи фирқа мебарорад. Собир ҳамчун ҷанговари далер бар зидди дастаи босмачиён зери сарварии Иброҳимбек ба мубориза ҳамроҳ шуда, бо Аскарони сурх зафар меёбад. «Байроқи зафар» ном гирифтани ҳикоя низ ба ҳамин музаффарияти дастаи Аскарони сурх дар мубориза ба муқобили босмачиён мебошад. Вале ҳангоми баргаштан ба хона Собир мефаҳмад, ки зани ҷавони ӯ – Заҳроро душманонаш ба ҷойи ӯ ба ҳалокат расонидаанд. Писараки хурдаш Ғафурро Собир аз тарбиятхонаи бачагон пайдо карда, бо ӯ дидор мекунад ва ӯро ба он ҷо бармегардонад, зеро ӯ медонист, ки дояҳо Ғафурро хуб тарбия мекунанд.

Дар очерки «Мавҷҳои зафар» маҷозан М.Турсунзода дар ҷамъияти нав бо ғалаба расидан ба мақсад, расидан ба орзуҳои деринаи меҳнаткашон, сохтмони сотсиализмро тасвир мекунад. Ӯ мегӯяд: «Ҳамаи ин ғалабаҳо, зафарҳои боазамати саҳифаҳои тозаи ҷамъияти навро воз намуда, ҳамагӣ як-як ба риштаҳои сурхи таърихӣ муборизаҳои ҳарсоатаи синфи коргар чида шуда, боз ҳам ҷӯшиши лаҳзаҳои муборизаи ин синфро дар муҳит қатъитар ва бузургтар меандозад» [7, с.32]. Дар очерк ғояи асосӣ ғолибияти сотсиализм, дар қатори он ғолибияти меҳнаткашони Тоҷикистон дар роҳи сохтмонҳои бузург дар заминҳои нав, сохтани ГЭС-ҳо, ҳаракати киштӣ дар дарёи Аму тамошои манзараи сохтмони Вахш ва кори техника дар бартараф кардани монеаҳо, қаторхонаҳои поезд, дар асари дастгоҳ рост истодани духтари тоҷик бо оҳанги мутантан ва зарбдор мебошад, ки таҳкия дар назм чунин ҷамъбаст ёфтааст:

Бо шердилии пуркор,
Ҳам зиракию ҳушёр.
Худро намуда зарбдор,
Ғайрат бикунад бисёр.
Чунки:
Мақсадаш,

Маслакаш,
Ғайрату
Ҳиммataш
Баҳри иҷрои кор,
Гаштааст тайёр [7, 34].

Киштӣ дар байни мавҷҳои ҳалқавори дарё роҳ мерафт, киштинишастагон ба манзараҳои дигар назар меандохтанд. Манзараи тарафи дигарро М.Турсунзода чунин тасвир мекунад:

Он тараф;
Торикӣ чун шаб
Кӯҳҳо, водиҳо
Пур аз ҷабру насаб
Соҳиби мансаб
Мекунад қаҳру ғазаб
Ҷаллод рост истода,
Чашми худро ба хун ҷӯлонда.
Ханҷари тези хеш бардошта,
Тӯдаи ранҷбарро ҳалок сохта.
Ин ҳақиқат:
Камбағал нолон,
Синааш сӯзон.
Ҳар тараф тозон,
Хонааш вайрон.
Оҳ мекашид, ки
Нон...нон...
Гиряи модарон,
Оҳи ятимон,
Барқарор ҳар замон.
Духтари он ҷо дар кунҷи алам:
Мегиряд,
Менолад.
Матлабаш ҳаст ёрию имдод,
Хонаи ҷабру зулм кай шавад барбод?
То ки гардад аз қафас озод [7, 35].

Бартарияти мамлакати шуроиро шоир дар ғалаба ва пешрафту ғолибият бар зулму асорат мешиносад. Дар кишти пахтаи мисрӣ, ба даст овардани навъи тозаи пахта дар майдони ҳарбу зарб, кори мардум ва трактарҳоро шоир хеле содаву табиӣ ва дилнишин ба тасвир меорад:

Дашту саҳро чун гулистон шуд,
Манбаи пахтаи мисрӣ шуро шуд.
Писару пирамарду колхозчӣ,

Ҳама аз баҳри кор, шитобон шуд.
Бозуҳои қавӣ дар коранд,
Ҳосили пахта ҳам муҳайё шуд [7, 38].

Очерки дигар «Гудоки ғолибият» ба муносибати 14-солагии Инқилоби Октябр бахшида шудааст. Мазмун ва мундариҷаи ҳикоя ба тариқи маҷоз, рамз ва киноя ифода ёфтааст. Гудок натанҳо ҳамчун садои техникии даъваткунанда, балки ба рамзи пурқуввати давр табдил ёфтааст. Ин садои ғалабаи синфи коргар, меҳнаткашон бар зидди зулму асорати золимони сохти феодалист. Гудок, боз даъвати коллективона барои муборизаи шаддид ва баҳри ҳаёти нав дар низоми сотсиалистӣ мебошад, ки неруҳои пешбаранда дар баробари аз байн бардоштани зулм тамоми меҳнаткашонро бо ҳам муттаҳид месозанд. Дар ифодаҳои «тӯфони дарёи инқилоб» «киштии капитол»-ро ғарқ менамояд, аз байн рафтани низоми капиталистӣ ва дар «сарзамини сурх», яъне байрақи музаффарияти Артиши сурхро шоир дар назар дорад, ки ба муқобили он садо додани заводҳо ва он дар Шарқ, Ғарб, Шимол ва Ҷануб партав афкандааст. М.Турсунзода ба аксуинқилобчиён ва нотавонбинон муроҷиат карда мегӯяд: «Имрӯз асорати шафқат ва муҳаббати мустаҳкам дар байни меҳнаткашони қишлоқ ва пролетариати шаҳр зоҳир гардида, дар натиҷаи ин савқ ҳоло дар ин чаман заводҳои боазамат монанди одами ҷоннок нафас кашида наъра мезаданд, ҳазорҳо ҳазорон трактороҳо дар шаҳрҳои васеъ ба ғурриш даромада, синаҳои сахти заминро пора месозанд. Миллион-миллон дастҳои пурқувват, гурдаҳои пуршуҷоат, оташи ғайрат, ҳиммат, матонат ва самимиятро баланд сохта, ғулғулаҳои гудоки сотсиализмро ба баландиҳои дастнорас мерасонанд. Дар ҳар гӯша ва канорҳои чаман садҳо ҳазорҳо биноҳои боҳашамат ба назари инсон ба ҷилвапардозӣ машғуланд. Овозҳои дилхушони арӯсони озоди чаман ба ҳама умед, боварӣ ба ғалаба мебахшад.

Ҳо бале, мо боз ҳам
Шуриши инқилоб,
Ҷӯшиши ғолибият.
Ғалаёни меҳнат,
Рамзи шодмонӣ.
Наъраи заводҳои боазамат,
Ба кор даромадани бозуҳои пурқувватро
Шиддатноктар намуда,
Гудоки сотсиализм.
Бо як тавоноӣ
Навохта шуда.
Бар зиддӣ:

Зулму ситаму ҷафои олам,
Тахти ҳамаи фиғону мотам.
Шуриши қиём баланд карда,
Дар хоки туроб пиҳон карда.
Боз ҳам:
Байроқи зафар баланд занем,
Ҳар ҷо таронаҳо сароем [7, 41-42].

Дар ҳикояи «Кулфатзадагон» саргузашти Абдураҳим Мустафозода сокини сарзамини Ҳиндустон таҳкия шудааст, ки посбонони сарҳад ӯро аз дарё дар ҳолати ҳаяҷону изтироб бароварда буданд. Пас аз чанде ба худ омадан ӯ нақл кард, ки дар Ҳиндустон инқилоб шуда истода, аскарони бою англис ба мардуми меҳнаткаш ҳуҷум меоваранд. Ғорату куштор дар авҷ буда, дар аснои гурехтан ӯ худашро ба дарё мезанад, зану фарзандашро мебаранд. Ӯ умедвор буд, ки аз он тарафи дарё дар бораи зану фарзандаш ягон нафар хабари хуш меорад. Аз тарафи водиҳои Афғонистон шарфаи милтиқ – туфанг меомад. Ниҳоят аз он тарафи соҳил чанд нафар ба тарафи сарзамини шуроҳо мегузаранд ва қаҳрамони ҳикоя мефаҳмад, ки англисҳои хунхӯр мардуми деҳаҳоро қатлу ғорат карда, ҳамаро ба хун оғушта кардаанд. Абдураҳим бо як ҷасорати баланд сармоядоронро лаънат хонда, барои зану фарзанди аз дастрафтааш месӯзад.

Ҳикояи «Ғалаба» хотираҳои давраи инқилобро дар бар мегирад, ки дар он М.Турсунзода ғалабаи муборизони роҳи инқилоб, муҳофизони синфи ранҷбар ва поракунандагони занҷири асорати истибдодиро нақл мекунад. Воқеа дар замони аз тарафи Бухоро омадани болшевикҳо ва наздик шудани онҳо ба Деҳнав рӯй додааст. Амир ин замон дар Бухоро буд ва фақирон роҳи наҷотро меҷустанд. Маҳбуба мебоист хатро ба Қосим расонида, таъкид мекард, ки онро ҳар чи зудтар ба падари Ёдгор расонад. Маҳбуба хатро расонида бармегардад. Аммо замоне ки Рустам ба Қосим ба Деҳнав расидани Аскарони сурхро хабар медиҳад ва дар пеш кардани амир, озод кардани мамлакат ёрӣ расонидан ба болшевиконро ба Қосим мегӯяд, зани Давлатбой ва модари арӯси домулло Ҳасан гапҳои онҳоро мешуванд. Онҳо ин хабарро ба Давлат мерасонанд ва ӯ ба ҷаноби Мирҳоким хабар дода, аз паси сарбозҳо мешавад. Вале онҳоро аз дасти золимон болшевикҳо наҷот медиҳанд. М.Турсунзода ин музаффариятро ба мисраъҳои зерин чунин тараннум намудааст:

Мо ранҷбарзодагонем,
Ободӣ аз мо замин.
Маҳсули сарпанҷаи мост,
Тоҷи шоҳони нигин.

Мо ин ҷаҳони ситамро,
Бояд, ки вайрон кунем.
Вайронаи ин ҷаҳонро,
Гури амирон кунем [7, 52].

Дар солҳои 30-ум хусусан занону духтарони меҳнаткаши тоҷик дар роҳи мубориза ва ғалаба баҳри саодатмандиву хушбахтӣ ва пешрафтҳои ояндаи худ бераҳмона қурбон мешуданд, ки ин ҳолатро М.Турсунзода дар очерки «Видоъ» дар фоҷиаи ба ҳалокат расонида шудани Маликаи 22 сола дар деҳае хеле муассир қаламдод менамояд. Манзараи зебои боғ дамидани субҳ, вазидани боди форами саҳаргоҳ, бӯйи муаттари ғунча, гулҳо, тасвири нағмаи форами ҷараёни оби ҷӯй ба наҷот ёфтани мазлумагони Шарқ аз асирӣ, гуруснагӣ, бехуномонӣ, даҳшат, андӯҳ, кулфат, мурдан ва чашм пӯшидан муқобил гузошта шудааст, ки қадами устувори ба пеш рафтанро шоир таъкид мекунад. Дар ин замон ҳанӯз дар зери дасти бою судхӯрон Аҳмадҷону Ҳамида барин ятимону бесарпарастон бо азияту азоби тоқатфарсо рӯз мегузарониданд, ки дар ҳикояи «Ҳамида» бо дастгирии ҳукумати шурой озод шудану соҳиби касбу савод гирифтани онҳо таҳкия шудааст. Дар ҳикояи «Шарораи инқилоб» ва очерки «Як порча аз фронти каланд зарбдорон» мубориза ба муқобили унсурҳои бегона ва боқимондаҳои ҷамъияти кӯҳна, ки бо ҳар роҳ ба заводу колхозҳо ва дигар корхонаҳову ташкилотҳои ҳокимияти навташкили шуравӣ ворид шуда, пинҳонӣ зарари ҷисмониву моддӣ расониданӣ мешуданд, бо оббу ранги бадеӣ ба тасвир оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, дар ҳикояву очеркҳо ва порчаҳои шеърӣ фазои замон, эҳсосоту ҳаяҷони муборизони сохти нави ҷамъиятӣ, дар симои мардуми одӣ, занони азияткашидаву зулмдида, қурбониҳои роҳи озодӣ, ҷонфидоиҳои ҷавонмардони тоҷик, ҳаракатҳои буржуазияи капиталистӣ дар мисоли забткориҳои англис дар сарзамини Ҳиндустон, зарбу талош дар майдони киштукори ҷомеаи навбунёди сотсиалистӣ дар меҳнати дастҷамъона дар тасвири содаи шоирона, манзараҳои зинда, забони фасеҳу пуробуранг ва хеле табиӣ таҳкия шудаанд.

Ш.Ҳусейнзода дар сарсухан ба маҷмуа аз дид ва идеологияи замони шуравӣ оид ба мубориза ба муқобили мафкураи куҳна ва вазоифи ҷонии комсомолон ва аҳли адаб дар зиддиятҳои синфӣ дар роҳи барпо намудани зиндагии нав изҳори назар карда, дар ин замина хусусият ва вазифаҳои муҳимми адабиётро муайян кардаанд. Ба андешаи адабиётшиенос дар адабиёт бояд инқилоби октябр, озодии инсоният ва идеалу орзуҳои нави мардум васфу ситоиш ёфта, аҳли адаб бо ҳамроҳии насли нав дар дигаргун сохтани ҳаёт дар муқобили сохти

куҳна ҳамқадам ва ҳамнафас бошанд. Дар ин роҳ М.Турсунзода аз наслҳои ҷавоне буд, ки дар ҷушу хурӯши ҳаёти нав, бинокунандагони ҷомеаи бесинф ва идеалҳои нави сотсиалистӣ фаъолона бо эҷодиёти худ иштирок менамояд.

Мушоҳидаҳои М.Турсунзода дар тасвири манзараи зиндагӣ ва сарнавишти мардумон дар мисоли ҳаёти назокатҳо, заҳроҳо, маликаҳо, ки аз зулму асорати шавҳарҳову сохти ҷомеаи феодалӣ азият кашидаанд, музаффарияти меҳнаткашон дар роҳи бунёд кардани ҳаёти нав нишон дода мешавад. Хусусан, ба ҳалокат расонида шудани Заҳрои ҷавон, ки ҳанӯз писарчааш хурд буду аз меҳри модар маҳрумгардида, ба ҳалокат расонида шудани Малика аз фаълони қишлоқ М.Турсунзода ваҳшатзадагии нерӯҳои иртиҷоиро ба муқобили инқилобу озодӣ, дигаргуниҳои кулли иҷтимоиро фош менамояд. Музаффарияти мардум ба муқобили чунин нерӯҳо дар сохтмони Вахш, кишти пахта, ташкили колхозҳо, ба кор даромадани заводҳо ва фош намудани гурӯҳҳои бадкор ва ҳикояи кулфатзодагон дар сарзамини Ҳиндустон дар манзараи зинда, ҷӯшу хурӯши зиндагӣ бо мисраъҳои шеърӣ ба тасвир гирифта шудааст. Ҳаёти Ҳамида сарнавишти ҳазорҳо ятимон мебошад, ки аз бекасиву бесарпарастӣ дар дари бойҳо бо роҳҳои нав ҳамчун хидматгор истифода мешуданд. Аммо толеъи ӯ баландӣ кард, ки бо ёрии Аҳмадҷон аз дасти Содиқ-бой раҳо ёфта, соҳиби хатту савод ва касб мегардад. Агарчи шеърҳо сода ва шиормонанд бошанд ҳам, дар онҳо ва ҳикояҳо руҳия ва азму ҷазми мардум дар бунёд намудани ҳаёти нав ва руйдодҳои воқеии замон пурҳаяҷон, табиӣ ва пурэҳсос тасвир ёфтаанд. Ҳар қадаре ки эҳсосот амиқ бошад, ба андешаи И.Белинский, фикру андеша низ ба ҳамин андоза амиқ ва баланд хоҳад шуд [2, 149], ки ин гуфтаҳо, бешубҳа ба маҷмуаи «Байроқи зафар»-и М.Турсунзода мутааллиқанд.

Китобнома:

1. Айматов, Ч. Инсони беназир / Ч. Айматов // Садои Шарқ. – 1981. – № 9. – С. 9-15.
2. Акобиров, Ю. Шеъри эҳсосу хирад / Ю. Акобиров // Садои Шарқ. – 1981. – №9. – С. 149-158.
3. Брагинский, И. Дар бораи як мактуб / И. Брагинский // Садои Шарқ. – 1981. - № 9. — С. 39-42.
4. Сатторов, А. Мавзӯи муосир ва таааллуқоти он (сабақҳои танқидии шоир) / А. Сатторов // Садои Шарқ. – 1981. – №9. – С. 67-70.
5. Тихонов, Н. Дӯстам Мирзо / Н. Тихонов // Садои Шарқ. – 1981. – № 9. – С.3-7.

6. Турсунзода, М. Байроқи зафар (бо хатти лотинӣ) / М.Турсунзода. - Сталинобод, 1932. – 81 с.
7. Турсунзода, М. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд / Мураттиб ва муаллифи эзоҳот Ю.Бобоев. Ҷ.3. Осори адабӣ-танқидӣ / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 331 с.
8. Турсунзода, М. Байроқи зафар. Баргардон, муқаддима ва тавзеҳоти Ҳошимова Х. / М. Турсунзода. – Душанбе, 1926. – 80 с.
9. Турсунзода, М. Осори мунтахаб. Ҷ.4. / М. Турсунзода. - Душанбе: Дониш, 2025. – 416 с.
10. Фотеҳ Ниёзӣ. Маҳбуби дилҳо / Фотеҳ Ниёзӣ // Садои Шарқ. – 1981. – №9. – С.17-33.

ТДУ: 821.222.8-1.09(575.32)

МУҲИМТАРИН ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ НАЗМИИ БАДАХШОНӢ

Хуҷаниёз Абдулниёз Султониёз[20]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Мақола ба баррасии рӯзгор ва таҳлили ашъори Назмии Бадахшонӣ - яке аз шоирони кампажӯҳиши ҳавзаи адабии Бадахшон бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба матни ашъори боқимондаи ин шоири хушлаҳн, хусусиятҳои ғоявию бадеии эҷодиёти ӯро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Меҳвари аслии пажӯҳишро таҳлили ҷаҳонбинии ирфонӣ ва сохтори ботинии шеъри Назмӣ ташкил медиҳад. Нишон дода шудааст, ки тамаркуз бар маъшуқи ҳақиқӣ, тавҳиди вуҷудӣ ва ботингароӣ аз муҳимтарин вижагиҳои шеъри ин шоир ва ориф ба шумор мераванд. Муаллиф бо овардани далелҳои қотеъ ва тафсири намунаҳои эҷодиёти

[20] **Хуҷаниёз Абдулниёз Султониёз** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон, ходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 111589494; e-mail: abdoulniyoz4@gmail.com.

Худжанияз Абдулнияз Султонияз - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел фольклора и литературы Бадахшана, научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 111589494; e-mail: abdoulniyoz4@gmail.com.

Khujaniyoz Abdulniyoz Sultoniyoz - Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Badakhshan Folklore and Literature Department, Research Fellow. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 111589494; e-mail: abdoulniyoz4@gmail.com.

шоир, робитаи афкори ӯро бо суннатҳои бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик собит менамояд.

Калидвожаҳо: *Назмии Бадахшонӣ, адабиёти Бадахшон, таҳлили шеър, ирфон, тавҳиди вуҷудӣ, ботингароӣ, маъшуқи ҳақиқӣ, адабиёти форсу тоҷик.*

Ключевые художественные особенности поэзии Назми Бадахшани

В исследовании рассматривается жизненный путь и анализируется поэтическое наследие Назми Бадахшани — одного из малоизученных авторов Бадахшанского литературного ареала. На основе дошедших до нас текстов этого самобытного поэта исследуются идейно-художественные особенности его творчества. Ключевым вектором работы является анализ суфийско-мистического мировоззрения и внутренней структуры поэзии Назми. В статье обосновано, что устремленность к Абсолюту (Истинному Возлюбленному), экзистенциальное единобожие (тавхид) и эзотерический имманентизм составляют квинтэссенцию стиха этого поэта-мистика. Посредством текстуального анализа и аргументированных суждений автор доказывает глубокую укорененность философских воззрений Назми в канонических традициях классической персидско-таджикской литературы.

Ключевые слова: *Назми Бадахшани, литература Бадахшана, поэтический анализ, суфизм, экзистенциальное единобожие, эзотеризм, Истинный Возлюбленный, персидско-таджикская литература.*

The Most Important Features of Nazmi's Poetry

This study explores the life and analyzes the poetic legacy of Nazmi Badakhshani, an under-researched figure within the Badakhshan literary circle. Drawing upon the surviving texts of this melodious poet, the paper investigates the ideological and artistic dimensions of his oeuvre. The core of the research centers on decoding Nazmi's mystical worldview and the internal structure of his verse. The analysis demonstrates that devotion to the True Beloved (the Divine), existential monism (tawhid al-wujud), and esoteric interiorization constitute the defining characteristics of this poet-mystic's work. Through rigorous textual interpretation and compelling argumentation, the author establishes a direct continuity between Nazmi's thought and the grand traditions of classical Persian-Tajik literature.

Keywords: *Nazmi Badakhshani, literature of Badakhshan, poetic analysis, mysticism (Sufism), existential monism, esotericism, the True Beloved, Persian-Tajik literature.*

Чунон гудохт асоси вуҷудам аз шаюн,
Ки ҳамчу сурати ҷон маҳв гашт сурати тан.
Назмӣ

Тавре дар мақолаи қабл иддае иттилоот мавриди Назмии Бадахшонӣ овардем, ин шоир ва орифи хушгуфтор дар авохири қарни ҳаҷдаҳ ва авоили қарни нӯнздаҳум, ҳудуди солҳои 1192-1215 дар қайди ҳаёт будааст. То солҳои охир маълумоти кофӣ роҷеъ ба Назмӣ дар даст набуд, вале баъзе аз қасоиди ӯ, ки аз тарафи сарояндагони маҳаллӣ дар

маҳфилҳо хонда мешуданд, ин сабаб шуда буд, то аҳли таҳқиқ ба ҷамъиоварӣ ва ҷустуҷӯи ашъораш даст зананд. Дар соли 1970 ду асари ин шоир пайдо шуданд. Устод А.Абибов дар натоиҷи мутолиа маълум карданд, ки яке аз ин китобҳо "Баёз қасоид ва ғазалиёт" ва китоби дигараш "Сироҷ-ал-муъминин" мебошад. Дар китоби аввал қасоид ва сурудаҳои бархе аз шоирони қасидасарои Бадахшон ва шоирони маъруфи форсӣ дарӣ низ гунҷонида шудаанд. Аммо ҳудуди навад дарсади ин баёз аз эъҷодиёти Назмӣ иборат аст. Назмии Бадахшонӣ мутаваллиди Шуғнони (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) аст ва дар инҷо рушду нумӯъ ёфтааст. Аз варои бархе аз ашъорот ва таърихҳое, ки дар навиштаҳояш тазаккур ёфтаанд, маълум мешавад, ки ӯ аз соли 1193-1210 дар қайди ҳаёт будааст. Назмӣ бадахшонӣ буданашро дар ашъораш бозтоб медиҳад:

Мулк чун лаъл бо дили пурхун,
Сокини гӯшаи Бадахшонам [4, 45].

Ашъори Назмии Бадахшонӣ, баёнгари сайру сулуки дарунӣ, ишқ ба маъшуқ, ишқ ба маҳбуб ва рамзи ҳастӣ ҳаст, ки бо забони рамзолуд, отифӣ (эҳсосӣ, ҳаяҷонӣ) ва таълимӣ дар қолаби ғазал, маснавӣ ва рубоӣ матраҳ мешавад. Тамаркуз ба маъшуқи ҳақиқӣ, тавҳиди вуҷудӣ ва ботингароӣ ба ҷои зоҳиргароӣ аз муҳимтарин вижагиҳои ин шоир ва ориф аст, ки такя бар афкори ботинӣ монанди дигар орифони бузурги адабиёти форсу тоҷик суруда шудаанд. Порчае аз ғазали Назмӣ бар ин матлаб аст:

Ман дар ғами ишқи он суманбар,
Маҷнунаму мастаму қаландар.
Дар хотири ман дигар нагунҷад,
Ғайр аз маю нобу Ёру соғар.
Ҷуз риндиву ошиқиву мастӣ,
Майлам набувад ба чизи дигар.
В-ар хилвати хос дорам имшаб,
Маъшуқа ба кому май ба соғар...[4, 55].

Дар ин мисраҳои боло, ҷунунӣ, қаландарӣ, риндӣ ва мастӣ дар шеъри ин шоир зери қалам оварда шудаанд. Ин як марҳилае аз "ишқ" ва "шуридагӣ" ҳаст, ки дар он ақли маслиҳатандеш (ақли маъош) дар баробари ҳайрат ва "ҳайбати илоҳӣ" аз байн меравад ё "ҷамоли маъшуқ" аз байн меравад. Дар ин ҳангом фард ба "ҳайрат" ё "ишқи бепарво" мерасад. Ин ҷунунӣ ва девонагӣ ақлӣ нест, балки озод шудан аз қайду бандҳои дунявӣ ва расидан ба васл аз тариқи шуру шайдоӣ, доғи ҷунун бар сина ниҳодан ва сухтан дар оташи ишқ аст.

Ба ин васила ибороти амсоли дар ғазали Назмӣ, "ғами ишқ" бо оташи ишқ, "дар хотири ман дигар нагунҷад" бо эътиноӣ ба мазоҳири

ин дунё, “риндиву ошиқиву мастӣ” бо ишқ ва шӯридагӣ, “набудани майл ба чизи дигар” бо бепарвоӣ, “хилвати хос” бо дилбастагиҳо барои тамаркузи қалбӣ ба Ҳақ ва ҷамоли ӯ, ва “маъшуқа ба ком” бо тавҳиди вуҷудӣ муодил ва муташобеҳ ҳастанд. Дар воқеъ калимаҳои боло зикршудаи Назмӣ бар ин иддаои мо ҳастанд.

Агар ашъори Назмиро бо як диққати хос ва бо тамаркузи комил мутолиъа кунем, метавон дар он маонии нав пай дар пай пайдо кард. Чун эҳсос дар чунин шеърҳо бар хилофи ашъори эҳсосии оддӣ аст ва ин маътуф (моил шуда) ба таҷрибаи қалбӣ ҳаст, ки чизи васее аз шуру ишқу ҳаяҷон, ғами дурӣ (ҳиҷрон) ва лаззати висолро шомил мешавад. Ин эҳсосот аз тариқи забони истиора, монанди (май, вуҷуд, маҳви сурати тан, гули ҷаннат, оина ба руй ва ғайр) баён мешавад, ки бозтобдиҳандаи сайр ва сулуки ботинии ин ориф ва маърифати шуҳудии ӯ аст.

Чунон гудохт асоси вуҷудам аз шаюн,
Ки ҳамчу сурати ҷон маҳв гашт сурати тан [2, 190].

Инҷо нуктаи муҳимро бояд қайд кард. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ибороти “асоси вуҷуд” дар ирфон ба пояи назарияи ваҳдати вуҷуд устувор аст, ки бар асоси он, танҳо як ҳақиқати ҳақиқӣ вуҷуд дорад ва соир мавҷудот, мазоҳир, таҷаллиёт ва “вуҷуднамо” ҳастанд, на вуҷуди мустақил. Ин дидгоҳ, касрати зоҳирии оламро инъикос аз зоти ягона медонад, ки ғайр аз ҳақ вуҷуди ҳақиқӣ дар олам нест. Ин аст, ки Назмӣ мегӯяд: Ин ишқ чунон обам кард, ки ғаму андӯҳи он бар ман шӯълавар шуд, ки тоби онро таҳаммул карда натавонистам. Шаюн дар ин мисраъ ба маънои гиря, зорӣ, нола ва фарёд аст. Дар мисраи дуввум: Калимаи маҳв дар ирфон ба маънои нобуд, пок, нопадид ва маъдум аст, яъне мисли ин, ки ҷон дар адам ҳаст, (ин калима дар масал ба тасаввури ҷаҳони зоҳир) ин ҷисм ҳам тавре, ки ҷон мухтафӣ (мастур, пинҳон) ҳаст, аз байн рафт ва нобуд шуд.

Ва ин ҳам яке аз анвоъи тасвири бадеии ашъораш, ки дар он шуридагӣ, ранҷу ҷафо ва таъзиб ошкор ҳаст:

Агар сар бар насими субҳ соям дард гардад,
В-агар дил бар гили ҷаннат ниҳам доғи ҷигар гардад.
Ба ташхиси нафас оина бар рӯям чӣ медодӣ,
Ки баъди марг оҳи дардмандон бештар гардад.
Зи мурдан нест бокам Назмӣ, аммо, з-ин фиғон дорам,
Ки чун ман рахт барбандам муҳаббат дарбадар гардад [9, 11].

Чизе, ки бар мо рӯшан аст, дар бисёрии маворид дар анвоъи шеърии Назмӣ мо шӯр, фиғон, дарду гила аз қазову қадарро назора мекунем. Инҷо нуктаи муҳим аст, ки бояд тавзеҳ дода шавад. “Оина” дар ашъори орифон намоди амиқ аз дил, олами ҳастӣ ё худи инсон аст,

ки агар аз зангори дунявӣ пок гардад, таҷаллигоҳи ҳақоиқи ҳастӣ хоҳад шуд. Орифон аз ҷумла Мавлоно ҳам, қалби софро оинае медонад, ки ҷамоли ҳақро бозтоб медиҳад. Теъдоди зиёди орифон дар ашъори худ ба ин мафҳум ишора мекунанд ва худ ё орифи ҳақиқиро ба оина ташбеҳ мекунанд, ки бинанда метавонад ҷамоли ҳақро дар он мушоҳида бикунад.

Ба ин васила, Назмӣ муроҷиат ба Ҳақ мекунад, чаро вуҷуди заъфамро мисли оина кардаӣ, ҳоло, ки ин афъол баъд аз марг дарди дардмандро бештар хоҳад кард. Инҷо ҳам бояд такроран нуктаи муҳимро тавзеҳ бидиҳем.

Марг дар ин ҷо марги зоҳирӣ нест, ин ишора ба ду тафсир мекунад: аввалан марге, ки Мавлоно ироъа мекунад. Барои ӯ марг як таваллуди ҷадид ба ҷаҳони ҷовидонӣ ҳаст, мисле, ки дар ин дубайтии дар яке аз ғазалҳои ӯ дучор мешавем, бо ҳам бибинем:

Ҷанозаам, ки бибинӣ магу фироқ фироқ,
Маро висолу мулоқот он замон бошад...
Туро ғуруб намояд вале шуруғ бувад,
Лаҳад чу ҳабс намояд халоси ҷон бошад... [10, 223].

Дуввум: баъзе орифон маргро ба он ташбеҳ медиҳанд, ки худро аз ҷаҳони зоҳир ҷудо кардаанд, ба ин маъно ҷисми онҳо дар ин ҷаҳони зоҳир сокин аст, вале рӯҳашон ба дунёи носутӣ пайвастааст...

Дар мисраҳои охир Назмӣ мегӯяд: Мурданам боке надорад, чӣ чизе аз мурдан бар зиёни ман хоҳад буд, вале навҳа ва фиғонам бар ин аст, ки агар тарки ин дунё бикунам, ин ишқ дар ин ҷаҳон дарбадар хоҳад шуд, зеро берун аз шашсӯ ва ломаконӣ, дар кадом макон ба дунболи ин ишқ бигардам. Дар ин дунё, ки ба як сӯ равона будем, он ҳам дар талаби ёр, дар ҳар чизе, ки латофат ва зебоӣ ориз буд, ҷамоли ӯро медидем, он маврид, ки солик ба он нур пайваст, дигар муҳаббат ҳам фано хоҳад шуд. Бо ибороти дигар он ишқ ҳам ба нестӣ табдил хоҳад ёфт. Ин аст, ки Назмӣ мегӯяд: “Ки, чун ман рахт барбандам муҳаббат дарбадар гардад...”.

Ашъори Назмӣ саропо сузу гудоз, шикоят ва шиква аз сахтии рӯзгори ӯ фаро гирифтааст ва аз олами ҳичрат, ғурбат ва дурӣ аз ёру диёр борҳо ёдоварӣ мекунад. Замоне, ки шоир умр ба сар мебурд, авзои сиёсӣ тираву тор, ба ибороти дигар бӯҳрони сиёсӣ дар он замон ҳоким буд. Эҳтимолан мегӯем, ки Назмӣ натавонистааст, дар ин авзоъ зиндагӣ бикунад, зеро як шоир наметавонад дар чунин фазо ё таҳти шароит шеър бигӯяд. Тавре, ки маълум аст, шоир аз тариқи таркиби авотифи амиқ, таҷрибиёти рӯзмарра, тахайёли қавӣ ва гоҳе ҳолатҳои шуҳудӣ ва рӯҳии хос илҳом мегирад. Ин масоил дар ин думисрагӣ ӯ аён аст:

Аз ватан то дур афтодам зи ҷаври рӯзгор,
Ғайри ғам дар кӯи ғурбат кас надидам ошно.
Яктараф ҷаври хаворичӯ як тараф иброми чарх,
Як тараф андӯҳу фирқат гашта бар ҷон истило... [5, 123].

Назмӣ дар сурудаҳояш илова бар қасида, маснавӣ низ месурудааст. Чуноне, ки дар мақолаи собиқи худ зикр кардем, маснавии ӯ таҳти номи “Сироҷ-ал-муъминин” як маснавии бисёр бо мазмуни баланд буда, муҳтавояш умдатан ахлоқӣ ва тарбиятӣ аст.

Назмӣ, ки аз шуарои дорои дониши доираулмаорифӣ ва аз шуарои хуш фареҳаи авохири асри XVIII ва авоили асри XIX будааст, худаш низ ба илмият ва дониши хеш мубоҳат намуда мегӯяд:

Кас чӣ донад, дар раҳи маъонӣ,
Кистам ман, чи чизро монам?
Гар ба сурат ҳақиру мискинам,
Дар ҳақиқат нигар, ки султонам.
Чи ғам аз таъни аҳриман дорам,
Ман, ки дар дар мулки дил султонам
Мулк чун лаъл бо дили пурхун,
Сокини гӯшаи Бадахшонам [4, 99].

Шеъри боло муддаӣ бар он аст, ки тарзи шеъҳои Назмӣ, ин лаҳзоти илҳомӣ маъмулан ғайр ирода буда, эҳсоси рӯшаноӣ ё каламоти хосро ба ҳамроҳ доранд, ки бо истифода аз сувари хаёли нав ва бознависии дақиқ , ба шеъри мондигор табдил мешаванд.

Рубоии дигар низ моли ӯст, ки як матлаби бо ҳикмат ва як ошуфтагии хос дар он ориз аст:

Аз хушсуханӣ дили касе реш нашуд,
Бо хушсуханон касе бадандеш нашуд.
Ганҷ аст каломи хуш, ки бахшандаи ӯ,
Ҳарчанд карам намуд дарвеш нашуд [1, 14].

Назмӣ дар замоне умр басар мебурд, ки шоирон ба умеди ёфтани мақому дороӣ ба ҳар дар мезаданд ва ҳарзагӯӣ мекарданд ва шоириро пеша сохта буданд, то аз тариқи он касби рӯзӣ намоянд. Суннати дарбории он замон чунон буд, ки амирон ва салотин шоирони тамаъҷӯйро барои он, ки чоплусӣ ва ситоиш аз онҳо кунанд пеши худ қарор доданд, то бар ҷиноёташон меҳри сиҳат бигузоранд. Шоирони озодандеш ва мутафаккир, ки ҳозир набуданд ҳунарро дар хидмати як мушт муфтхор ва беадолат қарор диҳанд, иҷозат надоштанд то афкори бадро ба сурати озод баён кунанд. Назмӣ дар мазаммати шуарои ҳарзагӯй ва саллаталаб, ки ҳунари шоириро дар хидмати арбоби зулму истибдод қарор медиҳанд, мегӯяд:

Нестам чун шоирони ҳарзагӯй, к-аз баҳри зар,
Ҳар замон дар ҳар сарое ҳалқа бар дар мезанам.
Аз ҷафои гардиши гардуни дуни бе мадор,
Об дар киштии омил аз дидаи тар мезанам.
Гулшани табъам гар аз хору ҷафо эмин шавад,
Аз насимаш корвон мушки асфар мезанам.
Андалебам, булбулам, тутӣ лисонам дар сухан,
Месазад гар дам зи мадҳи Шосафдар мезанам.
Назмии ширинкаломам, к-аз аз ҳадиси шаккарин,
Таъна бар назми шаккар табъон ховар мезанам [3, 99].

Дар доиратулмаорифи ориёно, низ матолибе бораи ин шоир навишта шудааст, ки ӯро малик-уш-шуаро хондааст. Ба ин гуна "Муассири Балх" ва "Насрободӣ" ӯро аз Балх дониста вале ба қавли дигар ӯро аз Бадахшон гуфтаанд. Назмии Бадахшонӣ таваҷҷӯҳи Имом Қулихонро ба худ ҷалб кардааст ва ба мансаби малик-уш-шуарой низ расидааст. Ҳам ҳукумати ватанаш ва девони қасида, ғазал, рубой ва соир саноеъи шеърӣ дорад, матлаъи қасидаи ӯ чинин оғоз меёбад:

Чунон гудохт асоси вуҷудам аз шаюн,
Ки ҳамчу сурати ҷон маҳв гашт сурати тан [ҳамон ҷо].

Аммо, иддае бар онанд, ки ин Назмӣ шоир, як шахс будааст ва ё ду шоир ҷудо аз ҳам будаанд, ки яке Назмӣ аз Шуғнон ва дигаре Мулло Назмӣ, ки ӯ ҳам эҳтимолан аз Бадахшон будааст. Назмие, ки мо таҳти пажӯҳиш қарор додаем, ин Назмӣ, зодгоҳаш Шуғнон аст. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, асарҳое, ки дар боло рақам задем, моли ин Назмии Бадахшонӣ ҳастанд, ки муттавалиди Шуғнон аст.

Ҳоло муҳим аст, ки як назари сареҳ ба таърихи авохири қарни XVIII ва ба авзои сиёсӣ ва иҷтимоии он замон биандозем, ки Назмӣ дар он умр ба сар бурдааст ва дар ин бора иттилооти кӯтоҳ бидиҳем. Чун адабиёт ва таърихро наметавон қобили тафкик шумурд.

Дар нимаи дуввуми асри XVIII Мир Султоншоҳ соли 1747-48 ба маснади қудрат қарор мегирад. Мир Султоншоҳро дар таърих шаҳриёри хирадманд, подшоҳи ҳушманд ва шуҷоъ муаррифӣ карда шудааст. Ӯ бо ҷидолҳо, ситезаҳо ва гирудорҳои муттадовим хоки Бадахшонро аз душман раҳо сохтааст. Дар замоне, ки ӯ ҳукмрон будааст, азм ва иродаи густурда сохтани сарҳадҳои Бадахшон доштааст, ӯ ҳатто ба тасарруф даровардани хоки Қатаған ва Чатрор дар назари доштааст. Муаллифи "Таърихи Бадахшон" дар ин маврид чунин мегӯяд:

"Бар ин наҳҷ, ки уббуҳат ва иёлати дастгоҳи Амир Султоншоҳ чун ба бистучаҳорсолагӣ расид, қадам ба тахти ҳукумат ниҳода, дағдағаи мулкгирӣ ва салтанати ҳукуматровоии Юсуфалихониро барпо сохта,

тамоми хиттаи бадахшонотро мутасарриф гардида, ҳатто, ки аз ҳудуди худ таҷовуз ба ҳудуди хиттаи узбаки Қатаған карда. Бад ин муҷиб, ки он амири уббуҳати ҷалолат тахмир бинобар мояи хирадэътило, ки дар ниҳоди олинажоди ӯ вадиъат буда, дар оғози амр дар мавзеъи Чоҳоб ба давлати намуда...” [11, 44-45].

Вазъияти сиёсии Бадахшон тавре, ки дар бисёрии асарҳо тасвир шудааст, хеле пурҷамбу ҷӯш ва ноосӯда будааст. Ин ҳама сабаб шуда буд, то Назмӣ тарки ватан бикунад, аммо маълум нашуд, ки ин шоир ба куҷо азми сафар бастааст.

Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ба гунае, ки адабиёти дигар халқиятҳо хусусиёти хосеро доро аст, адабиёти Бадахшон низ инъикоскунандаи ҳаёт, таърих, урфу одат ва дигар ҳолатҳои рӯҳии халқи он мебошад, ки ба ин восита дар ҳоли омӯхтани он мо фурсат пайдо мекунем, то ба таърихи ин сарзамин ошноии бештар пайдо бикунем. Шуарои Бадахшон марбут ба масоили зиёди таърих ва урфу одатҳо, ироъаҳои адабӣ, таҷрибиёти инсониро бо истифодаи тахайюл ва ба бозтоби фарҳанг ва ҷомеъа тавоққуф кардаанд. Шуарои барҷаста Сангмуҳаммад, Фаррухшоҳ, Саид Шоҳфутур ва Охунд Салмон, таърихшинос Муборакшоев таърихи ин вилоятро навиштаанд, ки мо аз ин китобҳои пурқиммат дар ҳама маврид баҳраи илмӣ мегирем. Далелҳо ва матолиби таърихие, ки дар ин асарҳои таърихӣ мавҷуд аст, дар дигар мароҷеъ ва дар сарчашмаҳои муҷаддад наметавон чунин ба даст овард, ҳатто дар асарҳои таърихии дар Бадахшони он сӯи Аму дарё таълифшуда, наметавон таърихи комили ин минтақаро пайдо кард.

Аз ин сабаб, ки адабиёти Бадахшон қисми ҷудонашавандаи адабиёти тоҷик аст, бояд ба он тавоққуъ ва таваҷҷӯҳи бештар зоҳир шавад, зеро омӯхтани он, пурра ва комил сохтани таърихи адабиёти тоҷик мебошад. Мавриди зарурият доштани омӯхтани шарҳи ҳол ва эъҷодиёти шоирони кӯҳистониро шоири машҳури тоҷик марҳум Абдусалом Деҳотӣ дар солҳои 1940 (дар ҳамон замон, ки “Намунаҳои адабиёти тоҷик”-ро таҳия намуд) иттилоъ дод ва ин қазияро дар ҷараён гузошт. Ӯ дар яке аз мақолаҳои худ “Шоирони кӯҳистонӣ” дар ин мавзуъ чунин иброз медорад. “...Албатта, эҷодидиёти онҳоро як ё ду-се ғазал иборат аст гуфта гумон кардан дуруст нест. Аммо сабаби асосии номашҳур мондан ва ба тазкираҳо надаромада, гум шуда рафтани асарҳои ин шоирон аз муҳити адабӣ ва аз марказҳои илмӣ дур будани онҳо бошад. Илова бар ин, даҳҳо шоирон ва адибони талантнок дар камбағалӣ, хорӣ, дар асорати надимии мирҳои Ҳисор, Кӯлоб, ҳокимони Балҷувон, Дарвоз ва ғайра ҷон додаанд, ё ба “гуноҳӣ” саркашӣ кардан аз мадҳкунии онҳо (мирон, ҳокимон) маҳв ва беному

нишон карда шуданд. Маҳалҳо, таърих ва тазкираҳоро ҷустуҷӯ карда, зинда гардонидани номи шоирони кӯҳистонии тоҷик ва омӯхтани эҷодиёти онҳо яке аз вазифаҳои муҳими мо, ходимони адабиёти советии Тоҷикистон мебошад” [7, 30].

Дар соли 1948 профессор А.Н. Болдырев дар мақолаи худ “Бадахшанский фольклор” мавриди ин мавзуъ чунин менависад: “Ҳамаи адабиётҳое, ки дар илми шарқшиносӣ оид ба Бадахшон ва вилоятҳои атрофи он болооби Амударё мавҷуданд, аксарияти онҳо, асосан, ё дар бораи ҳолати сиёсии ин кишвар ва ё ба забони аҷибе, ки мардуми маҳаллӣ бо он сухан мегӯяд ва менависад, бахшида шудаанд.

Сарфи назар аз баъзе қайдҳои мазмуни этнографӣ дошта, кори тадқиқотие оид ба адабиёти хаттӣ ва фолклори мардумони сершумори Бадахшон, бо маънои васеи ин мафҳум, тамоман вуҷуд надорад.

Материалҳое, ки дар кори тадқиқотчиёни забоншинос барои мисол ва исботи фикрашон аз адабиёти хаттӣ ва ё фолклор ба шакли ҳимоя, зарбулмасал, шеърҳои ишқӣ ва ғайра оварда мешаванд, аз нуқтаи назари адабиётшиносӣ таҳлил карда намешаванд.

Албатта, чунин материалҳои пароканда, оид ба фолклор ва адабиёти хаттии гузашта ва ҳозираи Бадахшон, тасаввуроти пуррае ба мо дода наметавонанд” [6, 275-276].

Нуктаи дар боло тазаккурёфтаи А.Н.Болдирев ҳам бар нуктаи болое, ки тазаккур додем мутташбеҳ аст, зеро ин олими рус ҳам аз заъф будани мароҷеъи адабиёти хаттӣ ва фолклор, таҳлил нашудани ин навиштаҳо, ба хусус кори тадқиқотӣ мавриди забоншиносӣ, фолклор ва адабиёти Бадахшон, баъзе қайдҳои мазмунҳои этнографӣ, иттилоот медиҳад. Дар идома ишора ба нуктаи аслӣ дорад, ки ин маводҳои илмӣ, иддае аз адабиёти хаттии гузаштаи Бадахшон ҳастанд, вале инҳо иттилоъоти кофӣ барои пешбурди кори пажӯҳишӣ нахоҳанд дод.

Хуллас, агар аз доира адабии Бадахшон иттилооти кам ба мо таҳвил шуддаст, боз ҳам он мароҷеъи андак ва он доираи адабӣ зеҳнро барои тасаввури дунёҳои нав ва дидани масоил аз бахшҳои мухталиф тамрин медиҳад. Ашъори шуарои ин асрҳо тақвияти тахайюл, тавоноии амиқтар аз инсоният, ҳамдардӣ бо дигарон ва таҳлили печидагиҳои зиндагиро мебахшад. Ин ҳунар биниши интиқодӣ, диққати назар, зарофат дар баён ва оромиши зеҳнӣ ба армуғон оварда, пӯле барои шинохти фарҳанг ва ҳуввият аст, ки ба зиндагӣ рангомезӣ ва маъно мебахшад.

Назмиро метавон мутобиқ ба замон ва маконе, ки дар он парвариш ёфт, яке аз беҳтарин қасидасароён ба ҳисоб овард. Аз қасоиди Назмӣ бар меояд, ки вай осори бисёре аз мутақаддимонро мутолиъа карда ва фунуни қасидасароиро аз мутолиъаи осори онҳо

омӯхта аст. Назмӣ аз мазмунҳои бузургони адабиёти форсу тоҷик, ки маҷмӯъаи ғанӣ аз ишқи ирфонӣ (Мавлоно дар назар аст), ишқи заминӣ, ахлоқ ва панд, ҳикмат, сиёсат ва зебоиҳои табиат аст, куллӣ дар ҷараён будааст. Мисле, ки Саъдӣ бар ахлоқу ишқ, Ҳофиз бар ирфон ва риндӣ, Ҳоҷу бар ишқи Илоҳӣ ва шур, дигарон бар мунозира ва интиқоди иҷтимоӣ тамаркуз доранд, ки ҳамагӣ бо забони тахайюл ва тамсил баён шудаанд. Назмии Бадахшонӣ бо сурудаҳои бисёре аз онҳо ошноӣ дошта ва аз онҳо дар ашъораш ба некӣ ва тамҳид ёд менамояд:

Чу Шамсиддини Табрезиву Мавлонои Румӣ ҳам,
Дигар он Ҳофизу Аттору Қосим низ Кошонӣ.
Чу Туғрову Насимиву Салимиву Ҳассомӣ ҳам,
Низомӣ, Аштарободиву ҳам Хоҷӯи Кирмонӣ.
Дигар Адбдулалӣ бинӣ Ҳасому Аҳмади Ҷомӣ,
Мисоли Ховариву Қосимиву Коҳиву Хоқонӣ.
Чу Афшанагиву Шавқиву Камоли форс, шурида,
Алӣ ибни Ҳиҷозиву Зоии Бадахшонӣ.
Ба рӯзу шаб ҳама дар мадҳати зоти ту кӯшида,
Рабуданд гӯйи маъниро ба чавгони суханронӣ...
Туфайли ҷумла мамдӯҳони худ Назмӣ,
Чу бошад гар либоси мағфират аз лутфи пӯшонӣ [ҳамон ҷо].

Истеъдоди қасидагӯӣ дар ашъори Назмии Бадахшонӣ, ҳамчун як шоир ва ориф таркибе аз маҳоратҳои фанни шеъри клоссикӣ ва мазмунҳои амиқи ирфонӣ ахлоқӣ ҳастанд. Баъзе қасоиди Назмӣ маъмулан бар мадҳиясароии суннатӣ, бар зуҳд ҳикмат, тавҳид ва накӯҳиши дунё тамаркуз доранд ва лаҳни бедоргарона , зимни ҳивзи фасоҳат ва балоғат, мафҳумҳои тасаввуфро дар қолабҳои устувор баён мекунанд.

Шоирони клоссик монанди бузургон Саноии Ғазнавӣ, бо ҳивзи сохтори куҳани қасида ё дар умум шеър, онро аз ибрози ситоиши подшоҳон ба василае барои баёни ҳикмат ва мавзӯҳои ахлоқӣ табдил кардаанд. Вале Назмӣ дар ин робита ба таври дигар ин василаро таҳти мадҳи авлиё ва фузало қарор додааст. Дар масалаи ишқ ва ирфон дар сохтор, қасоиди Назмӣ орифона буда, ағлаб омезае аз шукӯҳҳои ошиқона ба маънои орифонаи он ва истидлолҳои ақлӣ ва каломӣ аст.

Муттақадимони шеъри форсӣ тоҷикӣ (қарни саввум то панҷуми ҳиҷрӣ) фарз кунем, вижагии аслии он соддагӣ, сароҳат, воқеъгароӣ ва истифода аз вожагони асили забони форсӣ тоҷикӣ аст. Шеъри онҳо мавзун ва дорои арӯз (сохтори ҳиҷоӣ) буда, қасида, ҳаммоса ва адабиёти таълимиву ахлоқӣ ривоҷи бисёре дошт. Сабкҳое мисли сабки Хуросонӣ ашъори дорои истеҳком, лаҳни ҳаммосӣ ва давре аз печидагиҳои таъбироти ирфонӣ ё нозукхаёлиҳои баъдӣ ҳаст. Забони

форсӣ ва тоҷикӣ бо вожгуни холис ва таркиботи содда ба кор мерафт. Ба ин тартиб мавзӯҳои шомили ситоиш (мадҳ), тавсифи табиъат, ҳаммоса (монанди Шоҳнома) ва панду андарз ҳаст. Агар мавриди қасида гӯем, он барои ситоиш бисёр роиҷ буд ва аз нахустин талошҳо барои бумисозии арузи арабӣ шакли гирифт. Шоирони барҷастаи ин замон Рӯдакӣ (падари шеъри форсӣ), Фирдавсӣ, Дақиқӣ ва Унсурӣ аз ҷумлаи муҳимтарин чеҳраҳои ин давра буданд.

Ин шоирон, поягузори шеъри арузӣ дар забони форсӣ тоҷикӣ пас аз ислом буданд ва бо вуҷуди таъсиргузорӣ аз шеъри арабӣ, сабк ва вижаи мутаносиб бо забони форсӣ тоҷикӣ эҷод карданд.

Дар интиҳо метавон гуфт, ки мӯҳтавои ашъори Назмӣ ҳам шомили мазмунҳои ахлоқӣ, таълимӣ ва ирфонӣ аст, ки ӯ шеърҳояшро бо забони сода ба назм кашидааст. Ӯ ба мазмунҳои ишқи Илоҳӣ, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва расидан ба камол мепардозаду дар ин масир аз қолабҳои тамсилӣ барои баёни мафҳумҳои ирфонӣ истифода мекунад. Ӯ аз ишқ ба унвони як нерӯи мутаъолӣ [8, 344] ва фаротар аз ақл ва дониш ёд мекунад.

Китобнома:

1. Абибов, А. Ганҷинаи Бадахшон / А. Абибов; тарҷумаи А. Н. Байзоӣ. - Кобул, 1371 ҳ. - 200 с.
2. Адабиёти Афғонистон дар адвори қадима: (баргирифта аз доиратулмаорифи Орёно) / вироишгар М. К. Каҳдавӣ. - Теҳрон, 1373 ҳ. - 387 с.
3. Алишоҳ, Саббор. Баргузидагони мо / Алишоҳ Саббор // Шахсиятҳои таърихии сарзамини забони форсӣ-дарӣ. - Теҳрон, 1397 ҳ. - С. 3.
4. Баёз [Дастнавис]: маҷмӯа (қасидаҳо ва тарҷеъбандҳои Назмӣ). - Асри XIX. - Хати настаълиқ. - В. 4б. // Институти осори хаттии АМИТ. - Фонди дастнависҳо. - Рӯйхати № 1960/4в, Инв. № 208.
5. Баёз [Дастнавис]: маҷмӯа (қасидаҳо ва тарҷеъбандҳои Назмӣ, шеърҳои Қосим Коҳӣ ва Шафӣ, дуоҳо ва муноҷотҳо). - Асри XIX. - Хати настаълиқ. - С. 49-58, 66-76.
6. Болдырев, А. Н. Бадахшанский фольклор / А. Н. Болдырев // Советское востоковедение. - 1948. - Т. V. - С. 275–276.
7. Деҳотӣ, А. Куллиёт. Дар 5 ҷилд. Ҷ. V / А. Деҳотӣ. - Душанбе : Ирфон, 1966. - С. 30.
8. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо [Манбаи электронӣ]: онлайнӣ. Мақолаи «Мунтақил шудан...» / Алиакбар Деҳхудо. - Чопи аввалия: Донишгоҳи Теҳрон, 1359 ҳ. - URL: [Нишонии сайт] (санаи мурочиат: 24.06.2026).

9. Зуҳурӣ, З. А. Шоҳ Зиёӣ ва Мулло Лочин: мақола / Зуҳур Алишоҳ Зуҳурӣ. - Шуғнон, 2018. - 30 с.
10. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони Шамс / Ҷалолуддин Румӣ. - Теҳрон: Амир Кабир, 1374 ҳ. - 1560 с.
11. Сангмуҳаммад, Б. Таърихи Бадахшон / Б. Сангмуҳаммад, С. Фазлалибек; мураттибон: Қ. Элчибеков, Э. Қудратбек, З. Ғуломшоев. - Душанбе: Маърифат, 2007. - 133 с.

ТДУ: 821.222.8-311.6.09

МЕРОСИ АДАБИИ САЙИД ФАРРУХШОҲ ВА НАҚШИ ОН ДАР РОМАНИ ТАЪРИХИИ “САРОЙИ САНГ”-И АТО МИРХОҶА

Тошмамадзода Фарзона Сайёдбек [21]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Дар маќолаи мазкур мероси адабии яке аз шахсиятњои барљастаи Бадахшон - Сайид Фаррухшоњ ва таљассуму наќши ў дар романи «Саройи санг»-и Ато Мирхоља њамчун пири мулки Шуѓнон мавриди тањлилу баррасии илмї ќарор гирифтааст. Муаллиф маќоми Сайид Фаррухшоњро ба њайси адиб ва шоир дар ташаккулу тарѓиби афкори илмию адабї, тањкими арзишњои миллї ва инъикоси андешањои иљтимоии замони худ мавриди омўзиши амиќ ќарор медињад. Зикр бояд кард, ки аз мероси адабии Сайид Фаррухшоњ то рўзгори мо осори андаке боќї мондааст, вале њамон миќдори маљдуд низ дорои ањаммияти баланди адабї-таърихї мебошад. Арзиши асари “Таърихи шоњони Шуѓнон”, пеш аз њама, дар он зоњир мегардад, ки ў асари хешро на бар пояи манобеи китобї, балки бар асоси ривояту наќли шифоњии гузаштагон таълиф намудааст, ки ин љанба ба осори ў хусусияти мардумї ва таърихнигоронаи хос мебахшад.

[21] **Тошмамадзода Фарзона Сайёдбек** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон, ходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 931562891; e-mail: f.toshmamadova@mail.ru.

Тошмамадзода Фарзона Сайёдбек – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел фольклора и литературы Бадахшана, научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 931562891; e-mail: f.toshmamadova@mail.ru.

Toshmamadzoda Farzona Sayyodbek - Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Badakhshan Folklore and Literature Department, researcher. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 931562891; e-mail: f.toshmamadova@mail.ru.

Њамзамон, дар маќола симои иљтимої ва ахлоќии Сайид Фаррухшоњ њамчун шахсияти дорои љањонбинии мушаххас ва фазилатњои волои инсонї равшан мегардад. Ў, ки дар айёми пурошўбу вазнини таърихї бо мардуми худ њамќадам буд, бо хирадї сиёсї ва рўњияи сулњљўёнааш сазовори унвони «пири Шуѓнон» гардидааст. Аз вижагињои муњими фаъолияти ў он буд, ки њаргиз мардумро ба љангу хунрезї фаро нахонда, њамеша роњи мусолиматомез ва њалли осоиштаи ихтилофњоро тарѓиб менамуд. Бо ин тартиб, маќола љойгоњ ва аањаммияти таърихию адабии Сайид Фаррухшоњро дар заминаи фарњанги миллї ва бозтоби бадеии ўро дар романи «Саройи санг» ба таври муфассал ва асоснок арзёбї менамояд.

***Калидвожањо**: Сайид Фаррухшоњ, шоир, пири Шуѓнон, Бадахшон, Юсуфалихон, мероси адабї, Саройи санг, Заифї, Саройи дилрабо, адабиёти Бадахшон, таърихи адабиёт.*

Литературное наследие Сайида Фаррухшаха и его роль в историческом романе Ато Мирходжи «Каменный дворец»

В данной статье предметом научного анализа и интерпретации является литературное наследие одной из выдающихся личностей Бадахшана Сайида Фаррухшоха, а также художественное воплощение и функциональная роль его образа в романе Ато Мирходжи «Саройи санг», где он представлен как пир области Шугнан. Автор рассматривает Сайида Фаррухшоха как поэта и мыслителя, сыгравшего значительную роль в формировании и распространении научно-литературных идей, утверждении национальных ценностей и отражении социальных воззрений своей эпохи. Следует отметить, что до нашего времени дошла лишь незначительная часть литературного наследия Сайида Фаррухшоха, однако и этот ограниченный корпус текстов обладает высокой историко-литературной ценностью. Особая значимость произведения «Таърихи шоҳони Шуѓнон» определяется тем, что оно создано не на основе письменных книжных источников, а преимущественно на материале устных преданий и народных повествований. Данный аспект придаёт сочинению выраженный фольклорно-историографический характер и свидетельствует о синтезе устной традиции и авторского начала.

В статье также раскрывается социально-нравственный облик Сайида Фаррухшоха как личности с чётко сформированным мировоззрением и высокими гуманистическими идеалами. В сложный и противоречивый исторический период он оставался вместе со своим народом, проявляя политическую мудрость и миротворческую позицию, что обусловило признание его в статусе «пира Шугнана». Принципиально важной чертой его общественной деятельности было неприятие насилия: он никогда не призывал к войне и кровопролитию, отдавая предпочтение мирным способам разрешения конфликтов. Таким образом, статья всесторонне и аргументированно определяет историко-литературное значение Сайида Фаррухшоха в контексте национальной культуры, а также анализирует специфику художественной репрезентации его образа в романе «Саройи санг».

Ключевые слова: *Сайид Фаррухшох, поэт, пир Шугнан, Бадахшан, Юсуфалихон, литературное наследие, «Саройи санг», Заифи, Саройи дилрабо, литература Бадахшана, история литературы.*

The literary heritage of Sayyid Farrukhshah and its role in Ato Mirkhoja's historical novel "The Stone palace"

This article presents a scholarly analysis and interpretation of the literary legacy of one of the prominent figures of Badakhshan, Sayid Farrukhshoh, as well as the artistic embodiment and functional role of his image in Ato Mirkhoja's novel "Saroyi Sang", where he is portrayed as the pir (spiritual leader) of the region of Shughnon. The author examines Sayid Farrukhshoh as a poet and thinker who played a significant role in the formation and dissemination of scholarly and literary ideas, the consolidation of national values, and the reflection of the social views of his time.

It should be noted that only a small portion of Sayid Farrukhshoh's literary heritage has survived to the present day, nevertheless, even this limited body of texts possesses considerable historical and literary value. The particular significance of the work "Tarikhi shohoni Shughnon" ("The History of the Kings of Shughnon") lies in the fact that it was composed not on the basis of written book sources, but primarily on oral traditions and folk narratives. This feature endows the work with a distinct folkloric-historiographical character and testifies to the synthesis of oral tradition and individual authorship.

The article also elucidates the socio-ethical image of Sayid Farrukhshoh as a personality with a clearly defined worldview and high humanistic ideals. During a complex and contradictory historical period, he remained alongside his people, demonstrating political wisdom and a commitment to peace, which led to his recognition as the "pir of Shughnon." A fundamentally important characteristic of his public activity was his rejection of violence: he never called for war or bloodshed, consistently advocating peaceful means of conflict resolution. Thus, the article comprehensively and convincingly defines the historical and literary significance of Sayid Farrukhshoh within the context of national culture and analyzes the specific features of his artistic representation in the novel "Saroyi Sang."

Keywords: *Sayid Farrukhshoh, poet, pir of Shughnon, Badakhshan, Yusufalikhon, literary heritage, "Saroyi Sang," Zaifi, Saroyi Dilrabo, literature of Badakhshan, history of literature.*

Сайид Фаррухшоҳ аз ҷумлаи чеҳраҳои барҷаста ва таъсиргузори таъриху фарҳанги Бадахшон ба шумор рафта, дар рушду такомули маънавӣ ва иҷтимоии ин сарзамини куҳан нақши муассир ва мондагор гузоштааст. Ӯ бо ҷаҳонбинии равшан, хиради сиёсӣ ва фазилатҳои волои инсонӣ тавонистааст дар зеҳну замири мардум ҷойгоҳи устувор касб намояд ва номи хешро ба сифати рамзи садоқат, адолат ва маърифат дар сафҳаи хотираи таърих сабт созад. Рафтору гуфтор ва кирдори намунавии ӯ, ки бар пояи ахлоқи ҳамида ва масъулияти иҷтимоӣ устувор буданд, боис гардиданд, то шахсияташ на танҳо дар

замони зиндагӣ, балки то имрӯз низ вирди забонҳо ва мояи ифтихори аҳли диёр бошад.

Доираи адабии Бадахшон, мисли дигар манотиқи фарҳангпарвари тоҷикон, дорои таърихи ғанӣ ва суннатҳои деринаи илмиву адабист, ки дар тӯли асрҳо бо талошу эҷоди чунин шахсиятҳои фарҳехта ташаккул ёфта, ба як муҳити пурбори маънавӣ табдил гардидааст. Дар доираи адабии ин минтақа шоирони ниҳоят донишманду бомаърифате ба монанди: Сангмуҳаммад, Фаррухшоҳ, Шоҳфутур ва ҳамсоли инҳо буданд. Ба ин маънӣ дар нахустварақи китоби "Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон (асрҳои XIX ва аввали асри XX)" номи шоирони Бадахшон зикр гардидааст: "Китобе, ки дар даст доред, аз аҳвол ва ашъори шоирони асри XIX ва ибтидои асри XX Бадахшон ҳикоят мекунад. Аз асрҳои гузашта то ибтидои асри XX сарзамини шоирхези Бадахшон ба аҳли адаб ва завқ шоиру нависандагони зиёде туҳфа кардааст. Дар ин китоб, ки аввалин тадқиқоти илмӣ доир ба як зумраи шоирон Бадахшон аст, ҳаёт ва эҷодиёти шоирон Мухлиси Бадахшонӣ, Мавзуни Бадахшонӣ, Мубораки Вахонӣ, Ҷаъфари Поршиневӣ, Мирзо Ибоди Шидзӣ, Сайид Фаррухшоҳи Заифӣ, Мулло Шамшери Вахонӣ, Мирзо Кучаки Сучонӣ, Шоҳабдуллоҳи Сучонӣ, Шоҳфутури Хоруғӣ, Ҳиҷрии Бадахшонӣ, шоира Махфии Бадахшонӣ ва дигарон таҳқиқ шудааст" [1, 2].

Албатта, лозим ба ёдоварист, ки дар таърих адибоне вориди майдон шуданд, ки хеле донишманду ориф буданд ва пайваста дар эҷодиёти худ аз минтақаҳои зебои Бадахшон, бахусус Шуғнон ёд мекарданд. Барои мисол, дар тазкираи "Армуғони Бадахшон"-и Шоҳабдуллоҳи Бадахшӣ (1874-1909) чунин омадааст: "Шуғнон яке аз ноҳияҳои бостонии вилояти Бадахшони Афғонистон ба шумор рафта, дар таърих ва адабиёт ҳамеша ҷойгоҳи хос доштааст... Таснифи Шоҳабдуллоҳи Бадахшӣ аз манзараҳои Шуғнон бо назари зебоишиносаи шоирона навишта шудааст: кӯҳҳо ва пастиҳои серошиёна, обҳои мусаффо ва ҳавои муътадили тобистон ва сардии зимистон тасвир мешаванд, ки онро як макони орому саломатбахш муаррифӣ менамоянд" [3, 224-225].

Адабиёти Бадахшон, чун адабиёти дигар халқиятҳо, ойинаи равшани таърих, расму ойин, рӯзгор ва ҷаҳонбинии мардуми он маҳсуб мешавад, зеро дар матни осори адабӣ таҷрибаи иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа ба таври бадеӣ таҷассум меёбад. Аз ин рӯ, барои омӯзиш ва дарки амиқи адабиёти ин сарзамин, ногузир мебояд ба таърихи пурфарозу нишеби мардуми Бадахшон рӯ оварем, ки саҳифаҳои он саршор аз воқеаҳои ҷолиб ва ибратомӯзанд. Бо вуҷуди ин, азбаски мавзуи пажӯҳиши мо ба шахсият ва мероси адабии Сайид

Фаррухшоҳ иртибот дорад, таваҷҷуҳи асосӣ ба баррасии ашъор ва эҷодиёти ӯ, инчунин таҳлили симои бадеии вай ҳамчун қаҳрамони марказии романи «Саройи санг»-и Ато Мирхоҷа равона мегардад. Бо чунин пайдарҳамии мантиқӣ метавон ҷойгоҳи таърихӣ ва адабии ин чеҳраи фарҳангиро дар заминаи анъанаҳои адабии Бадахшон равшантар дарёфт намуд.

Фаррухшоҳ дар оилаи Шоҳпартовии бинни Саид Саломатшоҳ дар деҳаи Поршиневи ноҳияи Шуғнон таввалуд шудааст. Соли таваллудаш аниқ маълум нест, аммо ақидаҳое мавҷуданд, ки он дар нимаи дуюми асри XIX зиндагӣ кардааст. Зеро ба ин маънӣ худи шоир дар достони таърихии худ, ки ба таъмири ҷуйи шоҳ Амирбек бахшидааст, чунин мегӯяд:

...Зи “ғайну” “соду” “ре” гар мешуморӣ,
Зи ободи пасинаш ёд орӣ.
Наҳангу мор аз таърих кун ёд,
Чунин вайронаро кардем обод.

Дар мисраи аввали порчаи боло ҳарфи “ғайн”, “сод” ва “ре” моддаи таърихи таъмири ҷӯй буда, ба ҳисоби абҷад ба 1290 ҳиҷрӣ (мутобиқи 1872-1873 мелодӣ) - ро ифода менамояд” [1, 105].

Падари Сайид Фаррухшоҳ аз пирони маъруфи Шуғнону Рӯшон ба шумор мерафт ва дар миёни мардум нуфузу эътибори хос дошт. Аз ин рӯ, аҳли диёр ҳамеша дар хизмати пири худ содиқона меистоданд ва ба ӯ ёру мадад мерасонданд. Кумаки пайвастаи моддии мардум боис гардида буд, ки вазъи рӯзгори ӯ нисбат ба дигарон фарқ намояд ва зиндагияш бо осудагии бештар ҷараён гирад. Тибқи маълумоти мавҷуд, Сайид Фаррухшоҳ таҳсили ибтидоиро дар муҳити хонавода фаро гирифта, нахустин пояҳои маърифатро аз устодони хонаводагӣ омӯхтааст. Баъдан, ҷиҳати идомаи таҳсил ӯро ба Ҳиндустон мефиристанд, ки дар он ҷо ҳафт сол ба омӯзиши илмҳои замон машғул мешавад. Пас аз такмили дониш ва бозгашт ба ватан, ӯ бо воқеаи даргузашти амакаш Шоҳхӯҷа рӯ ба рӯ мегардад. Баъди вафоти ӯ, мардум Сайид Фаррухшоҳро ба ҳайси пири худ баргузида, роҳбарии маънавии ҷомеаро ба зиммааш вомегузоранд. Ин маълумот дар асари Абибов А. «Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон (асри XIX ва аввали асри XX)» низ таъйид гардидааст, ки барои омӯзиши рӯзгор ва фаъолияти ин шахсияти фарҳангӣ манбаи муҳими илмӣ ба шумор меравад.

Аммо дар романи “Саройи санги”-и Ато Мирхоҷа оиди ба гирифтани ин унвон чунин андеша мавҷуд аст: “Ба ҳамин минвол, Шоҳпартовӣ ватандори Ғунд шуд. Он замон ду писар дошт: Фаррухшоҳу Шоҳиҷаҳон. Шоҳикалон, Шоҳниёз, Саидмӯсо ва хоҳаронаш дар Сижд ба дунё омада калон шуданд. Чун писарони

дигараш, Сайид Фаррухшоҳро низ худаш таълим дод. Вақте ки солаш ба чаҳордаҳ расид, ҳамроҳи як рӯҳонии сучонӣ ба Ҳиндустон равон кард. Он мард моли закот мебурд, Сайид Фаррухшоҳ қасди таҳсил дошт. Бо ҳамин дувоздаҳ сол дар Бомбай монд. Дар ин муддат дар мадраса таҳсил кард, ба дарбори Имом Шоҳ Алишоҳ роҳ ёфт ва мартабаи пириро ба даст оварда, ба Шуғнон баргашт...” [9, 26].

Пир дар мулки Шуғнон яке аз бонуфузтарин ва бомартабатарин шахсиятҳое буд, ки ҳама аз ӯ пайравӣ мекарданд. Пир раҳнамои муридон ва ҳамеша дастгирӣ онҳо буд. Аз ҳамин сабаб пирро аз авлоди бузургон, ки худованд барояшон илми илоҳӣ додааст, интихоб мекарданд. Ба таҳқиқи муҳаққиқ Карамова И. “нақши пирон ё шайхҳо дар зиндагии сектантҳо бисёр бузург аст. Пир соҳиби комили ҷону тани пайрави худ ба ҳисоб меравад ва роҳбари мутлақи ӯ дар ҳаёти маънавӣ, оилавӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ҳамаи кишварҳое, ки пайравони фирқаи исмоилия дар онҳо зиндагӣ мекунанд, байни шумораи муайяни пирон тақсим шудаанд. Ҳар як пайрави ин фирқа вазифадор аст, ки ба яке аз онҳо итоат намояд” [2, 42].

Фаррухшоҳ як шахси хоксору меҳрубон будааст, чунки бо тамоми мардум, чӣ бой буд, чӣ камбағал як хел муносибат доштаст. Асосан бо одамони камбағал хеле меҳрубон будаст. Аз ин сабаб буд, ки вайро одами дарвешмиҷоз ном мебурданд. Ҳамин хислатҳои инсондӯстонаи вайро мардум дида, пири худ интихоб мекарданд. Зеро барои онҳо шахсе мисли Фаррухшоҳ лозим буд, ки онҳоро раҳнамоӣ мекард, чунки замони ҳукмронии шоҳони афғон зиндагӣ барояшон хеле вазнин буд. Ва Фаррухшоҳ то дами марг онҳоро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ ҳатто барои халосӣ пайдо кардани мардуми Шуғнон аз дасти ҳокимони золим номаеро ба номи Генерал-губернатори Туркистон навиштааст, ки он чунин сар мешавад: “Ҳарозии аҳвол ниёзмандӣ ва бечорагии фуқарои йарт ва мардуми Шуғнон ва Рӯшон ба хизмати баландмартабаи олӣ манзалати Генерал-губернатор... ” [14, 30].

Дар бораи соли вафоти Фаррухшоҳ низ маълумоти аниқ нест, аммо ақидае аст, ки вай бо марги маъмулӣ намурдааст, ба ӯ заҳр дода куштанд. Дар бораи марги ӯ набераш Шоҳзода Шерзодшоҳ чунин ақидаро баён кардааст: “Амири Файзобод Абдуллоҷон ба воситаи ҷосусони пинҳонии худ ҳаракат ва саъю кушиши ба Россия ҳамроҳ кардани Шуғнон ва Рӯшонро аз тарафи Фаррухшоҳ дониста, писари ӯ Юсуфалишоҳро ба ҳабс мегирад. Ҳангоме ки Абдуллоҷон шахсан бо Юсуфалишоҳ дучор мегардад, аз ҳусну малоҳати ӯ мафтун гардида, аз ӯ мепурсад, ки хоҳаре ба сурати худ монанд дорад ё не? Юсуфалишоҳ мегӯяд, ки дорад. Ин аст, ки Абдуллоҷон дар ивази озод кардани Юсуфалишоҳ хоҳари ӯро ба занӣ мегирад ва ба ин восита худро ба

Фаррухшоҳ наздик мекунад. Амири мазкур боре Фаррухшоҳро ба баҳонаи меҳмондорӣ ба назди худ даъват карда, дар бозгашт ба воситаи ҷосусонаш ба ӯ заҳр мечашонад. Ҷасади шоирро халқи маҳаллӣ ба зодгоҳаш оварда дафн мекарданд" [1, 108].

Мероси адабии шоир то замони мо омада расидааст, аммо хеле кам. Аз ашъори ӯ як достончае бо номи "Таърихи шоҳони Шуғнон" то ба имрӯз омада расидааст. Достон бо хати настаълиқи хеле хуб навишта шудааст. Достон ҳаҷман хеле хурд буда, 90 байтро дар бар мегирад. Сайид Фаррухшоҳ ин достончаро дар вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсур таълиф кардааст, ки оғозаш он чунин аст:

Ба номи поки бисмиллоҳу раҳмон
Худованди замину чархи гардон...
Баён созам ба номи шоҳи шоҳон
Ҳаме буданд андар мулки Шуғнон..." [1, 110].

Шоир ин достонро тахминан солҳои 1880-1881дар замони ҳукмронии шоҳ Юсуфалихон навиштааст ва ин достонро ба ӯ бахшидааст. Дар достонча асосан маълумот оиди ҳашт нафар шоҳ дода шудааст. Барои мисол:

...Зӣ мозӣ то зи мустақбалбо таҳқиқ,
Намедонам, ки то орӣ ту тасдиқ.
Бигӯям чанд шоҳи номдораш,
Дигарҳоро намедонам шумораш.
Шоҳонеро, ки донистем гуфтем,
Кадоме чун надонистем, нуҳуфтем..." [1, 111].

Аз ин байтҳо маълум мегардад, ки Фаррухшоҳ танҳо дар бораи он шоҳоне навиштааст, ки маълумот доштааст, дар бораи шоҳоне ки маълумот надоштааст, ягон қайде накардааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки ин достон на ҳамаи шоҳони Шуғноро дар бар мегирад. Ба назар чунин менамояд, ки Фаррухшоҳ ин достончаро ҳамчун раҳматнома барои шоҳ Юсуфалихон барои таъмири ҷӯй навишта, ба ӯ тақдим кардааст.

Мазмуни асосии достонча аз он иборат аст, ки шоҳ бояд дар ободонии мамлакат ва адолатпарвариву хайрхоҳии гузаштагон огоҳ буда, саҳми худро дар он гузорад. Ва байти мақтаи ин достонча ба ин маънӣ омадааст:

Адолатро ба шаҳ дорӣ мусаллам,
Чунин омад дуо, аллоҳу аълам [1, 112].

Ба ғайр аз ин достон боз абётҳоеро дорад, ки дар зодгоҳашон рӯйи сангҳо кандакорӣ карда шудаанд. Масалан: дар наздикии хонааш дар бораи кандани ҷӯй ва бунёд кардани Саройи баҳор чунин шеъре сабт шудааст:

Дар соли наҳанг омадӣ мор,
Аз ҳичрати он расули ҷаббор,
“Ғе” омаду “ре” у “сод” у “зе” ҳам,
Ин чор ҳуруфро ту бишмор.
Кардем Саройи дилраборо.
Обод бинои қасру ҷӯйбор.
Фарҳод наканда инчунин ҷӯй,
Аз кандани кӯҳ шудем афгор” [1;112].

Шоир Сайид Фаррухшоҳ дар ҷодаи шоирӣ бо тахаллуси Заифӣ ҳам машҳур ҳастанд:

Ё раб, ту сарои дилраборо
Аз дасти ситамгарон нигаҳ дор.
Ё раб, ба Заифии шикаста,
Имдод расон зи ҳашт ба чор [1, 112].

Бояд ёдовар шуд, ки ашъори Сайид Фаррухшоҳ на ин ки дар рӯйи қоғаз ба мо мерос мондааст, балки дар руйи сангҳо кандакорӣ кардашуда ба мерос мондааст, ки баъзеи онҳо аҳамияти таърихӣ ҳам доранд.

Беҳуда нависандаи адабиёти муосири тоҷик Ато Мирхоҷа ӯро яке аз қаҳрамонони асосии романи таърихии хеш ба қалам надодааст. Нависанда дар таълифи асараш бар он кушидааст, ки образи Сайид Фаррухшоҳро мувофиқ ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии он замон тасвир кардааст.

Лозим ба зикр аст, ки романи “Саройи санг”, дар баробари дигар романҳои таърихии адабиёти муосири тоҷик барои ҷомеа ва насли наврас хеле муфид буда, онҳо метавонанд тавассути ин асарҳои бемислу монанд аз таърихи гузаштагони худ бохабар гардида, шукри ин сулҳу амонӣ ва озодии давлатамонро кунанд. Зеро он давраҳое, ки буданду гузаштанд дар ҳаёти мардуми кӯҳистони Бадахшон аз мудҳиштарин рӯзҳое будаанд, ки ҳаматарафа, чӣ аз ҷиҳати моддӣ ва чӣ аз ҷиҳати маънавӣ ба мардум зарбаи сахте заданд. Аммо таърихи гузаштагони моро дар замони истиқлол дар шакли романи таърихӣ офаридаи Ато Мирхоҷа хеле мувофиқ омад. Чуноне ки адабиётшинос Охониёзов В. Д. ба ҳамин маънӣ қайд кардааст: “Руҷуи шоирон ба ҳодисаҳо ва ашхоси таърихӣ аз зумраи он масъалаҳое маҳсуб мешавад, ки дар адабиёти даврони Истиқлолияти кишвар мазмуну мафҳуми дигарро пайдо намудаанд” [4 , 61].

Сайид Фаррухшоҳ дар роман, ҳақиқатан ҳам, як инсони оқил, донишманд, бадарку фаҳм, нуронӣ, хоксору ҳалим тасвир ёфтааст. Дар меҳмоннавозӣ ва меҳмондӯстӣ мисли Сайид Фаррухшоҳ одам кам ёфт мешуд. Ҳангоми омадани меҳмоне ба хонааш бо як муҳаббат ва

самимият онро қабул мекарданд. Масалан, боре аз дарбори шоҳ оқсақоле бо номи Муборак ба назди пир Сайид Фаррухшоҳ бо хости Муҳаббатхон омадаанд, ки бояд пир ба дарбор раваду шоҳро бо модарандараш никоҳ кунад. Пир вайро пазируфт ва сари дастархон хонду ба суҳбат оғоз карданд. Оқсақол ҷуръати матраҳи матлабашро накарда, Сайид Фаррухшоҳ пай бурд, ки вай барои чӣ наздаш омад ва чунин гуфт:

” -Медонам, барои чӣ омадай. Лекин аз дасти ман чунин кор намеояд.

- Кадом кор, пирам? – бо изтироб пурсид Муборак ва дар дилаш Худо мегуфт, ки сухани пир дар бораи никоҳ набошад.

- Он валаъмат ҳар кӣ ҳам бошад, зани падараш буд. Чӣ хел ман – пири садҳо мусулмон, модарандарро бо писарандар никоҳ кунам? Дар мазҳаби мо модархонду писархонд манзалати модару писар доранд” [6, 110].

Аз ин гуфтаҳои боло бармеояд, ки пеш аз ҳама, ахлоқи ҳамида маҷмуи сифатҳои волои инсонӣ, ба мисли адолатпарварӣ, хоксорӣ, ростқавлӣ, ғамхорӣ ба мардум ва эҳтиром ба арзишҳои маънавиро дар бар мегирад. Сайид Фаррухшоҳ бо чунин хислатҳо на танҳо ҳамчун як шахси соҳибмақом ё донишманд, балки ҳамчун инсони ба дарди ҷомеа ошно муаррифӣ мегардад. Муносибати самимона ва одилонаи ӯ бо мардум боис шудааст, ки байни ӯ ва ҷомеа робитаи эътимод ба вуҷуд ояд. Аз нигоҳи иҷтимоӣ, муҳаббати мардум ҳеч гоҳ маҷбурӣ нест, балки он натиҷаи амалу рафтори пайвастаи шахс аст. Сайид Фаррухшоҳ бо кирдорҳои нек, сухани нарм ва нияти пок нишон додааст, ки манфиати мардумро болотар аз манфиати шахсӣ мегузорад. Ин ҳолат эҳсоси қадршиносӣ ва муҳаббатро дар дилҳои мардум бедор мекунад. Мардум чунин шахсро ҳамчун такягоҳ, маслиҳатгар ва намунаи ибрат қабул менамоянд. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки маҳз ахлоқи ҳамидаи Сайид Фаррухшоҳ сабаби асосии маҳбубияти ӯ дар байни мардум гардидааст. Ин ахлоқ на танҳо симои зоҳирии ӯро зебо гардонидааст, балки ҷойгоҳи маънавии ӯро дар қалби ҷомеа устувор намудааст. Аз ин рӯ, муҳаббати мардум ба ӯ муҳаббати ростин ва пойдор аст, ки бар пояи эҳтиром ва эътиқод бунёд ёфтааст.

Яке аз масъалаҳои дигари муҳимми асар он аст, ки дар он муқобилати шоҳону пирони мазҳабӣ хеле авҷ дорад. Чунки вокуниши мардум ба ҳидоятҳои пирон хеле устуворона буду ба амри шоҳон маҷбурона. Муносибати пирон бо муридонашон хеле побарҷо буд. Аммо аз ҷабру ситами ҳокимон мардум онҳоро чашми дидан надоштанд:

“Боргоҳи пир макону маъвои адлу доду лутфу дилсӯзию маърифат, боргоҳи подшоҳони замон маркази зулму фитнаву ғавғову ғайбату куштору меҳнату навмедӣ аст” [12, 5].

Бояд қайд кард, ки Сайид Фаррухшоҳ ҳамеша дилу нияташон яке будаанд, чунки вай ҳар он чизе ки гуфтаанд, бо он амал менамудаанд. Зеро росткориву росткирдорӣ махсуси пирон буд. Пирон ҳатто аз шоҳон ҳам тарс надоштанд, гарчанде бар хилофи амри онҳо кор карданд ва онро напазируфтанд.

Симои пир Сайид Фаррухшоҳ дар ин асар ҳамчун як шахсияти афсонавӣ тасвир шудааст, ки ҳатто барои кудакон ҳам хеле аҷоиб буд. Ба ин маънӣ дар роман суҳбати Мулло Хишол бо шогирдаш Мирзоазиз дар бораи Сайид Фаррухшоҳ чунин омадааст:

“ - Сайид Фаррухшоҳ кист?

Мулло Хишол аз ин пурсиш тааҷҷуб кард ва пурсид:

- Ин савол аз куҷо дар дилат пайдо шуд?

- Бобоям дар суҳбат номи ин мардро бисёр ба забон мегирад. Дар назари ман одами афсонавӣ метобад.

Афсонавӣ нест, вале одами одӣ ҳам нест. Сайид Фаррухшоҳ пири муътабари мост” [6, 260-261].

Албатта, бояд ёдовар шуд, ки чун Мирзоазиз хурдсол буд, барояш чунин суханон дар бораи Сайид Фаррухшоҳ хеле аҷиб менамуданд. Яъне вобаста ба вазъи он давра ва шунидани нақлҳои мароқангез дар хусуси касе барояш қобили қабул набуданд.

Маҳз дар ин вазъи сиёсии мулки Шуғнон мардум ба чунин раҳнамое мисли пир Сайид Фаррухшоҳи донишманду сиёсатмадор, шоир ва пешвои мазҳабӣ ниёз доштанд. Зеро дар замони ҳукмронии шоҳони Шуғнон чӣ вазъи сиёсӣ ва чӣ вазъи адабии мардум хело душвор буд. Халқ натавонист осуда зиндагӣ кунад ва фарзандонашон мисли дигар манотиқ натавонистанд ба мактаб раванду соҳиби илм гарданд. Танҳо касоне, ки соҳиби пулу сарват, унвон ва мартабаҳои давлатӣ буданд, тавонистанд фарзандонашро соҳибилм гардонанд. Аммо мардуми одӣ натавонист, чунки шароити муҳайё кардани лавозимоти дарсӣ ҳам надоштанд. Агар худи Сайид Фаррухшоҳро гирем, вай писари калониашро ба хусури худ, ки бо номи Сайидҷаъфари донишманду оқиле маъруф буданд, барои таълиму тадрис доданд. Сайидҷаъфар ҳар сол дувоздаҳ нафар шогирд мегирифту барои онҳо таълим медод. Дар қатори онҳо писари Сайид Фаррухшоҳ низ дар наздаш илм меомӯхт. Бобояш аз дониш ва маҳоратҳои набераш хеле қаноатманд буд. Писари хурдиашро бошад худи Сайид Фаррухшоҳ илмҳои замонро таълим медод. Ҳар дуяшон дар илми замон назир надоштанд. Яке аз дигаре олимтару донотар ва

волотар сухан мегуфтанд. Боре домоду хусур бо ҳамдигар вохӯрданд ва бо шеър ҳамдигарро хушомадгӯӣ карданд ва пас аз қироати Сайид Фаррухшоҳ, Сайидҷаъфар ба Юсуфалишоҳ (писари Сайид Фаррухшоҳ) хитоб кард:

“ - Таваҷҷуҳ кардӣ?

- Оре, - ҷавоб дод писар, - ҳатто дар ёдам нишаст.
- Ку бихон, нобоварона хоҳиш кард падар.

Юсуфалишоҳ чашмонашро пӯшида, дақиқае абёти шунидаро дар зеҳнаш гардон намуд ва айнан, бидуни ғалате, бозгуфт. Сайид Фаррухшоҳ бо ҳайрат даст бар сараш гузошт ва гуфт:

- Барака ёб, писарам, боракаллоҳ! – Ва ба Сайидҷаъфар миннатдорона нигарист. – Дар охонӣ аз ман бамаротиб беҳтар будай” [6, 29].

Эшон, ки ҳар дуяшон аз авлоди донишмандон буданд, нахостанд фарзандонашон бехабар аз улуми замон бимонанд ва он донишу фаҳмише, ки доштанд барои ояндагони худ таълим медоданд, то ки дар оянда барои халқу миллати худ хизмат карда тавонанд.

Ҳурмату эҳтиром ва ба маслиҳати аз худ калонсолон гӯш додану аз гапашон нагаштан хоси ин гурӯҳи одамон буд. Ҳатто Сайид Фаррухшоҳ аз маслиҳати дигарон даст накашид. Вақте, ки хусураш ба хонаи онҳо меомад, дар бораи ину он нақл мекарданду Сайидҷаъфар дар атрофи аз беобӣ ранҷ кашидани мардум суханро сар карда мегуфт, ки мардум аз норасоии об душмани ҳамдигар шудаанд. Ҳатто кор ба занозанию маъюб кардани ҳамдигар расидааст. Ва калонони маҳаллаҳо ба назди ман омадаанд ва аз ман хостаанд, ки ба назди ту раваму илоҷи корро ёбем. Ва то омаданам ба ин ҷо як рубоиро дар мағзам гардондам:

Дорам аламе, бигӯям, эй ҳамнафасон,
Беобии Хоса шуд маро коҳиши ҷон.
Аз як падаре агар ду фарзанд бувад,
Дар мавсими обдиҳӣ шаванд душмани ҷон [7, 30-31].

Пир Фаррухшоҳ рубоиро бо ханда гӯш карду гуфт, ки ягона ҷӯйборе, ки оби Барчиддараро то қишлоқи Хоса мебарад, аз лойю сел пур шудааст ва барои тоза кардани он маблағ ва қувваи корӣ лозим аст, аммо мо чунин қувваи корӣ надорем. Рости гап мардум кор мекунад, аммо барояшон хӯроку лавозимот даркор ва бо ин мо наметавонем то мавсими обёрӣ ҷӯйро тоза кунем. Ва ҳар ду дар меҳвари ин масъала сӯҳбат карданду Сайидҷаъфар гуфт, ки ягона роҳи наҷот ин аст, ки дили шоҳро ба даст биёрем. Бояд назди шоҳ равию масъаларо дар миён гузорӣ ва ризоияташро ба даст биёрӣ. Вай набояд

хостаи туро рад кунад. Фаррухшоҳ суханони хусурашро гӯш карду ин байтро гуфт.

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро [7, 32].

Сайид Фаррухшоҳ пас аз гуфтани байт арз кард, ки Хоҷа Ҳофиз ба маврид гуфтааст. Юсуфалихон мисли падару бародари худ аст. Барои вай фақат чизҳои қаматбаҳо лозиманд, на ин ки суханони сеҳромезу пурмуҳтаво. Ман ба саломаш бо туҳфа меравам, агар хоҳад гапамро мегирад, агар намехоҳад намегирад. Сайидҷаъфар даррав гуфт:

“ Оҳоо, илоҷи корро ёфтӣ! – бо ҳарорат хитоб кард Сайидҷаъфар, - ёфтӣ!

- Чӣ хел илоҷ? – ҳайрон шуд Сайид Фаррухшоҳ.
- Тадбири корро гуфтӣ.
- Чӣ гуфтам?
- Бо шоҳ тарҳи хешовандӣ афкандан! Тадбире аз ин коромадтар нест.

Сайид Фаррухшоҳ, ки ҳоло ҳам ба умқи маънии гапи хусураш нарасида буд, пурсид:

- Хешовандӣ?! Яъне?
- Яъне хоҳари Юсуфалихонро ба занӣ металабӣ!
- Барои кӣ?
- Барои худат, дигар барои кӣ мешуд? ” [7, 32-33].

Аз ин суханони хусураш Сайид Фаррухшоҳ дар ҳайрат монд ва арз кард, ки ман зан дорам ва аз болои вай зани дигаре гирифтан маъное надорад ва ба илова, ман бо занам хеле хушбахт ҳастам. Аммо хусураш дар ҷавоб гуфт: - мефаҳмам, ки зиндагии орому осуд бо духтарам доред. Вале фикри мардумро ҳам бояд кард, дигар илоҷ надорем, ба ҷуз бо вай хеш шавем ва шояд ба мо кумак расонад. Ва ин корро ҳам кард. Аммо Юсуфалихон ин корро на барои он кард, ки ба Сайид Фаррухшоҳ тарҳи хешовандӣ бандад, балки барои дили мардумро ба даст орад, ба ин кор розӣ шуданд.

“Юсуфалихон дар ибтидои ҳукумати худ барои дили мардумро ба даст овардан дар деҳае, ки пир Сайид Фаррухшоҳ зиндагӣ мекард, ҷӯйбори онҳоро аз нав таъмир мекард ва даст ба ободиву созандагӣ мезанад. Ин созандагии амир Юсуфалихонро Сайид Фаррухшоҳ дида онро дар маснавии “Таърихи Шоҳони Шуғнон” чунин тавсиф намудааст:

Ҳар он кас, к-ӯ дар ин олам биҳишти ҷовидон бинад,
Сарои Дилраборо ҷаннат-ул-маъво аён бинад...
Ба юмни ҳиммати Юсуфалихон гашт ободон,

Шаҳаншоҳро Заъифӣ балки бо худ меҳрубон бинад.
Худовандо, шаҳи Юсуфалихонро диҳӣ давлат,
Саманди наъли давлатро ҳамеша зери рон бинад [5, 211].

Фикру хаёли Сайид Фаррухшоҳ ҳамеша дар беҳтар намудани ҳаёти мардуми бечора банд буд. Доимо дар талоши он буданд, ки бо кадом роҳе метавонад дасти мадад дароз кунаду зиндагиашон каме ҳам бошад, беҳбудӣ пайдо намояд. Ҳамаи ин талошҳои ӯро халқ дида ҳамеша дар интизори саховат ва меҳрубонии ӯ буданд. Умеди мардуми бечора низ ба пирашон буд, ки барои ҳар мушкилоташон чораеро пайдо хоҳад кард. Баъд аз тоза ва сохтани ҷӯйбор хушҳолии мардуми Поршинев ҳадду канор надошт. Ва дар баробари онҳо Сайид Фаррухшоҳ ҳам хеле фараҳманд шудаанд: “Рӯҳбаландие сартосарӣ дар фазои деҳкадаи бузургтарини Шуғнонзамин болу пар мезад. Хушвақтии ҳамдиёронашро дида, Сайид Фаррухшоҳ худро хушбахт ҳис мекард. Вай, аз он ки дар назди муридон рисолати пириашро бо амали мушаххасу пур аз савоби хеш иҷро намуда, эътиқоди онҳоро ба мазҳаб боз ҳам афзуд, ба Худои Аззаву Ҷалла дилбастатар гардид...” [10, 78].

Чун Сайид Фаррухшоҳ одами соҳибдониш ва бомаърифат буданд, дар ҳар минтақаи вобаст ба ӯ бударо бо роҳҳои гуногун назорат ва раҳнамоӣ мекарданд. Зеро давраи хеле душвор буд ва ҳар кас натавонист аз уҳдаи кори худ барояд. Сайид чун пири мулки Шуғнон буд ва ӯ ҳар вақт натавонист ҳамаи муридони худро хабар гираду аз ҳолу аҳволи онҳо бохабар шавад. Ва барои ин дар минтақаҳои гуногуни Шуғнон одамони махсуси боваринокро таъйин мекарду аз ҳолу аҳволи он макон барояшон маълумот медоданд. Масъалан, дар романи “Саройи санг” чунин қайд карда шудааст: “Ғазанфар ин бор айнан замоне ба хоки Помир қадам гузошт, ки қирғизон барои ба даст овардани чарогоҳҳои беҳтар ба ҷони ҳамдигар афтода буданд. Вай касеро ҳамроҳ ҳам нагирифт. Дилаш мехост супоришҳои шоҳу пирро ҳарчи зудтар иҷро кунад. Барои ин шитоб бояд кард – ҳамроҳ дошта бошӣ, хоҳӣ – нахоҳӣ, бо ӯ суҳбат карда, роҳгардиат суст мешавад. Мабодо аспаш кундрав ё худаш баландии ҳаворо бад гузаронад, он гоҳ ба ҷои се рӯз, дастикам сафарат як ҳафта тӯл мекашад. Ғайр аз ин, Сайид Фаррухшоҳ таъкид кард, ки аз мулоқоти ӯ бо Нажмиддин касе бояд дарак наёбад. Нажмиддин марди шуғнониe будааст, ки аз тарафи пир ба Ёрканду Қошғар фиристода шудааст. Вай дар Ёрканд зиндагӣ карда, моҳе як маротиба ба воситаи одамони дилпури худ Сайид Фаррухшоҳро аз вазъи ин минтақа огоҳ менамудааст” [8, 38].

Сайид Фаррухшоҳ гарчанде одами донишманд ва аз авлоди бузургон буданд, худро дар баробари мардуми як одами хоксору накукор ва як ҷузви ҷомеаи он давр ҳисоб мекард. Хушрӯзии мардум – хушрӯзии вай буд ва бадбахтии мардум бад бахтии ӯ буд. Боре ӯ бо хости калонони Шуғнон ба дар бори шоҳ рафт ва арзи мардумро дар хусуси зулм накардан бар сари мардум рафтанд. Аммо барои шоҳ писанд наомад ва оқсақоли худро ба он ҷо фиристод. Он кас аз мардум хост, ки касе тарафдори шоҳ бошад як тараф истанд ва касе, ки тарафдори Фаррухшоҳ тарафи дигар. Халқ аз тарси шоҳ ба тарафи оқсақол гузаштанд, вале ба тарафи Сайид танҳо якчанд нафар гузаштанд:

“Ҷамъи мардум аз тарси шоҳ ба тарафи Сайид ҳеҷ кадом нагузаштаанд, ба ҷузъ Авазбеки Сучонӣ ҳамроҳи шаш бародарони худ ва ҳамчунин Авазбеки Шидвудӣ ҷамъи ҳашт нафар ба аҳди худ ба маслиҳати аввал ҳамроҳи Сайид яқин монданд ” [13, 45-46].

Пас аз ин моҷаро Сайид бо ҳамроҳонаш ба якчанд ҷой рафтанд, вале диданд, ки мардум аз тарси шоҳ тарафи онҳоро намегирифтанд. Ва Фаррухшоҳ бо ин ҳашт нафараш ба тарафи Вияр гузаштва аз он ҷо ба Шева гурехтанд. Шоҳ аз ин хабардор шуд ва аз қафои онҳо одамонро бо сардории Муборак фиристод, аммо чун Муборак худаш аз тарафдорони Сайид буд, сипоҳиёнро гушрас кард, ки бигзор раванд. Ва агар ягон кас аз байни шумо ба шоҳ ягон гапро гӯед, аз дасти ман ҷон ба саломат нахоҳед бурд. Сайид як соли пурра дар Зардеф зиндагӣ мекард.

Сабаби боз хондани Сайид дар он буд, ки занаш Икронбегим ба назди шоҳ рафта, дар байни мардум аз ӯ хост, ки аз хуни шавҳараш даст кашад. Икронбегим гуфт, ки ту кам гуноҳ накардӣ, агар ягон зарофате ба пир бирасад, мани бадбахт ҳам гунаҳкор мешавам. Вай ягон гуноҳе накардааст, магар ин гуноҳи азиме аст, ки арзи мардумро барои ту гуфт ва онҳоро дастгирӣ кардааст. Баъд аз ин суҳбат ба хоҳараш Юсуфалихон аз Мулло Хишол хоҳиш кард, ки ба кадом баҳонае, ки бошад Сайид Фаррухшоҳро розӣ куну ба ватанаш баргардон:

“- Мулло, медонам аз ҳудуди Шуғнон по фаротар нагузоштӣ, вале маҷбурам туро ба Чатрор бифиристам. Гап байни худамон монад. Духтарамро ба Чатрор ки расондӣ, дар он ҷо Сайид Фаррухшоҳро суроғ пай кун. Сайид шахсе нест, ки дар куҷо буданаш пинҳон бимонад. Маконашро муайян куну наздаш бирав ва барояш аз ман бирасон, ки ба ватан бозгардад. Ман бароят нома медиҳам, ки ба суханат бовар кунад. Фардо онро аз ман мегирӣ... ” [11, 64].

Дар баробари хизмат кардан ба мардум Сайид Фаррухшоҳ дар образи як ҳамсар ва падари намунавӣ дар роман ҷо дода шудааст.

Муомилаи пир бо занони худ хеле меҳрубонона ва дилсӯзона тасвир ёфтааст. Вай ба ҷойгоҳи зан дар ҷомеа бетаваҷҷуҳ набуда, ӯро рамзи некию покӣ, рамзи меҳру вафо ва қуввадиҳандаи ҳаёт ҳисоб мекард. Нависанда муносибати зану шавҳарии Сайид Фаррухшоҳу Икронбегимро дар роман хеле моҳирона ба риштаи қалам додааст:

“Сайид Фаррухшоҳ чун тамоми мусулмонон дар моҳи мубораки рамазон рӯза мегирифту ҳар моҳ рӯзаи Алиро ҳам пос медошт. Вале Икронбегим ҳар рӯзи Худо, баробари ситорапар рӯза мегирифту баробари ситорарух рӯза мекушод. Ин хислати ҳамсар меҳри шавҳари соҳибтақвояшро ба вай чандин маротиба бештар кард, аммо метарсид, ки ба саломатиаш зарараре нарасонад. Бинобар ин, рӯзе хоҳиш кард, ки: “Валъамат, акнун ки хонадору серташвиш шудӣ, рӯзаи маъмулӣ бигирӣ, беҳтар, зеро нахоҳам, ки обу афгор гардиву мардум гумон накунанд, ки ман бароят оши ҳалол намедиҳам” [7, 266].

Бузургӣ ва саховатмандии Сайид Фаррухшоҳ низ назир надошт. Ато Мирхоҷа ӯро беҳуда яке аз чеҳраҳои марказии романи худ қарор надодааст. Бо образи офаридаи вай романи “Саройи санг”-ро барои хонанда ҷолибтару шавқовартар гардидааст.

Хулласи калом, Сайид Фаррухшоҳ дар ҳақиқат ҳам яке аз чеҳраҳои тобноки илму адаби мулки Шуғнон буд. Вай ба ашъори орифонаву ахлоқи ҳамидаи худ тавонистааст, ки дар умқи дили мардум ҷой гирад ва дар пешрафту нумуи фарҳангу маданияти ин халқият дар замони мудҳиштарин барои онҳо хеле мадад расондаанд. Ҳамаи ин буд, ки мардум ӯро нури дидаи худ медонистанду азизу гиромӣ медоштанд. Дар замони ҳукмронии ҳокимони Шуғнон Сайид Фаррухшоҳ ҳомӣ, такягоҳ ва дастгири мардуми бечора будаанд. Сайид Фаррухшоҳ ба хусусиятҳои неки инсонӣ, инсонгароӣ ва муборизаи беамон бар зидди золимони давр ва бо эҷодиёти худ байни мардум маъруф гардида, яке аз шахсони мубориз ва пешқадами нимаи дуюми асри XIX-и Бадахшон ҳисобида мешавад. Дар охир як шеъри Сайид Фаррухшоҳро, ки аз бунёд ва обод гардидани як манзили зебо дар соли муайян ба шарофати иноятиилоҳӣ ва ҳиммати Шоҳ Амирбек қисса мекунад, чун ҳусни мақтаи мақола биёварам. Шоир бо таъкиди саҳми неки инсонӣ ва мадади маънавӣ ин биноро ҳамчун ёдгори ҷовидон ва нишонаи ҳиммату номнекӣ муаррифӣ месозад:

Аввали соли паланг ин мамлакат обод шуд,
Аз иноёти илоҳӣ дар замон бунёд шуд.
Номи ин манзил муайян шуд Саройи дилрабо,
Хушнамо қасру сарою ҷои ҳуризод шуд.
Шоҳ Амирбеки рафеъулқадр кард инро бино,
Дар ниҳод ин манзилат беҳтар зи бар имдод шуд.

Рӯ ба ҳар ҷо кард шоҳ, хасмони ҷо карданд мадад,
Аз савоби кор арвоҳи бузургон шод шуд.
Хизру Илёс аз карам ёрӣ намуданд, шуд тамом,
Он яке аз баҳру он дигар зи бар имдод шуд.
Ин ғараз нақшест андар кори дунё ёдгор,
Номи ҳар кас аз барои ҳиммат охир ёд шуд.
Ҳар ки баъд-ул-явм пурсад, кай шуд обод ин бино?
Гӯям аз ҳиҷрат ҳазору як саду ҳафтод шуд [1, 113].

Китобнома

1. Абибов, А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон. (асри XIX ва аввали асри XX). /А .Абибов. – Душанбе: Дониш, 1971. - 193стр.
2. Карамова, И. И. Прошлое – зеркало будущего. / И. И. Карамова. – Душанбе: Офсет-Империя, 2017. – 128 стр.
3. Қаландариён, Ҳ. С. С. Зикри Шуғнони Афғонистон дар тазкираи “Армуғони Бадахшон”: таърих, фарҳанг ва вазъи иҷтимоӣ / Ҳ. С. Қаландариён., Т. С. Қаландаров // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. - 2025. № 4. - С. 224-225.
4. Қаландариён, Ҳ. С. Вижагиҳои шеъри Ато Мирхоҷа (дар мисоли як маҷмуаи ашъори шоир) / Ҳ. С. Қаландариён., Ф. С. Тошмамадова // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. - 2024. № 1. - С. 58-66.
5. Мамадшерзошоев, У. Ш. Инъикоси фарҳанги давлатдорӣ дар “Таърихи шоҳони Шуғнон”-и Сайид Фаррухшоҳ ибни Шоҳпартовӣ / У. Ш. Мамадшерзошоев // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. - 2021. №4. - С. 209-213.
6. Мирхоҷа, А. Н. Саройи санг. Қисми якум / А. Н. Мирхоҷа. – Душанбе: Сухан, 2018. – 360 с.
7. Мирхоҷа, А. Н. Саройи санг. Қисми дуюм / А. Н. Мирхоҷа. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 367 с.
8. Мирхоҷа, А. Н. Саройи санг. Қисми сеюм / А. Н. Мирхоҷа. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 307 с.
9. Мирхоҷа, А. Н. Саройи санг, Хостгорӣ / А. Н. Мирхоҷа // Садои шарқ. – 2019. № 5. – С. 23-31.
10. Мирхоҷа, А. Н. Саройи санг, Чу Фарҳод ин замон аз кӯҳканонам / А. Н. Мирхоҷа // Садои шарқ. – 2019. - № 6. – С. 78-97.
11. Мирхоҷа, А. Н. Саройи санг, Сури деринтизор /Ато Мирхоҷа // Садои шарқ. – 2025. № 1. – С. 63-64.
12. Мисбоҳиддини, Н. Шуғнони таърихӣ дар оинаи «Саройи санг». (назаре ба вижагиҳои ҳунарии роман). / Н. Мисбоҳиддин //

Адабиёт ва санъат, 1-уми сентябри. – 2022. - № 35 (2162). – С. 4-5.
13. Муҳаммадзода, Қ. (Охунд Сулаймон). Шоҳзода, М. (Саид Шоҳфутур). Таърихи Бадахшон. / Қ. Муҳаммадзода. (Охунд Сулаймон). М. Шоҳзода. (Саид Шоҳфутур). – Душанбе: Хоруғ, 2021. – 324 с.
14. Муборакшоҳзода, С. Ҳ. Таърихи мулки Шуғнон. / С. Ҳ. Муборакшоҳзода. – Хоруғ: Помир, 1992. - 35 с.

ТДУ: 796.032.2(575.3-25)(091)

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ВАРЗИШҲОИ АНЪАНАВӢ ДАР БАДАХШОН

Ниёзбеков Давлат Толибекович [22]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Мақола ба таҳлили ҳамаҷонибаи варзишҳои анъанавии мардуми Бадахшон ҳамчун унсури муҳими мероси таърихию фарҳангӣ бахшида шудааст. Дар он таъсири шароити табиӣ-ҷуғрофии Помир ба ташаккули тарбияи ҷисмонӣ ва нақши иҷтимоию тарбиявии бозиҳо ва мусобиқаҳои мардумӣ баррасӣ мегардад. Марҳилаҳои асосии рушди варзиш дар минтақа — аз давраи анъанавӣ то замони истиқлолият муайян ва тавсиф карда шудаанд. Диққати махсус ба намудҳои варзиш, аз ҷумла гӯштин, гӯйбозӣ, бузкашӣ, тирпаронӣ ва зӯрозмой равона гардида, аҳамияти функсионалӣ ва рамзии онҳо нишон дода мешавад. Дар асоси маводи саҳроӣ ва таърихию этнографӣ нақши варзиш дар ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ исбот мегардад. Дар натиҷа, варзишҳои анъанавӣ ҳамчун ҷузъи муҳими мероси ғайримоддӣ ва омили рушди устувори ҷомеа арзёбӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: *варзишҳои анъанавӣ; Бадахшон; тарбияи ҷисмонӣ; мероси фарҳангӣ; ҳамгироии иҷтимоӣ; бозиҳои мардумӣ; этнография*

История формирования и развития традиционных видов спорта в Бадахшане

Статья посвящена комплексному анализу традиционных видов спорта народов Бадахшана как важного элемента их историко-культурного наследия. Рассматривается влияние природно-географических условий Памира на формирование физической культуры, а также социальная и воспитательная роль

[22] **Ниёзбеков Давлат Толибекович** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ, шӯъбаи таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 935058384; e-mail: dato_73n@mail.ru.

Ниёзбеков Давлат Толибекович – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел истории, этнографии и археологии, кандидат философских наук, доцент. Адрес: Республика Таджикистан, Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 935058384; e-mail: dato_73n@mail.ru.

Niyozbekov Davlat Tolibekovich – Institute of Humanitarian sciences named after academican B. Iskandarov of the NAST, department of history, ethnography and archeology, candidate of philosophical sciences, associate professor. Adress: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 935058384; e-mail: dato_73n@mail.ru.

народных игр и состязаний. Выделены основные этапы развития спорта в регионе - от традиционного до современного периода независимости, с характеристикой их особенностей. Особое внимание уделено таким видам, как борьба, конное поло, козлодрание, стрельба и соревнования по силе, раскрывается их функциональное и символическое значение. На основе полевых и историко-этнографических данных показана роль спорта в формировании физических качеств, социальной интеграции и передачи культурных ценностей. Делается вывод о значении традиционных видов спорта как важного компонента нематериального культурного наследия и фактора устойчивого развития общества.

Ключевые слова: *традиционные виды спорта; Бадахшан; физическая культура; культурное наследие; социальная интеграция; народные игры; этнография.*

History of the formation and development of traditional sports in Badakhshan

The article provides a comprehensive analysis of traditional sports of the Badakhshan people as an essential component of their historical and cultural heritage. It examines the influence of the Pamir's natural and geographical conditions on the development of physical culture, as well as the social and educational role of traditional games and competitions. The main stages of sports development in the region—from the traditional period to the era of independence—are identified and characterized. Special attention is given to such sports as wrestling, equestrian polo, goat grabbing (traditional game, also known as buzkashi), shooting, and strength competitions, highlighting their functional and symbolic significance. *Based on field research and historical-ethnographic data, the study demonstrates the role of sports in shaping physical abilities, social cohesion, and the transmission of cultural values. The article concludes that traditional sports represent an important element of intangible cultural heritage and a factor in sustainable societal development.*

Keywords: *traditional sports; Badakhshan; physical culture; cultural heritage; social integration; folk games; ethnography*

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи нодири таърихию фарҳангӣ буда, дар он анъанаҳо, тарзи зиндагӣ ва арзишҳои маънавӣ зери таъсири шароити табии-ҷуғрофии Помир ташаккул ёфтаанд. Дар шароити баландикуҳӣ тобоварии ҷисмонӣ, ҳамбастагии ҷамъиятӣ ва омодагии ҷангӣ аз қадим аҳамияти ҳаётӣ доштанд. Маҳз бинобар ин варзишҳои миллӣ ва анъанавӣ ба қисми ҷудонопазири ҳувияти фарҳангии аҳолии Бадахшон табдил ёфтаанд.

Рушди варзиш дар ВМКБ шартан ба чаҳор марҳила ҷудо мешавад:

1. Марҳилаи анъанавӣ (тоимперияви) - бартарии шаклҳои мардумии тарбияи ҷисмонӣ;
2. Марҳилаи империявӣ - нигоҳдории анъанаҳо дар шароити дахолати маҳдуди институтсионалӣ;

3. Марҳилаи шӯравӣ - ташкили низоми муназзами варзиши оммавӣ ва ташаккули инфрасохтор;
4. Марҳилаи соҳибистиқлолӣ – инкишофи соҳаи варзиш ва дастовардҳои варзишгарон дар даврони истиқлолият.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо ба ташаккули низоми муосири варзишии минтақа таъсири назаррас расонидааст.

То ворид гардидани ҳудудҳои Помир ба ҳайати Империяи Русия тарбияи ҷисмонии аҳолӣ бештар хусусияти амалӣ ва ҳарбию рӯзгорӣ дошт. Дар шароити баланди кӯҳистон тобоварии ҷисмонӣ, қувва ва чолокӣ сифатҳои ҳаётан зарурӣ ба шумор мерафтанд.

Ҷашнҳои мардумии Бадахшон хусусияти оммавии варзишӣ дошта, ба сифати тантанаҳои умумимардумӣ бо ширкати фаъоли аҳолӣ баргузор мегардиданд. Ҳамаи ҳозирон ҳамзамон нақши тамошобин ва иштирокчиро иҷро менамуданд, ки ин омил хусусияти ҷамъиятӣ ва ҳамгироии иҷтимоии чунин чорабиниҳоро тақвият мебахшид. Бозиҳо ва машқҳои суннатӣ асосан аз маҷмӯи гуногуни мусобиқаҳо иборат буданд: тирпаронӣ бо милтиққои чақмоқӣ, гуштингирӣ (*қастин* — дар шугнонӣ, *қустин* — дар рушонӣ), давидан, кашиши якдигар, бузкашӣ (*гуҷтижд*), гуйбозӣ (навъи бозии поло), пойгаи аспдавонӣ, инчунин бардоштани санг (*гиря*, *зӯрозмой*).

Гӯштини маҳаллӣ яке аз навъҳои маъмули варзишҳои суннатии мардуми Бадахшон маҳсуб ёфта, то оғози солҳои панҷоҳуми садаи бистум асосан дар доираи ҷашнҳо, маросимҳои мавсимӣ ва тӯйҳои мардумӣ баргузор мегардид. Ин навъи рақобати варзишӣ на танҳо воситаи санҷиши нерӯ ва маҳорати ҷисмонӣ, балки унсури муҳими фарҳангӣ ва тарбиявӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳар ноҳияи Бадахшон паҳлавонони маъруфи худро дошт, ки корнамоиҳо ва қаҳрамониҳои онҳо то имрӯз дар хотираи мардум тавассути ривояту нақлҳо аз насл ба насл интиқол меёбанд. Аз ҷумла, водии Хуфи ноҳияи Рӯшон бо паҳлавонони номвари худ, чун Худоберди Бандишоев, Мисҷид, Ҷонбой Маликов, Давлат, Шер, Поҷварӣ Бобаров, Бодур Сафармамадов ва Кокул Сафаров шуҳрати вижа дошт.

Бозии поло («*гуйбехт*») — як навъи бозии даставии варзишӣ мебошад, ки дар он бозигарон савори асп бо истифода аз чӯбдаст тӯб («*гуй*»)-ро ба дарвоза ворид менамоянд. Дар полои аспӣ аз иштирокчиён маҳорати баланди аспсаворӣ, чолокӣ ва ҳамоҳангии ҳаракат талаб карда мешавад. Мувофиқи қоидаҳо дарозии майдони бозӣ бояд 275 метр ва паҳноии он на камтар аз 150 метр бошад. Дар канорҳои кӯтоҳи майдон дарвозаҳои болоашон кушода («*олга*» — ҷои

бурд) ҷойгир мешаванд, ки паҳноияшон 6 метрро ташкил медиҳад. Ҳудуди онҳо бо сангҳо нишон дода мешавад [2, 9].

Гӯйбозӣ дар водии Хуф, тибқи анъана, бештар дар мавсими тобистон баргузор мегардид, замоне ки аҳолӣ ба айлоқ кӯч мебаст. Пас аз гузашти ҳафт рӯз аз оғози иқомат дар айлоқ маросими «*увдайём*» (ҳафт ид) оғоз меёфт. Номи ин ойин ба он вобаста буд, ки дар тӯли ҳафт рӯзи аввал рафтуомад ба айлоқ - ҳам баромадан ва ҳам фаромадан - қатъиян манъ шумурда мешуд. Шахсе, ки ин суннати муқарраршударо вайрон мекард, муваззаф мегардид як барзагов ҷарима супорад. Барзагови ҷаримашуда забҳ гардида, гӯшти он миёни тамоми сокинони айлоқ пухта ё тақсим карда мешуд. Барои баргузории бозии гуй дар айлоққои водии Хуф маҳалле бо номи «Майдон» мавҷуд буд, ки бо шароити мусоид ва ҷойгиршавии қулайи худ маркази асосии мусобиқаҳо ба шумор мерафт.

Абзори асосии гуйбозӣ тӯб ва навъи махсуси чӯбдасти чӯбин ба шумор мерафт. Тӯби бозӣ «*гуй*» ном дошта, аз чӯб сохта шуда, қутраш тахминан 6 сантиметр мебошад. Чӯбдасти чӯбин «чигон» ном дошта, аз ду қисм иборат аст: дастаи ҳамворе, ки дарозиаш 60 сантиметр мебошад, ва қисми зарбазанандае, ки аз чӯб сохта шуда, бо кунҷи кунд ба даста пайваст мегардад ва дарозиаш 24 сантиметрро ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳқиқоти саҳроии худ дар водии Хуф оид ба ин навъи варзиши анъанавӣ М. С. Андреев чунин зикр мекунад: «Хуф бо бозигарони полои аспии худ берун аз ҳудуди водӣ низ шуҳрат дошт. Ба ин бозӣ мирони Бадахшон низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекарданд, бахусус яке аз онҳо бо номи Миршо (падари Мир Алам). Сокинони Хуф бо ифтихор ба ёд меоранд, ки яке аз беҳтарин варзишгарони хуфӣ — Нодалёб аз деҳаи Бисчив - бо даъвати Миршо ба Бадахшон рафта, дар он ҷо моҳиртарин бозигарони Бадахшонро мағлуб намуд. Ҳасудон овоза паҳн карданд, ки ӯ танҳо ба он сабаб пирӯз мегардад, ки бар аспи пастсоҳил савор мешавад. Пас аз ин ҳоким фармуд, ки ба ӯ баландтарин асп дода шавад. Нодалёб дар ин ҳолат низ на танҳо ҳамаи рақибонро шикаст дод, балки ҳунари шигифтангез нишон дод: ҳангоме ки тӯб ба миёни дарёи кӯҳии тезҷараён афтод, ӯ аспро бо тозиёна таҳрик дода, дар айни ҳол, ки асп аз болои дарё ҷаҳиш мекард, муваффақ шуд бо чиғон тӯби равонро зарба зада, онро ба соҳил барорад. Барои заковат ва чолокиаш мир ба ӯ асп ва маҷмӯи либос, аз ҷумла мӯзаи бадахшонӣ, тоқӣ, салла ва ҷома ҳадя намуд [1, 114].

Бозигари дигари маъруфи хуфӣ - аксақол Шогун - дар ҷараёни мусобиқаи поло дар Қалъаи Вомар аз майдони ҳамшафати қалъа ба тӯб

чунин зарба зад, ки он аз девори баланди қалъаи мири Рӯшон гузашта, ба ҳавлии дарунӣ, наздики ҳамсари мир, афтод. Ҳамсари мир амр дод, ки тӯб бардошта шуда, муайян карда шавад, ки чунин зарбаи қавиро кадом бозигар анҷом додааст. Шогун ба қалъа даъват карда шуд; дар он ҷо ҳамсари мир дар паҳлӯи шавҳараш нишаста буд ва ҳар ду ба ӯ мукофот доданд: мир ба ӯ асп ҳадя кард ва ҳамсараш салла ва тоқӣ бахшид [1, 114].

Бояд зикр намуд, ки бозии гӯйбозӣ на танҳо дар минтақаҳои алоҳида, балки дар дигар ноҳияҳои ҳамвори Бадахшон низ густариши назаррас доштааст. Хусусияти асосии ин навъи варзиш дар он ифода меёфт, ки барои баргузории он майдони васеъ ва ҳамвор зарур буд. Аз ҳамин сабаб, дар деҳаҳои кӯҳистонӣ ва тангдомани минтақа, ки имконияти фароҳам сохтани чунин майдонҳо маҳдуд буд, гӯйбозӣ камтар баргузор мегардид ё тамоман роиҷ набуд. Дар чунин маҳалҳо бештар навъҳои дигари бозиҳои суннатӣ, аз ҷумла чавгонбозии пиёда, инкишоф ёфта буданд, ки ба шароити ҷуғрофии маҳаллӣ мутобиқ гардида буданд.

Гуйбозӣ дар деҳаи Рохарви ноҳияи Ванҷ

Ҳамчунин қобили таъкид аст, ки дар Рохарви ноҳияи Ванҷ ҷараёни баргузории бозии гӯйбозӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони рус аксбардорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ шудааст. Мавҷудияти чунин маводи тасвирӣ аҳамияти муҳими таърихию мардумшиносӣ дошта, шаҳодат медиҳад, ки гӯйбозӣ дар ин минтақа низ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими фарҳанги варзишии анъанавӣ мавқеи хос доштааст. Ин гуна

маълумотҳо барои омӯзиши таърихи варзишҳои мардумӣ ва муайян намудани доираи паҳншавии онҳо дар ҳудуди Бадахшон аҳамияти илмии калон доранд.

Шикор дар рушди ҷисмонии сокинони Бадахшон нақши муҳим мебозид. Он дар баробари воситаи таъмин намудани аҳолӣ бо маводи ғизоӣ будан, ҳамчун мактаби тарбияи сифатҳои арзишманди ҷисмонӣ — қувва, чаққонӣ, тобоварӣ, далерӣ ва дақиқӣ — хизмат менамуд.

Мусобиқаҳои тирпаронӣ низ дар гузашта густариши васеъ дошта, то имрӯз идома доранд. Масалан, дар водии Язғулом, дар деҳаи Ҷамак, мусобиқаҳои муташаккили тирпарронони маҳаллӣ - шикорчиён баргузор мегардид. Дар бисёр ҳолатҳо нишона зардолуи хушкшудае буд, ки бо ресмон ба чӯбчае овехта мешуд ва он дар болои қуллаи сафедори баланд насб мегардид, ки ин сатҳи баланди маҳорати иштирокчиёнро талаб мекард.

Ноҳияи Рошткалъа, деҳаи Шод

Қобили зикр аст, ки дар ҷараёни тадқиқоти саҳроӣ, ки дар водии Язғулом анҷом дода шуд, ба мо муяссар гардид номи як қатор шикорчиёни маъруф ва соҳибобрӯи ин маҳалро гирдоварӣ намоем. Тибқи иттилооти шифоҳии сокинони маҳаллӣ ва ривоятҳои мардумӣ, ин афрод то имрӯз дар миёни ҷомеа бо шуҷоат, маҳорати баланди тирпаронӣ, устувории ирода ва қобилияти фавқулодаи ҷисмонии худ шуҳрат доранд.

Аз ҷумла, номҳои Санг, Муҳаммадюсуф, Сангқодир, Неъмат, Давлат, Мирзоалӣ, Имомуддин, Каша ва Сабзалӣ ҳамчун намояндагони барҷастаи анъанаи шикорчигии водӣ зикр мегарданд. Тибқи маълумоти гирдоваришуда, бархе аз онҳо на танҳо шикорчии моҳир, балки ҳамчун паҳлавонони маҳаллӣ низ эътироф шуда, дар мусобиқаҳои мардумӣ, аз қабили зӯрозмой ва тирпаронӣ, иштироки фаъол доштаанд [6].

Таҳлили ин номгӯй гувоҳӣ медиҳад, ки падидаи шикор дар водии Язғулом танҳо як воситаи таъмини рӯзгор набуда, балки унсури муҳими фарҳанги маҳаллӣ, механизми интиқоли таҷрибаи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ аз насл ба насл ва омили ташаккули нуфузи иҷтимоии фард дар ҷомеа маҳсуб меёфт.

Дар даврaҳои қаблӣ дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии аҳолии маҳаллӣ намуди варзиши анъанавӣ бо номи «*зӯрозмой*» мавқеи хосро ишғол менамуд. Ин шакли варзиш, ки решаҳои он ба суннатҳои қадимии санҷиши неруи ҷисмонӣ ва матонати мардона бармегардад, пеш аз ҳама ба бардоштани сангҳои вазнин асос ёфта буд. Моҳияти он на танҳо дар нишон додани қувваи ҷисмонӣ, балки дар муаррифии обрӯ, шаъну шараф ва мавқеи иҷтимоии паҳлавонон ифода меёфт.

Сангҳое, ки барои баргузории чунин мусобиқаҳо истифода мешуданд, аксаран шакли махсус доштанд: баъзе аз онҳо дорои даста буданд ё бо роҳи тарошидан ва ҳамворсозӣ барои бардоштани мувофиқ гардонида мешуданд. Ин ҳолат аз дараҷаи муайяни ташаккули фарҳанги варзишӣ ва мавҷудияти анъанаҳои устувори маҳаллӣ дарак медиҳад. Зӯрозмой, ба ҳайси унсури муҳими фарҳанги ғайримоддӣ, на танҳо воситаи тамрин ва таҳкими неруи ҷисмонӣ, балки майдони рақобати рамзӣ миёни паҳлавонон ба шумор мерафт, ки тавассути он мақоми иҷтимоӣ ва эҳтироми ҷамъиятӣ ба даст оварда мешуд.

Дар ноҳияи Роштқалъа яке аз намояндагони барҷастаи ин навъи варзиш Пинак аз деҳаи Тусён маҳсуб мешуд. Номи ӯ дар миёни сокинон ҳамчун рамзи неру ва устуворӣ боқӣ мондааст, ки ин аз нақши шахсиятҳои инфиродӣ дар ҳифз ва интиқоли суннатҳои варзишии маҳаллӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари чунин намудҳои варзишу машғулиятҳои анъанавӣ, ба мисли гуйбозӣ, зурозмой ва шикор, дар байни аҳолии маҳаллӣ бозии маъруфи бузкашӣ (*гуҷтижд*) низ васеъ паҳн гардида буд. Ин навъи бозии мардумӣ ҳам дар байни аҳолии кӯчманчӣ ва ҳам дар миёни сокинони муқимӣ мавқеи муҳимро ишғол менамуд. Бузкашӣ, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, на танҳо шакли фароғат,

балки унсури муҳими ташаккули малакаҳои ҷисмонӣ, шуҷоат, ҳамчунин рақобати мардона ба ҳисоб мерафт.

Аз нигоҳи тасниф, бузкашӣ ба чор навъ ҷудо мегардид: аспсаворӣ, обӣ, харкашак ва пиёдагард. Ҳадафи асосии ин бозӣ дар ҳамаи навъҳои он яксон буда, ба даст овардани лошаи буз ва расонидани он ба нуқтаи муайян (марра) маҳсуб мешуд. Дар шакли аспсаворӣ ва харсаворӣ, ки дар замини хушк баргузор мегардиданд, иштирокчиён (човандозон) мекӯшиданд лошаи бузро аз дасти якдигар кашида гирифта, бо гузаштан аз байни издиҳоми рақибон онро ба макони таъиншуда расонанд. Ғолиб он дониста мешуд, ки бо маҳорати баланд ва тавоноии ҷисмонӣ аввалин шуда ба марра расида, лошаи бузро дар он ҷо партояд ва онро ҳамчун мукофот соҳиб гардад.

Дар сохтори арзишҳои варзишии суннатии ноҳияи Роштқалъа ҷойгоҳи муҳимро бозии миллии бузкашӣ ишғол менамуд. Бузкашӣ, ҳамчун падидаи фарогири иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, на танҳо мусобиқаи ҷисмонӣ, балки саҳнаи намоиши маҳорат, ҷасорат, ҳамбастагӣ ва рӯҳияи рақобатпазирӣ ба ҳисоб мерафт. Ин навъи варзиш бештар дар ҷашнҳо, маъракаҳо ва айёми ҷамъиятӣ баргузор гардида, ба унвони омили таҳкими ҳамгироии иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳувияти маҳаллӣ хизмат мекард.

Дар ин ҷода паҳлавонони маъруф, аз ҷумла Алидод Давлатмамадов аз деҳаи Шод, Мирзоалихон Гадолиев аз деҳаи Хабост ва Муборакшо аз деҳаи Хувҷев, бо маҳорати баланд ва шуҳрати густарда шинохта мешуданд [7]. Номи онҳо дар хотираи таърихии ҷомеа ба сифати намунаи барҷастаи ҷасорат ва маҳорати варзишӣ сабт гардидааст. Дар навъи варзиши бузкашӣ, ки дар водии Хуф бо номи «*гуҷтижд*» маъруф буд, паҳлавонони шинохтае чун Сарамад, Ёдалӣ ва Хисрав миёни мардум обрӯ ва эътибори хос доштанд. Корнамоиҳои онҳо низ ҳамчун ҷузъи муҳими мероси ғайримоддии фарҳангии минтақа дар хотираи таърихии ҷомеа боқӣ мондааст.

Қобили зикр аст, ки навъи харкашак бештар дар муҳити иҷтимоии маҳдуд — махсусан дар тӯйҳои оилаҳои камбизоат ва деҳоти кӯҳистонии Бадахшон баргузор мегардид. Шумораи иштирокчиён дар ин навъи бозӣ нисбатан кам буда, хусусияти сода ва маҳдуди ташкилӣ дошт.

Навъи дигари ҷолиби бузкашӣ «бузкашии обӣ» ба шумор мерафт, ки танҳо дар шароити ҷуғрофии кӯҳистонии Помир инкишоф ёфтааст. Ин намуди бозӣ одатан дар маҳалҳое баргузор мегардид, ки заминҳои ҳамвор барои гузаронидани мусобиқаҳои анъанавӣ мавҷуд набуданд. Раванди бозӣ чунин сурат мегирифт: пирони деҳа (ақсақолон) бузро ба дарёи тезҷараён мепартофтанд ва човандозон аз

соҳил бо асп ба сӯи об ҳаракат намуда, кӯшиш мекарданд ҳайвонро аз ҷараёни об берун кашанд. Дар ҳолате, ки буз аз назди онҳо гузашта мерафт, човандоз маҷбур мешуд аз нав ба соҳил баромада, бо пешгузарӣ онро дубора таъқиб намояд. Агар бо ягон сабаб буз ғарқ мегашт, бозӣ қатъ намешуд, балки бо партофтани бузи дигар идома меёфт. Бозӣ то он замон давом мекард, ки яке аз иштирокчиён бузро ба назди доварон, ки дар соҳил ҳаракат мекарданд, бароварда партояд [3, 14].

Навъи сеюми бузкашӣ - шакли пиёдагард - низ дар байни ҷавонон маъмул буд ва талаботи баланд ба омодагии ҷисмонӣ ва устувории варзишгарон мегузошт. Ин навъи бозӣ одатан дар майдонҳои васеъ баргузор гардида, дар он 15-20 нафар иштирок менамуданд. Фарқияти асосии он аз дигар намудҳо дар он зоҳир мегардид, ки иштирокчиён бе истифодаи воситаҳои саворӣ, танҳо бо қувваи ҷисмонӣ ва малакаи шахсӣ байни ҳам рақобат мекарданд.

Дар маҷмуъ, бузкашӣ ҳамчун як анъанаи қадимӣ на танҳо аҳамияти фароғатӣ дошт, балки воситаи муҳими тарбияи ҷисмонӣ, таҳкими ирода ва ҳифзи арзишҳои фарҳангии ҷомеаҳои кӯҳистон, аз ҷумла аҳолии Бадахшон ба ҳисоб мерафт.

Яке аз бозиҳои маъруф дар фарҳанги анъанавии халқҳои Помир бозии «Сари аспа» (тирпарронӣ ба нишон ҳангоми савори асп) ба ҳисоб меравад. Ин навъи бозӣ, ки омезиши маҳорати саворагӣ ва тирпарроиро дар бар мегирад, ҳамчун шакли махсуси омодагии ҷисмонӣ ва ҳарбӣ арзёбӣ мегардад. Қоидаҳои иҷрои он вобаста ба шароити маҳаллӣ ва хусусиятҳои этнофарҳангии ҳар як ноҳияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фарқ мекарданд.

Масалан, дар ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ дар рӯи замин доираи калон бо қутри 15-20 метр муайян карда мешуд. Дар маркази он бузро бо ресмони дароз мебастанд, ки ҳамчун нишон истифода мегардид. Дар ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон ва Рошткалъа низ доира кашида мешуд, аммо барои маҳдуд сохтани ҳаракати буз ба пойҳои он санг мебастанд, то ки аз доираи муайян берун нашавад. Саворагон, ки бо милтиқҳо мусаллаҳ буданд, дар атрофи доира давр зада, ба нишон тир мепаронданд. Бузи кушташуда баъдан барои бозии бузкашӣ истифода бурда мешуд, ки ин алоқамандии функсионалии намудҳои гуногуни бозиҳои анъанавиро нишон медиҳад [5, 20].

Ин навъи бозӣ на танҳо воситаи фароғат, балки шакли муҳимми такмили малакаҳои низомӣ - аз ҷумла дақиқии тирпарронӣ, устувории ҷисмонӣ ва идоракунии асп дар шароити ҳаракат - маҳсуб мешуд. Бо назардошти шароити кӯҳистонии минтақа, чунин бозиҳо аҳамияти

амалӣ низ доштанд ва барои омодасозии аҳолӣ ба вазъиятҳои душвор мусоидат менамуданд.

Дар баробари ин, дар байни аҳолии маҳаллӣ мусобиқаҳои аспдавонӣ (савора пойга) низ васеъ паҳн гардида буданд. Одатан ин мусобиқаҳо дар ҷараёни идҳои мардумӣ, тӯйҳо ва дигар чорабиниҳои ҷамъиятӣ баргузор мегардиданд. Хусусияти баргузории пойгаҳо вобаста ба маҳал тағйир меёфт ва ҳар минтақа анъанаҳои хоси худро дошт.

Чунончи, дар шаҳри Хоруғ оғози пойга аз маҳалли Ниводак дода шуда, хатми он дар мавзеи «Амза Дашт» сурат мегирифт, ки масофаи умумии он тақрибан 15 километрро ташкил медод. Дар водии Ғунд чунин мусобиқаҳо бештар дар мавзеи Сижд Дашт баргузор гардида, шакли даврашакл доштанд. Масири мусобиқа бо парчамҳо ё сангҳо муайян карда мешуд. Доварон пешакӣ таъин гардида, қоидаҳои мусобиқа ва низоми баҳогузорӣ мушаххас мегардиданд. Ҳамчунин, ҷоизаҳо низ қаблан эълон мешуданд: масалан, барои ҷойи аввал гӯсола, барои ҷойи дуюм гӯсфанд ва барои дигар ҷойҳо туҳфаҳои гуногун пешбинӣ мегардиданд.

Илова бар ин, мусобиқаи тирпарронӣ аз камон низ вуҷуд дошт, ки танҳо пиёда баргузор мегардид. Иштирокчиён дар як саф қарор гирифта, навбат ба навбат ба ҳадафи муайяншуда тир меандохтанд. Одатан ба кадуи хушки холӣ, ки аз хокистар пур карда шуда, ба шохи дарахт овехта мешуд ва инчунин ба дигар ашё, аз қабили тоқӣ, устухон ва монанди инҳо тир мепарронданд. Чунин навъи тирпарронӣ то замонҳои наздик дар маросимҳои тӯйӣ ҳамчун бахше аз анъанаҳои мардумӣ ҳифз гардида буд.

Чунин бозиҳо ва мусобиқаҳои суннатӣ ҳамчун унсури муҳими фарҳанги ғайримоддии халқҳои Помир арзёбӣ шуда, дар баробари фароҳам овардани шароити фароғат, ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ, рушди малакаҳои ҷисмонӣ ва ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангии ҷомеа мусоидат менамуданд.

Тағйироти куллӣ дар пешрафт ва инкишофи варзиш баъд аз барқарор шудани ҳокимияти шӯравӣ ва таъсиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 1925 дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба амал омаданд.

Ҳокимияти шӯравӣ ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун воситаи тарбияи «инсони нав» аҳамияти махсус медод. Тарбияи ҷисмонӣ ба қисми ҷудонопазири низоми маориф табдил ёфт. Оҳиста-оҳиста инфрасохтори варзишӣ - майдончаҳо, варзишгоҳҳо ва толорҳо ташаккул ёфтанд.

Тирпаронӣ бо камон дар деҳаи Басиди ноҳияи Рӯшон

Дар минтақа тадриҷан:

1. мактабҳо бо дарсҳои ҳатмии тарбияи ҷисмонӣ кушода шуданд;
2. ҷамъиятҳои варзишӣ таъсис ёфтанд;
3. мусобиқаҳои оммавӣ баргузор гардиданд;

Барномаи васеи рушди минбаъдаи тарбияи ҷисмонӣ дар қарори ниҳоят муҳимми Кумитаи Марказии ҳизб аз 13 июли соли 1925 таҳти унвони «Дар бораи вазифаҳои ҳизб дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ» муайян гардида буд. Дар ин санад таъкид мешуд, ки тарбияи ҷисмонӣ набояд танҳо ба маҷмӯи машқҳои ҷисмонӣ маҳдуд гардад, балки бояд доираи васеи масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсиро фаро гирифта, аз ҷумла риояи қоидаҳои беҳдоштии меҳнат ва рӯзгор, ташкили дурусти низоми кор ва истироҳат, инчунин таҳкими саломатии аҳолиро таъмин намояд. Бо ин роҳ, тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун унсури муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва воситаи баланд бардоштани қобилияти меҳнатии шаҳрвандон арзёбӣ мегардид.

Дар соли 1932 дар назди отряди сарҳадӣ дар шаҳри Хоруғ мактаби савораи асп таъсис дода шуд, ки дар он ба таври мунтазам то 50 нафар машғулият мекарданд. Омӯзиши техникаи савораи асп на танҳо аҳамияти варзишӣ дошт, балки барои кормандони муассисаҳои гуногун, аз ҷумла табибоне, ки дар роҳҳои душворгузари кӯҳистон фаъолият менамуданд, имконияти истифодаи аспро ҳамчун воситаи асосии нақлиёт ва иртибот фароҳам месохт. Ин раванд ба

мутобиқшавии фаъолияти касбӣ ба шароити ҷуғрофии минтақаи кӯҳистон мусоидат менамуд.

Дар ҳамин давра, як навъи нави варзиш - лижаронӣ низ ба вуҷуд омад ва тадриҷан рушд ёфт. Моҳи марти соли 1936 аз ҷониби сарҳадбонони Помир ва ҷавонони шаҳри Хоруғ гузариши лижаронӣ аз рӯйи масири Хоруғ - Ғулча - Олой ба масофаи 405 километр ташкил карда шуд. Пас аз анҷоми муваффақонаи ин иқдом, иштирокчиён ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон оид ба иҷрои бомуваффақияти ин гузариш ҳисобот пешниҳод намуданд. Ин чорабинӣ на танҳо аҳамияти варзишӣ, балки хусусияти ташвиқотию ташкилӣ дошта, имкониятҳои мутобиқсозии варзиш ба шароити кӯҳистонро нишон дод.

Ғайр аз лижаронӣ, дар ҳамин солҳо дар шаҳри Хоруғ ва атрофи он конкиронӣ низ маъмул гардид. Омӯзиши ин навъи варзиш асосан аз ҷониби сарҳадбонон ба ҷавонон амалӣ карда мешуд. Дар фасли зимистон инчунин чавгонбозӣ бо шайба бозида мешуд, дар ҳоле ки дар фасли тобистон бозии чавгонбозӣ (монанд ба чавгонбозии саҳрой) ривоҷ меёфт. Ин раванд аз гуногуншавии шаклҳои фаъолияти ҷисмонӣ ва воридшавии унсурҳои нави варзишӣ ба муҳити маҳаллӣ шаҳодат медиҳад.

Моҳи марти соли 1937 ба ифтихори ифтитоҳи мавсими тобистона аввалин мусобиқаи дави масофаи кӯтоҳ (*кросс*) дар таърихи Помир баргузор гардид, ки дар он 85 нафар иштирок доштанд. Дар ин мусобиқа Е.А. Қонун ғолиб омада, рекорди нави вилоятиро ба қайд гирифт. Бори аввал ба барномаи мусобиқа давидан ба масофаҳои 1500 ва 5000 метр ворид карда шуд. Дар дави 1500 метр А. Миронов бо натиҷаи 4 дақиқаю 5 сония ғолиб гардид. Дар навъи ҷаҳиш ба дарозӣ Тарасов бо натиҷаи 5 метр 88 сантиметр ҷойи аввалро ишғол намуд [3, 25].

Аз рӯйдодҳои муҳими варзишию оммавии ин давра, ки аҳамияти муҳими мудофиавӣ доштанд, гузаришҳои пиёдагард ва лижаронии гурӯҳи иборат аз бист нафар варзишгари ҷасур аз рӯйи масири Душанбе – Хоруғ ба ҳисоб меравад. Онҳо масофаи 591 километрро дар давоми 19 рӯзи роҳпаймоӣ тай намуданд. Ҳадафи асосии ин иқдом азхудкунии роҳҳои пиёда ва лижаронӣ дар шароити зимистонаи Помир, инчунин омӯзиши имкониятҳои рушди лижаронии кӯҳӣ ва кӯҳнавардӣ дар шароити баландкӯҳи Тоҷикистон буд [4].

Дар маҷмуъ, ҳамаи ин тадбирҳо ва навовариҳо ба рушди минбаъдаи тарбияи ҷисмонӣ дар минтақаи Помир заминаи мусоид фароҳам оварданд. Ҳукумати иттиҳодӣ тарбияи ҷисмониро ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими рушди ҳамаҷонибаи инсон ва таҳкими саломатии

аҳолии меҳнаткаш арзёбӣ намуда, ба рушди намудҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла бозиҳои анъанавии халқӣ, таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Ин сиёсати муназзам боис гардид, ки варзиш тадриҷан ба як ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа табдил ёбад.Таърихи рушди варзиш дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон инъикоси таҳаввулоти иҷтимоӣ дар минтақа мебошад. Аз шаклҳои анъанавии тарбияи ҷисмонӣ, ки бар асоси эҳтиёҷоти хоҷагӣ ва ҳарбӣ ташаккул ёфта буданд, то ба муассисавигардонии густурдаи шӯравӣ — варзиш ба унсури муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа табдил ёфтааст.

Давраи шӯравӣ дар ташаккули инфрасохтори муосири варзишӣ ва омодасозии кадрҳо нақши калидӣ бозидааст. Ҳамзамон, намудҳои анъанавии варзиш то имрӯз пояи ҳувияти фарҳангии аҳолии Помирро ташкил дода, дар шароити истиқлоли давлатии Тоҷикистон низ рушд доранд.

Китобнома:

1. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф / М. С. Андреев. - Сталинабад: Издательство АН РТ, 1953. - 217с.
2. Мавлоназаров, Б. История народных игр Бадахшана / Б. Мавлоназаров. -Душанбе: 1996. – 25 с.
3. Мавлоназаров, Б. История развития физической культуры и спорта в ГБАО (1950 – 1990 гг.) / Б. Мавлоназаров. - Душанбе: Ҳумо, 2005. – 156 с.
4. Текуший архив спорткомитета ГБАО.
5. Торопов, Н.И. Национальные виды спорта и игры в Таджикистане // Н.И. Торопов. – М.: ФиС, 1944. – 86 с.

а. Гӯяндаҳо:

6. Қуқандов Ҳ. – сокини водии Язғулом, деҳаи Жамак, маълумоти олӣ, 90 сола.
7. Хушомади Алидод – сокини ноҳияи Роштқалъа, маълумоти олӣ, 53 сола.
8. Аксҳо дар Осорхонаи антропологӣ-этнографии ба номи Пётри Бузурги ш. Санкт-Петербург маҳфуз ҳастанд.

УДК: 94(575.3-25)"1925/1985"

ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ТАҲАВВУЛОТҲОИ ҶОМЕАВӢ ВА АВЗОИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ВМКБ ДАР СОЛҲОИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ (солҳои 1925-1985)

Шоинбеков Аловиддин Абдуллобекович [23]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Барои боз ҳам равшантару возеҳтар инъикос кардани заминаҳои таърихии таҳаввулотҳои ҷомеавӣ ва авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақола таърихи мухтасари таҳаввулотҳои ҷомеавӣ дар Бадахшон нишон дода шудааст. Сокинони Бадахшонӣ кӯҳӣ дар асрҳои миёна ва давраи нав сохти феодалӣ (патриархалӣ-авлодӣ) – ро аз сар гузаронда, дар қарни XX яку якбора ба сохти сотсиалистӣ гузаштанд ва дар давраи ҳокимияти Шӯравӣ дар ВМКБ таҳаввулотҳои калони ҷомеавӣ, тағйиротҳои зиёди иқтисодию иҷтимоӣ рух доданд, ки камбудиҳо низ доштанд. Бинобар ин муаллифи мақола ба омӯзиши ин масъала аз нигоҳи таърихнигорӣ диққат дода, муайян кардааст, ки барои чӣ муаррихони Шӯравӣ имконият надоштанд, ки камбудиҳои ин таҳаввулотҳоро нишон диҳанд.

Калидвожаҳо: *заминаҳои таърихӣ, таҳаввулотҳои ҷомеавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ВМКБ, муаррихон, камбудиҳо, инъикос, ҳокимияти Шӯравӣ.*

Исследование вопроса социальных изменений и социально-экономической ситуации в ГБАО в годы советской власти (1925-1985 гг).

Для более четкое и ясное отражение исторические предпосылки социальных изменений и социально-экономической ситуации в ГБАО в годы независимости Республики Таджикистан, в статье представлена краткая история социальных изменений в Бадахшане. Жители горного Бадахшана в средние века и новое время пережили феодальную (патриархально-родовую)

[23] **Шоинбеков Аловиддин Абдуллобекович** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шуъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, номзади илмҳои таърих. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992)936001970; e-mail: shoinbekovaloviddin@gmail.com.

Шоинбеков Аловиддин Абдуллобекович – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел истории, археологии и этнографии, кандидат исторических наук, Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992)936001970; e-mail: shoinbekovaloviddin@gmail.com.

Shoinbekov Aloviddin Abdullobekovich - Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department of History, Archeology and Ethnography, candidate of Historical Sciences. Address: Republic of Tajikistan, GBAO. Khorog, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992)936001970; e-mail: shoinbekovaloviddin@gmail.com.

формацию, а в XX веку резко перешли к социалистической формации. В Советский период в ГБАО переезошли крупные социальные и социально-экономические изменения, которые, однако имели свои недостатки. Поэтому автор статьи уделил внимание изучению этого вопроса с точки зрение историографии и выявил, почему советские историки не имели возможность указать на недостатки этих изменений.

Ключевые слова: *Исторические предпосылки, социальные изменение, экономическое, социальное, ГБАО, историки, недостатки, отражение, Советский власть.*

Study of Social Changes and the Socio-Economic Situation in GBAO during the Soviet Period (1925–1985)

In order to present a clearer and more comprehensive understanding of the historical prerequisites of social changes and the socio-economic situation in the Gorno-Badakhshan Autonomous Region (GBAO) during the years of independence of the Republic of Tajikistan, this article provides a brief overview of the history of social transformations in Badakhshan. The inhabitants of mountainous Badakhshan during the medieval and early modern periods experienced a feudal (patriarchal-clan) formation, and in the twentieth century they rapidly transitioned to a socialist formation. During the Soviet period, GBAO underwent significant social and socio-economic transformations, which nevertheless had certain shortcomings. Therefore, the author of the article pays special attention to examining this issue from a historiographical perspective and identifies the reasons why Soviet historians did not have the opportunity to point out the shortcomings of these transformations.

Keywords: *historical prerequisites, social changes, economic, social, GBAO, historians, shortcomings, representation, Soviet power.*

Муссалам аст, ки ҳар як тағйироте, ки дар ҷомеа рух медиҳад, заминаи таърихии худро дорад. Заминаҳои таърихии таҳаввулотҳои ҷомеавӣ ва авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз асрҳои миёна, давраи нав – “давраи Николай дар Помир”, давраи ҳокимияти Шӯравӣ сарчашма мегиранд[24]. Бинобар, ин барои боз ҳам равшантару возеҳтар инъикос кардани таърихи таҳаввулотҳои ҷомеавӣ ва авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаре ба таърихи мухтасари таҳаввулотҳои ҷомеавии Бадахшонӣ кӯҳӣ меандозем.

Сокинони Бадахшонӣ кӯҳӣ дар асрҳои миёна (асрҳои V-XV) ва давраи нав (асрҳои XVI - XIX) сохти феодалӣ (патриархалӣ-авлодӣ) ба

[24] Чуноне, ки В. Охонниёзов қайд кардааст: “Мусаллам аст, ки таҳқурсӣ ва заминаи онҳоро (дастовардҳо ва чолишҳои асри XXI) маҳз асрҳои пешин фароҳам оварда буданд. Кулли дигаргуниҳои тафаккурӣ, техникӣ ва табиӣ таъсири азиме дар фарҳанг ва муносибати инсонҳо мегузоранд, агарчи ин дигаргуниҳо худ маҳсули фарҳанг ва муносибати одамон бошанд ҳам...” [7, 5].

худ хосро аз сар мегузаронданд. Асрҳои миёна гуфта, тибқи назарияи марксистӣ асрҳои V-XV – ро ба назар мегиранд. Вале ин даврабандии таърихии чомеавӣ классикӣ (марксистӣ) ба баъзе давлатҳои Аврупо ва Амрико, ки дар давраи нав ба сохти нави сармоядорӣ гузаштанд хос аст, аммо барои таърихи Бадахшони кӯҳӣ ин даврабандӣ баробар намеояд. Он шакли классикии сохти ғуломдорие, ки вуҷуд дошт, дар Бадахшон қариб, ки мавҷуд набуд. Дар Бадахшон феодалони калон набуданд. Муносибатҳои ҷомеавӣ дар шакли патриархалӣ авлодӣ вуҷуд доштанд.

Дар илми муосири таърих якто даврабандии сохти ҷомеавии "ҳатмӣ" вуҷуд надорад. Таърихнигории муосир нисбати даврабандии таърихӣ "бо намунаҳои бисёр рафтор" ("многомоделный подход") мекунад [ниг.: 1, 433-454].

Аз ин намунаҳои бисёр "намунаи антропологӣ" барои даврабандии таърихи Бадахшон қуллайтар аст зеро ки ҳар як давраи таърихи Бадахшон бо марҳилаҳои "намунаи антропологӣ" мувофиқтар меоянд, ки онҳо чунинанд:

- марҳилаи якум ҷамоаи шикорчиён (асри санг);
- марҳилаи дуюм чорводорон ва зироаткорони нахустин (неолит ва асри биринҷ);
- марҳилаи сеюм ҷамоаҳои маҳаллӣ (локалӣ). Дар Бадахшони кӯҳӣ муддати тӯлонӣ ҷамоаҳои деҳот, муносибатҳои хешутаборӣ, коллективона муташакилона истифода бурдани об, ба ҷойи ҳокимияти синфӣ ҳокимияти авторитарӣ вуҷуд дошт;
- марҳилаи чорум ба ҳайати давлатҳо шомил шудан. (Бадахшон дар давраи қадим асрҳои миёна ва нав шомили давлатҳо буд).

Барои даврабанди таърихи сохти ҷомеавӣ дар Бадахшон "назарияи тамаддуни"-и Арнолд Тойнби боз ҳам қуллайтару дақиқтар аст. Зеро, ки тибқи назарияи ӯ минтақаҳои кӯҳӣ хусусияти хосӣ ҷомеавӣ доранд, ки ин хусусиятҳои хос инҳоанд: деҳаҳои хурди аҳолинишин; робитаҳои зичӣ хешутаборӣ; нақши баландӣ расму ойин; тағйиротҳои камсуръати ҷомеавӣ. Чунин ҷомеаҳо ҳазорсолаҳо шаклҳои қадимӣ худро нигоҳ медоранд [8, 130-145]. Бадахшони баландкӯҳи дастнорасу мушкилгузар низ шаклҳои қадиму асрмиёнагии худро то давраи барпо ва барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ нигаҳ дошт гарчанде ки дар асрҳои миёна дар фарҳанги маънавии сокинони Бадахшон низ таҳаввулоти назаррасе рух дод [ниг.: 7].

Баъзе тағйиротҳои моддӣ ва тафаккурӣ (фикрӣ) дар ҷомеаи анъанавии Бадахшон баъди худихтиёри[25] ҳамроҳшавии Помир ба Россия аллакай падид омаданд. Дар арафа, рафти ҳамроҳшавшавии Помир ба Россия ва "давраи Николай дар Помир" (1895-1918) вазифаи махсус ва аваллиндараҷа дар пеши саёҳатчиён, ҷосусон, олимону сарҳадбонони рус дар он буд, ки бо ҳар роҳу восита ба боварии мардуми маҳаллӣ дароянд, мардумро ба тарафи худ ва ҳукумати худ ҷалб кунанд, худро дар назари мардум бо адлу боинсоф нишон диҳанд, дар байни мардум соҳибэҳтиром шаванд, ба зулму ситами ҳокимони маҳаллию истилогарони афғон (ки пушту паноҳашон инглисҳо рақибони сиёсии русҳо буданд) хотима диҳанд. Ва чуноне, ки аксарияти мадракҳои сарчашмаҳои хаттӣ таърихии он солҳо, қайдҳою ёдоштҳои сайёҳону олимони рус, мақолаҳою асарҳои таърихӣ ва маълумотҳои шифоҳии то замони мо расида шаҳодат медиҳанд, ҳақиқатан ҳам аксарияти намояндагони Россияи подшоҳӣ дар Помир дар миёни мардум обрӯю эътибори хосса пайдо карданд ва мардум ҳокимияти подшоҳии Россияро дар Помир тарафдорӣ мекарданд.

Таҳаввулоти калони ҷомеавӣ дар Помир (Бадахшони кӯҳӣ) дар давраи ҳокимияти Шӯравӣ рух доданд. Барҳам додани нобаробарии иҷтимоӣ, аз байн рафтани моликияти хусусӣ, тақсими замин ба деҳқонон, эълон доштани давлати Шӯравӣ-давлати синфи коргару деҳқон, оммаи васеъро дар мадди аввал ба худ ҷалб кард. Идеологҳо-мубалиғони сохти Шӯравӣ бартарияти сохти сотсиалистию Шӯравиро ҳаматарафа аз ҳукумати подшоҳӣ ва сохти феодалӣ тарғибу ташвиқ мекарданд. Вале вақте ки дар солҳои 30-юми қарни XX ҳангоми ташкил кардани колхозҳо, инқилоби маданӣ, хатогиҳои зиёд руйи кор омаданд, озодиҳои сухан, озодиҳои динӣ манъ гаштанду, таъқиботҳои сиёсӣ авҷ гирифтанд, руҳияи бисёр касон аз ин давлат баргашт, аммо ҳангоми Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ ва баъд аз он боз идеологияи Шӯравӣ дар Бадахшон мустаҳкам гашт.

Бо барпо ва барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир (ВМКБ) дар ҳаёти ҷомеавии сокинони Бадахшони Шӯравӣ тағйиротҳои калон ба вуқӯъ омаданд. Аниқтараш сохти ҷомеавӣ ба куллӣ тағйир ёфта, ба ҷойи сохти кӯҳнаи феодалӣ (патриархалӣ-авлодӣ) сохти нави ҷомеавӣ сохти сотсиалистӣ барпо ва барқарор гашт. Чунин таъғйирот ё таҷриба дар дунё кам дида мешавад, зеро ки сокинони Бадахшони кӯҳӣ сохти сармоядориро аз сар нагузаронда, яку

[25] Ин истилоҳ ҷанбаи сиёсӣ дорад дар амал худихтиёрӣ не, мардум маҷбур шуд, дигар роҳе набуд, ки аз зулми афғон ва ҳокимони маҳаллӣ наҷот ёбанд.

якбора аз сохти патриархалӣ-авлодӣ ба зинаи сотсиалистӣ[26] гузаштанд. Ин албатта назария ва амалияи В. И. Ленин - барпокунандаи ҳокимияти Шӯравӣ (сохти сотсиалистӣ) дар аксарияти[27] ҳудуди собиқ империяи Россия буд.

Дар муҳити сиёсию ҷуғрофии он давраи Помир ин таҳаввулоти калони ҷомеавӣ бо хусусиятҳои хосӣ худ рӯйи кор омад. Якум, ин ки хабари Инқилоби октябрии сотсиалистиро сарҳадбонони рус дар Помир хеле дер баъди 9 моҳ тавассути мактуби П. Воловик 2 июли соли 1918 шуниданд. Дуюм, ин ки сардори сарҳадбонони рус дар Помир полковник В. В. Фенин умед дошт, ки ин инқилоб шикаст мехурад ва 4 моҳи дигар ҳукумати пештараи худро нигоҳ дошт вале фаҳмид, ки болшевикон пурра ғалаба кардаанд, ноябри соли 1918 бо 32 аскари қаторӣ ба воситаи Шохдараю Вахон ба Индустон мегурезад. Дар дидбонгоҳҳои сарҳадии Помир фақат якчанд офитсеру аскарони қаторӣ ва милитсияи халқӣ, ки аз байни сокинони маҳаллӣ бо теъдоди 300 нафар дар миёнаи соли 1918 таъсис дода шуда буданд монданд. Роҳбариро дар Помир капитанҳо Юнг, Заёмкин ва табиби сарҳадбонон Вичич ба ӯҳдаи худ гирифтанд. Рух додани ин воқеъаҳоро як зумра муаррихони тоҷики Шӯравӣ аз ҷумла М. Назаршоев [5, 83-87], М.Шерғозиев [9, 49], ғалабаи ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир дониста навиштаанд, ки ноябри соли 1918 ЦИК - Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Мухтори Советӣ Сотсиалистии Туркистон ба Помир гурӯҳи Комиссияи ҳарбии сиёсӣ (бо теъдоди 20 нафар аъзои РКП (б) - Ҳизби Коммунистии Россияи болшевикӣ бо сарварии коммунист А. А. Холмаков фиристонданд. Ин гурӯҳ феврали соли 1919 ба Хоруғ расиданд. Аз охири соли 1918 то аввали соли 1919 дар деҳаҳои Помир ревкомҳо (кумитаҳои инқилобӣ) ташкил карда шуданд. А. А. Холмаков бо гурӯҳи кориаш дар мустаҳкам кардани кумитаҳои инқилобӣ корҳои зиёд анҷом дод [ниг: 5,87-90] вале 23 июли соли 1919 А. А. Холмаков кушта мешавад ва роҳбарии ноҳияи Помирро афсари рус П. Воловик ва духтури ҳарбии рус Вичич ба ӯҳда мегиранд. Вале бо фаъол шудани ҳаракати босмачигӣ дар Помири Шарқӣ ва Туркистон декабри соли 1919 ба Помир гурӯҳи ҳарбиён тарафдорони сохти подшоҳии Россия бо сарварии полковник Тимофеев фиристонда

[26] Тибқи назарияи муаррихони марксизм-ленинизм инсоният панҷ зина (форматсияи ҷомеави)-ро аз сар мегузаронад, ки охиринаш баъди сохти сармоядорӣ коммунистӣ аст, ки дар он синфҳои бойу камбағал вуҷуд надорад ва истисмори одам аз тарафи одам барҳам мехуранд. Ин назария бори нахуст аз тарафи К. Маркс ва Ф. Энгелс пешниҳод карда шуд, ки баъдтар аз тарафи В. И. Ленин такмил дода шуд.

[27] Як қисмати ҳудуди собиқ империяи Россия аз қабили Финляндия аз ҳудуди империя баромад ва дар ин кишварҳо сохти сотсиалистӣ барпо нашуд.

мешаванд ва касоне ки тарафдори сохти коммунистӣ буданд ба таъқибу фишор дучор шуданд [ниг.: 5, 92-94] аммо Тимофеев ҳокимияти худро дар Помир барқарор кардан натавонист ва апрели соли 1920 ба Чатроли Ҳинд мегурезад. Пирон ва собиқ амалдорони Помир аз нав ҳокимияти худро дар Помир барқарор мекунанд.

27-уми июни соли 1920[28] як гурӯҳ ҷавонони Хоруғ (зиёда за 20 кас) бо сарварии Азизбек Наврузбеков вориди қалъаи Хоруғ шуда, онро соҳиб шуда, Пирону амалдорони маҳаллиро дигар ба қалъа роҳ надоданд ва 29-уми июни соли 1920 аз нав барпошавии ҳокимияти Шӯравиро дар Помир эълон намуданд. Баъди чанд рӯз сарҳадбонони рус коммунистҳо П. Воловик, духтур Вичич, Руднев бо ҷавонони Ишкошим тарафдорони инқилоб ба Хоруғ омада, бо ҷавонони инқилобчии Хоруғ пайваст гардиданд ва Ҳокимияти Шӯравиро дар Помир барпо намуданд [ниг.: 5, 95-96].

Доир ба ин ваъзият муаррихон донишмандони маҳаллӣ Қурбон Муҳаммадзода (Охунд Сулаймон) ва Муҳаббат Шоҳзода (Охунд Сайид Шоҳфутур) дар китоби худ “Таърихи Бадахшон” маълумоти муфассал додаанд [ниг.: 2, 1-42]. Аз ин маълумотҳо бармеояд, ки гарчанде ки аҳолии маҳаллӣ доир ба ваъзи сиёсии он давра ки дар марказҳои собиқ империяи Россия Санкт-Петербург, Москва, Тошканд рух медод, оид ба ҷангҳои шаҳрвандӣ, интервенсияи хориҷӣ дар Россия (солҳои 1918-1920) ва ҳаракатҳои босмачигарӣ дар Осиёи Миёна иттиллое надоштанд ва сарфаҳм намерафтанд бо сарварии сардорони сарҳадбонони отрядҳои ҳарбии Помир ва пирони мазҳабию амалдорони маҳаллӣ, дар таҳаввулотҳои ҷомеавии дохилии солҳои 1918-1920 фаъолона иштирок кардаанд [муфассал ниг.: 2, 24-42; 5, 86-97; 9, 47-54].

Баъди дуюмбора барпо шудани ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир (соли 1920), барои пурра барпо кардани сохти Шӯравӣ дар Помир сентябри соли 1921 ба Помир “сегонаи ҳарбӣ” бо сардории Шириншоҳ Шоҳтемур фиристода мешавад. Оид ба кору рафти фаъолият ва натиҷаҳои “сегонаи ҳарбӣ” бо сардории Ш. Шоҳтемур дар Помир ва рух додани таҳаввулотҳои гуногуни сиёсию маъмурӣ (ташкили кумитаҳои инқилоби) дар адабиёти илмӣ, илмӣ оммавӣ маълумоти зиёд дода шудааст [Аз ҷумла ниг.: 9, 34-46; 54-57].

Дар Помир то соли 1924 ва баъд бо таъсис ёфтани ВМКБ (2-юми январи соли 1925) дар солҳои 20-30-юми қарни XX ҳақиқатан

[28] Дар китоби “Таърихи ВМКБ” (Душанбе, 2005), ин саънаи таърихӣ 27-уми июли соли 1920 нишон дода шудааст [ниг.: 9, 52].

таҳаввулотҳои ниҳоят зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ–иҷтимоӣ, фарҳангӣ руйи кор омаданд [ниг.: 9, 58-102].

Барои амалӣ сохтани се вазифаи асосии сохтмони сотсиализм, коллективонии хоҷагии қишлоқ, инқилоби маданӣ, саноатикунонии мамлакат дар ИҶШС (СССР) аз ҷумла дар ВМКБ, низ таҳаввулотҳои назаррас рух доданд.

Ин таҳаввулоти ҷомеавӣ ба ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии сокинони Бадахшон таъсири калон расонд, ки оқибату натиҷаҳои он дар тӯли таърихи мавҷудияти ҳокимияти Шӯравӣ дар Бадахшон (1918-1920-1991) маълум гашт.

Аз назари таърихнигорӣ агар ба омӯзиши масъалаи таҳаввулотҳои ҷомеавӣ ва авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ (1925-1985) назар андозем аксарияти муаррихону таърихнигороне, ки тадқиқи таърихи Бадахшон рӯ оварданд, маҳз ин давраи таърихӣ яъне давраи Шӯравиро мавриди омӯзиш қарор доданд, зеро ки талаботи замону ҳизб ва сиёсати давлат ҳаминро аз онҳо талаб мекард. Муссалам аст, ки таърихшиносони Шӯравӣ то соли 1985 аз доираю чаҳорчӯбае, ки ҳизби коммунистӣ ва давлати Шӯравӣ барояшон муайян карда буд, баромадан наметавонистанд. Бинобар, ин муаррихони Шӯравӣ ба табадуллотҳою дигаргуниҳое, ки дар давраи Шӯравӣ рух доданд, яктарафа ба манфиати ҳизбу давлат фақат ҷиҳатҳои мусбии ин тағйиротҳоро инъикос мекарданд. Вале ҷиҳатҳои манфӣ, хатогиҳою камбудиҳои калоне, ки ҳангоми тақсимбандии марзию ҳудуди соли 1924, коллективонии хоҷагии қишлоқ (ташкили колхозҳою совхозҳо) кулак эълон доштани табақаҳои миёнаи ҷомеа, бо инқилоби маданию фарҳангӣ (тағйир додани алифбои форсӣ, муборизаи шаддиди атеистон зидди дину урфу одат, воридкунии босуръати фарҳанги бегона ва маҳдуд сохтани фарҳанги миллӣ), таъқиботҳои солҳои 30-юм ва оқибатҳои он, Ҷанги бузурги ватанӣ ва оқибатҳои он, камбудиҳои солҳои 60-80-уми қарни гузашта, ки рух доданд дар саҳифаҳои таърихи онрӯза инъикос наёфтанд.

Муаррихон наметавонистанд, ки ин камбудиҳои калонро рӯиросту ошкоро ба қалам диҳанд, бинобар ин вақте ки таърихи Бадахшони Шӯравиро аз назари илми таърихнигорӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор медоданд, ин камбудиҳо калонро сарф назар мекарданду (чунки талаботу воқеияти замон ҳамон хел буд) ба камбудиҳои ночизу хурдтар диққати ассосии худро равона мекарданд. Барои мисол дар ин ҷо фақат як мақолаи академик Р. Масовро мисол мебиёрем.

Таърихнигорони маъруфи тоҷик академик Раҳим Масов мақолаеро таҳти унвони “Историография Советского Бадахшана”

махсус ба таърихнигории Бадахшони Шӯравӣ бахшида, комёбиҳо ва камбудиҳои муаррихоне, ки таърихи шӯравии ВМКБ - то соли 1980 омӯхтаанд баррасӣ намудааст. Аз ҷумла камбудиҳои муаррихонро дар он мебинад, ки то кунун (яъне то солҳои 80-ум) санаи аниқи барпошавии ҳокимияти Шӯравӣ дар Помир муайян нашудааст; дар Помир қуввахои инқилобӣ буданд ё не?; Фаъолияти Сегонаи ҳарбӣ пурра инъикоси худро наёфтааст; баъзе санаҳои хронологӣ вобаста ба фаъолияти Сегонаи ҳарбӣ дар Бадахшон аниқ нашудаанд; таъсисёбии Кумитаҳои инқилобӣ, (ревкомҳо) Шӯроҳо ва вилояти Помир дар Бадахшон ба таври махсус мавриди омӯзиш қарор наёфтааст; хусусиятҳои хоси этникию ҷуғрофие, ки сабабҳои мухторияти вилояти Помир ва баъдтар Бадахшони кӯҳӣ гаштаанд, нишон дода нашудаанд ва ғайра [3, 7-34].

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳатто Р. Масов, ки бо таърихнигории дақиқу ҷасорати ҳақгӯиаш на фақат дар Тоҷикистон балки берун аз он ҳам маъруф буд, он солҳо дар ин мақолааш дар бораи камбудиҳои калонтарини “таҳаввулотҳои ҷомеавӣ”-ии давраи Шӯравӣ сухане нагуфтааст. Маҳз фақат бо эълон доштани “Бозсозӣ” ошкорбаёнӣ ва бахусус дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон академик Р. Масов ва дигар муаррихони тоҷик имконият пайдо карданд, ки ин камбудиҳоро ошкор созанд.

Мусаллам аст, ки авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ-ро низ муаррихони Шӯравӣ бештар яктарафа (ҷиҳатҳои мусбиашро) инъикос мекарданд.

Одатан барои амали сохтани тағйиротҳои ҷомеавӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) қабл аз ҳама ба тағйир додани фикру зеҳни мардум, тафаккури ҷомеавӣ такя мекунанд. Бо тағйир ёфтани тафаккур ҷомеа тағйир меёбад. Кишварҳо ё шахсони манфиатдор барои тағйир додани тафаккури ҷомеавӣ тамому роҳҳою усулҳоро истифода мебаранд. Аз ҷумла тамоми зиёиён бахусус муаррихонро вазифадор мекунанд, ки “сиёсати пешгирифтаи давлат”-ро ҳаматарафа дастгирӣ ва тарғибу ташвиқ намоянд, гарчанде вай камбудиҳо ҳам дошта бошад.

Дар барпо ва ташкил кардани сохти сотсиалистӣ дар Бадахшон, дар таъсис ва рушди 60-солаи ВМКБ (1925-1985) низ хатогиҳои зиёд рух доданд вале мусаллам аст, ки ин камбудиҳо дар саҳифаҳои таърих дар он солҳо сабт наёфтанд. Ташкилкунандагону мубаллиғони ин сохти нав фақат бартариятҳои онро инъикос мекарданд ва фақат онро нишон медоданд. Чуноне, ки Р. Масов нигоштааст: “Вазифаи мо нишон додани дастовардҳои илми таърихи шӯравӣ дар омӯзиш ва навиштани таърихи сохтмони сотсиалистӣ ВМКБ мебошад” [3,7-8].

Хуллас, дар умум дар давраи ҳокимияти Шӯравӣ дигаргуниҳои калон[29] дар тамоми самтҳои ҷомеа рух доданд, ки ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам манфии худро доштанд ва маҳз ин ҷиҳатҳо заминаҳои асосии таҳаввулотҳои ҷомеавӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд, ки ин масъалаи калидии тадқиқотҳои ояндаамон хоҳад гашт ва мо метавонем дар муқоиса бо таҳаввулотҳои солҳои қабл аз Шӯравӣ, давраи Шӯравӣ дар Бадахшон, таҳаввулотҳои ҷомеавӣ, иқтисодию иҷтимоии ВМКБ-ро дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳури Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ намоем.

Китобнома:

1. Ковальченко, И. Д. Методы исторического исследования Отделение историко-филологических наук. 2-е изд., доп. / И. Д. Ковальченко. - М.: Наука, 2003. - 486 с.
2. Қурбон Муҳаммадзода (Охунд Сулаймон), Муҳаббат Шоҳзода (Охунд Сайид Шоҳфутур). Таърихи Бадахшон. Таҳияи матн, пешгуфтор ва тавзеҳот ба кӯшиши Д. Ниёзбеков ва Ҳ. Дорғабеков. - Душанбе: Сифат-Офсет, 2021. Дафтари 4. Замони Николай. - С.1-42.
3. Масов, Р. М. Историография Советского Бадахшана / Р. М. Масов // Очерки по истории Советского Бадахшана. - Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 7-34.
4. Назаршоев, М.Н. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм / М.Н. Назаршоев. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 284 с.
5. Назаршоев, М.Н. Победа великой Октябрьской Социалистической революции и установление Советской власти на Памире / М.Н. Назаршоев //. Очерки по истории Советского Бадахшана. - Душанбе: Ирфон, 1981 . - С 80-100.
6. Назаршоев, М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР (1917-1941 гг.) / М.Н. Назаршоев. - Душанбе: Дониш, 1982. - 292 с.
7. Охонниёзов, В. Д. Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон. Китоби аввал: Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ дар Бадахшон / В. Д. Охонниёзов. - Душанбе: Сифат-Офсет, 2022. - 328 с.

[29] Чуноне, ки дар боло қайд кардем ҷомеаи анъанавии Бадахшон ҳазорсолаҳо шаклҳои қадимӣ худ бахусус сохти патриархалӣ авлодии худро нигоҳ медошт ва фақат дар замони Шӯравӣ ва баъд аз он бо суръати тезтар ба таҳаввулотҳо дучор шудан гирифт.

8. Тойнби А. Изучение истории Т.2. / А. Тойнби. – Москва: Мысль, 1990. - 432 с.
9. Шергазиев, М. Горно-Бадахшанская Автономная Область в 1918-1940 годы / История Горно-Бадахшанской Автономной области. Т. 2. Новейшая история. Глава 2. / М. Шергазиев. - Душанбе: Пайванд, 2005. – С.34-102.

УДК: 001.89(575.3-25)"1991/1996"

ТРАНСФОРМАЦИЯ СИСТЕМЫ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ ГОРНО-БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ В УСЛОВИЯХ ПОСТСОВЕТСКОГО КРИЗИСА (1991-1996 гг).

Карамова Ибодат Имомназаровна[30]

Институт гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова НАНТ

В статье рассматриваются особенности трансформационных процессов в сфере науки и образования Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО) в период 1991–1996 гг. Исследуются последствия распада СССР, экономического кризиса и гражданской войны для функционирования образовательных и научных учреждений региона. Особое внимание уделяется анализу состояния общеобразовательных школ, дошкольных учреждений, профессионально-технического образования и научных организаций. На основе архивных материалов, нормативных документов, публикаций региональной прессы и воспоминаний участников событий раскрываются основные проблемы системы образования, связанные с сокращением финансирования, ухудшением материально-технической базы, оттоком педагогических и научных кадров. Показано, что, несмотря на сложнейшие социально-экономические условия, образовательные учреждения ГБАО сумели сохранить свою деятельность, а в

[30] **Карамова Ибодат Имомазаровна** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шӯъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, ходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Холдоров, 4. Тел.: (+992) 934111976; e-mail: ibodat.karamova@mail.ru.

Карамова Ибодат Имомазаровна - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел истории, археологии и этнографии, научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 934111976; e-mail: ibodat.karamova@mail.ru.

Karamova Ibodat Imomnazarovna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department of History, Archeology and Ethnography, Researcher. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 934111976; e-mail: ibodat.karamova@mail.ru.

середине 1990-х гг. начался процесс модернизации отрасли при поддержке международных организаций. Сделан вывод о том, что именно образование и наука стали важнейшими факторами сохранения социальной стабильности и интеллектуального потенциала региона в годы кризиса.

Ключевые слова: *Горно-Бадахшанская автономная область, образование, наука, Таджикистан, постсоветский кризис, гражданская война, образовательная политика, научные учреждения, педагогические кадры, ГБАО.*

Равандҳои трансформатсионии соҳаи илм ва маорифи ВМКБ дар шароити бӯҳрони пасошӯравӣ (солҳои 1991–1996)

Дар мақола хусусиятҳои равандҳои трансформатсионӣ дар соҳаи илм ва маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) дар солҳои 1991–1996 мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Оқибатҳои пошхӯриши Иттиҳоди Шӯравӣ, бухрони иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таълимии минтақа таҳлил карда мешаванд. Диққати асосӣ ба омӯзиши вазъи мактабҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва ташкилотҳои илмӣ равона шудааст. Дар заминаи санадҳои меъёрӣ, маводи матбуоти даврӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва хотироти иштирокчиёни воқеаҳо мушкилоти асосии низоми маориф, аз ҷумла коҳиши маблағгузорӣ, фарсудашавии заминаи моддӣ-техникӣ ва муҳоҷирати кадрҳои омӯзгориву илмӣ ошкор карда шудаанд. Муайян гардид, ки сарфи назар аз вазъи ниҳоят душвори иҷтимоию иқтисодӣ, муассисаҳои таълимии ВМКБ фаъолияти худро нигоҳ дошта, аз миёнаҳои солҳои 1990 раванди навсозии соҳа бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ оғоз гардид. Хулоса карда мешавад, ки маҳз илм ва маориф ба унвони омилҳои муҳими нигоҳдории суботи иҷтимоӣ ва иқтидори зеҳнии минтақа дар солҳои бухрон хизмат намуданд.

Калидвожаҳо: *Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, маориф, илм, Ҷумҳурии Тоҷикистон, бухрони пасошӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, сиёсати маориф, муассисаҳои илмӣ, кадрҳои омӯзгорӣ, ВМКБ.*

The transformation of the science and education system in the Gorno-Badakhshan Autonomous Region amidst the post-soviet crisis (1991–1996)

This article examines the characteristics of the transformation processes in the sphere of science and education in the Gorno-Badakhshan Autonomous Region during the period 1991–1996. It explores the consequences of the collapse of the USSR, the economic crisis and the civil war for the functioning of educational and scientific institutions in the region. Particular attention is paid to analyzing the state of general education schools, pre-school institutions, vocational and technical education, and scientific organizations. Drawing on archival materials, regulatory documents, regional press publications and the recollections of those involved, the study highlights the main problems facing the education system, linked to funding cuts, the deterioration of material and technical resources, and the exodus of teaching and research staff. It is shown that, despite the extremely difficult socio-economic conditions, educational institutions in the GBAO managed to continue their activities, and in the mid-1990s a process of modernizing the sector began with the support of international organizations.

It is concluded that it was precisely education and science that became the most important factors in preserving social stability and the intellectual potential of the region during the years of crisis.

Keywords: *Gorno-Badakhshan Autonomous Region, education, science, Tajikistan, post-Soviet crisis, civil war, education policy, scientific institutions, teaching staff, GBAO.*

За семидесятилетие советского периода Горно-Бадахшанская автономная область прошла сложный путь социально-экономической и культурной модернизации. Из одного наиболее отдалённых и слаборазвитых регионов Центральной Азии, область превратилась в территорию с достаточно высоким уровнем образования, развитой сетью образовательных учреждений и сформировавшимся научным потенциалом.

О тяжёлом положении населения Памира в дореволюционный период свидетельствуют многочисленные источники. Так, барон А.А. Черкасов, посетивший регион в 1905 г., в своём докладе министру Российской империи отмечал крайнюю бедность местного населения, низкую продуктивность сельского хозяйства и тяжёлые природно-климатические условия [7, 10]. Подобные характеристики отражают реальное положение региона накануне масштабных социальных преобразований XX в.

Распад Советского Союза в декабре 1991 г. стал важнейшим рубежом в истории государств постсоветского пространства. Формирование независимого Таджикистана происходило в условиях глубокого экономического кризиса, разрушения единого народнохозяйственного комплекса и последовавшего вооружённого конфликта. Данные процессы оказали существенное влияние на все сферы общественной жизни, включая систему образования и научную деятельность.

Цель настоящей работы заключается в анализе трансформационных процессов в системе науки и образования ГБАО в период 1991–1996 г.г., выявление основных проблем функционирования образовательных и научных учреждений, а также определение факторов, способствовавших сохранению интеллектуального потенциала региона в условиях кризиса.

К началу 1990-х г, система образования Таджикистана считалась одной из наиболее развитой в Центральной Азии. Уровень грамотности населения ГБАО достигал 99 %, а образовательная сеть охватывала практически все населённые пункты страны.

В советский период органы государственной власти уделяли большое внимание подготовке педагогических кадров, строительству школ и совершенствованию учебно-воспитательного процесса.

Важную роль сыграло постановление Горно-Бадахшанского обкома партии и исполнительного комитета области «О мерах по дальнейшему развитию народного образования в ГБАО на 1971–1973 гг.», направленное на повышение качества обучения и укрепление материально-технической базы образовательных учреждений. [3,186-187].

В школах области активно внедрялись современные методы преподавания, развивалась система повышения квалификации педагогов, совершенствовалась профориентационная работа. В сельских районах успешно функционировали ученические производственные бригады, а в городах создавались межшкольные учебно-производственные комбинаты.

В результате последовательной государственной политики к 1990 г. ГБАО занимала одно из ведущих мест в республике по уровню образования населения. На тысячу жителей области приходилось 525 человек с высшим и средним образованием, что превышало среднесоюзные показатели.

После распада СССР образовательная система столкнулась с серьёзными трудностями. Анализ бюджетной системы образования Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО) свидетельствует о сохранении её приоритетного положения в структуре государственных расходов в первые годы независимости Республики Таджикистан. Так, в 1992 году на развитие сферы образования было выделено 32 млн. 689 тыс. рублей, что составляло 79,8 % общего объёма областного бюджета. В 1993 году объём финансирования возрос до 2 млрд. 930 млн. рублей, или 78,4 % совокупных бюджетных расходов. В 1994 году на нужды образовательной отрасли было направлено 8 млрд. 249 млн. 117,7 тыс. рублей, что соответствовало 57,8 % общего бюджета области [1, 6-7].

Несмотря на значительные объёмы бюджетных ассигнований, эффективность их использования оставалась ограниченной. Существенные трудности были связаны с глубокими экономическими преобразованиями, сопровождавшими распадом Советского Союза и разрывом устоявшихся хозяйственных связей между бывшими союзными республиками. До обретения независимости, образовательные учреждения ГБАО обеспечивались учебным оборудованием, строительным материалом, мебелью, учебно-методической литературой, канцелярскими принадлежностями и другими необходимыми ресурсами преимущественно через централизованную систему снабжения СССР.

После прекращения функционирования единого экономического пространства, поставки материально-технических ресурсов значительно сократились, либо полностью прекратились. В результате,

даже выделенные финансовые средства зачастую не могли быть освоены в полном объёме, поскольку отсутствовали возможности для приобретения необходимого оборудования, строительных материалов и иных товаров, обеспечивавших функционирование образовательных учреждений. Таким образом, наличие финансовых ресурсов не всегда сопровождалось реальными возможностями их эффективного использования, что существенно снижало результативность государственных мер по поддержке и развитию системы образования региона.

Сложившаяся ситуация стала одной из проявлений общего социально-экономического кризиса начала 1990-х годов, которая оказала серьёзное воздействие на состояние образовательной сферы ГБАО. В этих условиях органы управления образованием были вынуждены сосредоточить усилия не столько на развитии сети учебных заведений, сколько на сохранении уже существующей инфраструктуры и обеспечении её минимально необходимого функционирования. Это позволяет сделать вывод о том, что в рассматриваемый период ключевой проблемой являлась не только дефицит финансовых ресурсов, но и разрушение механизмов материально-технического обеспечения образовательной системы, что существенно затрудняло реализацию государственной политики в сфере образования.

Согласно статистическим данным, в 1991 году в Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО) за счёт всех источников финансирования предусматривалось создание и ввод в эксплуатацию новых объектов образовательной инфраструктуры, рассчитанных на 34 963 ученических мест в общеобразовательных учреждениях, и 5125 мест в дошкольных учреждениях. Однако реализация намеченных показателей оказалась существенно ниже запланированного уровня. В сфере общего образования было введено лишь около 60 % от предусмотренного объёма (21407 ученических мест), тогда как в системе дошкольного воспитания данный показатель составил всего 42 % (2175 мест).

Невыполнение запланированных мероприятий по развитию материально-технической базы образовательной системы было обусловлено рядом объективных факторов, важнейшим из которых стала сложная общественно-политическая ситуация в стране. Период начала 1990-х годов характеризовался нарастанием политической нестабильности, экономического кризиса и последующими вооружёнными столкновениями, что привело к сокращению объёмов финансирования социальной сферы, нарушению хозяйственных связей и замедлению темпов строительства объектов образования.

Вследствие этого значительная часть проектов по расширению сети образовательных и дошкольных учреждений не была реализована

в установленные сроки. Сложившаяся ситуация негативно отразилась на обеспеченности населения образовательной инфраструктурой, ограничила возможности для удовлетворения растущих потребностей в школьном и дошкольном образовании и стала одним из факторов, сдерживавших развитие системы образования региона в начальный период независимости Республики Таджикистан.

Одним из проявлений кризиса стало прекращение с начала 1992 г. бесплатное питание учащихся младших классов. Этот вопрос рассматривался на заседании Президиума Совета народных депутатов ГБАО с участием руководителей образовательных учреждений и представителей органов власти. Председатель областного Совета А. Искандаров отметил, что решение проблемы возможно лишь после утверждения регионального бюджета [4, 4].

Нарастающий кризис также сопровождался значительным сокращением числа педагогических работников. Только в 1992–1993 гг. более 330 учителей общеобразовательных школ области были вынуждены оставить свою профессию. Основными причинами являлись крайне низкая заработная плата, её несвоевременная выплата и ухудшение социального положения работников образования.

В ряде районов задолженность по заработной плате достигала значительных размеров. Так, в Ишкашимском районе задолженность перед работниками образования превышала 1,2 млн. рублей, а в Рошткалинском районе составляла около 400 тыс. рублей.

Но несмотря на тяжёлое материальное положение, большинство педагогов продолжали выполнять свои профессиональные обязанности. Вот что по этому поводу рассказал ветеран педагогического труда Х. Даврукова: «С образованием Рошткалинского района в 1992 г. система народного образования данного района была выведена из подчинения Шугнанского района и начала самостоятельную деятельность. До 1993 г. в Республике Таджикистан в обращении находилась валюта периода Советского Союза, а с 1994 г. — денежные знаки Российской Федерации. Заработная плата работников всех отраслей выплачивалась именно в этой валюте. Вместе с тем доступ к российским денежным средствам имели далеко не все категории населения. Работники сферы образования в тот период получали крайне низкую заработную плату. Если пересчитать её по современному курсу национальной валюты — сомони, то в 1991–1995 гг. ежемесячная заработная плата педагогов составляла приблизительно 2-3 сомони. Но всё же большинство учителей продолжали добросовестно выполнять свои профессиональные обязанности и не прекращали учебный процесс, осознавая свою ответственность перед подрастающим поколением» [8, 28-35].

Негативные последствия экономического кризиса заметно отразились и на системе дошкольного воспитания. Если в 1992–1993 учебном году в ГБАО функционировали 20 дошкольных учреждений, то к 1996–1997 гг. их число сократилось до 12. В районах Дарваза, Ванджа и Мургаба деятельность детских садов была полностью прекращена. Количество детей, охваченных дошкольным воспитанием, сократилось с 1890 человек в 1992 г. до 1164 человек в 1996 г. Закрытие дошкольных учреждений было обусловлено отсутствием финансирования, нехваткой кадров и общим ухудшением социально-экономической ситуации в регионе.

Одним из проявлений кризисных процессов стало прекращение деятельности ряда образовательных и воспитательных учреждений. Так, были закрыты два областных детских оздоровительных лагеря, располагавшиеся в сёлах Поршинев и Сучон Шугнанского района. Эти учреждения на протяжении многих лет выполняли важную функцию организации летнего отдыха, оздоровления и воспитательной работы среди школьников области.

В аналогичном положении оказались учреждения Ишкашимского района, где прекратили функционирование два государственных дошкольных интерната и Дом пионеров. Закрытие данных учреждений существенно ограничило возможности получения дошкольного воспитания и дополнительного образования для детей, особенно в отдалённых горных населённых пунктах, где альтернативные формы организации досуга и обучения практически отсутствовали.

Нестабильная общественно-политическая обстановка, ослабление механизмов государственного контроля и ухудшение материального положения населения способствовали росту случаев хищения государственного имущества. После прекращения деятельности указанных учреждений их материально-техническая база подверглась массовому разграблению. Были утрачены мебель, учебное оборудование, хозяйственный инвентарь и другие материальные ценности, накопленные в течение многих лет. Уничтожение и расхищение имущества нанесло значительный ущерб образовательной инфраструктуре региона и существенно осложнило перспективы восстановления работы данных учреждений в последующие годы.

Особую тревогу вызывало состояние общеобразовательных школ области. В рассматриваемый период практически повсеместно фиксировались случаи краж имущества из учебных заведений. Из классных помещений похищались школьные парты, стулья, оконные стёкла, отопительное оборудование и другие элементы материально-технического оснащения. Подобные инциденты носили систематический характер и охватывали значительную часть территории области. В результате образовательные учреждения

оказались в крайне тяжёлом материальном положении, что негативно сказывалось на качестве учебного процесса, условиях обучения и общей доступности образования для детей и подростков [1, 8-9].

В рассматриваемый период кризисные явления затронули не только общеобразовательные учреждения, но и организации дополнительного образования и внешкольного воспитания Горно-Бадахшанской автономной области. Вследствие массового перемещения населения, вызванного общественно-политической нестабильностью и вооружённым противостоянием в республике, здания ряда учреждений системы образования были использованы для размещения беженцев и вынужденных переселенцев. В частности, деятельность таких важных воспитательно-образовательных центров, как Дом пионеров, Станция юных натуралистов и Станция юных туристов, была фактически приостановлена, поскольку их помещения были заняты для временного проживания населения, нуждавшегося в социальной поддержке и жилье.

Сложившаяся ситуация привела к прекращению учебно-воспитательной работы в данных учреждениях, которые до начала кризиса играли значительную роль в организации внешкольного образования, развитии творческих способностей учащихся, формировании у них экологической культуры, исследовательских навыков и туристско-краеведческих компетенций. Приостановление их деятельности существенно ограничило возможности всестороннего развития подрастающего поколения и негативно сказалось на системе дополнительного образования региона в целом.

Одновременно с этим в условиях острого дефицита административных и социальных помещений органы власти были вынуждены принимать решения о перераспределении объектов образовательной инфраструктуры. По распоряжению руководства Горно-Бадахшанской автономной области значительная часть зданий образовательных и воспитательных учреждений была передана в пользование отдельным лицам, государственным учреждениям и другим организациям. Данные меры носили вынужденный характер и были обусловлены чрезвычайными обстоятельствами того времени, однако их последствия оказались весьма ощутимыми для развития региональной системы образования.

По имеющимся данным, к 1995 году более пятидесяти зданий и сооружений, находившихся на балансе органов образования городов и районов области, были переданы в ведение других учреждений и организаций. В результате произошло существенное сокращение материально-технической базы системы образования, что создало дополнительные препятствия для восстановления полноценной деятельности образовательных учреждений в последующие годы.

Утрата значительной части инфраструктурных объектов стала одним из факторов, замедливших процесс стабилизации и модернизации образовательной сферы Горно-Бадахшанской автономной области в середине 1990-х годов.

Значительное влияние на развитие системы образования Горно-Бадахшанской автономной области в первой половине 1990-х годов оказали миграционные процессы, вызванные общественно-политической нестабильностью и вооружённым конфликтом в Республике Таджикистан. В результате массового перемещения населения из различных регионов страны в область прибыло значительное количество вынужденных переселенцев и беженцев, что привело к существенным изменениям в демографической структуре региона и оказало непосредственное воздействие на образовательную сферу.

В частности, за счёт детей из семей вынужденных переселенцев в 1993–1994 учебном году наблюдался заметный рост контингента учащихся общеобразовательных учреждений области. Общая численность школьников достигла 51,5 тыс. человек, что стало одним из самых высоких показателей за рассматриваемый период. Одновременно увеличивалась потребность в педагогических кадрах для обеспечения образовательного процесса. В связи с этим численность учителей и других педагогических работников возросла до 6714 человек. Рост числа учащихся и педагогов свидетельствовал о необходимости адаптации региональной системы образования к новым социально-демографическим условиям и возрастающей нагрузке на существующую образовательную инфраструктуру.

Увеличение численности обучающихся потребовало принятия дополнительных организационных мер, направленных на расширение сети образовательных учреждений. Несмотря на сложную экономическую ситуацию, нехватку финансовых ресурсов и последствия кризисных явлений начала 1990-х годов, в области продолжалась работа по сохранению и развитию школьной сети. Если до 1993 года в регионе функционировало 310 общеобразовательных школ различных типов, то к 1996 году их количество достигло 316. Таким образом, за относительно короткий период число образовательных учреждений увеличилось на шесть единиц.

Расширение сети школ было обусловлено как ростом численности населения школьного возраста, так и необходимостью обеспечения доступности образования для детей, проживавших в отдалённых и труднодоступных населённых пунктах. В условиях горного рельефа и ограниченных транспортных возможностей сохранение территориальной доступности образовательных услуг являлось одной из важнейших задач региональных органов управления образованием.

Дополнительным фактором кризиса стала гражданская война 1992–1997 гг., оказавшая разрушительное воздействие на образовательную инфраструктуру страны. В ряде районов ГБАО школы оказались непосредственно в зоне вооружённого противостояния. Особенно тяжёлая ситуация сложилась в Дарвазском районе. В 1994–1995 гг. отдельные образовательные учреждения были разрушены полностью, а ряд школьных зданий оказались под контролем вооружённых формирований. Шесть образовательных учреждений района были уничтожены.Военные действия привели к увеличению количества детей, не охваченных обучением, росту пропусков занятий и снижению качества образования. Особенно сложное положение наблюдалось в сельской местности, где нарушались транспортные связи и возникали перебои с обеспечением школ необходимыми ресурсами.

Следует отметить, что исполнительные органы государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО), руководствуясь положениями Закона Республики Таджикистан «Об образовании» от 29 апреля 1993 года, а также «Программой развития народного образования в ГБАО», утверждённой 30 декабря 1996 года, последовательно осуществляли политику модернизации региональной системы образования и оказывали поддержку внедрению инновационных форм организации учебного процесса Данные нормативно-правовые акты стали важной основой для реформирования образовательной сферы, направленного на повышение качества обучения, расширение доступа населения к образовательным услугам и адаптацию системы образования к современным социально-экономическим условиям. [10]

Особое значение в развитии образовательной инфраструктуры региона имела поддержка инициатив международных организаций и фондов, ориентированных на совершенствование образовательной среды. В частности, решением Хукумата ГБАО была поддержана инициатива Фонда Ага Хана по созданию современного общеобразовательного учреждения нового типа. Важной особенностью данного учебного заведения является многоязычная система обучения. Образовательный процесс в лицее осуществляется на трёх языках - таджикском, русском и английском. Такой подход способствует не только формированию у учащихся высокого уровня языковой компетенции, но и расширяет их возможности для получения дальнейшего образования, участия в международных образовательных программах и развития межкультурной коммуникации. Кроме того, многоязычное образование рассматривается как один из ключевых факторов повышения качества подготовки специалистов в условиях

глобализации и интеграции Таджикистана в мировое образовательное пространство [5].

Существенным этапом в развитии национальной системы образования стало принятие нового Закона Республики Таджикистан «Об образовании», который был утверждён на сессии Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Принятие данного закона ознаменовало начало качественно нового этапа реформирования образовательной политики государства. На его основе было разработано и введено в действие более 200 нормативно-правовых документов, регламентирующих различные аспекты функционирования образовательной системы.

Среди наиболее значимых документов следует выделить Концепцию национальной школы, Положение о государственном образовательном стандарте, Положение об общеобразовательной школе, лицее и гимназии, нормативные акты, регулирующие порядок аттестации педагогических работников, а также документы, определяющие систему повышения квалификации и профессиональной переподготовки кадров. Указанные нормативные акты способствовали формированию единого образовательного пространства, совершенствованию механизмов управления образовательными учреждениями и повышению эффективности учебно-воспитательного процесса [2].

Важную роль в реализации государственной образовательной политики играют местные органы власти ГБАО. В соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об образовании», а также законодательством о местном самоуправлении и местном хозяйстве, они наделены рядом специальных полномочий в сфере образования. К числу таких полномочий относятся обеспечение функционирования образовательных учреждений на территории области, участие в разработке и реализации региональных программ развития образования, контроль за соблюдением государственных образовательных стандартов, создание условий для повышения квалификации педагогических кадров, а также содействие укреплению материально-технической базы образовательных организаций.

Таким образом, деятельность органов государственной власти ГБАО в рассматриваемый период была направлена на всестороннее развитие региональной системы образования, внедрение современных образовательных технологий и создание благоприятных условий для подготовки высококвалифицированных кадров. Реализуемые реформы способствовали повышению качества образования, расширению возможностей для получения знаний и укреплению интеллектуального потенциала региона.[9]

Кризисные явления затронули и научную сферу. Резкое сокращение финансирования научных исследований, отсутствие современного оборудования и снижение уровня оплаты труда привели к оттоку квалифицированных специалистов.Тем не менее, именно в этот сложный период были предприняты важные шаги по развитию научного потенциала региона. В 1991 г. в Хороге был основан Институт гуманитарных наук. Перед новым научным учреждением были поставлены задачи комплексного изучения языка, истории, фольклора и социально-экономического развития ГБАО.

Создание института совпало с периодом распада СССР и последовавшим экономическим кризисом, однако научный коллектив сумел сохранить свою деятельность. В 1991–1996 гг. сотрудники института продолжали научно-исследовательскую работу, защищали кандидатские и докторские диссертации, вносили вклад в изучение историко-культурного наследия региона.

Важную роль в подготовке квалифицированных кадров продолжали играть профессионально-технические учебные заведения области. Профессионально-техническое училище № 77 города Хорога, основанное в 1958 г., продолжало обеспечивать хозяйственный комплекс области специалистами рабочих профессий. Несмотря на экономические трудности, учреждение сохраняло, свою деятельность и впоследствии было преобразовано в профессионально-технический лицей.

Значительный вклад в подготовку медицинских кадров вносило Хорогское медицинское училище. Созданное ещё в 1937 г., оно обеспечивало лечебные учреждения области средним медицинским персоналом. В рассматриваемый период учебное заведение продолжало функционировать, несмотря на серьёзные финансовые трудности.

В 1993 г. в Хороге был открыт филиал Политехнического техникума города Душанбе, что расширило возможности получения профессионального образования для молодёжи региона.

Особое значение для развития образовательной системы области имело открытие в 1992 г. Хорогского государственного университета. Согласно решению Совета Министров Республики Таджикистан № 249 от 3-го мая 1992 г., в центре ГБАО был создан первый университет региона. Первоначально университет включал два факультета - гуманитарный и естественный . В них обучались около 200 студентов и работали 25 преподавателей, среди которых был один доктор наук и шесть кандидатов наук. Создание университета стало важнейшим событием в истории образования ГБАО и открыло новые перспективы подготовки высококвалифицированных специалистов научного профиля [5, 246-247].

Трансформационные процессы в сфере науки и образования Горно-Бадахшанской автономной области в этот период проходили в чрезвычайно сложных условиях политического, экономического и социального кризиса.

Вместе с тем приведённое исследование показывает, что система образования и науки ГБАО продемонстрировала высокую степень устойчивости. Благодаря самоотверженному труду педагогов и научных работников удалось сохранить непрерывность образовательного процесса и научную деятельность. Важную роль в этом процессе сыграли государственные меры поддержки, создание новых образовательных и научных учреждений, включая Хорогский государственный университет и Институт гуманитарных наук, а также помощь международных организаций.

Таким образом, образование и наука, исследуемого периода, стали одним из ключевых факторов сохранения интеллектуального потенциала и социальной стабильности Горно-Бадахшанской автономной области в период постсоветского кризиса.

Литература:

1. Гарибшоев, Г. Маорифи ВМКБ дар бист соли Истиқлолият / Г. Гарибшоев. - Хоруғ: Помир, 2011. - 192 с.
2. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 29-го апреля 1993 года.
3. История Горно-Бадахшанской автономной области // Под общей редакцией Председателя ГБАО А. Ниёзмамадова. Т.II. – Душанбе: Пайванд, 2005. - 352 с.
4. Кто накормит школьников // Бадахшон. - 1992. - № 17 (9428). - С. 4.
5. Собирова, К. Вклад международных организаций в решение политических, социально-политических, социально–экономических и культурных проблем Горно-Бадахшпнской автономной области Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2011): диссер…канд. ист.наук: 07.00.02/ Собирова Курбонбегим Давлаткадамовна; [Место защиты: Тадж. Гос.нац. ун-т].-Душанбе, 2015. - 308.
6. Хушназаров, А. Чанд андеша оиди рушди маориф / А. Хушназаров // Бадахшон. - 1998. - № 7 (8020). - С. 4.
7. ЦАУ. Уз ССР. Полит. агентство в Бухаре. д. 260 «Памиры, Шугнанское бекство: командировка в Памиры Барона Черкасова», л.л 1-3о.
8. Худобердиев, Р.Б. Проблемаҳои соҳаи маориф дар солҳои аввали Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли

ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ солҳои 1991–1996) / Р.Б. Худобердиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - 2025. - № 3–1 (40). - С. 28–35.
9. Қарори Раиси ВМКБ аз 30.12.1996 № 61 «Барномаи аз бӯҳрон баровардани соҳаи маорифи ВМКБ».
10. Қарори Раиси ВМКБ аз 30.06.1997 № 103 «Барномаи инкишофи маорифи ВМКБ».

ТДУ: 94(575.3-21)"1985/1991":323

ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР ДАВРАИ БОЗСОЗИҲОИ ГОРБАЧЁВӢ: ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ СИЁСИВУ ИҶТИМОӢ

Ҳақназар Имомназар[31]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Дар мақола хусусиятҳои асосии рушди сиёсӣ ва иҷтимоии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи бозсозиҳои горбачёвӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф моҳият ва хусусиятҳои сиёсати бозсозӣ, таъсири он ба минтақаҳои кӯҳистонии Тоҷикистон, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ВМКБ, тағйироти шуури ҷамъиятӣ ва равандҳои миллӣ дар солҳои 1985–1991-ро баррасӣ менамояд. Хулоса карда мешавад, ки бозсозӣ барои ВМКБ ҳамзамон марҳилаи навсозии ҳаёти ҷамъиятӣ ва оғози бухронҳои иҷтимоию иқтисодӣ буда, таъсири он ба рушди минбаъдаи минтақа назаррас мебошад.

Калидвожаҳо: *бозсозӣ, ошкорбаёнӣ, Горбачёв, ВМКБ, Тоҷикистон, сиёсати миллӣ, бухрони иқтисодӣ, шуури ҷамъиятӣ, охири Иттиҳоди Шӯравӣ.*

---

[31] **Ҳақназар Имомназар** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шӯъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, ходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 5661777; e-mail: i.haqnazar@gmail.com.

Хакназар Имомназар - Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел истории, археологии и этнографии, научный сотрудник. Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 5661777; e-mail: i.haqnazar@gmail.com.

Haqnazar Imomnazar –Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of NAST, Department of History, Archeology and Ethnography, Researcher. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 5661777; e-mail: i.haqnazar@gmail.com.

Горно-Бадахшанская автономная область в период горбачёвской перестройки:анализ социально-политической ситуации

В статье анализируются основные особенности социально-политического развития Горно-Бадахшанской автономной области в период горбачёвской перестройки. Рассматриваются сущность и особенности политики перестройки, её влияние на горные регионы Таджикистана, социально-экономическое положение ГБАО, трансформация общественного сознания и национальные процессы в 1985–1991 гг. Делается вывод о том, что перестройка стала для региона одновременно периодом общественной модернизации и углубления социально-экономического кризиса, оказав значительное влияние на его дальнейшее развитие.

Ключевые слова: *перестройка, гласность, Горбачёв, ГБАО, Таджикистан, национальная политика, экономический кризис, общественное сознание, распад СССР.*

The Gorno-Badakhshan Autonomous Region during Gorbachev's Perestroyka: analysis of the socio-political situation

The article examines the main features of the socio-political development of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region during the period of Gorbachev's Perestroika. It analyzes the essence and characteristics of Perestroika policies, their impact on the mountainous regions of Tajikistan, the socio-economic situation of the region, transformations in public consciousness, and national processes in 1985–1991. The study concludes that Perestroika became both a period of social modernization and the beginning of deep socio-economic crises, significantly influencing the region's subsequent development.

Keywords: *Perestroika, Glasnost, Gorbachev, Gorno-Badakhshan, Tajikistan, national policy, economic crisis, public consciousness, collapse of the Soviet Union.*

Дар нимаи дуюми асри XX Иттиҳоди Шӯравӣ ба марҳилаи буҳрони амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ ворид гардид. Сустшавии суръати рушди иқтисодӣ, коҳиши самаранокии идоракунии давлатӣ, афзоиши мушкилоти иҷтимоӣ ва маҳдуд гардидани имкониятҳои низоми маъмурию фармондеҳӣ зарурати ислоҳоти ҷиддиро ба миён оварданд. Дар чунин шароит соли 1985 бо сари қудрат омадани М. С. Горбачёв оғози марҳилаи нави рушди давлатро ифода намуда, сиёсати бозсозӣ (*перестройка*), ошкорбаёнӣ (*гласность*) ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятиро ба вуҷуд овард.

Ҳадафи расмии бозсозӣ такмили низоми сотсиалистӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, тариқи ба тадриҷ ворид кардани шаклҳои нави субъектҳои иқтисодӣ, эътирофи моликияти ғайридавлатӣ ва васеъ намудани иштироки шаҳрвандон дар

идоракунии давлат буд. Аммо раванди ислоҳот тадриҷан ба тағйироти амиқи сиёсӣ ва иҷтимоӣ оварда расонд, ки дар ниҳоят ба фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ анҷомид.

Ин равандҳо ба ҳамаи ҷумҳуриҳо ва минтақаҳои СССР, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистони куҳсор ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)-и баландкӯҳи он, таъсири бештар расониданд. ВМКБ ҳамчун минтақаи кӯҳистонӣ, сарҳадӣ ва аз марказҳои асосии иқтисодиву сиёсӣ дур ҷойгиршуда, хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии худро дошт. Аз ин рӯ, таъсири бозсозӣ дар минтақа шакл ва хусусиятҳои махсус пайдо намуд.

Таҳлили вазъи ВМКБ дар солҳои бозсозӣ имкон медиҳад хусусиятҳои фаъолияти низоми шӯравӣ дар минтақаҳои кӯҳистонӣ, омилҳои пайдоиши буҳронҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин таъсири ислоҳоти горбачёвиро ба ҷомеаи маҳаллӣ амиқтар дарк намоем. Аз ин рӯ, мақсади мақолаи мазкур таҳлили хусусиятҳои сиёсати бозсозӣ ва муайян намудани таъсири он ба вазъи сиёсиву иҷтимоии ВМКБ ва бардошти дарсҳои ибрат аз ин давраи таърихӣ мебошад.

Дар миёнаҳои солҳои 1980 Иттиҳоди Шӯравӣ ба мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид, ки болои тамоми соҳаҳои дигари давлат асари ҷиддӣ гузошт. Тавре таърихшиноси маъруфи рус Р. Медведев қайд мекунад, «Бӯҳрони низоми шӯравӣ на хусусияти гузаро, балки моҳияти амиқан сохторӣ дошта, қариб ҳамаи арсаҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифта буд» [4, 47].

Афзоиши хароҷоти ҳарбӣ (дар баробари ҷаҳони ғарб), паст шудани самаранокии истеҳсолот, ақибмонии технологӣ ва коҳиши рақобатпазирии иқтисоди миллӣ сабаб гардиданд, ки роҳбарияти шӯравӣ роҳҳои нави ислоҳотро ҷустуҷӯ намояд.

М. С. Горбачёв, ки дар таърихи Шӯравӣ аввалин Президенти он ҳам интихоб гардид, ки яке аз иқдомҳои бозсозӣ ҳам арзёбӣ мешавад, онро ҳамчун роҳи навсозии ҷомеаи сотсиалистӣ пешниҳод намуд. Ба андешаи М. С. Горбачёв, «бозсозӣ бояд воситаи навсозии ҷомеаи сотсиалистӣ мегардид ва он инқилоб аз боло ба хотири ҳифзи сотсиализм аст [2, 118]. Дар маркази сиёсати нав се самти асосӣ қарор дошт: ислоҳоти иқтисодӣ, ошкорбаёнӣ ва демократикунонӣ.

Сиёсати ошкорбаёнӣ ба густариши озодии сухан, афзоиши нақши матбуот ва муҳокимаи озодонаи масъалаҳои ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Ба назари А. Н. Яковлев «сиёсати ошкорбаёнӣ барои раҳоии афкори ҷамъиятӣ аз қолабҳои кӯҳна замина фароҳам овард [12, 216]. Дар ин давра бори аввал дар даҳсолаҳои охир ҷомеаи шӯравӣ имконият пайдо кард, ки мушкилоти воқеии иқтисодӣ ва сиёсиро

мавриди баррасӣ қарор диҳад, ки мавҷи он бо суръати баланд тамоми гӯшаҳову канорҳои кишварро фаро гирифт. .

Таърихнигори рус Рой Медведев қайд менамояд, ки бозсозӣ кӯшиши мутобиқ намудани низоми шӯравӣ ба воқеиятҳои нави ҷаҳонӣ буд, аммо роҳбарияти давлат натавонист паёмадҳои пурраи сиёсӣ ва иҷтимоии озодшавии фазои ҷамъиятиро пешбинӣ намояд. Ба андешаи ӯ, маҳз номувофиқатии байни ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ яке аз сабабҳои асосии амиқ гардидани буҳрон гардид [4, 87].

Ба ҳамин монанд, Юрий Афанасев, профессор, арбоби ҷамъиятии он замон дар осораш бӯҳрони охири низоми шӯравиро ҳамчун падидаи сохторӣ ва бозсозиро оғози раванди бознигарии тамоми низоми сиёсии шӯравӣ арзёбӣ намуд. Ба андешаи ӯ, «ҷомеа тадриҷан аз объекти идоракунӣ даст кашид ва кӯшиш кард, ки субъекти раванди сиёсӣ шавад» [1, 56].

Аммо ба назар мерасад, ки иллати аслии пош хурдани як давлати абарқудрат ба номи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ба рақобатҳои идеологӣ (ҷанги сард), фарҳангӣ ва иқтисодии ду низоми муқобили ҳам (сотсиолистӣ ва капиталистӣ) қарор дошта вобастагии бевосита дошта, дар ниҳоят зарурати таҳаввулотҳои ҷиддиро дар низоми сотсиалистӣ ба миён овард, ки дар давраи солҳои 80–90-уми асри ХХ ба авҷи худ расид. Ин давра дар таърихи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун марҳилаи таҳаввулоти ҷиддии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маъруф мебошад, ки дар ниҳоят ба рақобати низоми қавитар ба шикаст дучор шуднатиҷа расида натавонист таҳлили мазкур равшании бештар андохта метавонад. Дар ин мавриди олими америкоии арманитабор ва муҳаққиқи асосии таърихи низоми шӯравӣ Роналд Григор Сунӣ қайд мекунад, ки сиёсати бозсозӣ ба зуҳур ва фаъол гардидани зиддиятҳои қаблан ниҳонмондаи миллӣ ва иҷтимоӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ мусоидат намуд намуд» [7, 173] .

Ҳамин тавр, дар ҷумҳуриҳои миллӣ ва минтақаҳои канории Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, сиёсати мазкур на танҳо тағйироти иқтисодӣ, балки афзоиши худшиносии миллӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои рушди маҳаллиро низ ба вуҷуд овард.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар тамоми давраи шӯравӣ яке аз минтақаҳои махсуси Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Хусусиятҳои релефӣ, иқлими сахт, дурӣ аз марказҳои саноатӣ ва маҳдуд будани захираҳои иқтисодӣ, ба хусус замини корам ба рушди минтақа таъсири муайян мерасониданд.

Бо вуҷуди ин, дар давраи шӯравӣ ВМКБ аз дастгирии назарраси давлати марказ бархӯрдор буд. Муаллифони китоби «Очерки истории

ГБАО» таъкид менамоянд, ки рушди шабакаи муассисаҳои иҷтимоӣ дар Бадахшон «яке аз натичахои намоёни навсозии советии минтака гардид» [5, 173]. Аз ҳисоби маблағгузории ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ дар минтақа муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва инфрасохтори иҷтимоӣ таъсис ёфтанд.

Сатҳи саводнокӣ ба таври назаррас боло рафт [10, 238], шабакаи муассисаҳои таълимӣ густариш ёфт ва табақаи нави зиёиёни маҳаллӣ ташаккул пайдо кард. Дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят беморхонаҳо, марказҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои илмӣ фаъолият менамуданд.

Дар баробари ин, иқтисоди минтақа вобастагии ҷиддӣ аз низоми мутамаркази таъминоти давлатӣ дошт, дар мавриди ҳар гуна иқдомҳои вобаста ба иқтисоди вилоят дар марказ тасмим гирифта мешуд. Тамоми маҳсулоти озуқаворӣ, маводи сохтмонӣ, техника ва сӯзишворӣ ва ҳатто қисме аз хадамоти иҷтимоӣ аз дигар минтақаҳои ИҶШС ба ВМКБ интиқол дода мешуданд.

Муҳаққиқони тоҷик таъкид менамоянд, ки рушди ВМКБ дар доираи модели «модернизатсияи вобаста» сурат мегирифт. Дар «Таърихи халқи тоҷик» қайд мешавад, ки иқтисоди минтақаҳои кӯҳистонӣ бештар ба механизмҳои тақсимоти умумииттифоқӣ такя мекарданд [3, 462].Яъне минтақа аз имкониятҳои низоми шӯравӣ баҳра мебурд, аммо мустақилияти иқтисодии худӣ надошт. Дар чунин вазъият ҳар гуна тағйирот дар фаъолияти низоми марказонидашуда бевосита ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа таъсир мерасонд.

Мавқеи ҷуғрофии ВМКБ дар рушди минтақа нақши калидӣ дошт. Зиёда аз 95 фоизи ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медоданд. Шароити душвори табиии хоси баландкӯҳӣ имкониятҳои рушди кишоварзӣ ва саноатро маҳдуд менамуд.

Мавҷудияти роҳҳои маҳдуди нақлиётӣ ва вобастагӣ аз интиқоли мол аз берун сабаб мегардид, ки минтақа ба яке аз осебпазиртарин воҳидҳои маъмурии ҷумҳурӣ табдил ёбад.

То охири солҳои 1980 қисми зиёди буҷаи иҷтимоии вилоят аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ва кумакҳои молиявӣ таъмин мегардид. Аз ин рӯ, коҳиш ёфтани имкониятҳои иқтисодии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вазъи ВМКБ-и дурдаст нисбат ба бисёр минтақаҳои дигар таъсири бештари манфӣ расонд.

Бо дарназардошти шароити кӯҳистонӣ, камии заминҳои кишоварзӣ, маҳдудияти бозори дохилӣ ва душвориҳои нақлиётӣ, модели таъмини марказонидашуда дар шароити иқтисоди нақшавии шӯравӣ то андозае ногузир ба назар мерасид. Аммо дар дарозмуддат ин модел ба вобастагии мукаммали сохтории иқтисоди минтақа анҷом ёфт.

Ба гуфтаи муҳаққиқони тоҷик, модели рушди минтақаҳои кӯҳистонӣ асосан ба дастгирии иҷтимоӣ ва таъмини маишии аҳолӣ равона шуда буд, на ба ташаккули иқтисоди мустақили минтақавӣ [9, 291].

Дар баробари он тавре дар «Очерки истории ГБАО» таъкид мешавад, ки маҳз дар давраи Шӯравӣ шабакаи муассисаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таълимии вилоят ба таври назаррас густариш ёфт [5, 168].

Ҳамин тавр мушкилоти асосии ВМКБ ро дар замони бозсозӣ метавон ба чанд гурӯҳи асосӣ ҷудо кард:

1. Мушкилоти инфрасохторӣ: шароити душвори ҷуғрофӣ, табии ва набудани роҳҳои устувори нақлиётӣ робитаи иқтисодии минтақаҳоро маҳдуд мекард.
2. Мушкилоти иқтисодӣ: паст будани сатҳи сармоягузорӣ ва рушди саноат ҳамроҳ бо инфрасохтори заиф, ки боиси вобастагии баланд аз кӯмаки давлатӣ гардид.
3. Мушкилоти иҷтимоӣ: сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла тиббӣ ва маориф) нисбат ба дигар минтақаҳо пасттар буд.
4. Мушкилоти демографӣ: маҳдуд будани ҷойҳои корӣ боиси муҳоҷирати қисме аз аҳолиро дар дохили ИҶШС ва таъсири он ба сохтори аҳолии минтақа.
5. Ин омилҳо зарурати сиёсати мутамарказ ва барномарезии дарозмуддати давлатиро барои ин вилоят тақозо менамуданд, ки дар амал ба сатҳи зарурӣ анҷом наёфт.

Сиёсати ошкорбаёнӣ ва демократикунонӣ ба ҳаёти сиёсии ҷомеаи ВМКБ низ таъсири назаррас расонид. Дар ин давра фаъолшавии зиёиён, омӯзгорон, донишҷӯён ва намояндагони касбу кори гуногун мушоҳида гардид. Ба андешаи сиёсатшинос А. Раҳмонов, сиёсати ошкорбаёнӣ дар Тоҷикистон ба ташаккули фазои нави ҷамъиятӣ мусоидат намуда, иштироки гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро дар муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ба хусус фарҳангӣ ва миллӣ фаъол гардонд [13, 74].

Матбуоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ масъалаҳои доғ ва қаблан пӯшида мондаро бештар баррасӣ мекарданд. Мавзӯъҳои вобаста ба рушди иқтисодӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, мушкилоти минтақаҳои кӯҳистонӣ ва масъалаҳои фарҳангӣ бештар дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор гирифтанд.

Ба ақидаи сиёсатшиноси тоҷик Абдуллоҳи Раҳнамо, охири солҳои 1980 барои ҷомеаи Тоҷикистон давраи ташаккули фазои нави ҷамъиятӣ ва сиёсӣ гардид, ки дар он нақши афкори ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои шаҳрвандӣ тадриҷан меафзуд.

Дар ВМКБ низ равандҳои мазкур ба болоравии фаъолнокии шаҳрвандӣ мусоидат намуданд. Шаҳрвандон бештар масъалаҳои рушди заифи минтақа, муносибатҳои марказ ва маҳал, инчунин роҳҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоиро муҳокима менамуданд. Таъсиси ниҳодҳои нав дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шакли ташкилотҳои ғайри давлатӣ, таъсиси рӯзномаҳои маҳаллӣ оғоз гардид.

Дар шароити ошкорбаёнӣ зиёиёни маҳаллӣ ба яке аз қуввaҳои муҳими иҷтимоӣ табдил ёфтанд. Омӯзгорон, кормандони фарҳанг, рӯзноманигорон ва намояндагони доираҳои илмӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши фаъол доштанд.

Таваҷҷуҳ ба омӯзиши таърих, фарҳанг ва мероси маънавии Бадахшон бештар гардид. Маҳз ҳамин муҳити фикрӣ барои рушди худшиносии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ замина фароҳам овард.

Ба гуфтаи таърихшинос Иброҳим Усмонов, охири солҳои 1980 барои ҷомеаи Тоҷикистон марҳилаи бедории фаъоли тафаккури миллӣ ва шаҳрвандӣ гардид, ки таъсири он дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ эҳсос мешуд [10, 211]. Ба андешаи ӯ, «равандҳои солҳои охири шӯравӣ барои ташаккули худшиносии сиёсӣ ва миллии ҷомеаи Тоҷикистон аҳамияти калидӣ доштанд» [10, 217].

Дар нимаи дуюми солҳои 1980 буҳрони иқтисодии умумииттифоқӣ тадриҷан амиқ гардид. Коҳиши истеҳсолот, мушкилоти таъминот ва заифшавии робитаҳои иқтисодӣ ба минтақаҳои вобаста аз марказ таъсири ҷиддӣ расонид. Ба таъкиди М. Саломиён, солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ барои Тоҷикистон давраи шиддат гирифтани мушкилоти иқтисодӣ ва коҳиши самаранокии низоми идоракунии марказонидашуда ба ҳисоб мерафт. Ин раванд махсусан дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистонӣ бештар ва шадидтар эҳсос мегардид [6, 326].

ВМКБ низ аз ин раванд бештар таъсирпазир ва аз ин рӯ ҳам осебпазиртар буд. Қисми зиёди маҳсулоти истеъмолӣ аз дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ворид карда мешуд. Аммо бо суст шудани фаъолияти механизми тақсимоти давлатӣ таъминоти аҳолӣ ба маротиб мушкил гардид.

Мушкилоти нақлиётӣ вазъро боз ҳам душвортар менамуд. Дар фасли зимистон баъзе роҳҳои асосӣ баста шуда, интиқоли маводи ғизоӣ ва сӯзишворӣ маҳдудтар мегардид. Дар натиҷа норасоии маҳсулоти аввалиндараҷа, болоравии нархҳо ва коҳиши сатҳи зиндагӣ мушоҳида гардид. Дар ҷомеа эҳсоси ноустуворӣ ва нигаронӣ афзоиш ёфт.

Олим, сиёсатшиноси рус Валерий Тишков таъкид мекунад, ки минтақаҳои дурдасту канории Иттиҳоди Шӯравӣ буҳрони охири

солҳои 1980-ро бештар аз марказҳои сиёсӣ ва саноатӣ эҳсос мекарданд, зеро онҳо аз низоми ягонаи тақсимоти давлатӣ вобастагии баланд доштанд [8, 97].

Барои аҳолии ВМКБ мушкилоти иқтисодӣ на танҳо масъалаи таъминот, балки масъалаи амнияти иҷтимоӣ низ гардид. Зеро дар шароити кӯҳистон имкониятҳои худтаъминкунӣ ниҳоят маҳдуд буданд. Аммо таҳлили дақиқтари масъала нишон медиҳад, ки мушкилоти асосӣ на дар набудани сармоягузории давлатӣ, балки дар хусусияти модели рушди интихобшуда ифода меёфт. Зеро сиёсати давлати воҳид асосан ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва таъмини аҳолӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, дар ҳоле ки ташаккули иқтисоди худинкишофёбандаи минтақавӣ дар мадди назар қарор надошт.

Муаллифони ҷилди шашуми «История таджикского народа» таъкид менамоянд, ки рушди минтақаҳои кӯҳистонии Тоҷикистон дар солҳои шӯравӣ асосан дар доираи сиёсати иқтисодии умумииттифоқӣ амалӣ мегардид [3, 261].

Яке аз натиҷаҳои муҳимтарини бозсозӣ тағйирёбии шуури ҷамъиятӣ буд. Озод гардидани муҳокимаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ ба ташаккули муносибати нави ҷомеа нисбат ба масъалаҳои миллӣ ва фарҳангӣ мусоидат намуд.

Дар ВМКБ таваҷҷуҳ ба таърихи маҳаллӣ, фарҳанги мардумӣ ва арзишҳои маънавӣ бештар гардид. Дар ин маврид олимони бисёр ба тавофуқ расиданд, ки бедории ҳувияти миллӣ одатан дар заминаи таваҷҷуҳи бештар ба таърих ва хотираи ҷамъиятӣ ба амал меояд. Бисёре аз масъалаҳое, ки солҳои қаблӣ дар доираи маҳдуд ё пинҳонӣ муҳокима мешуданд, акнун ба мавзӯи баҳсҳои ҷамъиятӣ табдил ёфтанд.

Таърихшиносон қайд менамоянд, ки афзоиши таваҷҷуҳ ба мероси таърихӣ ва фарҳангӣ яке аз падидаҳои хоси охири солҳои 1980 дар тамоми ҷумҳуриҳои шӯравӣ буд, ки гӯшаҳои дурдасти мисли ВМКБ ҳам аз он дар канор намонд.

Давраи бозсозӣ на танҳо ба тағйироти сиёсӣ, балки ба бознигарии тасаввуроти сокинони минтақа дар бораи ҷомеа, давлат ва мавқеи худ дар низоми сиёсӣ мусоидат намуд. Агар дар даврaҳои пешин қисми зиёди аҳолӣ рушди иҷтимоиро бо фаъолияти давлат ва низоми марказонидашуда алоқаманд медонистанд, пас дар охири солҳои 1980 масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, худидоракунӣ ва ҳифзи манфиатҳои маҳаллӣ бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Ин раванд махсусан дар байни зиёиён ва ҷавонон бештар мушоҳида мегардид.

Дар ҳамин давра таваҷҷуҳ ба масъалаҳои динӣ низ афзоиш ёфт. Ба таъкиди ҷомеашиноси маъруфи қарни XX Питер Бергер, дар шароити буҳронҳои иҷтимоӣ ҷомеа бештар ба низомҳои маънавӣ ва фарҳангӣ такя мекунад. Пас аз даҳсолаҳои маҳдудиятҳои идеологӣ ҷомеа тадриҷан ба арзишҳои анъанавӣ ва маънавӣ рӯ овард, ки дар ҷомеаи вилоят ташаннуҷи доимиро ба миён овард.

Дар ВМКБ равандҳои миллӣ асосан хусусияти фарҳангӣ ва ҳувиятӣ дошта, бештар дар таваҷҷуҳ ба таърих, забон, фарҳанг ва мероси маънавӣ, расму русумоти динӣ зоҳир мегардиданд. Чунин равандҳоро хусусияти хоси ҷомеаҳое мебошад, ки дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ қарор мегиранд. Дар ин маврид Яковлев А. Н.,яке аз назарияпардозони асосии сиёсати бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ (гласность) мегӯяд, ки «сиёсати ошкорбаёнӣ боиси афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеа ба омӯзиши таърихи миллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ гардид.» (Гласность пробудила интерес общества к собственной истории и национальному самосознанию») [12, 176].

Муаллифони асари «Тоҷикистон дар асри XX» қайд менамоянд, ки охири солҳои 1980 барои ҷомеаи ҷумҳурӣ, ба шумули ВМКБ давраи фаъол гардидани равандҳои худшиносии миллӣ ва иҷтимоӣ гардид [9, 287].

Дар давраи бозсозӣ аҳамияти геополитикии ВМКБ низ нигоҳ дошта мешуд. Минтақа бо Афғонистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамсарҳад буда, дар низомиидеологӣ ва ба хусус амниятии Иттиҳоди Шӯравӣ мавқеи муҳимро ишғол мекард.

Хусусан идомаи нооромӣ дар Афғонистон ва ҳузури неруҳои шӯравӣ дар ин кишвар масъалаҳои амнияти сарҳадиро муҳимтар мегардониданд.

Бо вуҷуди ин, охири солҳои 1980 роҳбарияти шӯравӣ бештар ба ҳалли мушкилоти дохилии давлат машғул буд. Дар чунин шароит масъалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои сарҳадӣ, ба вижа ВМКБ тадриҷан ба мушкилоти ҷиддитар рӯ ба рӯ шуданд.

Ба ибораи дигар, мавқеи сарҳадии ВМКБ дар давраи ҷанги сард барои Иттиҳоди Шӯравӣ аҳамияти стратегӣ дошт. Аз ин рӯ, давлат барои нигоҳдории суботи иҷтимоӣ, рушди маориф, тандурустӣ ва инфрасохтори маъмурӣ маблағҳои назаррас ҷудо менамуд. Аз ин ҷиҳат аҳамияти геополитикии минтақа барои аҳолӣ натиҷаи мусбат дошт.

Аммо тарафи дигар, дар баробари ин, таваҷҷуҳи марказ бештар ба вазифаҳои амниятӣ ва сиёсӣ равона гардида буд, на ба ташаккули иқтисоди худинкишофёбандаи маҳаллӣ. Аз ин рӯ, вобастагии минтақа аз кӯмакҳои марказӣ тадриҷан зиёд гардид. Баъди сустшавии низоми

шӯравӣ маҳз ҳамин вобастагӣ ба яке аз омилҳои асосии буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ табдил ёфт.

Аз як тараф, аҳамияти стратегии минтақа боиси ҷалби захираҳои назарраси давлатӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ гардид. Аз ҷониби дигар, афзалияти вазифаҳои сиёсӣ ва амниятӣ нисбат ба масъалаҳои ташаккули иқтисоди худинкишофёбандаи маҳаллӣ вобастагии минтақа аз марказро нигоҳ дошт 139, 205].

Таҳлил нишон медиҳад, ки давраи бозсозӣ барои ВМКБ дар маҷмӯъ ҳамзамон марҳилаи ислоҳот, буҳрон ва трансформатсияи амиқи иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии охири Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи ин минтақаро хеле зуд фаро гирифтанд.

Дар адабиёти таърихӣ давраи бозсозӣ ҳамчун марҳилаи гузариш аз низоми шӯравӣ ба воқеиятҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад [1, 294].

Аз як тараф, сиёсати ошкорбаёнӣ ва демократикунонӣ ба фаъол гардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ, болоравии худшиносии иҷтимоӣ ва рушди муҳокимаҳои ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Аз ҷониби дигар, заиф гардидани низоми мутамаркази иқтисодӣ вобастагии сохтории ВМКБ-ро комилан ошкор карда, ба амиқ гардидани мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оварда расонд.

Таҷрибаи рушди ВМКБ нишон медиҳад, ки сиёсати шӯравӣ, бо назарддошти мавқеъияти геосиёсии он, дар баробари заминагузории зерсохтори иҷтимоӣ вобастагии иқтисодии минтақаро аз марказ то охир нигоҳ дошт [6, с. 203].

Баъди сустшавӣ ва фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ маҳз ҳамин вобастагӣ ба яке аз омилҳои асосии буҳронҳои солҳои аввали истиқлолият дар Тоҷикистон табдил ёфт, ки таъсири манфии он бештар ба ВМКБ дурдаст расида буд.

Таҷрибаи таърихии ВМКБ ҳамчунон нишон медиҳад, ки сиёсати шӯравӣ барои минтақа ҳамзамон натиҷаҳои назарраси модернизатсионӣ ва маҳдудиятҳои сохторӣ ба вуҷуд овард. Аз як тараф, маҳз дар ҳамин давра низоми муосири иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, идоракунӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ) то ҳадде ташаккул ёфт. Аз ҷониби дигар, вобастагии баланди иқтисодӣ аз марказ ва суст будани механизмҳои худинкишофёбии иқтисоди маҳаллӣ баъди сустшавии низоми шӯравӣ ба яке аз омилҳои асосии буҳрон табдил гардид.

Дар маҷмӯъ, омӯзиши таҷрибаи ВМКБ дар давраи бозсозӣ барои дарки равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар охири асри XX аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ба назари муаррих А. Шоинбеков: «Дар умум дар давраи ҳокимияти Шӯравӣ дигаргуниҳои калон дар тамоми самтҳои ҷомеа рух доданд, ки ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам манфии худро доштанд ва маҳз ҳамин ҷиҳатҳо заминаҳои асосии таҳаввуулотҳои ҷомеавӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд» [11, 279].

Ҳамин тавр дар маҷмӯъ, таҷрибаи таърихии ВМКБ нишон медиҳад, ки сиёсати шӯравӣ барои минтақа наметавонад танҳо мусбат ё танҳо манфӣ арзёбӣ гардад.

Ба ҳамин тариқ дар умум, таҷрибаи ВМКБ дар замони бозсозӣ нишон медиҳад, ки модели шӯравии рушди минтақаҳои кӯҳистонӣ дорои хусусияти дугона буд. Он аз як тараф ба хотири мавқеияти геосиёсии ин вилоят рушди масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таъмини сатҳи муайяни зиндаии аҳолии онро ҳамеша дар зери назорати доимӣ дошт. Аммо бино бар сабабҳои объективӣ (табиӣ, дурдастӣ ва ғайра) масъалаҳои вобаста ба заминагузории пояи иқтисоди худи минтақа ба давраҳои номаълум вогузор шуда, вобастагии ҳамаҷонибаи вилоятро аз марказ хеле тақвият дод, ки сабаби асосии бӯҳрони шадиди тамоми соҳаҳои ҳаёти ВМКБ ва ноомодагии комили онро ҳам гардид

Китобнома:

1. Афанасьев, Ю. Н. Иного не дано / Ю.Н. Афанасьев. – М.: Прогресс, 1988. – 672 с.
2. Горбачёв, М. С. Перестройка и новое мышление для нашей страны и для всего мира. – М.: Политиздат, 1987. – 272 с.
3. История таджикского народа. Т. VI. – Душанбе: Дониш, 2011. – 724 с.
4. Медведев, Р. А. Советский Союз: последние годы жизни / Р. А.Медведев. – М.: Время, 2010. – 624 с.
5. Очерки истории Горно-Бадахшанской автономной области. – Душанбе: Дониш, 2005. – 430 с.
6. Саломиён, М. Таърихи Тоҷикистон дар асри XX / М. Саломиён. – Душанбе, 2014. – 480 с.
7. Суни, Р. Г. Месть прошлого: национализм, революция и распад Советского Союза / Р.Г. Суни. – М.: РОССПЭН, 2001. – 424 с.
8. Тишков, В. А. Очерки теории и политики этничности в России / В.А. Тишков. – М.: Русский мир, 1997. – 532 с.
9. Тоҷикистон дар асри XX. – Душанбе, 1999. – 510 с.
10. Усмонов, И. Таърихи навини Тоҷикистон / И. Усмонов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 568 с.
11. Шоинбеков, А. А. Омӯзиши масъалаи таҳаввулоти ҷомеавӣ ва авзои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар солҳои Ҳокимияти

шӯравӣ (1925-1985) / А.А. Шоинбеков // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2026. - № 1. – С. 272-281.
12. Яковлев, А. Н. Сумерки / А.Н. Сумерки. – М.: Материк, 2003. – 688 с.
13. Раҳмонов, А. Тоҷикистон: таърихи муосир / А. Рахмонов. – Душанбе: Дониш, 2018. – 420 с.

ТДУ: 338.1(575.32)"1925/1950":94(575.32)

МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ БАДАХШОН ДАР СОЛҲОИ 1925–1950

Ардабаева Мадина Шодиевна[32]

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров АМИТ

Дар мақола марҳилаҳои асосии рушди иқтисодии Бадахшон дар солҳои 1925-1950 мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. муаллиф равандҳои тағйирёбии иқтисоди анъанавии минтақа дар заминаи сиёсати навсозии шӯравӣ, аз ҷумла, истилоҳоти аграрӣ, коллективонӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва ташкили корхонаҳои давлатӣ-саноатиро баррасӣ менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаи кӯҳистон, таъсири ҷудоии ҷуғрофӣ ба равандҳои иқтисодӣ ва тадриҷан ворид шудани Бадахшони Кӯҳӣ ба низоми иқтисодии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон равона шудааст. Хулоса мешавад, ки сарфи назар аз мушкилоти табиӣ-иқлимӣ, солҳои 1925-1950 марҳилаи ҳалкунанда дар ташаккули сохтори иқтисодии Бадахшон ба шумор мерафтанд.

Калидвожаҳо: *Бадахшон, иқтисод, коллективонӣ, кишоварзӣ, навсозии шӯравӣ, Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ), инфрасохтор, минтақаҳои кӯҳӣ, рушди иқтисодӣ, Помир.*

---

[32] **Ардабаева Мадина Шодиевна** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, шӯъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, ходими илмӣ. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4. Тел.: (+992) 935353168; e-mail: madina.ardabaeva@mail.ru.

Ардабаева Мадина Шодиевна – Институт гуманитарных наук имени академика Б. Искандарова НАНТ, отдел истории, археологии и этнографии, научный сотрудник. Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. У. Холдорова, 4. Тел.: (+992) 935353168; e-mail: madina.ardabaeva@mail.ru.

Ardabaeva Madina Shodievna – Institute of Humanitarian Sciences named after academician B. Iskandarov of the NAST, Department of History, Archeology and Ethnography, Researcher. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, U. Kholdorov Str., 4. Tel.: (+992) 935353168; e-mail: madina.ardabaeva@mail.ru.

Основные этапы экономического развития Бадахшана в 1925-1950 гг.

В статье анализируются ключевые этапы экономического развития Бадахшана в 1925-1950 гг. Автор рассматривает трансформацию традиционной экономики региона в контексте советской модернизации, включая аграрные реформы, коллективизацию, развитие транспортной инфраструктуры и создание государственных промышленных предприятий. Особое внимание уделено социально-экономической специфике высокогорья, влиянию географической изоляции на хозяйственные процессы и постепенной интеграции Бадахшана в экономическую систему Таджикской ССР. основан вывод о том, что, несмотря на суровые природно-климатические условия, период 1925-1950 гг. стал определяющим в формировании современной экономической структуры региона.

Ключевые слова: *Бадахшан, экономика, коллективизация, сельское хозяйство, советская модернизация, Таджикская ССР, инфраструктура, горные регионы, экономическое развитие, Памир.*

The Main Stages of Economic Development in Badakhshan (1925–1950)

This paper analyzes the key stages of Badakhshan's economic development between 1925 and 1950. The author examines the transformation of the region's traditional economy driven by Soviet modernization policies, including agrarian reforms, collectivization, transport infrastructure development, and the establishment of state-owned industrial enterprises. Special attention is paid to the socio-economic characteristics of the highlands, the impact of geographical isolation on economic processes, and the gradual integration of Badakhshan into the economic system of the Tajik SSR. The study concludes that , despite severe climatic and environmental challenges, the 1925-1950 period was pivotal in shaping the region's modern economic structure.

Keywords: *Badakhshan, economy, collectivization, agriculture, Soviet modernization, Tajik SSR, infrastructure, mountainous regions, economic development, Pamir.*

Таърихи иқтисодии Бадахшон дар маҷмуи таърихи умумии Тоҷикистони давраи шӯравӣ ҷойгоҳи вижаю стратегӣ дорад. Дар ибтидоидавраи шӯравӣ Бадахшон, ки дар қисмати шарқии кӯҳистонии ҷумҳурӣ ҷойгир аст, таърихан яке аз минтақаҳои аз лиҳози иқтисодӣ ақибмонда, ҷудошуда ва душворгузари Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт. Шароити сахти табий-иқлимӣ, маҳдуд будани заминҳои корам, набудани роҳҳои иртиботии муосир ва бартарии мутлақи хоҷагии натуралии деҳқонӣ, сохтори анъанавии минтақаро то барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ муайян менамуданд. Аз ин рӯ, омӯзиши раванди табдил додани як минтақаи ҷудошудаи кӯҳистон ба як сохтори мутамаркази иқтисодӣ аз назари илми таърих ва иқтисоди муқоисавӣ мубрамияти хос дорад.

Аҳамияти вижаи ин мавзуъ зарурати таҳлили амиқи адабиёти илмиро тақозо мекунад, зеро равандҳои навсозии шӯравӣ дар Помир даар асарҳои таърихнигорони шӯравӣ ва ватанӣ то имрӯз танҳо қисман инъикос ёфтаанд. Омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ин давра дар тадқиқоти Х. Пирумшоев, Б. Искандаров ва М. Назаршоев баррасӣ шуда бошанд ҳам, хусусиятҳои хоси сохтории гузариши иқтисоди анъанавии кӯҳистон ба низоми банақшагирии шӯравӣ, бахусус дар солҳои 1925-1950, то ҳол ба таври алоҳида ва мутамарказ камтар мавриди таҳлили амиқи иқтисодӣ-таърихӣ қарор гирифтааст. Муносибатҳои нави иқтисодӣ дар шароити ҷудоии ҷуғрофӣ ниёзи баррасии дубораро бо истифода аз сарчашмаҳои нави архиви талаб мекунад.

Ин марҳила аз лаҳзаи ташкилёбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (1925) оғоз ёфта, давраҳои мураккаби ислоҳоти аграрӣ, коллективонии маҷбурӣ, давраи вазнини ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарории пас аз ҷангро, то соли 1950 дар бар мегирад. Дар ин муддат ҳукумати шӯравӣ ислоҳоти фарогиреро амалӣ намуд, ки ба таҷдиди хоҷагии қишлоқ, таҳкими идоракунии давлатӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла, сохтмони шоҳроҳи Помир ва ворид намудани минтақаҳои дурдаст ба низоми мутамаркази иқтисодии ҷумҳурӣ равона гардида буданд.

Маҳз таҳлили моҳияти ин табдил як ҷанбаи нав дар шинохти ин давра мегардад, зеро навоварии илмии ин тадқиқот дар он аст, ки раванди навсозии иқтисодии Бадахшон на танҳо ҳамчун як раванди идеологӣ, балки ҳамчун модели хоси мутобиқшавии низоми иқтисодии мутамарказ ба шароити экстремалии кӯҳистон баррасӣ мешавад. Мақола дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, усули низомӣ ва таҳлили омории нишондиҳандаҳои иқтисодии давраи мазкур омода шудааст, зеро ин тағйирот ба тарзи анъанавии зиндагии аҳолии маҳаллӣ таъсири амиқ расонида, заминаи рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии Помирро фароҳам овард.

Бо назардошти аҳамияти ин заминаҳои таърихӣ, ҳадафи асосии тадқиқоти мазкур таҳлили комплексӣ, марҳила ба марҳила ва сохтори рушди иқтисодии Бадахшон дар солҳои 1925-1950 буда, муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон (ҳам мусбиву ҳам манфӣ) ба навсозии иқтисодии минтақа ва оқибатҳои иҷтимоии онро пешбинӣ мекунад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, пеш аз ҳама, зарур аст, ки ҳолати аввалияи низоми хоҷагидории минтақа мавриди баррасӣ қарор гирад.

То сохтмони низоми шуравӣ ва табдил додани сохти маъмурии минтақа, иқтисодиёти Бадахшон комилан хусусияти аграриву

чорводорӣ дошта, бар қонуниятҳои хоҷагии натуралии пӯшида устувор буд. Шароити махсуси геоморфологии минтақа, ки бо занҷираи кӯҳҳои баланди Тиёншон ва Ҳиндукуш иҳота шудааст, релефи душворгузар ва иқлими контененталии хушк (аридӣ)-ро ба вуҷуд оварда буд [3, 45]. Дар ин шароит, зироаткорӣ на дар ҳама ҷо, балки танҳо дар водиҳои танги кӯҳӣ ва саҳроҳои наздисоҳилии дарёҳҳои Панҷ, Ғунд, Бартанг ва Шоҳдара мутамарказ гардида буд, ки дар онҳо заминҳои

обёришаванда мавҷуд буданд. Асоси зироаткории анъанавиро зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгӣ ташкил медоданд, ки ба иқлими сарди кӯҳистон тобовар буданд. Муҳаққиқи барҷастаи заминҳои Помир, академик Н.И. Вавилов, ки соли 1916 ба ин минтақа сафари илмӣ карда буд, қайд мекунад, ки навъҳои маҳаллии гандуми кӯҳӣ, бахусус гандуми резаи помирии *Triticum antiquorum* ва ҷав дар баландиҳои то 3000 метр аз сатҳи баҳр ягона манбаи таъминоти озуқавории мардум ба шумор мерафтанд [1, 112]. Аҳолии маҳаллӣ ба парвариши навъҳои зерин машғул буданд:

–ғалладонагиҳо: гандум (баҳориву тирамоҳӣ), ҷав, арзан;

–лӯбиёгиҳо: боқло, нахуд ва наск;

–зироатҳои полизӣ ва боғдорӣ, бахусус тут, ки дар Помири Ғарбӣ ҳамчун «нони дуюм» истифода мешуд, инчунин зардолу ва себ.

Бинобар маҳдудияти шадиди заминҳои корам ва набудани техникаи кишоварзӣ, асбобҳои асосии меҳнат ниҳоят содда буда, барои шудгори замин аз олоти чӯбини анъанавӣ – "*супор*" – омоч, ки онро барзаговҳои маҳаллӣ ё қутосҳо мекашиданд, истифода мешуд [8, 18]. Маҳсулнокии замин ниҳоят паст буда, ҳаҷми ҳосил ба шиддати омилҳои табиӣ, аз ҷумла сармои бармаҳал ва камобии дарёҳо вобастагии мутлақ дошт. Чунин маҳдудияти соҳаи кишоварзӣ зарурати рушди соҳаи дигари ҳаётан муҳим – чорводориро ба миён меовард, ки он норасоии маҳсулоти зироаткориро ҷуброн менамуд.

Бояд қайд намуд, ки дар низоми хоҷагидории Бадахшон чорводорӣ на танҳо соҳаи ёрирасон, балки қисми муҳими низоми зиндамонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба шумор мерафт. Вобаста ба минтақаҳои ҷуғрофӣ, сохтори чорводорӣ ба ду намуд тақсим мешуд:

1. Помири Шарқӣ – Мурғоб, нуқтаи баландтарини минтақа, ки дар он ҷо кишоварзӣ номумкин буд. Дар ин ҷо хоҷагии кӯчии қирғизҳо бартарӣ дошт, ки асосан ба парвариши қутос ва гӯсфанд машғул буданд. Қутос барои ин минтақа аҳамияти ҳаётан муҳим дошт, зеро

ҳамчун воситаи нақлиёт дар барфҳои вазнин, манбаи гӯшт, шир ва пашм хизмат мекард.

2. Помири Ғарбӣ, ки дар он хоҷагии нимкӯчии маскунони кӯҳистони Бадахшон бартарӣ дошт, зеро чорворо дар фасли баҳору тобистон ба чарогоҳҳои баландкӯҳ – айлоқҳо мебурданду дар фасли тирамоҳ ба водиҳо бармегардонданд.

Мушкилоти асосии соҳаи чорводорӣ набудани замини устувори хӯроки чорво барои зимистонгузаронӣ буд. Саноати тайёр намудани хӯроки чорво вуҷуд надошт ва дар сурати тӯлонӣ омадани фасли сармо, талафоти оммавии чорво ба амал меомад, ки ин иқтисодиёти хоҷагиҳои деҳқониро фалаҷ месохт [9]. Вазъияти мазкурро набудани роҳҳои алоқа ва имконияти интиқоли кумак аз берун боз ҳам бадтар менамуд.

Агар аз диди ҷудоии ҷуғрофӣ ва суст будани низоми коммуникатсионӣ, яъне геоиқтисодӣ ба ин масъала нигарем, бояд тазаккур дод, ки Бадахшони ибтидои асри XX як минтақаи комилан бунбаст буд. Муносибатҳои тиҷоратию пулӣ бинобар набудани роҳҳои аробагард ва мошингард дар сатҳи ибтидоӣ қарор доштанд. Иртибот байни кӯҳистони Помир ва марказҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ, ба амсоли Бухоро, Фарғона, Қошғар ва ғ. танҳо тавассути пайроҳаҳои хатарноки кӯҳӣ ва "*оврингҳо*" – пайроҳаҳои сунъии чӯбине, ки дар танаи хоросангҳои кӯҳ сохта мешуданд, сурат мегирифт [4].

Бозори дохилии минтақавӣ вуҷуд надошт. Савдо бештар хусусияти мубодилаи молӣ, яъне натуралӣ дошт, масалан, маҳсулоти чорводории Помири Шарқӣ ба гандум, меваҷоти хушк ва матоъҳои Помири Ғарбӣ ё Фарғона иваз карда мешуд. Корвонҳои тиҷоратӣ танҳо дар моҳҳои июл–сентябр, замоне ки ағбаҳои баландкӯҳ аз барф пок мешуданд, ҳаракат карда метавонистанд. Ин омили ҷуғрофӣ боиси он мегардид, ки нархи маҳсулоти воридотӣ, махсусан намак, оҳан, матоъ ва ғ. дар Помир нисбати дигар минтақаҳо чандин маротиба гарон бошад. Чунин вобастагии шадид аз воридоти гаронқимат ва маҳдудияти тиҷорат сохтори истеҳсолоти дохилиро низ муайян мекард, зеро дар шароити маҳдудияти равобити тиҷоратӣ ва инзивои ҷуғрофӣ, соҳаи истеҳсолот низ дар сатҳи ибтидоӣ қарор дошт. То соли 1920 дар Бадахшон ягон корхонаи саноатӣ, ҳатто дар шакли коргоҳҳои хурди косибӣ вуҷуд надошт. Коркарди пашм, чарм ва сохтани олоти оддии оҳанӣ дар дохили хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таври дастӣ иҷро мешуд.

Инфрасохтори иҷтимоии муосир, аз ҷумла мактабҳои дунявӣ ва муассисаҳои тиббӣ умуман мавҷуд набуданд. Саводнокии аҳолӣ ниҳоят паст буда, танҳо дар назди халифаҳои маҳаллии мазҳабии исмоилия мактабҳои динии суннатӣ фаъолият мекарданд, ки дар онҳо шумораи маҳдуди кӯдакон хату савод меомӯхтанд [3, 42]. Ёрии тиббиро табибони мардумӣ мерасониданд, ки боиси паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва сатҳи баланди фавти кӯдакон мегардид.

Дар шароити набудани кумаки давлатӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва зиндамонии мардум бар заминаи усулҳои анъанавии меҳнати дастҷамъӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ устувор буд. Яке аз ин усулҳо ҳашар буд, ки тавассути он корҳои вазнини умумиҷамоатӣ, аз қабили:

– сохтмон ва таъмири каналҳои обёрикунии кӯҳӣ (ҷӯйборҳо);
– тоза кардани заминҳо аз санглохҳо;
– бунёди пайроҳаҳо ва оврингҳо иҷро карда мешуданд [3, 120].

Ба ин тартиб, дар ибтидои асри XX Бадахшон як минтақаи комилан ақибмондаи аграрӣ буд, ки низоми иқтисодии он қобилияти рушди мустақилонаи дохилиро надошт. Ин ҳолат зарурати гузарондани реформаҳои куллии сохториро аз ҷониби ҳукумати нави шӯравӣ тақозо мекард.

Ин эҳтиёҷоти таърихию иқтисодӣ заминаи оғози марҳилаи нави инкишофи минтақаро гузошт, ки он бо унвони “Марҳилаи аввали дигаргунсозиҳои иқтисодии шӯравӣ (1925-1950)” дар таърихи кишварамон маъмул аст ва татбиқи он аз ташкили низоми нави институсионалӣ оғоз гардид.

Аз ин лиҳоз ташкили ВМКБ ҳамчун заминаи институсионалии банақшагирии иқтисодӣ аҳамияти хеле назаррас дошт. Интихоби маҳз ВМКБ ҳамчун объекти марказии ин тадқиқот тасодуфӣ набуд. Чунки ин минтақа дар низоми иқтисодии шӯравӣ як падидаи беназир ба шумор мерафт, зеро дар ин ҷо давлати шӯравӣ бори аввал бо вазифаи фавқулода мураккаб – ҷорӣ намудани модели банақшагирии мутамарказ дар шароити инзивои мутлақи ҷуғрофӣ, релефи хатарноки баландкӯҳ ва набудани заминаҳои саноативу инфрасохторӣ рӯбарӯ гардид.

Агар дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон навсозии иқтисодӣ дар заминаи сохторҳои мавҷудаи шаҳриву деҳотӣ сурат гирифта бошад, дар Бадахшон сохтмони низоми нави хоҷагидорӣ амалан аз сифр оғоз ёфт. Аз ин рӯ, диққати махсус ба ВМКБ имкон медод, ки устуворӣ ва қобилияти мутобиқшавии модели иқтисодии шӯравӣ

дар шароити сахти табиӣ-иқлимӣ ба таври хос ва амиқ омӯхта шавад.

Пас аз барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар Помир, давлати шӯравӣ бо вазифаҳои мураккаби таъмин намудани суботи сиёсӣ ва ҳамгироии иқтисодии ин минтақаи дурдасти марзӣ бо сохтори нави умумииттифоқӣ рӯбарӯ шуд. Қадами нахустин ва ҳалкунанда дар ин раванд, таъсиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар моҳи январи соли 1925, дар сохтори ҶШС Мухтори Тоҷикистон маҳсуб меёфт [6, 41].

Ин қарори маъмурӣ-ҳудудӣ на танҳо аҳамияти сиёсӣ дошт, балки заминаи устувори институсионалиро барои идораи мутамарказ ва банақшагирии иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Пеш аз ин, набудани сохтори ягонаи идории маҳаллӣ имкони татбиқи ягон барномаи иқтисодиро намедод.

Бо ташкили кумитаҳои иҷроияи маҳаллӣ (*облисполком*)-ҳо ва шуъбаҳои хоҷагии қишлоқ, маблағгузории мустақим аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва иттифоқӣ оғоз гардид, ки ин барои мақомоти маҳаллӣ имкон дод, то ҳаҷми захираҳои мавҷударо ба ҳисоб гиранд [2]. Маҳз сохтани ин заминаи маъмурӣ имкон дод, ки ҳукумати нави шӯравӣ ба ҳалли масъалаҳои калидаии иқтисодиёти минтақа, пеш аз ҳама, дигаргунсозии муносибатҳои аграрӣ оғоз намояд. Аз ин рӯ дар бахши ислоҳоти замину об ва заиф кардани сохтори патриархалӣ-феодалӣ дар нимаи дуюми солҳои 1920, диққати асосии ҳукумати шӯравӣ ба барқарорсозии иқтидори соҳаи кишоварзӣ ва аз байн бурдани сохторҳои анъанавии истисмори деҳқонон равона шуда буд. Сохтори иҷтимоии Бадахшон то ин давра бар муносибатҳои мураккаби амирӣ, заминдории бойҳо ва нуфузи мазҳабии пирону халифаҳо устувор буд, ки қисми зиёди заминҳои обиро дар ихтиёр доштанд [2, 112].

Дар солҳои 1926-1928 дар ҳудуди вилоят ислоҳоти замину об амалӣ карда шуд, ки ҳадафи асосии ин ислоҳот:

– мусодираи заминҳои бойҳо, мансабдорони собиқи амирӣ ва пешвоёни мазҳабӣ;

– аз нав тақсим намудани заминҳои корам ва об миёни деҳқонони камзамин ва безамин;

– озод намудани оммаи деҳқон ва қарзҳои анъанавӣ аз боҷу хироҷи

– вазнин [7, 88].

Мувофиқи маълумоти Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон, дар рафти ислоҳот ба зиёда аз 4000 хоҷагии камзамини

деҳқонӣ дар водиҳои Ванҷ, Рӯшон ва Шуғнон қитъаҳои замин ва ҳуқуқи истифодаи об дода шуд [10]. Ин аввалин қадам дар роҳи вайрон кардани сохтори анъанавии иқтисоди деҳот ва устувор намудани мавқеи деҳқонони миёнаҳол гардид, бо вуҷуди ин, таъмини хоҷагиҳои навтаъсис бо воситаҳои истеҳсолот ва маҳсулоти зарурӣ марҳилаи навбатии дигаргунсозиҳоро тақозо мекард.

Бинобар ин дар ҳамин марҳила, давлати шӯравӣ ба ташкили аввалин шаклҳои соддаи кооператсияҳои деҳқонӣ шурӯъ намуд. Соли 1926 ширкати "Помирторг" ("Савдои Помир") таъсис дода шуд, ки вазифаи он таъмин кардани аҳолии маҳаллӣ бо маҳсулоти аввалиндараҷа, аз қабили намак, шакар, матоъ, керосин ва хариди маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои устувор буд [10, 18]. Ин сохтор имкон дод, ки таъсири савдогарони хусусӣ ва судхӯрон дар минтақа заиф карда шавад. Аввалин кооперативҳои матлубот ва ширкатҳои якҷояи коркарди замин - ТОЗ-ҳо ба вуҷуд омаданд, ки заминаро барои коллективонии оммавӣ омода месохтанд.

Ҳамзамон, ҳукумат навсозии иқтисодиро бо рушди соҳаҳои иҷтимоӣ сахт алоқаманд медонист ва аз ин лиҳоз дар солҳои 1925-1930 дар маркази ВМКБ – шаҳри Хоруғ ва маркази ноҳияҳо аввалин мактаб-интернатҳои шуравӣ барои фарзандони батракҳо ва пунктҳои тиббӣ ташкил карда шуданд [11, 5]. Маориф ва тиб ҳамчун воситаи асосии баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва ҷалби аҳолӣ ба сохтмони шӯравӣ хизмат мекарданд.

Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои иқтисодии ин марҳила маҳдуд боқӣ мемонданд. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳанӯз вуҷуд надошт, борҳо тавассути аспу уштур ва бо машаққати зиёд аз Ӯши Қирғизистон оварда мешуданд, соҳаи кишоварзӣ комилан бар меҳнати дастӣ асос ёфта буд ва норасоии шадиди мутахассисони соҳавӣ, аз ҷумла аграномҳо, ветеринарҳо ва муҳандисон эҳсос мегардид. Чунин маҳдудиятҳои сохторӣ ва суръати сусти рушди хоҷагиҳои инфиродӣ мақомоти шӯравиро маҷбур сохт, ки аз усулҳои соддаи кооператсия ба сиёсати шадидтари мутамарказкунонӣ гузаранд.

Самти коллективонӣ ва таҷдиди хоҷагии қишлоқ дар солҳои 30-юм суръат ва хусусиятҳои хоси худро дар шароити кӯҳистон дошт. Солҳои 30-юм дар таърихи иқтисодии Бадахшон давраи дигаргунсозиҳои радикалӣ ва аксаран фоҷиабор ба шумор меравад. Сиёсати умумииттифоқии коллективонии маҷбурии хоҷагии қишлоқ ва "барҳам додани кулакҳо ҳамчун синф" аз аввали солҳои 30-юми асри XX дар Помир роҳандозӣ шуд. Ҳадафи стратегии давлат мутамарказ намудани тамоми захираҳои деҳот, таъсиси сохторҳои калони истеҳсолӣ – колхозҳо ва ворид кардани

иқтисодиёти Помир ба низоми умумии банақшагирии панҷсолаҳои шӯравӣ буд, вале татбиқи ин сиёсат дар Бадахшон нисбат ба минтақаҳои дигари Тоҷикистон бо хусусиятҳои хос ва муқовиматҳои зиёд сурат гирифт, аз ҷумла:

–омили геоморфологӣ, яъне мавҷудияти заминҳои хурди пароканда дар нишебиҳои кӯҳҳо имкони ташкили сохторҳои калони аграриро намедод;

– муқовимати иҷтимоӣ – кӯшиши мусодираи чорво дар Помири Шарқӣ – Мурғоб боиси он гардид, ки қисме аз аҳолии қирғиз бо чорвои худ ба ҳудуди Хитою Афғонистон кӯчиданд [8];

– хусусияти сохторӣ – дар манотиқи Помири Ғарбӣ колхозҳои хурд, аксаран иборат аз 10-15 хоҷагӣ ташкил шуданд, ки онҳо на дар асоси техника, балки дар асоси меҳнати дастаҷамъии анъанавӣ – ҳашар фаъолият мекарданд.

То соли 1939, раванди коллективонӣ дар вилоят асосан ба анҷом расид ва зиёда аз 85%-и хоҷагиҳои деҳқонӣ дар сохтори колхозҳо муттаҳид карда шуданд ва ин назорати пурраи давлатро бар истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулот таъмин намуд [11, 5]. Назорати мутамаркази институсионалӣ заминаи зарурӣ сохт, то ҳукумат ба марҳилаи навбатии ислоҳот – муайян намудани самтҳои стратегии рушди минтақа ва тақсимоти меҳнат ворид шавад.

Дар давраи панҷсолаҳои якум ва дуюм (1928-1937), ҳукумати шӯравӣ сиёсати ихтисосгардонии иқтисодиёти Бадахшон: ихтисосгардонии соҳавӣ ва рушди обёрикуниро пеш гирифт. Ба ҷойи кушиши таъмини минтақа бо ғаллаи худӣ, ки бинобар камзаминӣ самараи кам дошт, таваҷҷуҳи асосӣ ба соҳаҳои дигар равона карда шуд, аз ҷумла:

– ба чорводории баландкӯҳ: дар Помири Шарқӣ парвариши қутос ва гӯсфандҳои навъи курдӣ ба таври саноатӣ ба роҳ монда шуд. Гӯшт ва пашми онҳо барои эҳтиёҷоти саноати сабуки Иттиҳоди Шӯравӣ содир мегардид [8];

– ба зироаткории махсус ва боғдорӣ, махсусан парвариши картошка, ки маҳсулнокии баланд дошт ва зироатҳои хӯроки чорво, хусусан юнучқа густариш ёфт.

Манбаи асосии афзоиши майдонҳои кишт сохтмони каналҳои нави обёрӣ гардид. Дар солҳои 1932-1936 бо маблағгузории давлатӣ ва меҳнати оммавии колхозчиён дар кӯҳистон каналҳои нисбатан калони обёрикунӣ, масалан дар ноҳияи Шуғнон (д. Сижд) ва Рӯшон (д. Шуҷанд) сохта шуданд, ки имкон дод ҳазорон гектар заминҳои ташналаб ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шаванд. Васеъ

шудани майдони заминҳои корам, дар навбати худ, зарурати гузаштан аз меҳнати дастӣ ба истифодаи воситаҳои техникиро ба миён овард.

Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки давлати шӯравӣ кушиш мекард, ки ба соҳаи кишоварзии Бадахшон техникаи муосирро ворид намояд. Дар нимаи солҳои 30-юм аввалин Стансияҳои трактории мошинӣ – МТС ташкил карда шуданд, лекин раванди механикониӣ бинобар хусусиятҳои хоси ҷуғрофӣ дучори маҳдудиятҳои шадид гардид. Тракторҳо ва комбайнҳои вазнини шӯравӣ наметавонистанд дар роҳҳои танги кӯҳӣ ва заминҳои нишебии санглох кор кунанд. Аз ин рӯ МТС-ҳо танҳо дар қисмҳои нисбатан ҳамвори водии Панҷ ва Помири Шарқӣ барои тайёр кардани хӯроки чорво истифода мешуданд [12]. Дар аксари колхозҳои кӯҳистон асбобҳои асосии меҳнат ҳанӯз ҳам бел, дос ва қувваи кории ҳайвонот боқӣ мемонданд.

Сарфи назар аз ин маҳдудиятҳо, солҳои 30-юм сохтори қадимии иҷтимоӣ-иқтисодии деҳоти Бадахшонро ба таври куллӣ тағйир доданд. Системаи анъанавии хоҷагидории инфиродӣ ҷойи худро ба низоми мутамаркази колхозӣ дод, ки он заминаи моддиро барои даврањои навбатии рушди минтақа фароҳам овард.

Дар ин самт яке аз бузургтарин ва муҳимтарин дастовардҳои сиёсати иқтисодии ҳукумати шӯравӣ дар Бадахшон, ки сохтори хоҷагидории минтақаро ба куллӣ тағйир дод, рушди шабакаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ маҳсуб меёфт. То солҳои 30-юм набудани роҳҳои автомобилгард боис шуда буд, ки аксари ноҳияҳои Помир дар фасли зимистон, ки тақрибан 6-7 моҳро ташкил медиҳад, комилан аз ҷаҳони беруна ва ҳатто аз якдигар ҷудо ва дастнорас бошанд [2, 142]. Барои ҳалли ин мушкили стратегӣ, лоиҳаҳои азими сохтмони роҳ роҳандозӣ шуданд. Нуқтаи гардиш дар ин самт сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Ӯш-Хоруғ – шоҳроҳи шарқии Помир, дар солҳои 1931-1934 ва сипас сохтмони шоҳрҳи Сталинобод-Хоруғ – шоҳроҳи ғарбии Помир дар солҳои 1940-ум гардид [5].

Сохтмони роҳи Сталинобод – Хоруғ дар муддати рекордӣ, ҳамагӣ 3,5 моҳ бо усули ҳашари умумихалқӣ сурат гирифт, ки дар он зиёда аз 22000 нафар сокинони маҳаллӣ ва ноҳияҳои дигари Тоҷикистон иштирок карданд.

Ин лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар коҳиш додани ҷудоии иқтисодии Бадахшон аз чанд ҷиҳат нақши ҳалкунанда бозиданд:

–аз назари аҳамияти иқтисодӣ: тамоми интиқоли молу маҳсулоти саноатӣ, техникаи кишоварзӣ, маводи сохтмонӣ,

доруворӣ ва маводи таълимӣ аз маркази ҷумҳурӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба Помир даҳҳо баробар арзон ва тезтар шуд;

–аз ҷиҳати аҳамияти маъмурӣ ва сиёсӣ: имкони идоракунии мутамарказ ва фаврии вилоят аз ҷониби марказ таъмин гардид;

–аз диди аҳамияти ҳарбӣ-стратегӣ: назорати сарҳади давлатӣ бо Афғонистон ва Чин ба таври назаррас таҳким ёфт [7].

Ҳамзамон бо сохтмони роҳҳо дар ин давра ташаккули системаҳои муосири алоқа – хизматрасонии почта, телефон ва телеграф оғоз ёфт. Аллакай дар нимаи солҳои 1930 Хоруғ бо Душанбе пайваст карда шуд [12]. Ин дигаргунсозиҳо назорати маъмурии ҳукуматро бар иҷрои нақшаҳои иқтисодӣ тақвият бахшида, ба ҳамгироии иқтисодиёти Помир бо низоми ягонаи хоҷагидории ҶШС Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Лоиҳаҳои инфрасохторӣ инчунин имкониятҳои нави шуғлро барои аҳолии маҳаллӣ фароҳам оварданд. Ҳазорҳо нафар ҷавонони маҳаллӣ дар сохтмони роҳҳо ва кӯпрукҳо соҳиби касбҳои техникӣ: рононда, механик, бинокор ва ғ. шуданд. Беҳтар шудани нақлиёт муҳоҷирати дохилии аҳолиро дар дохили минтақа фаъолтар гардонида, ба раванди урбанизатсия ва ташаккули марказҳои нави коргарӣ дар Помир замина гузошт.

Аз нигоҳи рушди саноат ва иқтисодиёти давраи ҷанг (солҳои 1940-1945) бояд пеш аз ҳама хусусиятҳои саноаткунонии маҳаллиро дида бароем. Раванди саноаткунонӣ дар Бадахшон нисбат ба дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистон бо суръати хеле паст ва маҳдудиятҳо сурат мегирифт. Ин ҳолат аз шароити мураккаби геологӣ, маҳдуд будани захираҳои демографӣ – қувваи корӣ ва набудани заминаи энергетикӣ вобаста буд [8].

Бо вуҷуди ин, дар охири солҳои 30-юм ва ибтидои солҳои 40-ум дар вилоят заминаҳои аввалини саноати маҳаллӣ гузошта шуданд ва корхонаҳои зурди зерин ба фаъолият оғоз намуданд:

–корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворӣ - заводҳои хурди шир ва нонвойхонаҳо дар ш. Хоруғ);

–коргоҳҳои ҳунармандӣ ва саноати сабук – дӯхтани либос ва пойафзоли коргарӣ;

–истгоҳҳои хурди барқи обӣ, аз ҷумла сохтмони аввалин НБОи хурд дар Хоруғ (соли 1940), ки барои таъмини корхонаҳо ва идораҳои давлатӣ бо барқ хизмат мекард [12, 24].

Инчунин тадқиқоти геологӣ имкон дод, ки истихроҷи баъзе захираҳои маҳаллӣ ва канданиҳои фоиданок, бахусус лаъли Бадахшон ва маводи схтмонӣ, дар ҳаҷми хурд ба роҳ монда шавад.

Оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар июни соли 1941 сохтори иқтисодии Бадахшонро ба таври куллӣ дигаргун сохта, онро ба талаботи мудофиавии мамлакат мутобиқ намуд. Сарфи назар аз дурии ҷуғрофӣ аз хати фронт, тамоми захираҳои иқтисодии вилоят барои таъмини эҳтиёҷоти артиш сафарбар карда шуданд [8]. Истеҳсолоти кишоварзӣ, ки дар сохтори колхозҳо муттаҳид шуда буд, таҳти назорати шадиди ҳарбӣ-давлатӣ қарор гирифт. Нақшаҳои супоридани маҳсулот ба таври назаррас афзоиш ёфтанд. Колхозҳои Бадахшон вазифадор шуданд, ки ҳаҷми зиёди гӯшт, пашми қутосу гӯсфанд ва равғанро барои эҳтиёҷоти фронт таъмин намоянд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сокинони Помир дар солҳои ҷанг ба фонди мудофиаи мамлакат ҳазорон тонна гӯшт, садҳо ҳазор адад либосҳои гарми пашмин ва маблағҳои пулиро барои сохтмони танкҳо фиристонданд [14, 32].

Мушкилоти вазнинтарини иқтисодиёти Бадахшон дар солҳои 1941-1945 норасоии шадиди қувваи корӣ буд. Қисми зиёди мардони қобили меҳнат ва мутахассисони соҳавӣ ба сафи Артиши Сурх сафарбар карда шуданд. Ин ҳолат соҳаи кишоварзӣ ва саноати маҳаллиро дар вазъияти бӯҳронӣ қарор дод [7, 176].

Дар чунин шароити вазнин, занони Бадахшон тамоми бори иқтисодиёти маҳаллиро ба дӯши худ гирифтанд. Онҳо усулҳои идоракунии трактороҳо ва техникаи кишоварзиро дар МТС-ҳо омӯхтанд ва роҳбарии аксари колхозҳо ва бригадаҳои кишоварзиро ба даст гирифтанд. Дар шароити сахти баландкӯҳ нақшаҳои киштукори ғалла ва картошкаро иҷро намуда, иқтисодиёти минтақаро аз фурӯпошӣ нигоҳ доштанд [2].

Ҳамин тариқ, давраи ҷанг, сохти идоракунии иқтисодиро дар Бадахшон боз ҳам мутамарказтар ва қавитар намуд. Сарфи назар аз талафоти калони инсонӣ ва иқтисодӣ, ин давра нишон дод, ки инфрасохтори нақлиётии дар солҳои 30-юм сохташуда имкон дод, ки захираҳои кӯҳистон дар вақти зарурӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ сафарбар карда шаванд.

Пас аз ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар соли 1945, ҳукумати шӯравӣ дар Бадахшон бо вазифаи мураккаби гузариш аз иқтисодиёти ҳарбӣ ба сохти осоишта ва барқарорсозии иқтидори истеҳсолии минтақа рӯбарӯ гардид. Панҷсолаи чоруми умумииттифоқӣ (1946-1950), ки бо номи “панҷсолаи барқарорсозии хоҷагии халқ” маъруф аст, барои Бадахшон давраи таҳкими маъруф аст, барои Бадахшон давраи таҳкими институсионалӣ ва афзоиши сармоягузориҳои давлатӣ гардид.

Диққати асосӣ дар ин марҳила ба барқароркунӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии соҳаи кишоварзӣ равона карда шуд. Бо сафарбаркунии сарбозон ва баргаштани мардон аз фрон, мушкилоти шадиди норасоии қувваи корӣ дар деҳот тадриҷан ҳалли худро ёфт. Ҳукумат як қатор тадбирҳои сохториро амалӣ намуд:

–интиқоли маводи техникӣ: ба МТС-ҳои вилоят трактарҳои нав, мошинҳои боркаш ва олоти кишоварзии муосир ворид карда шуданд;

–истилоҳоти агротехникӣ: барои аввалин бор дар кӯҳистони Помир усулҳои илмии кишт, истифодаи нуриҳои минералӣ ва селексияи навъҳои ба сармо тобовари гандуму картошка, ки дар Стансияи биологии Помир (дар Чечектӣ) таҳқиқи мешуданд, ба истеҳсолоти колхозӣ ворид карда шуданд;

–мустаҳкамкунии колхозҳо: раванди муттаҳидсозии колхозҳои хурд ба сохторҳои калонтари аграрӣ оғоз ёфт, ки ин имкон медод захираҳои замину об ва чорво самараноктар истифода бурда шаванд.

Мувофиқи маълумоти омории охири соли 1950, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус саршумори чорвои майда ва қутос дар Помири Шарқӣ, на танҳо ба дараҷаи пеш аз ҷанг расид, балки аз он 15-20% афзоиш ёфт [13, 17].

Дар ин марҳилаи таърихӣ навсозии дарозмуддати иқтисодӣ бе ташкили низоми устувори омодасозии кадрҳои техникӣ ва маъмурии маҳаллӣ ғайриимкон буд. То нимаи солҳои 1940 аксари вазифаҳои роҳбарикунанда ва техникиро дар вилоят мутахассисони воридотӣ аз Душанбе ва дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шӯравӣ иҷро мекарданд.

Дар давраи баъдиҷангӣ ҳукумати шӯравӣ шабакаи муассисаҳои таълимиро дар Бадахшон ба таври назаррас васеъ намуд. Дар Хоруғ Омӯзишгоҳи педагогӣ, мактабҳои касбӣ-техникӣ барои омода намудани ронандагон, тракторчиён ва сохтмончиён ва курсҳои агрономӣ фаъолияти худро фаъолтар карданд [13]. Зиёда аз ин, тибқи квотаҳои махсуси давлатӣ ҷавонони боистеъдоди Помир барои таҳсил ба донишкадаҳои олии Душанбе, Тошканд, Маскав ва Ленинград фиристонда мешуданд.

Ин сиёсати кадрӣ имкон дод, ки дар нимаи дуюми солҳои 1940-ум сохтори нави зиёиёни техникӣ ва идории маҳаллӣ ташаккул ёбад. Ин мутахассисон тадриҷан идоракунии соҳаҳои калидии иқтисодиёти вилоят – сохтмони роҳҳо то идораи колхозҳо ва

сохторҳои банақшагириро ба дасти худ гирифтанд, ки ин устувории низоми маъмуриро таъмин намуд [7, 212].

Дар нимаи дуюми солҳои 40-ум, давлат сармоягузориро ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг ҳамчун омилҳои стратегии модернизатсияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври назаррас афзоиш дод. Дар ин давра дар тамоми марказҳои ноҳияҳо: Ванҷ, Қалъаихум, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоб сохтмони беморхонаҳои муосир, пунктҳои фелдшерӣ-акушерӣ ва дорухонаҳо суръат гирифт. Ин тадбирҳо боис шуданд, ки бемориҳои сироятӣ ба амсоли вабо, вараҷа ва ғ. комилан маҳв карда шуда, сатҳи фавти аҳолӣ коҳиш ёбад ва афзоиши табиии демографӣ таъмин гардад.

Дар соҳаи фарҳанг, хонаҳои маданият, китобхонаҳо ва аввалин радиоузелҳои маҳаллӣ таъсис дода шуданд. Фарҳанг ва идеологияи шӯравӣ ҳамчун воситаи дигаргунсозии шуури ҷамъиятии сокинони кӯҳистон, озод кардани занон аз қолабҳои суннатӣ ва ҷалби умумии онҳо ба меҳнати созандаи иҷтимоӣ хизмат мекарданд.

Аз нигоҳи натиҷаҳои умумии дигаргунсозиҳо то соли 1950 сохтори иқтисодии Бадахшон нисбат ба давраи пешошӯравии то соли 1925, ба таври куллӣ тағйир ёфта буд. Дар давоми чоряк аср минтақа аз як гӯшаи бунбасти аграрии дорои хоҷагии натуралии пӯшида ба як қисми ҷудонашаванда ва ҳамгирошудаи низоми иқтисодию маъмурии ҶШС Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт.

Албатта, мушкилоти зиёди сохторӣ ҳанӯз ҳам боқӣ монда буданд. Саноати вазнин ва коркарди калонҳаҷм бинобар гаронии нақлиёт ва набудани заминаи бузурги энергетикӣ рушд накард. ҷудоии ҷуғрофӣ ва вобастагии иқтисодӣ аз воридоти ғалла ва сӯзишворӣ аз дигар минтақаҳо боқӣ монд.

Бо вуҷуди ин, пояҳои устуворе, ки дар солҳои 1925-1950 гузошта шуданд, аз ҷумла шоҳроҳи автомобилгарди Помир, низоми мутамаркази колхозӣ, шабакаҳои маориф ва тандурустӣ ва кадркунонии маҳаллӣ – заминаи куллии моддӣ-техникӣ ва иҷтимоиро барои рушди босуръат ва прогрессивии ВМКБ дар нимаи дуюми асри XX (барои солҳои 1960-1980) фароҳам оварданд.

Солҳои 1925-1950 дар таърихи иқтисодии Бадахшон давраи ташаккулдиҳанда ба ҳисоб мераванд. Сиёсати навсозии шӯравӣ иқтисоди анъанавии аграрии минтақаро тавассути коллективонӣ, рушди инфрасохтор, мутамарказсозии идоракунӣ ва саноатикунонии тадриҷӣ ба таври куллӣ дигаргун сохт.

Ислоҳоти иқтисодӣ бо монеаҳои зиёд, аз ҷумла шароити сахти табиӣ, маҳдуд будани захираҳо ва дурии ҷуғрофии минтақа рӯ ба рӯ гардид. Бо вуҷуди ин, ташкили шабакаҳои нақлиётӣ, хоҷагиҳои коллективӣ ва банақшагирии давлатии иқтисодӣ ба ҳамгироии Бадахшон ба фазои иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намуд. Тағйироти Бадахшон дар даҳсолаҳои зикргардида сиёсати умумии навсозии шӯравиро дар минтақаҳои кӯҳистонии канорӣ инъикос менамуданд. Ҳамзамон, хусусиятҳои маҳаллии ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ ҷанбаҳои хоси рушди иқтисодии

Помирро муайян мекарданд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи маҷмуӣ ва марҳила ба марҳилаи таърихи иқтисодии ВМКБ дар солҳои 1925-1950 имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шаванд. Ин давра дар хронологияи таърихи ватанӣ на танҳо як марҳилаи оддии тақвимӣ, балки давраи ташаккулдиҳанда, бунёдӣ ва сохторӣ дар ҳаёти иқтисодии ин минтақаи баландкӯҳи стратегӣ ба шумор меравад.

Сиёсати навсозии шӯравӣ иқтисоди анъанавии аграрии минтақаро, ки дар тӯли асрҳо бар принсипҳои хоҷагии натуралӣ ва патриахалӣ устувор буд, ба таври куллӣ дигаргун сохт [2, 190].

Таҳлилҳои таърихию иқтисодии ин давра нишон медиҳад, ки дигаргуншавии иқтисодии Помир дар заминаи чор омили калидӣ сурат гирифт:

1. Мутамарказсозии маъмурӣ-институсионалӣ, яъне ташкилёбии ВМКБ дар соли 1925 заминаи ҳуқуқӣ ва сохториро барои банақшагирии мутамаркази иқтисодӣ ва ворид кардани вилоят ба буҷаи ягонаи ҶШС Тоҷикистон фароҳам овард.

2. Дигаргуншавии сохтори аграрӣ, яъне ислоҳоти замину об дар солҳои 20-ум ва раванди коллективонии оммавӣ дар солҳои 30-юм сохтори кӯҳнаи феодалиро маҳв карда, хоҷагиҳои коллективӣ – колзозҳоро ҳамчун бахши асосии иқтисодӣ дар деҳот устувор намуданд.

3. Шикасти бунбасти коммуникатсионӣ – сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Помир: Ӯш-Хоруғ ва Душанбе-Хоруғ инқилоби нақлиётиро ба вуҷуд оварда, ҷудоии ҷуғрофии минтақаро аз байн бурда, арзиши интиқоли молу техникаро ба таври назаррас коҳиш дод.

4. Сафарбарсозии иқтисодиёти давраи ҷанг ва барқарорсозии баъдиҷангӣ. Солҳои 1941-1945 устувории низоми колхозиро дар шароити бӯҳронӣ нишон доданд, аммо давраи баъдиҷангӣ, солҳои 1945-1950 боиси ворид шудани усулҳои илмии

агротехника ва ташаккули кадркунонии маҳаллӣ гардид [8, 154].

Албатта, ислоҳоти иқтисодии ин давра бо монеаҳои фавқулода ва шиддатноки сохторӣ рӯ ба рӯ гардид. Шароити сахти табиӣ-ҷуғрофӣ, маҳдуд будани захираҳои демографӣ ва дурӣ аз марказҳои саноатӣ имкон надоданд, ки дар Помир саноати вазнин ё корхонаҳои калонҳаҷми истеҳсолӣ бунёд карда шаванд. Раванди механиконии кишоварзӣ низ бинобар релефи кӯҳӣ ва мавҷудияти заминҳои хурди террасавӣ бо маҳдудиятҳои ҷиддӣ дучор шуд ва меҳнати дастӣ дар кӯҳистон ҳамчун унсури калидӣ боқӣ монд.

Бо вуҷуди ин мушкилот ва зиддиятҳои дохилии низоми тоталитарии шӯравӣ, аз қабили усулҳои маҷбурии коллективонӣ ва мусодираи чорво, ташкили шабакаҳои муосири нақлиётӣ, низоми мутамаркази аграрӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ – маориф ва тандурустӣ ба ҳамгироии пурраи Бадахшон ба фазои ягонаи иқтисодии ҶШС Тоҷикистон мусоидат намуд. Саноаткунонии тадриҷии маҳаллӣ ва бунёди аввалин нерӯгоҳҳои барқӣ обиро заминаҳои аввалини энергетикии минтақаро гузоштанд.

Тағйироти сохтории Бадахшон дар солҳои 1925-1950 сиёсати умумии навсозии шӯравиро дар минтақаҳои кӯҳистонии канории империя комилан инъикос менамуданд. Гузариши маҷбурии иқтисодиёти анъанавӣ ба низоми банақшагирии сотсиалистӣ дар ин ҷо бо ҳамон усулҳои марказгароёна сурат гирифт. Ҳамзамон, хусусиятҳои хоси ҷуғрофӣ, геоморфологӣ ва иҷтимоии Помир ба ин сиёсат хусусияти мутобиқшавӣ бахшида, шакли хоси хоҷагидории баландкӯҳро (чорводории махсус, кишоварзии террасавӣ ва иқтисодиёти субвенсионии аз марказ вобаста) ба вуҷуд овард.

Пояҳои моддӣ-техникӣ, институсионалӣ ва кадрӣ, ки дар давоми ин давра, аз соли 1925 то солҳои 50-ум дар Помир гузошта шуданд, ҳамчун заминаи куллӣ барои рушди босуръат, пешқадам ва ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодии ВМКБ дар солҳои 1960-1980-уми асри XX хизмат намуданд. Ин давра нишон дод, ки ҳатто дар шароити бунбасти шадиди ҷуғрофӣ, сармоягузории мақсадноки давлатӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ метавонад сохтори иқтисодии як минтақаи ақибмондаро ба таври куллӣ навсозӣ намояд.

Китобнома:

1. Вавилов, Н. И. Экспедиция в Бухару и на Памир в 1916 г. // Известия Государственного географического общества / Н. И. Вавилов. - Ленинград, 1925. - Т. 57. – Выпуск 2. - С. 105–123.

2. Искандаров, Б. И. Из истории советского строительства в

Таджикистане (1917–1937 гг.) / Б. И. Искандаров. - Душанбе: Дониш, 1983. - 225 с.

3. Искандаров, Б. И. Социально-экономический строй Памира в конце XIX - начале XX вв. / Б. И. Искандаров. - Душанбе: Дониш, 1976. - 272 с.

4. Масов, Р. История топорного разделения / Р. Масов. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 189 с.

5. Масов, Р. Таджики: история с грифом «совершенно секретно» / Р. Масов. – Душанбе: Центр. Изд. Культ. Наследия, 1995. - 200 с.

6. Масов, Р. Историография Советского Таджикистана (1917-1975). / Р. Масов. - Душанбе: Дониш, 1978. - 200 с. - Подробнее на livelib.ru: https://www.livelib.ru/author/628919-rahim-masov.

7. Назаршоев, М. Партийная организация Памира в борьбе за социализм (1920–1940 гг.) / М. Назаршоев. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 254 с.

8. Назаршоев, М. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР (1917-1941 гг.) / М. Назаршоев. - Душанбе: Дониш, 1982. - 291 с.

Сарчашмаҳои оморӣ:

9. Центральный государственный архив Республики Таджикистан (ЦГА РТ). - Фонд 1 (Наркомзем), Опись 1, Дело 24, Лист 12.

10. Центральный государственный архив Республики Таджикистан (ЦГА РТ). - Фонд 19 (Наркомзем ТаджССР), Опись 2, Дело 45, Лист 18.

11. Центральный государственный архив Республики Таджикистан (ЦГА РТ). - Фонд 28 (Наркомплан ТаджССР), Опись 1, Дело 112, Лист 5.

12. Центральный государственный архив Республики Таджийситан (ЦГА РТ). - Фонд 28 (Наркомплан ТаджССР), Опись 3, Дело 88, Лист 24.

13. Центральный государственный архив Республики Таджикистан (ЦГА РТ). - Фонд 28 (Наркомплан ТаджССР), Опись 5, Дело 42, Лист 17.

14. Центральный государственный архив Республики Таджикистан (ЦГА РТ). - Фонд 162 (Комитет обороны ТаджССР), Опись 1, Дело 14, Лист 32.

УДК 347.962.2:348.97(575.32)"18/19"

ФАЪОЛИЯТИ ИНСТИТУТИ ҚОЗИГАРӢ ДАР БАДАХШОН ДАР ДАВРАИ АСРҲОИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX

Шадикова Шаҳло Фарруховна [33]

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Дар маќолаи мазкур муаллиф дар бораи нињодњои маъмурии баррасии баҳсњои њуќуќї дар Бадахшон маълумот дода, фаъолияти институти ќозигариро дар Бадахшон дар давраи асрњои XIX ва аввали асри XX баррасї менамояд. Дар маќола муаллиф оид ба раванди нињоди маъмурии баррасии баҳсњои њуќуќи маълумот дода, муайян намуд, ин маќоми маъмурї махсусан бо њамроњшавии Помир ба Русия на танњо фаъолияти маъмуриву идоракунии мањаллї, балки дар баъзе мавридњо адолати судиро низ амалї менамуданд. Инчунин дар асоси тањлилњо маълум гардид, ки амалисозии адолати судї аз љониби ќозињо ва нињоди маъмурї махсусияти худро дошта, дар баъзе мавридњо ќозї баррасии баҳсњои њуќуќиро ба зиммаи нињодњои маъмурї- мансабдорони амалкунанда ва ё ашхоси бонуфузи сокини мањалла мегузошт. Дар баробари њамин муаллиф муайян кард, ки мардум дар интихоби чандтарафа нисбати адолати судї ќарор доштанд, ки онњоро руњониёни мањаллї, ќозињо ва отряди русњо ташкил доданд. Муаллиф ба хулоса омад, ки мавзуъ хеле мубрам ва дорои характери байнифаннї мебошад ва аз ин ру таҳлили он идомаи минбаъдаро дар доираи фанњои њуќуќ ва таърих таќозо мекунад.

Калидвожаҳо: *нињоди ќозї, баҳси њуќуќї, адолат, суд, мансабдорони мањаллї, ќарор, муњокима, аморати Бухоро, ќонун, маъмурї.*

Деятельность института казият в Бадахшане в период XIX–го и начало XX веков

В статье представлена информация об административных институтах по рассмотрению правовых споров в Бадахшане. В статье автор приводит сведения о деятельности института казият в Бадахшане в период XIX –го и

[33] **Шадикова Шаҳло Фарруховна** – Донишгоҳи Давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, докторанти курси якуми ихтисоси «Таърих». Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи Сабрали Бандали, 199. Тел.: (+992) 937036222; e-mail: shadikova2025@gmail.com.

Шадикова Шахло Фарруховна – Хорогский государственный университет имени Моёншо Назаршоева, докторант первого курса специальности «История». Адрес: Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. Сабрали Бандали, 199. Тел.: (+992) 937036222; e-mail: shadikova2025@gmail.com.

Shadikova Shahlo Farrukhovna – Khorog State University named after Moyonsho Nazarshoev, 1st-year doctoral student (Ph.D. student) in History. Address: Republic of Tajikistan, GBAO, Khorog city, Bandali Street Str., 199. Tel.: (+992) 937036222; e-mail: shadikova2025@gmail.com.

начало XX веков. В ппроцессе исследования вопроса деятельности органа по рассмотрению правовых споров и казията автор определяет, что данный административный орган, особенно с присоединением Памира к России, не только осуществлял местную административно-управленческую деятельность, но и осуществлял правосудие. Также на основе проведенных анализов стало известно, что осуществление правосудия казиятом имеет свою специфику, и в некоторых случаях судья поручал рассмотрение правовых споров административным органам - действующим должностным лицам или влиятельным представителям духовенства. На основе анализа выявлено, что судебная справедливость со стороны казий имело свои особенности на Памире, поскольку иногда эти функции выполняли представители духовенства. Исходя из этого выявлено, что население находилось перед выбором о обращение за судебной справедливостью, поскольку эту функцию исполняли одновременно духовенства, казият и отряд русских военных. Автор приходит к выводу о том, что данную тему следует продолжить изучать, для того чтобы вывести на обсуждение ее междисциплинарный характер, который охватывает как категории исторической науки, так и категории право, что показывает актуальность ее дальнейшего изучения.

Ключывые слова: *институт казий, правовые споры, справедливость, суд, местные чиновники, решение, обсуждение, Бухарский эмират, закон, адмнистрация.*

The activity of kaziat institutions in Badakhshan during the period of XIX and yearly XX centuries

The article provides information on administrative institutions of kaziat for the consideration of legal disputes in Badakhshan. In the article, the author provides information about the process of the activity of kaziat institutions in Badakhshan during the period of XIX and yearly XX centuries as the administrative body for the consideration of legal disputes. Author determines that this administrative body, especially with the annexation of the Pamirs to Russia, not only carried out local administrative and managerial activities, but also in some cases carried out justice. In addition, based on the conducted analyses, it became known that the administration of justice by an administrative body has its own specifics, and in some cases, the judge assigned the consideration of legal disputes to administrative bodies - acting officials or influential residents. On the base of analyses, author prove and discovered that justice institution of kaziy has a own features in Pamir, because sometimes this functions full filled by theocracy, kaziy and Russian militaries simultaneously. Therefore, author came to conclusion that this theme needs more researching and discussion on the interdisciplinary level as in history sciences both in law. It proves the actuality of theme for modern science.

Key words: *institutions, kaziy, legal disputes, justice, law, court, local officials, decision, discussion, Bukhara emirate, law, administration.*

Яке аз масъалаҳои баҳсноки илми таърих ва ҳуқуқ ин мавҷудияти институтҳои қозигарӣ ва шаклҳои фаъолияти онҳо дар ҳудуди

Бадахшон мебошад, ки вазифаи таъмини адолати судиро дар давраи асрҳои 19 ва аввали асри 20 иҷро мекарданд. Агар мо ба худи истилоҳи “қозӣ” нигарем, он ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ омадааст ва дар луғати фарҳанги забони форсӣ чунин шарҳ дода мешавад: қозӣ - **قاضي** яъне қазоваткунанда, ҳукмбароранда, довар, ҳакам мебошад, ки ҳамчун мансабдори динӣ дар аморати Бухоро масъалаҳои баҳсноки ҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои содиршударо аз рӯи нишондоди шариат ҳал мекард. Инчунин қозӣ ҳамчун фақеҳ фаҳмида мешавад, ки ихтиллофу низоъ байни мардумро мувофиқи қонунҳои динӣ ҳал мекард. Вобаста ба фаъолияти қозӣ, институти махсус амал мекард, ки онро қозиёт мегуфтанд ва онро қозикалон - мансаби олии рӯҳонӣ пас аз қушбегӣ дар аморати Бухоро роҳбарӣ мекард. Ҷои кори қозиҳоро одатан қозихона мегуфтанд, дар он ҷо маҳкамаи қозӣ ҷойгир шуда, мурофиаҳоро дар он ҷо анҷом медоданд. Дар қозихона инчунин никоҳ, ҳуҷҷати замин, мерос, мавқеи иҷтимоӣ ба таври расмӣ ба қайд гирифта мешуд. Дар Аморати Бухоро системаи фаъолияти қозиҳо зери мафҳуми ««қозиюлқузот» (**القضات قاضي**) ифода мешуд, ки унвони қозиҳоро нишон медод [12, 245].

Маълум аст, ки институти қозӣ характери динӣ дошта, фаъолияти он дар асноди дастури мактабҳои динӣ муайян мешуд. Агар мо ба таърихи тоисломӣ нигарем, дар аҳди дини Зардушт, амалӣ намудани адолати судӣ вазифаи ҳокимон буд. Дар давраи Ҳахоманишиён ва Сосониён шоҳони ин сулолаҳо ба амалӣ намудани адолати судӣ машғул буданд [8,58]. Мавҷудияти адолати суди шоҳиро манфиат ва талаботи иҷтимоӣ тақозо мекард, зеро вазифаи муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ, таъмини осудаҳолии ҷомеа буд ва аз руи адл мардум ба шоҳон баҳо медод. Аз ин рӯ, ҳокимон ҳамоно таҷассумгари адолати судӣ буда, онро бевосита ва ё бавосита амалӣ мекарданд. Ҳолатҳои мазкур сабабҳои асосии пайдоиши суди шоҳӣ (суди мазолим) дар марҳилаи зардуштии таърихи давлатдории тоҷикон мебошад [8, 58].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти олимони самти таърих ва ҳуқуқ мавҷудияти институти қозӣ дар Бадахшон вобаста ба системаи идоракунӣ ва маъмурии аморати Бухоро шарҳ дода мешуд. Масалан дар китоби “Таърихи Дарвоз”-и профессор Ҳ.Пирумшоев оиди ин масъала омадааст, вазифаи қозиро Дар Помири Ғарбӣ ва Дарвоз намояндагони олимартабаи динӣ иҷро мекарданд. Дар ҳар деҳаи калон қозӣ, раис, муфти таъин мешуданд ва намояндагии амири Бухороро иҷро менамуданд [11,65].

Дар аморати Бухоро қозӣ барои ҳар бекигарӣ бо пешниҳоди қозикалон аз тарафи амир якумра таъйин мешуд. Дар ҳудуди аморати Бухоро 67 қозӣ ва 68 раис буд, ки аз ин шумора 36 нафараш вазифаи

қозираисро доштанд. Қозиҳо бо халқ ҳеҷ вобастагие надоштанд ва дар назди халқ аз кори худ ҳисобот ҳам намедоданд. Дар сурати иҷро накардани манфиатҳои амиру қозикалон аз мансаб сабукдӯш карда мешуд. Ҳамаи корҳои маҳкамаро танҳо худи қозиҳо дар асоси шариати исломӣ баррасӣ мекарданд. Ҳукму қарори қозиҳо шикоятнопазир буд, онҳоро танҳо амир ва ё хон бекор карда метавонист. Ба дӯши ӯ тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва номгӯй масъалаҳо: шартномаҳои ақди никоҳ, баррасии даъвоҳо (хусумат), нигаҳдории амволи ятимон ва аз ақл берунбудагон, тақсимоти мерос аз рӯйи шариат миёни меросхӯрон (матрукаи муслимин), тасдиқ ва тартиб додани васиқаҳо, иҷрои васиятномаҳо, таъйин намудани васоят ва парастории, назорат аз болои байтулмол, назорат аз болои вақф ва ғайра вогузошта мешуд [2,95].

Моҳи январи соли 1905 барои отряди Помир дастури махсус аз тарафи генерал губернатории Туркистон тартиб дода шуд, ки мувофиқи он роҳбари отряди Помир ҳамзамон роҳбарии маъмуриро доир ба идоракунии минтақаи Помир ба зимма гирифт. Аз руи ин дастурамал, ҳудуди Помир аз се бекигарӣ ба се волост тақсимбандӣ гардид, ки онҳоро старшинаҳо идора мекарданд. Инчунин шумораи амалдорон, ки дар давраи бекҳо фаъолият мекарданд, ихтисор гардид. Аз он ҷумла ба ҷои 50 ақсақол минбаъд фақат 20-то, ба ҷои 26 қозӣ 6 қозӣ фаъолияти худро дар назди маъмурияти нави дома доданд.

Дар умум сарзамини Помир ба чор ноҳия – Дидбонгоҳи Шарқӣ (Восточный пост) воқеъ дар Мурғоб, ноҳияи Хоруғ, ноҳияи Лангар ва Ишкошим тақсим шуд. Аммо муҳимтарин навоварии ин тарзи идоракунӣ дар он буд, ки дар ҳудуди Помир шакли интихоботии амалдорон ҷорӣ гардид. Аз он ҷумла маъмурини волост, судя – қозӣ ва старшинаҳоро аҳолӣ интихоб мекард [9,112]. Интихобот ба тарзи зерин баргузор мегардид: дар аввал аз ҳар 50 хоҷагӣ намоянда интихоб шуда ба маркази волост фиристонда мешуд ва дар он ҷо ин намояндагон барои шахсони пешниҳодшуда ба таври кушод овоз медоданд.

Таърихи ташаккули низоми қозигарӣ дар ҳудуди Бадахшон баъди ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия, ҳамчун низоми алоҳида таъсис шуд, зеро дар ин давра сохторҳои аморати Бухоро дар Бадахшон мавриди амал қарор гирифтанд. Аз ҳамин давра дар Бадахшон зина ба зина вазифаи қозӣ ворид гардид ва ин аломатҳои низоми нави судиро ба вуҷуд овард. Тибқи Низомномаи идоракунии кишвари Туркистон, ки соли 1886 қабул гардид, ҳокимияти Судӣ ба Сенат, идораи вилоятӣ ва уезд, суди қозӣ, бийҳо, комиссияи низомӣ-судӣ таалуқ дошт. Низоми судҳои халқӣ аз қозӣ ва анҷумани қозиён иборат буд.Дар мавриди зарурат барои баррасии баҳсҳои байни намояндагони волостҳои гуногун, бадарға кардани ашхос аз маҳал анҷумани фавқулодаи қозиҳо даъват мегардидаанд [3,19].

Аз руи ин низомнома қозиҳоро – судяи халқӣ ва судяҳои уездҳоро – судяҳои созишгар меномиданд. Дар ҳамин давра ду низоми судӣ амал менамуд; яке низоми судии империявӣ; судҳои созишгар (мировые судьи), судҳои вилояти ва сенати ҳукмрон (провительствующие сенат); дуюм низоми судӣ барои аҳолии маҳалӣ, яъне «судҳои халқӣ» - инстансияи якум (судҳои қозигӣ) ва инстансияи дуюм – анҷумани судяҳои халқӣ (съезды народных судей). Ин низоми судӣ бо Қонуни соли 1898 “ Дар бораи ислоҳоти қисматии судии Туркистон…” бо низоми судие, ки Устави судии соли 1864 Россияи подшоҳӣ муайян намуда буд, мувофиқ гардонида шуд.

Инкишофи системаи ҳуқуқӣ дар давраи баъди ҳамроҳшавии Помир ба ҳайати Россия дар ду самт инкишоф меёфт: дар шакли анъанавӣ, ки онро қозиён пеш мебурданд ва суди ҳарбиёни рус, ки аз тарафи роҳбари отряди рус дар Помир амалӣ мешуд. Ин ду сохтор хусусиятҳои фарқкунанда доштанд аммо дар маҷмӯъ вазифаи судҳоро иҷро мекарданд. Мувофиқи тақсимоти ҳудудии Аморати Бухоро тамоми сарзамини аморат ба 27 бекигарӣ тақсим мешуд ва дар ҳар яке аз онҳоро ҳоким ё бек сарварӣ мекард. Дар баробари ҳоким инчунин дар ҳар як минтақа қозӣ, раис ва муфти тартиботи ҷомеаро назорат мекард [5,215]. Аммо дар минтақаи Помир тартиби идоракунӣ тамоман дигар буд ва он аз дигар вилоятҳо фарқ мекард. Дар ҷомеаи то инқилобии Кӯҳистони Помир дар муқоиса бо дигар минтақаҳои аморати Бухоро меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба ҳуқуқи шариат таъсири бештаре доштанд ва яке аз роҳҳои асосии танзими рафтори одамон ба шумор мерафтанд. Маҳз ба воситаи ин меъёрҳо муносибати байни аъзоёни ҷомеа, дарки адолату беадолатӣ, некӣ ва бадӣ танзим мешуд ва ин тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегирифт. Хусусияти меъёрҳои ахлоқӣ дар ин минтақа бо он зоҳир мешуд, ки онҳо бидуни истифода аз намудҳои ҷазо бо роҳи тарс аз радди маъракa шудан ё аз авлоду хешовандон ҷудо шудан пеши роҳи амалҳои хилофи одат ва ахлоқро мегирифтанд [1,45].

Аммо амали меъёрҳои ахлоқии маҳаллӣ маънои онро надошт, ки амалдорони амир дар ин ҷо набуданд. Баръакс агар ба ҳар сари аҳолӣ гирем дар ин ҷо шумораи онҳо нисбатан бештар буд. Аммо бо сабаби ҳукмронии сохти авлодӣ ва камбизоатии мардум дар ин минтақа, суистифода аз мансаб дар ин ҷо хеле кам мушоҳида мешуд. Дар баробари ин дар минтақаи Помир хариду фуруши мансаб аз тарафи амалдорони маҳаллӣ мушоҳида намешуд. Аммо дар мисоли Қаротегин мо мебинем, ки барои мансаби нукар ки дар ихтиёраш ду «буна» дошт 1200-1500 танга, барои каравулбегӣ дорои чаҳор «буна» 2-4 ҳазор танга, барои мансаби мирохур бо ихтиёрдории 4-10 «буна» аз се то панҷҳазор танга, барои мансаби туқсабо дорои 100 «буна» панҷ то даҳ

ҳазор танга ва барои мансаби бий ки 300 «буна» дар ихтиёр дошт, аз даҳ то бист ҳазор танга ришва дода мешуд [5,195].

Яке аз камбудиҳои ин сохтор дар он буд, ки арбобон, қозиҳо ва ақсақолҳо тез-тез иваз мешуданд.Ба ғайр аз ин боз навкарон буданд, ки аз одамони соҳибмартаба аз байни хизматчиёни амир дар деҳа таъин мешуданд. Тибқи таҳлилҳо аз 184 навкар танҳо 63 қонунӣ буда, боқимонда ин вазифаро харидорӣ намуданд [7,35]. Аз парвандаҳои судӣ низ амалдорони Бухоро барои худ фоида ба даст меоварданд. Онҳо барои мардуми маҳаллӣ қозиҳоро таъин мекарданд, аммо мардум ба мисли пеш бо даъвои худ назди халифаҳо ва эшонҳои мазҳабӣ мурочиат мекард ва қарори онҳо аз тарафи муридонашон бе чуну чаро иҷро мегардид.

Дар аввали асри ХХ мутобиқи маълумоти Барон Черкасов ва олими рус А.А.Бобринской дар ҳудуди ноҳияҳои Шуғнон, Рушон, Вахон ва Шохдара пирони мазҳабӣ дар ҳаллу фасли парвандаҳо ва даъвои мардум нақши калон доштанд. Барон Черкасов аз ҷумла бо пир Саид Юсуфалишоҳ, пир Саид Мурсал, пир Саид Аҳмадшоҳ, пир Саид Қосим, пир Саид Карамалишоҳ, Саид Шоҳзода Ҳасан ва пир Саид Абдураҳмон сӯҳбат дошт ва нақши онҳоро дар танзими муносибатҳои ҷамъияти муҳим мешуморид [7,35].

Бояд зикр намуд, ки дар иерархияи динии маҳаллӣ, берун аз сохтори амири Бухоро интизоми ҷамоатро пирон дар муддати тӯлонӣ назорат мекарданд. Дар ҳар минтақа пирон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мушаххас доштанд ва ёрдамчиёни худро низ доштанд, ки баъзан функсияи қозиро иҷро мекарданд, агар барои онҳо иҷозат дода мешуд. Ин ёрдамчиёнро халифа меномиданд. Аммо на ҳамаи парвандаҳоро онҳо дида метавонистанд, зеро барои ин дониши махсуси ҳуқуқӣ лозим буд. Барои ҳамин ҳам, ки дар дидани ҷиноят ва қонуншиканӣ иштироки қозӣ ҳатмӣ буд. Барои мисол агар шахс забонхат, ё ҳуҷҷати замин ё хатти талокро мегирифт, дар ин мавридҳо қозӣ ин парвандаҳоро барраси мекард [1,56]. Ба ҳар яке аз ин парвандаҳо амалдорон дахолат карда, аз тарафи манфиатдор маблағи «хизматона» меситониданд. Бекҳои маҳаллӣ оид ба баҳсҳои мардум бохабар буданд ва тарафҳои даргирро даъват мекарданд, аммо амалдорони амир аксаран бо роҳи порагирӣ масъаларо ба фоидаи яке аз тарафҳо ҳаллу фасл мекарданд ва ин аз ҳаҷми пора вобастагӣ дошт [7,77].

Аммо буданд, шахсони обруманде, ки дар миёни мардум соҳиби эхтиром ва шарафмандӣ шуданд ва мардум онҳоро ба вазифаи идоракунии маҳал пешбарӣ мекард ва ҳокимияти онҳоро мавриди тарафдорӣ қарор медод. Чунончи сокини деҳаи Сижди ноҳияи Шуғнон Дурманча Атолиғшоҳзода дар ин хусус нақл мекунад: «Бобои ман Атолиғшоҳзода ибни Шоҳмансур ибни Шоҳфозил дар нимаи дуввуми асри ХХдар деҳаи Сижд қозӣ буд. Ӯ дар давоми зиндагии худ ҳамчун

шахси соҳибмаърифат, донишманд ва поквиҷдон ном бароварда ва мардум ӯро ҳамчун Суфӣ Атолиғшоҳ ном карданд.Дар ин давра дар деҳа беш аз 80 хоҷагӣ мезистанд. Назди вай инчунин мардум аз навоҳии дур меомаданд ва Суфӣ Атолиғшоҳ баҳси мардумро ҳаллу фасл мекард ва адолати ӯро ҳеҷ кас зери шубҳа намегузошт» [13,5].

Мувофиқи тадқиқотҳои саҳроӣ ва сӯҳбат бо пиронсолони ноҳияи Шуғнон дар деҳаи Сижд низ шахси бомаърифат бо номи Саховатшоҳ валади Шоҳсафо дар мансаби ақсақол кор карда,ба мардуми деҳа хизмат кард. Саховатшоҳ валади Шоҳсафо сокини қишлоқи Сижд буда, дар тули ҳаёташ вазифаи ақсақолиро ба ӯҳда доштааст. Соли таваллуд ва соли вафоти мавсуф аниқ маълум набуда, дар охирҳои асриXIX ва ибтидои асри XX ҳаёт ба сар бурдааст. Танҳо тибқи ахбори куҳансолон ва ягона васиқаи боқимонда дар авлоди ин шахс солҳои 20 –уми асри XX аз олам даргузаштааст. Саховатшоҳ валади Шоҳсафо аз авлоди пир Шоҳмаланг буда, авлодонаш аввалҳои асриXX аз мавзеи Тамеви Бадахшони Афғонистон ба деҳаи Сижди ҷамоати Навободи ноҳияи Шуғнон кӯчидаанд [15,5]. Яке аз сабабҳои асосии кӯчидани ин хонадон аз он иборат буд, ки авлодонашон, ки аз авлоди пир Шоҳмаланг ҳастанд ва мавзее низ бо номи ин шахсияти маъруф дар ин деҳа мавҷуд аст. Ва сабаби дигар он аст, ки шояд аз намояндагони шоҳи Шуғнон будаанд ва замини зиёд дар он ҷо мавҷуд будааст, бинобар ҳамин, ба ин ҷо кӯчидаанд.

Саховатшоҳ валади Шоҳсафо дар тули ҳаёти худ вазифаи ақсақолии водии Ғундро ба ӯҳда доштааст. Албатта оид ба фаъолияти ақсақолии ӯ ҳуҷҷат мавҷуд набуда, бештар авлодонаш дар бораи ӯ маълумот дастрас намудаанд. Танҳо дар як васиқаи тақсими замини мавзеи Сижд номи мавсуф оварда шудааст, вале дигар ҳуҷҷатҳо вуҷуд надоранд. Бештари фаъолияти Саховатшоҳро инчунин ҳамдеҳагонаш нақл мекунанд, ки вазифаи ақсақолиро бар душ доштааст ва дар корҳои зиёди ташкилии пеш аз ҳокимияти Шӯравӣ ва баъд аз он низ дар давраи оғози он низ саҳми босазоеро гузоштааст. Саховатшоҳ бо ҳукумати марказии он давра, ки ҳанӯз ҳукмронии подшоҳӣ будааст робита дошта, танҳо бо маслиҳати ӯ корҳои зиёде дар водии Ғунди боло ба анҷом расонида шудаанд. Махсусан дар тақсими замин, ки бештар ба Шоҳи Шуғнон таалуқ дошта аст, саҳмгузорӣ намуда, дар тақсимоти он иштирок доштааст. Аз он ҷумла, дар тақсими заминҳои деҳаи Сижд, Мун ва дигар деҳаҳои Ғунди боло саҳми калон дорад [14,5]. Аммо дар аксари вақт амирони маҳаллӣ ва низомиёни рус баҳси судиро ҳаллу фасл мекарданд, зеро аз ҳар як ҳалномаи суд онҳо аз мардум боҷ меситониданд.

Дар мувофиқа бо ҳукумати Русия, амири Бухоро дар Помир беки худро тайин менамуд, ки вай кулли масоили бекигариро бо мувофиқа бо сардори дастаи низомии Хоруғ танзим мекард. Мурофиаҳои судӣ аз

тарафи сардори дастаи ҳарбии рус дар шаҳри Хоруғ ва ҳамчунин аз тарафи ҳокимони амири Бухоро низ амалӣ карда мешуданд. Аз ҳамин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки мардуми Помир дар вазъияти боз ҳам бадтар қарор дошт, зеро зери фишори дутарафа - амалдорони маҳаллӣ ва низомиёни рус қарор дошт [4,115].

Соли 1911 мақолаи М.С. Андреев бо номи «Материалҳои этнографии қабилаҳои эронии Осиёи Миёна (Ишкошим ва Вахон) нашр гардид, ки дар он муаллиф гурӯҳи табақаи аҳолии Помирро ба руҳониён, сайидҳо, ашрофони ҳарбӣ ва чокарон тақсим намуд [6,69]. М.С. Андреев оид ба қозиён маълумот надодааст ва аз ин бармеояд, ки вазифаи қозиро дар ин минтақа рӯҳониёни мазҳабӣ адо мекарданд ва нисбати онҳо истилоҳи қозӣ истифода намешуд, зеро мартабаи онҳо аз ин баландтар буд. Бедодгарии амалдорони амири Бухоро ва махсусан закотчиён пурра ғайри қонун буд, аммо онҳо парвои қозӣ надоштанд. Чунин муносибати закотчиён аз ду чиз шаҳодат медиҳад; аввалан ин далели он аст, ки оқсақолҳои маҳаллӣ нуфуз надоштанд ва фиристодагони амири Бухоро фикри онҳоро дар ҷамъоварии андоз ба назар намегирифтанд. Дуввум, чунин ҳолат шаҳодат аз он медиҳад, ки закотчиён ба вайронкунии қонун роҳ дода ба қозиёни маҳаллӣ низ итоат намекарданд. Саввум, ин гуна муносибат ба қонун аз он шаҳодат медиҳад, ки баробарӣ дар назди қонун тамоман вуҷуд надошт ва фаъолияти қозиҳои маҳаллӣ танҳо дар доираи даъвои сокинони маҳаллӣ амал мекард [1,45].

Дар сурати содир шудани ҷиноят аз тарафи мардуми оддӣ, намояндаҳои амири Бухоро ягон ҳуҷҷати расмӣ тартиб надода, чи қадаре ки амалдорони амир мехостанд, ҳамон қадар ҷаримаро аз мардум меситониданд [1,55]. Вобаста ба ҳамин, сардори отряди рус дар Хоруғ, капитан Аносов фармон баровард, ки минбаъд таъин кардани ҷазо аз тарафи беки Шуғнон нисбати ҷиноятқорон бояд ҳатман дар асоси қонуни амири Бухоро бо имзои амир сурат гирад. Дар фармони капитан Аносов аз 4 июли 1900 таҳти № 1011 чунин гуфта шуд: «Яке аз масоили муҳим, ки ба ҳуқуқи беки Шуғнон дар бораи таъини ҷазо таалуқ дорад, ин аст, ки тамоми маблағи ҷарима ба фоидаи шахсии беку мегузарад ва ҳамчун манбаи даромади вай маҳсуб мешавад. Аз ҳамин лиҳоз афзоиши беназорати ин ҷаримаҳо ба хонавайроншавии мардуми маҳаллӣ оварда мерасонад [1,33].

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки таснифбандии ниҳодҳои судӣ дар ҳар давра аз руи қонунҳои амалкунанда ва сохтори идоракунии давлат амалӣ гардид. Чунончи дар давраи тоинқилобӣ таснифи судҳо ба судҳои қозиёт, суди отряди русҳо ва ниҳодҳои маҳаллии идоракунӣ тақсимбандӣ гардид, ки ҳар кадоми онҳо вазифаи адолати судиро ичро мекарданд. Дар давраи Шуравӣ таснифи судҳо аз руи ҳудуди минтақа ва вазифаҳои судҳо тасниф гардид, ки он аз судҳои вилоятӣ ноҳиявӣ ва

судҳои умумӣ, арбитраж ва шаҳрвандӣ иборат буд. Дар замони истиқлолият ба ин таснифбандӣ суди конститутсионӣ, суди иқтисодӣ, суди ҳарбӣ илова гардид. Ҳамин тавр мо мебинем, ки дар ин се давра таснифбандӣ шакли хос дошт ва вобаста ба талаботи замон амал мекард. Дар умум нақши асосиро меъёрҳои иҷтимоӣ бозӣ мекарданд. Дар ин ҷо мо зери меъёрҳои иҷтимоӣ бархурди қонунҳои амалкунанда ва одатҳоро дар назар дорем, ки ҳар дуи онҳо ба манфиати тартиботи ҷомеа равона шудаанд, аммо қонун навишта аст, вале одатҳо характери нонавишта доранд. Аммо дар ҳар ду маврид ҳам онҳо меъёри ҳуқуқ ҳисоб мешаванд ва аз руи ниҳодҳои амалкунандаи судӣ ва ҷамъиятӣ танзим мегарданд. Дар таҳқиқоти мо адолати судӣ ва қозиёт ҳамчун функсияи ниҳодҳои судӣ дар ҳар давра вобаста ба сохти давлат ва қонунҳои он оварда шудааст. Мо кушиш намудем, хусусиятҳои просесуалӣ, инкишофи қонунҳо ва тартиби амлисозии адолати судиро дар мисоли қозиҳои минтақаи алоҳида таҳқиқ намоем. Барои таҳлили характери адолати судӣ ва таҳлили муқоисавии он дар дар давраи тоинқилобӣ дар замони Шуравӣ дигар ва имруз метавон таҳқиқоти алоҳида гузаронид. Аммо таҳқиқоти мо худи инкишофи ниҳодҳои амалисозандаи адолати судиро дар фаъолияти қозиҳо дар назар дорад, ба ҳар ҳол мо баҳои таърихӣ ва ҳуқуқиро дар бораи фаъолияти ин ниҳодҳо дар мақола пешниҳод намудем. Бояд зикр намуд, ки барои содир кардани ҷиноят ҷаримаи муайянро қозиҳо муқаррар мекарданд ва андозаи он бо гуноҳи содиршуда баробар буд ва ин маънои адолат дошт. Қозиҳо айбро ба се навъ тақсим карданд: вазнин, миёна ва сабук. Ин ба категорияҳои муосир мувофиқ аст, ки дар он чор категорияи ҷиноят дида мешавад:

- ҷинояти на он қадар вазнин;
- ҷинояти вазнини миёна;
- ҷинояти вазнин;
- ҷинояти махсусан вазнин.

Барои айби вазнин аз шахси айбдор асп, барои кирдори миёна – гов ва барои кирдори нисбатан сабук – буз, мурғ, тухм ва ғайра молу амвол ситонида мешуд. Аммо ҷиноят хеле кам содир мешуд ва аксарияти парвандаҳоро никоҳ, закот, шартномаи мерос ташкил мекард. Аммо ба қавли И.Б. Буризода то забтшавӣ ва тобеъ гардидан ба Аморати Бухоро маълум нест, ки кадом мактаби ҳуқуқӣ дар Бадахшон дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ муассир буд. Бештар дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, аҳолӣ ба пирони худ мурочиат мекарданд. Қобили зикр аст, ки дар Бадахшон таълимоти мактаби алоҳидаи ҳуқуқӣ набуд ва ҳамаи баҳсҳо дар доираи фиқҳи динӣ дида мешуданд.

Ҳамин тавр, таҳлили мавзуи фаъолияти қозигарӣ дар Бадахшон дар давраи асрҳои XIX ва аввали асри XX моро ба хулосаҳои зерин оварда:

1. Ин масъала яке аз масъалаҳои баҳсноки илми таърих ва ҳуқуқ мебошад, ки ҳануз на ҳамаи ҷанбаҳои он пурра омухта шудаанд. Таҳлили луғавии он истилоҳоти бисёрро руи кор оварда, ки ниёз ба шарҳи амиқро тақозо мекунанд;

2. Институти қозигарӣ характери динӣ дошт ва дар фарқият аз он ҳуқуқи тоисломӣ бештар дар доираи вазифаи ҳокимон амалӣ мегардид. Чунончи шоҳони Ҳахоманишиён ва Сосониён дар амалӣ намудани адолати судӣ ширкат карда адолати шоҳиро таъмин мекарданд. Дар давраи аморати Бухоро қозӣ на ҳама вақт бо адолат буд, зеро дар ин давра миёни амалдорони амири Бухоро ва минҷумла қозиҳо зулм ва истибдод бештар ба назар мерасид. Инкишофи системаи ҳуқуқӣ дар давраи баъди ҳамроҳшавии Помир ба ҳайати Россия шакли дутарафа гирифт – суди руссиягӣ ва суди қозӣ. Ҳамчунин мардуми маҳаллӣ ба руҳониёни динӣ низ барои ҳали баҳс муроҷиат мекарданд;

3. Камбудии асосии қозиҳо дар он буд, ки онҳо аз боварии мардум дур шуданд, гарчанде, ки дар Помир ин гуна мисолҳо набуданд, аммо дар дигар минтақаҳо қозиҳо ба дастгоҳи зулми амирӣ табдил ёфтанд. Дар миёни мардум соҳиби эхтиром ва шарафмандӣ шудан барои диндорон маҳз аз адлу адолат вобастагӣ дошт ва барои ҳамин дар Помир аксаран ниҳодҳои интихобии мардум бештар ба назар мерасиданд, ки он нишонаи худидоракунии маҳаллӣ дошт;

4. Дар давраи охири ҳукумати амири Бухоро фаъолияти қозиҳоро қисман сардори отряди русҳо иваз мекард, аммо дар парвандаҳои молу мулкӣ мардум мисли пештара ба қозӣ муроҷиат мекарданд, зеро ҳуҷҷати онҳо нуфузи бештар дошт. Баъзан миёни мардум ва закотчиёни амири Бухоро баҳс оиди вайронкунии қонуни шариат аз тарафи амалдорони амир рух медод ва дар ин маврид амалдорон ва закотчиёни амир нуқтаи назари қозиҳои маҳаллиро гуш намекарданд;

5. Дар умум фаъолияти институти қозигарӣ дар Бадахшон дар давраи асрҳои 19 ва аввали асри 20 нишон дод, ки масъалаи мазкур дар он сурат ошкори пурраи худро ёбад, агар таҳқиқоти дастнависҳо ва бойгониҳои хусусӣ бештар истифода гарданд. Дар ин масир метавон ба осорхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ низ муроҷиат намуд, то ки осори қадимаро дар бораи ҳамин мавзуъ дарёфт намуд. Дар ин самт характери байнифаннии ин масъаларо бояд ба назар гирифт, ки илми таърих ва ҳуқуқро баробар фаро мегирад. Барои ҳамин омузиши дақиқи ин самт таърихнигории масъаларо низ ба миён мегузорад. Дар

ин раванд, моро зарур аст, ки рисолаҳои илмии олимони ҳар ду самтро биёмузем.

Китобнома:

1. Алиназарова, К. Ғ. Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон : диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат / К. Ғ. Алиназарова. – Душанбе, 2026. – 180 с.
2. Аслонов, Х. Қозиёти аморати Бухоро дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX / Х. Аслонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 3/5. – С. 90–95.
3. Абдулхонов, Ф. М. Ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиаи граждани дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон / Ф. М. Абдулхонов // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2020. – № 4 (36). – С. 19–23.
4. Бӯриев, И. Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон / И. Б. Бӯриев. – Душанбе : Дониш, 2013. – 350 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Охири асрҳои миёна ва аввали асри нав / Б. Ғафуров. – Душанбе : Ирфон, 1972. – 675 с.
6. Додалишоева, Қ. Саҳми М. С. Андреев дар омӯзиши расму оинҳои мардуми Бадахшон / Қ. Додалишоева // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2011. – № 9. – С. 78–82.
7. Карамова, И. Прошлое — зеркало будущего / И. Карамова. – Душанбе : Дониш, 2017. – С. 49.
8. Одиназода, Р. С. Омилҳои таъсиси адолати судии маъмурӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон / Р. С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2020. – № 4 (36). – С. 58–64.
9. Одилбекова, Р. Социально-экономическая и культурная жизнь западных районов Памира в конце XIX – начале XX веков : диссертация ... кандидата исторических наук : 07.00.02 / Р. Одилбекова. – Душанбе, 1989. – 156 с.
10. Отчет секретаря Российского политического агентства в Бухаре А. Черкасова о командировке в Припамирские бекства Бухарского ханства в 1904 году. – [Б. м.], 1904. – 110 с.
11. Пирумшоев, Ҳ. П. Таърихи Дарвоз / Ҳ. П. Пирумшоев. – Душанбе : Ирфон, 2008. – 560 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ : иборат аз 2 ҷилд. – Душанбе : Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – Ҷ. 1. – 679 с.

13. Аз сӯҳбати Алиназарова К. бо истиқоматкунандаи деҳаи Сижди ноҳияи Шуғнон Дурманча Атолиғшоҳзода (санаи тав. 22.07.1956). 27 ноябри соли 2018. – Бойгонии шахсии Алиназарова К.
14. Аз сӯҳбати Алиназарова К. бо Беҳронов Ҷ. 8 январи соли 2019. – Бойгонии шахсии Алиназарова К.
15. Маълумот аз Насабномаи авлоди Саҳоватовҳо. 20 январи соли 2019. – Бойгонии шахсии Алиназарова К.

ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ» нашрияи Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ш. Хоруғ) мебошад.

Дар маҷалла мақолаҳои илмӣ дар бахшҳои забон, адабиёт, фолклор, таърих, фалсафа ва иқтисодиёт ба табъ мерасанд.

Маҷаллаи «Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ» ба забони тоҷикӣ нашр гашта, мақолаҳо ба забонҳои русӣ ва англисӣ низ пазируфта мешаванд. Ҳамроҳи мақола фишурдаи он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд пешниҳод шавад.

Муаллиф дар мақолаи ба чоп пешниҳодкардааш бояд мубрамии мавзӯъ ва ҳадафу мақсади таҳқиқро бо истидлоли илмӣ асоснок карда, хулосаҳое гирад, ки бо навоварӣ ва аҳамияти илмию амалии худ қобили таваҷҷуҳ бошанд.

ТАЛАБОТИ ТАРТИБ ДОДАНИ ДАСТНАВИСҲО

Матни мақола бояд бо ҳуруфи андозаи 12 дар дар вожапардози Word, дар як рӯяи коғази андозаи стандартӣ (А 4) бо фосилаи 1,0 (барои ёддоштҳо ва эзоҳҳо низ фосила 1,0) навишта шуда, ҳар саҳифа бояд аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см.

Ҳадди ниҳоии дастнавис: мақола – 10 саҳифа; фишурдаи мақола - 1 саҳифа, тақриз - 4 саҳифа, солномаи ҳаёти илмӣ - 4 саҳифа.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои калон, бо ҳаҷми шрифти 12 ва аз матн бо фосилаи як сатр ҷудо карда мешавад. Дар зери он ному насаби муаллиф пурра, бо иқтисбос дар поварақ: ҷойи кор, вазифа, унвони илмӣ ва нишонии муаллиф оварда мешавад.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) ва бо пешниҳоди маълумоти зерин оварда мешавад: маълумот оид ба унвон (китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, маълумотномаҳо ва ғ.) / Маълумот дар бораи масъулият (муаллифон, мураттибон, муҳаррирон ва ғайра). Маълумоти дубора чопшуда (масалан, нашри дувум, таҳрири нав ва иловагӣ). - Ҷойи нашр (шаҳр): Ношир, соли нашр. - Ҳаҷм (шумораи сафҳаҳо).

НАМУНА:

Агар як муаллиф бошад:

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 1. / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. - 555 с.

2. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Ашъор / Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.

Ду муаллиф:

Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В.Асрорӣ, Р. Амонов. - Душанбе: Маориф, 1980. - 304 с.

Се муаллиф:

Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.

Китобҳои зери унвон.

Тавсиф аз номи китоб оғоз мешавад, агар он аз ҷониби чор ва ё зиёда муаллиф навишта шуда бошад:

Чор муаллиф:

Ному насаби ҳамаи муаллифон пас аз хати моил оварда мешавад:

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Султон. - Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – 950 с.

Панҷ ва ё зиёда муаллифон:

Агар асар панҷ ва ё зиёда муаллиф дошта бошад, номи се нафари аввал дода мешавад ва ихтисораи [ва дигарон] дар қавсҳои чоркунҷа дода мешавад:

Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ: китоби дарсӣ / Т.А. Искандерова, Н.А. Каменских, Д.В. Кузнецов [ва дигарон]. – М.: Прометей, 2018. - 354 с.

Маҷмӯаҳо:

Инноватсияҳо дар ҷараёни таълим: маҷмӯаи асарҳои конфронси илмӣ ва амалии умумирусиягӣ бахшида ба 155-солагии зодрӯзи А.Н.Крылов. Чоп 16 / Институти Чебоксары (филиал) Донишгоҳи политехникии Москва. - Чебоксары: Политех, 2018. - 215 с.

Дастурҳои методӣ: (агар муаллиф дошта бошад):

Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт / Ф.Ниёзов, Ф. Олимова, М. Зиёев. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. – 78 с.

Фаъолиятҳои лоиҳа: роҳнамо барои татбиқи лоиҳаи курсӣ барои донишҷӯёни курси омодагӣ 03/08/01 "Сохтмон" / О. Волков. - Чебоксары: Политех, 2017. - 28 с.

Агар фақат тартибдиҳандагон бошанд:

Агар дар бораи се ва ё зиёда тартибдиҳанда маълумот вуҷуд дошта бошад, пас бояд номи аввал ва насаби компилятор аввал дода шавад ва ихтисораи [ва дигарон] дар қавсҳои чоркунҷа дода мешавад:

Нархгузорӣ ва буҷетсозӣ дар сохтмон: дастурҳо оид ба татбиқи ҳуҷҷатҳои курсӣ / мураттибон И. В. Петрова [ва дигарон]. – М.: СНІ (f) MPU, 2017. - 28 с.

Мақолаҳо:

Як муаллиф:

Мусулмонқулов, Р. Асоси як тасвири шоирона / Р. Мусулмонқулов // Садои Шарқ. – 1975. - № 7. – С. 25 – 28.

Ду ё се муаллиф:

а) Ғафурова Ф. Андешахо рочеъ ба тарзхои фоъилӣ ва мафъулии феълҳои забонҳои англисӣ ва точикӣ / Ф. Гафурова, Ф. Зикриёев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сисилаи филология ва шарқшиносӣ. - 2013, - № 1. - С. 5-12.

б) Бойматов А. Сиғаи аудитивии забони тоҷикӣ ва муодили англисии он / А. Бойматов, А. Исоқов, Р. Фузайлов // Паёми Донишгохи миллӣ. - 2015, - № 4/8. - С. 44-45.

Чор муаллиф:

Тақвияти устувори бӯтабандии паҳлугии электролизҳои паҳлӯгии электролизерҳои арзизӣ (алюминӣ) / М. Акрамов, М. Сафаров, Ф. Раҷабов, Б. Эрзолов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2010, - №2 (16). – С. 52-62.

Панҷ ва ё зиёда муаллифон:

Омӯзиши потенциодинамикии хӯлаи сурби ССу3 бо мис дар электролити NaCl пайваст карда шуда / С. Худойбердизода, И. Ғаниев, Н. Муллоева [ва диг.] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. - 2019. - № 1. – С. 206-213.

Мақола аз маҷмӯа:

Қосимова, Н. Маъно ва вазифаҳои калимаи «будан» дар «Кушоиш ва рахоиш»-и Носири Хусрав / Н. Қосимова // Забон рукни тоат. Маҷмӯи мақолаҳо. Китоби дуюм. - Душанбе, 2004. С. 9-15.

Санадҳои меъёрӣ:

Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон [23.07.2016, №1329 қабул шудааст]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 144 с.

Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» - Душанбе: Ирфон, 2007. – 132 с.

Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. М.З.Раҳимов. – Душанбе: Девиштиҷ, 2007. – 157 с.

Рисола ва автореферат:

Бобоёрова, Л.Х. Айни и таджикская просветительская литература: диссер …канд. филол. наук: 10.01.03 / Бобоёрова Лутфия Холиковна; [Место защиты: Тадж. гос.нац. ун-т]. – Душанбе, 2010. – 189 с.

Салихов, Ш.А. Роман в таджикской литературе XX века: проблемы формирования жанра: автореф. дисс. …д-ра филол. наук: 10.01.03 / Салихов

Шамсиддин Аслидинович; [Место защиты: Ин-т яз. и лит. им. Рудаки. НАНТ]. – Душанбе, 2011. – 62 с.

Захираҳои электронӣ:

Ихтисораи URL пеш аз суроғаи почтаи электронӣ нишон дода мешавад. Пас аз суроға, ҳатман санаи дастрасӣ ба захираро нишон диҳед.

Сомонаҳо дар Интернет:

Таърихи ҷаҳонӣ: сайт. - URL: http://www.istorya.ru (санаи дастрасӣ: 15.10.2019). - Матни электронӣ.

Ҳукумати Федератсияи Россия: сайти расмӣ. - Москва. - URL: http://government.ru (санаи мурочиат: 19.02.2020). - Матни электронӣ.

Мақолаҳо аз сомонаҳо:

Маҳатма Ганди. Инсон – маҳсули афкори хеш аст / Ганди Маҳатма. – режими дастрасӣ: lifeyes.info/man-is-a-product-of-his-own-thoughts/ (санаи мурочиат: 08. 11. 18). - Матни электронӣ.

Брокгауза ва Ефрона. (Ҳарфи Е): портали интернет. - URL: http:// http://bibliotekar.ru/brokgauz-efron-ch/150.htm. (санаи мурочиат: 12.03.2021). - Матни электронӣ.

Китобҳо аз EBS:

Борзова, Л. Д. Асосҳои химияи умумӣ: китоби дарсӣ / Л. Д. Борзова, Н. Ю. Черникова, В. В. Якушев. - Санкт-Петербург: Лан, 2014. - 480 с. - URL: https://e.lanbook.com/book/51933 (санаи мурочиат: 23.10.2019). - Матни электронӣ.

Китобҳо аз китобхонаи электронии CHI (f) MPU:

САПФИР 3D: китоби дарсӣ / В.В.Бойченко, Д.В.Медведенко, О.И.Палиенко, А.А.Шут. - Киев, 2017. - 130 с. - URL: http://library.polytech21.ru:81/files/Sapfir.2017.pdf (санаи мурочиат: 07.10.2019). - Ҳолати дастрасӣ: барои сабти номшуда. Хонандагони CHI (f) MPU. - Матни электронӣ.

Истинодҳои библиографӣ:

Истинодҳои берун аз матн ҳамчун рӯйхати сабтҳои библиографӣ, дар матни асар дар қавсҳои квадратӣ [], бо вергул ҷудо карда шуда, саҳифаҳоеро, ки дар он иқтибос ҷойгир аст, нишон медиҳанд. Рақамҳои онҳо нишон медиҳанд, ки дар рӯйхати библиографӣ таҳти кадом рақам бояд ҳуҷҷати зарурӣ пайдо карда шавад. Масалан: [34, 78].

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талабот тартиб дода шудаанд, дида баромада намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

Нишонаи мо: 736001, шаҳри Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 4, Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, маҷаллаи «Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ», тел.: (+992)93 535 31 68 .

Сомонаи мо: www.ign.tj; e-mail: nrizvonshoeva@mail.ru.

ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

Журнал «Вопросы гуманитарных наук» издается Институтом гуманитарных наук имени академика Баходура Искандарова Национальной академии наук Таджикистана (г. Хорог).

В журнале публикуются статьи, сообщения, рецензии, информационные материалы по филологии, истории, этнографии, археологии, философии, фольклору, литературе, а также экономике.

Журнал выходит на таджикском языке; к публикации также принимаются статьи на русском и английском языках. Статьи сопровождаются аннотациями на таджикском, русском и английском языках.

В предлагаемых для публикации научных статьях автор должен дать обоснование актуальности темы, четкую постановку целей и задач исследования, научную аргументацию, обобщения и выводы, представляющие интерес своей новизной, научной и практической значимостью.

ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ РУКОПИСЕЙ

Автор представляет рукопись на таджикском, русском или английском языке. Аннотации к статье должны быть представлены на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницу.

Текст должен быть отпечатан шрифтом 12, выполненного в текстовом редакторе Word на листе стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через 1,0 интервала (для примечания и сносок интервал – 1,0). Поля рукописи: верхнее и нижнее - 2,5 см, левое и правое - 3 см. Размер абзацного отступа – 1,0 см.

К рукописи прилагаются: сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номер телефона и адрес электронной почты);

Предельный объем рукописей:

статья - 10 страниц, аннотация - 1 страница; рецензия - 4 страницы; хроника научной жизни - 4 страниц.

Заглавие статьи печатается большими буквами шрифтом 12 и снизу приводится фамилия и инициалы автора со ссылкой внизу страницы, где приводится место работы, звание, ученая степень и контактные данные автора.

Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием выходных данных.

Схема описания книги: заголовок (Ф. И. О. автора). Основное заглавие: сведения, относящиеся к заглавию (учебники, учебные пособия, справочники и др.) / сведения об ответственности (авторы, составители, редакторы и др.). Сведения о переиздании (2-е изд, перераб. и доп.). – Место издания (город): издательство, год издания. – Объем (кол-во страниц).

ОБРАЗЕЦ:

Один автор:

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 1. / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958. - 555 с.

2. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Ашъор / Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.

Два автора:

Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В.Асрорӣ, Р. Амонов. - Душанбе: Маориф, 1980. - 304 с.

Три автора:

Ҳодизода, Р. Адабиёти точик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.

Книги под заглавием:

Описание начинается с заглавия книги, если она написана четырьмя и более авторами:

Четыре автора:

Имена всех авторов приводятся за косой чертой:

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Султон. - Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – 950 с.

Пять авторов и более:

При наличии информации о пяти и более авторах приводят имена первых трех и в квадратных скобках сокращение [и др.]:

Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ: китоби дарсӣ / Зери таҳрири Т.А. Искандерова, Н.А. Каменских, Д.В. Кузнецов [ва дигарон]. – М.: Прометей, 2018. - 354 с.

Сборники:

Инноватсияҳо дар ҷараёни таълим: маҷмӯаи асарҳои конфронси илмӣ ва амалии умумирусиягӣ бахшида ба 155-солагии зодрӯзи А.Н.Крылов. Чоп 16 / Институти Чебоксары (филиал) Донишгоҳи политехникии Москва. - Чебоксары: Политех, 2018. - 215 с.

Методические указания: (с именем автора):

Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт / Ф.Ниёзов, Ф. Олимова, М. Зиёев. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. – 78 с.

Фаъолиятҳои лоиҳа: роҳнамо барои татбиқи лоиҳаи курсӣ барои донишҷӯёни курси омодагӣ 03/08/01 "Сохтмон" / О. Волков. - Чебоксары: Политех, 2017. - 28 с.

Если есть только составители:

При наличии информации о трех и более составителях приводят инициалы и фамилию первого составителя и в квадратных скобках сокращение [и др.]:

Нархгузорӣ ва буҷетсозӣ дар сохтмон: дастурҳо оид ба татбиқи ҳуҷҷатҳои курсӣ / мураттибон И. В. Петрова [и др.]. – М.: СНІ (f) MPU, 2017. - 28 с.

Статьи:

Один автор:

Мусулмонқулов, Р. Асоси як тасвири шоирона / Р. Мусулмонқулов // Садои Шарқ. – 1975. - № 7. – С. 25 – 28.

Два или три автора:

а) Ғафурова Ф. Андешахо роҷеъ ба тарзҳои фоъилӣ ва мафъулии феълҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ф. Ғафурова, Ф. Зикриёев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сисилаи филология ва шарқшиносӣ. - 2013, - № 1. - С. 5-12.

б) Бойматов А. Сиғаи аудитивии забони тоҷикӣ ва муодили англисии он / А. Бойматов, А. Исоқов, Р. Фузайлов // Паёми Донишгоҳи миллӣ. - 2015, - № 4/8. - С. 44-45.

Четыре автора:

Тақвияти устувори бӯтабандии паҳлугии электролизҳои паҳлӯгии электролизерҳои арзизӣ (алюминӣ) / М. Акрамов, М. Сафаров, Ф. Раҷабов, Б. Эрзолов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2010, - №2 (16). – С. 52-62.

Пять авторов и более:

Омӯзиши потенциодинамикии хӯлаи сурби ССу3 бо мис дар электролити NaCl пайваст карда шуда / С. Худойбердизода, И. Ғаниев, Н. Муллоева [ва диг.] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. - 2019. - № 1. – С. 206-213.

Статья из сборника:

Қосимова, Н. Маъно ва вазифаҳои калимаи «будан» дар «Кушоиш ва рахоиш»-и Носири Хусрав / Н. Қосимова // Забон рукни тоат. Маҷмӯи мақолаҳо. Китоби дуюм. - Душанбе, 2004. С. 9-15.

Нормативные акты:

Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон [23.07.2016, №1329 қабул шудааст]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 144 с.

Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» - Душанбе: Ирфон, 2007. – 132 с.

Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. М.З.Раҳимов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 157 с.

Диссертация и автореферат:

Бобоёрова, Л.Х. Айни и таджикская просветительская литература: диссер …канд. филол. наук: 10.01.03 / Бобоёрова Лутфия Холиковна; [Место защиты: Тадж. гос.нац. ун-т]. – Душанбе, 2010. – 189 с.

Салихов, Ш.А. Роман в таджикской литературе XX века: проблемы формирования жанра: автореф. дисс. …д-ра филол. наук: 10.01.03 / Салихов Шамсиддин Аслидинович; [Место защиты: Ин-т яз. и лит. им. Рудаки. НАНТ]. – Душанбе, 2011. – 62 с.

Электронные ресурсы:

Перед электронным адресом приводится аббревиатура URL. После адреса обязательно указывать дату обращения к ресурсу.

Сайты в сети интернет:

Всемирная история: сайт. – URL: http://www.istorya.ru (дата обращения: 15.10.2019). – Текст: электронный.

Правительство Российской Федерации: официальный сайт. – Москва. – URL: http://government.ru (дата обращения: 19.02.2020). – Текст: электронный.

Статьи с сайтов:

Маҳатма Ганди. Инсон – маҳсули афкори хеш аст / Ганди Маҳатма. – режими дастрасӣ: lifeyes.info/man-is-a-product-of-his-own-thoughts/ (санаи муроҷиат: 08. 11. 18). - Матни электронӣ.

Брокгауза ва Ефрона. (Ҳарфи Е): портали интернет. - URL: http:// http://bibliotekar.ru/brokgauz-efron-ch/150.htm. (санаи муроҷиат: 12.03.2021). - Матни электронӣ.

Книги из EBS:

Борзова, Л. Д. Основы общей химии: учебное пособие / Л. Д. Борзова, Н. Ю. Черникова, В. В. Якушев. – Санкт-Петербург: Лань, 2014. - 480 с. – URL: https://e.lanbook.com/book/51933 (дата обращения: 23.10.2019). – Текст: электронный.

Книги из Электронной библиотеки CHI (f) MPU:

САПФИР 3D: учебное пособие / В. В. Бойченко, Д. В. Медведенко, О. И. Палиенко, А. А. Шут. – Киев, 2017. – 130 с. – URL: http://library.polytech21.ru:81/files/Sapfir.2017.pdf (дата обращения: 07.10.2019). –Режим доступа: для зарегистрир. Читателей **CHI (f) MPU:** – Текст: электронный.

Библиографическая ссылка:

За текстовые ссылки оформляются как перечень библиографических записей, помещенных после текста документа или его составной части. Связь

библиографического списка с текстом может осуществляться по номерам записей в списке. Такие номера в тексте работы заключаются в квадратные [ ] скобки, через запятую указываются страницы, где расположена цитата. Цифры в них указывают, под каким номером следует в библиографическом списке искать нужный документ. Например, [34, 78].

Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку.
Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Адрес: 736001, г. Хорог, ул. У.Холдоров 4, Институт гуманитарных наук имени академика Баходура Искандарова Национальной академии наук Таджикистан, редакция журнала «Вопросы гуманитарных наук», тел.: (+992) 93 535 31 68.
Наш веб-сайт: www.ign.tj; e-mail: nrizvonshoeva@mail.ru.
Address: 736001, Khorog, avenue U. Kholdorov 4, Institute of Humanities named after B.Iskandarov National Academy of Sciences of Tajikistan, Tel.: (+992) 93 535 31 68.
Our website: www.ign.tj ; e-mail: nrizvonshoeva@mail.ru.

МАСЪАЛАҲОИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ

ВОПРОСЫ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК

ISSUES OF HUMANITARIAN SCIENCES

№ 1, 2026

Ба чоп 30.07.2026 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x100$^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 15,5.
Теъдоди нашр 50 нусха. Супориши № 21

ҶДММ “Престиж - Сервис”